ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 3 (21)**

**Душанбе - 2024**

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 399/м ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти рақами 292/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*
***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Муборакиён С. М.***

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***Маҷидова Бибиҳафиза*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нугмонов Мансур*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нурзода Абдулбоқӣ Нур*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Раҷабов Тагоймурод Бобоқулович*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** - *доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** - *доктори илмҳои психологӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов (изданий) Республики Таджикистан по приказу председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 25 октября 2024 года № 399/м.*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 1 мая 2023 года под номером 292/ЖР-97.*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*
***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Сайт журнала***: *www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** *- доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Муборакиён С. М.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов Мансур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нурзода Абдулбоки Нур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Файзализода Джумахон Хол*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– кандидат педагогических наук, доцент*
***Бобоева Сайёра Бобораджабовна*** *– доктор психологических наук, профессор*
***Кадыров Умарали Дусткобилович*** *- доктор психологических наук, профессор*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** *- доктор психологических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2708-5759**

*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Republic of Tajikistan, as per the order of the Chairman of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan No. 399/m of October 25, 2024.*

*The journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library.*

*The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.292/JR-97.*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*
***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*
***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*
***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Muborakiyon S. M.***

## THE EDITORIAL BOARD:

***Majidova Bibihafiza*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nugmonov Mansur*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nurzoda Abdulboqi Nur*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** - *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** – *Candidate of Pedagogical Sciences, Docent*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** – *Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** - *Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** - *Doctor of Psychological Sciences, Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Хоҷаев Қ. Т.***
Бозтоби арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таъсирпазирии он дар тарбияи насли наврас ................ 7
***Дадобоева М. С., Назарова М. Р.***
Меъёрҳои асосии баҳодиҳии дараҷаи омодагии педагогии кормандони муассисаҳои томактабӣ ................ 13
***Вализода Ш.***
Моҳият ва мундариҷаи тарбияи ватандӯстии мактаббачагон дар замони муосир ................ 19
***Одинаев Н. А.***
Фаъолиятҳои солимнигоҳдории донишҷӯён дар ҷараёни таълим ................ 27
***Саидзода Н. Т.***
Метод ва методологияи ҷанбаҳои педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун заминаи рушди зеҳнии хонандагон ................ 33
***Раҳмонова М. Н.***
Нақши технологияи информатсионӣ дар соҳаи маориф ................ 39

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

***Умаров У. С., Сафаралӣ А.***
Хусусиятҳои омӯзиши фаслҳои асосии астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ................ 47
***Холов Г. Ш., Бубиев М. Ч.***
Методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун воситаи таъмини сифати омӯзиши физика ................ 54
***Асадуллоев Ш. С.***
Татбиқи муносибати босалоҳият ва методикаи гузаронидани корҳои озмоишӣ дар ҷараёни машғулиятҳои физикӣ ................ 63
***Баротзода К. А.***
Асосҳои назариявии тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони оянда ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ зимни истифодаи технологияи тарзи коллективии омӯзиш дар дарсҳои биология ................ 71
***Норов Р. С.***
Проблемаи омӯзиши ҳамбастагии назариявию таърихии геометрияи олӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ................ 80
***Сафарзода М. В., Шоҳсанами Р.***
Баъзе андешаҳо оиди ҷаҳонбинии илмӣ ва ташаккулёбии дониши математикии хонандагон ................ 86
***Мирзозода Ш. М.***
Моҳияти тайёрии касбию методӣ ва вазифаи лоиҳакашии омӯзгори фанни математика ................ 94
***Содиқов Ш. А.***
Хусусиятҳои методии ташкили корҳои мустақилона дар таълими географияи мактабӣ ................ 102
***Файзуллоев А. М.***
Қоидаҳои дидактикии истифодаи воситаҳои аёнии муосир дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ................ 107

***Шарофидинзод М. Ш., Зафари Ш.***
Самтҳои роҳандозии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ........ 114
***Валиев Н. У.***
Основы обучения русскому предлогу в неязыковом вузе ........ 122
***Ниятбекова А. Ю.***
Сочетание устной и письменной речи при обучении русскому языку в начальной таджикской школе ........ 128
***Мавлонова И. Т.***
Муносибати салоҳиятнок дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда забони англисӣ ........ 134
***Табаров Н. С., Насурдинзода А. Н.***
Тарбияи зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди машғулиятҳои англисӣ ........ 141
***Набиев Н. М.***
Технологияҳои иттилоотӣ дар таълими омехта дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ........ 149

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Латифзода С. З., Солиҳов Н. С.***
Бастандартдарории воситаҳои (методҳои) ташхиси психологӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамои он ........ 156
***Асозода Б. Ҷ.***
Самтҳои асосии раванди тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоишавии кӯдакон дар оила ........ 162
***Зайтметов Х. А., Хоҷибоева Р. М.***
Арт-терапия ҳамчун ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии донишҷӯён ........ 168
***Ҳакимов С. Ғ.***
Хусусиятҳои синни наврасӣ ва таъсири муҳит ба ташаккули он ........ 174

ТДУ 37(09) (575.3)

# БОЗТОБИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ТАЪСИРПАЗИРИИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***Хоҷаев Қ. Т.***
*Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ*
*ва соҳибкории Тоҷикистон*

Инсон дар ҷомеа дар радифи як зиндагии намунавӣ боз дорои бисёр нуқсонҳост. Ба ҳарфи шоир:

*Ҳарчанд пухта тобем, хомем бас, чӣ чора,*
*Ин хомкории мо ҳеҷ интиҳо надорад.*

Бахусус, ахлоқу одоби ҷавонон, ки имрӯз аз костагии фарҳанги онон гувоҳӣ медиҳад, аҳли ҷомеаро ба изтироб оварда, ағлаб аз нуқсонҳо ва берабтии гуфтору кирдор ва аъмоли зишти онҳо изҳори навмедӣ мекунанд. Барои мисол, дар боби накукорӣ ва хислатҳои шоистаи инсонӣ ҳарф задан ва муҳокима рондан волотар аст нисбат ба дар амал накукор ва дорои ахлоқи шоиста будан.

Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз вохӯриҳои навбатӣ бо ҷавонон гуфта буданд: “Ҷавонони мо чун насли ояндасози Ватанамон бояд ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи илму дониш, азхудкунии касбу ҳунарҳои муосир ва омӯзиши забони давлатӣ бошанд. Ҳар як ҷавон бояд огоҳ бошад, ки дар оянда танҳо тавассути аъло донистани забони давлатӣ ва ду забони хориҷӣ, алалхусус забонҳои русиву англисӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ пеш бурдани зиндагӣ ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардан имконпазир мегардад” [5, с. 28].

Аз қадимулайём аз Авасто шуруъ гардида, то бад-ин айём мутафаккирон аҳли башарро ба накукорӣ ҳидоят кардаанду ситоиш намудаанд. Масалан, мутафаккири бузурги Юнон Суқрот гӯяд: “Ба Худо, мардум намедонанд, ки некӣ чист? Ва ба ростӣ, ки ин роҳро ба дурустӣ тай кардан кори ҳар кас нест. Ин кор нишонаи мардест, ки ба камоли доноӣ ва хирадмандӣ расидааст” [3, с. 233].

Ба андешаи Суқрот, ҳеҷ як инсон ирсан ва фитран шарру фосид набуда, иллат ва зиллат дар он аст, ки маънои ҳақиқат ва моҳияти шарру фасодро сарфаҳм намеравад ва аз ин ҷиҳат муртакиби шарру фасод мешавад. Пас решаи шарру фасодро ӯ дар ҷаҳл медонад ва барои он ки одамиро аз иртикоб ба шарру фосид боз дошт, нахуст бояд маънои шарру фасодро ба ӯ омӯхт ва ҳақиқати онҳоро ба ҳадди том ё ба расми том таъриф кард ва сониян, қубҳи зотии ҳар якро на панду андарз, балки ба далоили ақлӣ ба исбот расонид ва ба-дин тартиб як илмулахлоқи бурҳонии муттакӣ ба ақли солим таъсис кард.

Мувофиқи андешаи ӯ, танҳо он илме ба ҳоли инсон муфид аст, ки ӯро ба саодат бирасонад ва он илме инсонро ба саодат мерасонад, ки некиро аз зиштӣ фарқ намояд ва маълум созад, ки дар зиндагии иҷтимоӣ ва хонаводагӣ ва фардӣ чӣ амали хуб аст ва чӣ гуна бояд онро ба ҷо овард ва чӣ амале бад аст ва чӣ гуна бояд аз он парҳез кард. Вале барои ба даст овардани чунин илме манут ба ҳусулу риояти чанд амр аст:

Якум, он аст, ки ҳеҷ масъаларо бадеҳӣ ва ғайри қобили баҳо фарз накунад, зеро чи басо масоиле, ки дар мунтаҳои бадоҳат будаанд, пас аз як таҷзияву таҳлили ақлӣ бутлони онҳо ошкор гардидааст.

Дувум, он аст, ки инсон дар ҳеҷ масъала худро доно мапиндорад, зеро чунин пиндоре ӯро мағрур ва аз таҳқиқ дар бораи он масъала бозмедорад. Пас бузургтарин дониши инсон ин аст, ки бидонад ҳеҷ намедонад. Чунон ки гуфтаанд:

*Он кас, ки надонад ва бидонад, ки надонад,*
*Ӯ хештан аз қаъри ҷаҳолат бираҳонад [3, с. 297].*

Севум, он аст, ки инсон худро бишносад, чи агар хешро ба дурустӣ нашносад ва ба нуқоти нуқсу заъфи худ пай набарад, ба мақоми такмили худ барнамеояд ва ҳамчунин аз истеъдодҳои нуҳуфта дар вуҷудаш баҳрае барнамегардад ва ба саодати воқеӣ намерасад, пас маърифатуннафс муқаддимаи камолу саодат аст [3, с. 297-298].

Ҷавонон одатан панду насиҳати бисёрро хуш надоранд, ба меъёрҳои ахлоқӣ ва тарбиявие, ки аз қонунҳо, дастуру консепсияҳои ҳукумат бармеоянд, низ чандон шавқманд нестанд. Дар назари онҳо ва ба андешаи онон гӯё ин дастурҳо дар ҳама мамолик расман навишта мешаванд.

Баъзе равоншиносон ва андешамандон бар он ақидае ҳастанд, ки инсон табиатан меҳрубону мушфиқ аст ва танҳо муҳити зист ва ҷаҳонбини ваи сеъ онҳоро садди роҳ шудаанд. Ба андешаи онҳо барои дарки сифатҳои манфии инсон бояд муҳити зист дигаргун шавад.

Баъзе мутафаккирон бар он нуқтаи назаранд, ки сифати хоси инсон бадсириштӣ ва бадандешӣ аст (Кант). Барои ҳамин сифат сохторҳои давлатӣ қонунҳои ахлоқӣ ва дастурҳои тарбиявӣ ба миён овардаанд.

Андешаи дигаре низ ҷой дорад, ки мувофиқи он ахлоқ бе дин вуҷуд дошта наметавонад. Бояд зикр намуд, ки бидуни пажӯҳишҳои илмӣ, рисолаҳо, мутолиаи асарҳои ахлоқӣ, масоили ахлоқ ҳаллу фасли худро нахоҳад ёфт. Ҳолати ахлоқӣ ва тарбиявӣ назар ба ҳуш бештар ба ҳиссиёт ва эҳсосот вобастагӣ дорад. Зоҳиршавӣ ва натиҷаи равиши ахлоқиро бо аломатҳои риёзӣ ҳисоб намудан ғайри имкон аст. Дар ин боб Арасту мегӯяд, ки ҳақиқат дар ахлоқ танҳо дар намуди умумӣ ва тахминӣ муайян мешавад.

Бархе равоншиносон ақидае доранд, ки ҳаёт моҳият ва маъное надорад. Чунон ки Умари Хайём наздик ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

*З-овардани ман набуд гардунро суд,*
*В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд.*
*В-аз ҳеҷ касе низ ду гӯшам нашунуд.*
*К-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд [7, с. 15].*

Вале хилофи ин ақида, ҳар фарде саъй мекунад ва талош меварзад, ки аз дастовардҳои зиндагӣ ҳарчӣ бештар бархурдор бошад. Аз ин рӯ, инсон мехоҳад, ки бо касони дигар дӯстӣ кунад, ҳамдардӣ кунад, ба касе ҳамроҳ бошад, иттилооти навин ва моҳияти ҳастиро бифаҳмад. Бо лутфу меҳрубонӣ ҳарф бизанад ва як ҳаёти намунавӣ ба сар бибарад. Зеро агар чунин кӯшиш дар табиати инсон набошад, пас ҳаёти ӯ бемаънӣ, беҳадаф ва берангу берабт ба назар мерасад. Ба ҳарфи Шайх Саъдии Шерозӣ:

*Ҷавонмардиву лутф аст одамият,*
*Ҳамин ҳарфи ҳаюлойӣ мапиндор.*
*Чу инсонро набошад фазлу эҳсон,*
*Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор.*
*Ба даст овардани дунё ҳунар нест,*
*Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор [4, с. 23].*

Бино бар ин, барои дарёфти моҳияти зиндагӣ, инсон оромӣ, саломатӣ ва баъзан ҳаёти хешро зери хатар мегузорад. Бар замми ин, агар инсон дар зиндагӣ бе ҳадаф, бе мақсад ва бемарому орзу бошад, ба саломатии ӯ зарари ҷиддие мерасад. Яъне, таваккалӣ зиндагӣ кардан ва умри азизи хешро беҳадаф гузаронидан ба ҷуз пушаймонию пурармонӣ чизе ба бор нахоҳад овард. Дар ин боб Шайхи Шероз чунин гӯяд:

*Ҳосили умр талаф кардаву айём ба лағв,*
*Гузаронида ба ҷуз ҳайфу пушаймонӣ нест [4, с. 43].*

Улуми антропологӣ собит намудааст, ки зиндагии бемаром ва беормону бе ҳадаф новобаста аз беҳбудии иқтисодию иҷтимоӣ инсонро ба нохушиҳои психофизиологӣ рӯ ба рӯ месозад. Дар зиндагӣ, инсон ба ҳолате гирифтор мешавад, ки асоси чунин ҳолат дар чашми зоҳирбин ноаён аст. Аз як тараф инсон дар иҳотаи ёру дӯстон ва молу ашё, хона ва дигар

лавозимот таъмин ва бениёз аст, вале дар симои вай аз аз хушбахтӣ осоре нест. Сабаби инро дар набудани ҳадаф дар зиндагӣ ва нафаҳмидани моҳияти он ҷустуҷӯ бояд кард.

Дар чунин ҳолатҳо баъзе афрод барои андармон ва халосӣ аз зиндагии якранг ва беранг хешро ба беморӣ мезананд ва доиман аз он иллат меноланд. Баъзе худро дар радифи дигарон мепиндоранд, тақлид мекунанд, ҳасад мебаранд. Чунин ашхос амсоли чӯби хушкеанд, ки болои об бо равиши он дар ҳаракатанд ва ба кадом самту бар кадом мақсаду маром ғел мезананд, муаммоест, ки на ту дониву на ман.

Инсон боист дар зиндагӣ дар талошу иҳотаи ҳадафҳо,орзую ормонҳои олӣ, мақсадҳои бузург бошад. Ҳангоме ки дар назди шахс ҳадафу мақсаду маромҳо равшану роҳ маълум аст, ба он дилбастагӣ ва пайваста машғул аст, аз бурдбориву комёбиҳо ва дастранҷи хеш меболаду мефахрад ва аз нобарориҳо ва камбудиву хомкориҳо хешро дар ҳолати заъфу руҳафтодагӣ эҳсос мекунад, ин аз мавҷудияти ҳадаф башорат медиҳад. Мавҷудияти ҳадаф дар зиндагӣ ба ифодаи В. Франкл “ неруи асосии далелноке дар тинати инсон ҳаст, ки дар ҳама душвориҳои зиндагӣ роҳбалад ва қутбнамо хоҳад буд.”

Устод Мирзо Турсунзода дар пайи марому мақсадҳои волои инсонӣ чунин гӯяд:

*Гарчи пайдо гашт чин дар рӯйи мо,*
*Гарчи пур шуд аз сапедӣ мӯйи мо.*
*Орзу бисёр дорад дил ҳанӯз,*
*Ҷӯши ишқи ёр дорад дил ҳанӯз.*
*Орзу дорад, ки болу пар занад,*
*Гул ба мӯҳои сапеди сар занад.*
*Орзу дорад, ки бинад дурро,*
*Ҳикматиояндаи машҳурро.*
*Хаймаи заррин занад бар рӯйи моҳ,*
*Бар замин аз моҳ то созад нигоҳ [6, с. 264].*

Дар таърихи дуру дарози худ одам неруи олӣ, маънавӣ, бунёди олам, абадият ва ҷамъияти ормонииро ҷустуҷӯ карда омадааст. Ҳадафҳо ва арзишҳои олӣ ба инсон таъсири бузурги равонӣ ва ҷисмонӣ доранд. Агар ҳадаф олӣ бошад, вай неруи беинтиҳое ба шахс амалкунанда мебахшад. Чунин шахсро аз норасоиҳои рӯзгор эмин нигоҳ медорад.

Ба ҳарфи устод Абулқосим Лоҳутӣ:

*Гар фишори зиндагӣ обат кунад, мискин мабош,*
*Ҷаҳд кун, эй хастадил, озудагӣ даркор нест [2, с. 195].*

Ба ибораи дигар, аҳдофи олӣ намегузорад, ки шахс дар такопӯйи манфиати шахсӣ дар гирдоби ҳаёт ғарқ гардад. Вале барои ноил гардидан бар ҳадафҳо инсон бояд маърифати хешро ташаккул бидиҳад, то ки бар ҳадафҳо дарнамонад. Гиреҳи ҳадафҳо танҳо бо роҳи сайқал додани тинати хеш, ахлоқи поку хисоли наку, гуфтору кирдору пиндори нек кушода гардад ва ба инсон хушбахтӣ ва некрӯзӣ ба бор овараду омилу кафили саломатии ӯ гардад.

Таҷриба ва мушоҳидаҳо дар соҳаи таълиму тарбия гувоҳ бар онанд, ки ағлаби ҷавонон бе ҳадаф, бемақсад ва таваккалона ҳаёт ба сар мебаранд ва на аз таҷрибаи рӯзгору на аз шавқу завқи илму дониш баҳраваранд. Аз ин рӯ, баъзан ба бероҳа мераванд ва ба амалҳои зишт даст мезананд.

Муассирии ахлоқи инсон ба саломатии ҷисмонӣ ва руҳӣ масоили мубрам ва нокушудааст, ки пажӯҳандагон ба ҳар ранг ҳарф мезананд ва баъзан ба дину хурофоту расму русумҳо ва оинҳо марбут медонанд. Дар сарзамини Шарқ андешамандон бар он ақидаанд, ки агар саломатии ҷисмонӣ ва руҳии инсон хуб бошад, вай табиатан натиҷа ва самараи накукории ӯст. Тасаввурот ва хаёлот дар боби маризӣ ва бемории инсон, гӯё натиҷаи кибру ғурур, қайсарӣ ва якравӣ, сари итоат фурӯ наовардан ба Офаридгор ва аз гуноҳи зиёд маҳсуб мегардад. Масалан, аз диди насрониён ин андеша бисёр қавист. Дар шариату тариқати ислом низ тавбаву надомат ва шукру сабру таҳаммул ва аз гуноҳҳо содир шудани маризиро омили асосӣ мешуморанд.

Акнун бубинем, ки маризӣ дар кутубҳои ориёӣ дар кадом поя аст. Дар китоби “Аюрведа”-и ҳиндуҳо маризии инсонро сабаб ва натиҷаи вайроншавии таносуби бод, зарда

ва луоби узвҳо шарҳу маънидод менамоянд. Ҳолат ва вазъи аз ҳаёт дилмондагӣ, ноумедӣ ва яъс, беҳавсалагӣ ва танбаливу кавданӣ, ҳар гуна гумону шубҳа ва шиквaҳо, идроки нодурусту нодонӣ, гӯлу гарангӣ, беқобилиятӣ ва бешавқу завқӣ ва шӯру ғалаёни руҳӣ, устувор ва қавӣ набудани мутамарказонидани фикру андеша, носолимии шууру ҳиссиёту ақлу иродаи инсон ба амал хоҳад омад.

Омили асосии ранҷу машаққат ва нобаробариву навмедиҳои бани башар фикру андешаҳои ноқису касиф, маҳдудияти ҷаҳонбинии онҳост, ки дар ашколи тасаввурот дар муҳити шуур ва майнаи инсон туғёне барангезад.

Равшан аст, ки тибби муосир низ солимӣ ва тандурустиро натиҷаи ҳолатҳои равонии ба ахлоқ сиришта ташхис медиҳад. Ҳолатҳои равонӣ ва ахлоқӣ амсоли шиддати асаб, бесабрӣ ва бетоқатӣ, зуд ба ҳайяҷону хашмойӣ, канорагирӣ аз мардум, ҳасудиву бахилӣ, интиқом, кина ва кибру ғуруру худписандӣ ва соири он омили асосӣ ва ё ба вуҷудоварандаи маризиҳои мухталифи ҷисми инсон маҳсуб мегарданд. Ҳатто ашхоси дорои чунин ҳолатҳо, ки дар маҷмуъ “ҳолатҳои манфии ахлоқ” аст, сабаби вайрон шудани қобилияти фикру андешаи инсон мегардад. Бузургони адабу фарҳанги ориёӣ ҳамеша инсонро ба фикру андешаи нек, сухани нек ҳидоят намудаанд. Чунончӣ:

Мегӯянд, ки дар рӯзгори Анӯшервони Одил ду кас биёмаданд ва ба дари боргоҳи ӯ биистоданд. Яке бо овози баланд гуфт:

- Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш.

Ва дигаре гуфт:

- Некӣ куну нек андеш, то нек бинӣ беш.

Нӯшервон фармуд, то марди аввалро ҳазор динор оваранд ва бидоданд ва марди дувумро ду ҳазор динор доданд. Наздикону надимони Нӯшервон аз ӯ савол карданд, ки ҳар ду ба як маънӣ сухан карданд, чаро эшонро инъоми гуногун додӣ?

Гуфт:

– Ин ки инъоми бештар гирифт, зикри нек гуфт ва он дигар бадӣ гуфт. Ва ҳеҷ некӣ беҳтар аз дӯстии некон нест ва ҳеҷ бадӣ бадтар аз дӯстии бадон нест [4, с. 70].

Қобилияту истеъдоди фикрӣ ва фитрии инсон бевосита ба ҷисм таъсир намуда, дар он заррaҳои маризиро месабзонад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки аз ашхоси гирифтори бемориҳои равонӣ, ҳамеша хилофи ахлоқи муқаррарӣ ба чашм мерасад. Дар тинат ва замири ағлаби ҷинояткорон вайроншавии ду неруи ба ҳам вобаста: руҳӣ ва ахлоқиро мушоҳида мекунем. Бархе аз афроди гирифтори маризии саръ (эпилепсия) ҳатман бо маризии мутаассибии динӣ ва бемории ахлоқии мунофиқӣ гирифторанд.

Имрӯзҳо усули нодурусти табобати маризиҳои ахлоқӣ бо роҳи тиббӣ – доруворӣ пайдо шудааст. Ин гуна чораҷӯйӣ на танҳо ба саломатии инсон зараровар, балки ба ҳеҷ ваҷҳ пеши роҳи ҳалли мушкилоти ахлоқиро гирифта наметавонад.

Равшан аст, ки саломатӣ ин ҳолатест, ки шахс бояд худро аз ҷиҳати ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқӣ дуруст ҳис намуда, рафтору гуфтору кирдораш ба меъёрҳои ин се ҷанба ҷавобгӯ бошад. Вале ҷавҳари саломатии ҷисмонию руҳиро саломатии ахлоқӣ ташкил медиҳад.

Яке аз табибони ҳозиқи Амрико Стив Ҷобс мегӯяд: “Ғизоро чун дору бибояд хӯрд, агар чунин меъёр риоя нашавад, вақте фаро мерасад, ки доруро ҳамчун ғизо хоҳед хӯрд”.

Ахлоқ ба вуҷуду мавҷуд ва табиату сиришти инсон сахт тавъманд буда, ба тамоми рафтору гуфтору кирдори ӯ алоқаманд аст. Албатта, ахлоқ танҳо ба ҷо овардани ҳукму амру маслиҳату насиҳатҳо набуда, дар моҳияти худ дарки асосҳои ҳастии ягонаро тақозо дорад. Вале суоле ба миён меояд, ки инсон моҳияти зиндагиро дар чӣ мебинад? Оё расидан ба дарёфти ҳақиқат дар ин олами ҳастӣ ва амалӣ гардидани орзуву омолу ормони инсон имконпазир ҳаст? Чунин пурсишҳо, бешубҳа ба маърифати инсон марбутанд. Инсон дар такопӯйи ормонҳо, тахайюлот ва намунаи ахлоқи воло бисёр вақт ранҷу раёзат кашида, ба навмедиҳо низ дучор хоҳад омад. Чунин омилҳо ва садду сангарҳо ӯро ба маърифат намудани олами моддӣ ва воқеӣ водор ва маҷбур менамояд. Агар донишманде ҳикмати амалии хешро ба каси дигаре нақл намояд, инро метавон нури маърифате номид, ки ба шахси дигаре интиқол мегардад. Он нукта низ мусаллам аст, ки таърихи фарҳанги ориёӣ дар

масоили робитаи ахлоқ ба маърифат ҳар як рафтору гуфтору пиндорро аркони маърифати инсон ва худшиносии он ҳамл медиҳад. Инсон дар ағлаби мавридҳо аз худ қаноатманд набуда, бо кӯшиши гурез аз ин олами моддӣ хешро ба бозиву ҳалли муаммои ҳастӣ андармон месозад. Чунон ки Умари Хайём фармуда:

*Мо луъбатаконему фалак луъбатбоз,*
*Аз рӯйи ҳақиқат, на ки аз рӯйи маҷоз.*
*Бозича ҳамекунем бар натъи вуҷуд,*
*Афтем ба сандуқи адам як-як боз [7, с. 38].*

Хештаншиносӣ ва озодии шахс бе омӯзиш ва таҷрибаи маърифатӣ ҳеҷ аст. Ҳарчанд ки ҷаҳони моддиро фаҳму дарк кардан муаммост, вале инсон дар ҳаёт бояд хешро бисанҷад, сониян барои дарку фаҳмиши олами ҳастӣ кӯшиш ва талош варзад. Ҷаҳони моддӣ амсоли макони пурталотумест, ки шахс бояд хешро дарёбад ва замири хешро аз нопокиҳои ҳаёт бизудояд. Устод Рудакӣ ҳамин маъниро чунин ба килки хома кашида:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ,*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ [1, с. 10].*

***Адабиёт***


1. *Абуабдулло Рудакӣ. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1974. – 219 с.*
2. *Лоҳутӣ А. Шеърҳо ва достонҳо. Иборат аз ду китоб. Китоби 1. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1987. - 400 с.*
3. *Муҳаммад Рашодд. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷилдҳои 1 ва 2. – Душанбе: Ирфон, 1990. - 480 с.*
4. *Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. - Душанбе: “Адиб”, 1988. - 432 с.*
5. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, ш. Душанбе, Кохи Борбад, 23 майи соли 2013.*
6. *Турсунзода М. Осори мунтахаб: Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.2. – Душанбе: “Ирфон”, 1981. – 334 с.*
7. *Умари Хайём. 100 рубоӣ. – Душанбе: “Ирфон”, 1984. - 216 с.*
8. *Хоҷаев Қ. Суханварӣ. – Душанбе: “Бухоро”, 2013. – 256 с.*


## БОЗТОБИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ТАЪСИРПАЗИРИИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС


Мусаллам аст, ки солҳои ахир коста гардидани ахлоқу одоби ҷавонон аҳли ҷомеаро ба изтироб оварда истодааст. Бисёр амалҳои зиште, ки аз тарафи наврасон зоҳир мешаванд, натиҷаи танбалию кавданӣ, бесаводӣ ва эҳтирому сар нафаровардан ба арзишҳои миллии фарҳангӣ мебошад. Дар мақола сухан дар боби эҳёи арзишҳои миллӣ ва таъсири он ба тарбияи ҷавонон меравад. Ғанимат донистани умру беҳудаву бемақсад сарф накардани вақти пурқимати айёми ҷавонӣ ва машғулият ба касби илму дониш, риоя намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷабҳаҳои мухталифи ҷомеа вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Дар мақола барои далел ва аснодҳои фикр аз андешаҳои бузургони салаф ва муосир: файласуфон, равоншиносон, антропологҳо ва шуаро дар боби тарбият ва хулқи накӯ намунаҳо оварда шудааст. Мутмаинам, ки мақола барои устодони навомӯз ва пажӯҳандагони соҳаи парвариш кӯмаки амалӣ хоҳад расонд.



**Калидвожаҳо:** арзишҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, таълиму тарбия, насли ҷавон, таъсирпазирӣ, ҷаҳонбинӣ, адабиёти форсу тоҷик.


## ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО КУЛЬТУРЫ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ВОСПИТАНИЕ СОВРЕМЕННОГО МОЛОДЁЖИ


В статье рассматривается вопросы возрождение национального культуры и его влияние на воспитание молодёжи. Естественно, передовое общество всегда нуждается в знающих, умных и плодотворных личностях, ключи ко всем достижениям находятся в руках умных и высоконравственных людей. Такого рода образование связано со школами, учителями, книгами, учебно – воспитательными процессами. Поэтому необходимо возродить позитивные традиции обучения и воспитания, присущие таджикскому народу, потому что разрыв связей с воспитательными традициями далекого и близкого прошлого, разрыв связей между поколениями

приводят к определённым трудностям. В настоящее время вся система образования и воспитания детей и молодёжи должны основываться на возрождение национальной культуры и народных традиций, укрепления государственной независимости и поощрения общечеловеческих ценностей.

**Ключевые слова:** национальные ценности, национальная культура, образование и воспитание, молодое поколение, влияние, мировоззрение, персидско-таджикская литература.

## THE REVIVAL OF NATIONAL CULTURE AND ITS IMPACT ON THE EDUCATION OF MODERN YOUTH

This article explores the revival of national culture and its influence on the education of young people. Naturally, a progressive society always needs knowledgeable, intelligent, and productive individuals. The keys to all achievements are held by intelligent and highly moral people. This kind of education is associated with schools, teachers, books, and the educational process. Therefore, it is necessary to revive the positive traditions of teaching and upbringing inherent in the Tajik people, as a break from the educational traditions of the distant and recent past, a break between generations, leads to certain difficulties. Currently, the entire system of education and upbringing of children and youth should be based on the revival of national culture and folk traditions, the strengthening of state independence, and the promotion of universal human values.

**Keywords:** national values, national culture, education and upbringing, young generation, influence, worldview, Persian-Tajik literature.

***Дар бораи муаллиф***
*Хоҷаев Қурбон Тоирович*
*Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанг*
*Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5*

***Об авторе***
*Ходжаев Курбан Таирович*
*Доктор педагогических наук, профессор кафедры таджикского языка и культуры*
*Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана*
*734055, Республики Таджикистан*
*г. Душанбе, пр. Борбад, 48/5*

***About the author***
*Khodjaev Kurban Tairovich*
*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Tajik Language and Culture*
*International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan*
*734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5*

ТДУ 371.124+371.73

# МЕЪЁРҲОИ АСОСИИ БАҲОДИҲИИ ДАРАҶАИ ОМОДАГИИ ПЕДАГОГИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

***Дадобоева М. С., Назарова М. Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Низоми муосири таҳсилоти ватанӣ сохтори мураккаб ва ҳаматарафа инкишофёбандаро дар бар мегирад. Хусусиятҳои он бо омилҳои гуногун муайян карда мешаванд – бо сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат, тамоюли ислоҳот, талаботи муносибатҳои бозорӣ, дархости волидон ва корфармоён, хусусиятҳои фаъоли сатҳи саломатии таълиму тарбиягирандагон ва бисёр омилҳои дигар. Лекин яке аз омилҳои муайянкунанда иқтидори кадрӣ мебошад. Технологияҳои инноватсионии зуд инкишофёбандаи педагогӣ, пурмазмунии муҳити иттилоотии маориф, шиддати эмотсионалӣ ва самаранокии меҳнати омӯзгор, "махсусияти" насли нави донишомӯзон, фарқи амиқи технологӣ ва зеҳнии байнинаслӣ дар байни онҳое, ки таълим медиҳанд ва онҳое, ки таълим мегиранд, ҷустуҷӯи равиши нави баррасӣ ва ҳалли масъалаи ҳамроҳии психологии мутахассисони муассисаҳои таълимиро махсусан муҳим мегардонанд.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба масъалаҳои тайёр кардани мутахассисон, беҳтар намудан таълиму тарбия дар зинаи муассаси томактабӣ, таҳияи барномаву нақшаҳои таълимӣ-методии ҷавобгӯ ба талаботи замон чунин қайд намуданд "Мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем. Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем" [9].

Омӯзгори муосир дар шароитҳои талаботи баланд ба омодагии касбӣ ва муваффақияти касбӣ; хусусиятҳои шахсиятӣ ва малакаҳои муошират; маҳорати банақшагирӣ ва татбиқи самараноки алгоритмҳои ҳалли вазифаҳои амалии гузошташуда кор мекунад. Салоҳиятнокӣ дар самтҳои фаъолияти касбӣ, ки пештар бартарии мутахассисони аз таълими махсус гузашта буд, ба шарти махсус табдил меёбад. Ба қатори ин ҷанбаҳо қарор доранд: омодагӣ ба кор бо ҳайати гуногуни кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ, кӯдакони бегоназабон ва дузабона, кӯдакони муҳоҷирон, кӯдакони "гурӯҳҳои хавф" ва ғ. Даъватҳои иловагӣ шароитҳои равиши салоҳиятнокро бо ҳамгироии таълимии байнифаннӣ фароҳам меоранд, ки стратегияи интиқоли механикии донишҳоро бо ташаккули пайиҳами малакаю маҳоратҳо истисно мекунанд (махсусан, ҳангоми таъмини таълими кӯдакони боистеъдод). Низоми нави муносибат бо волидони таълиму тарбиягирандагон, ки мавқеи худро ҳамчун фармоишгарони хизматҳои таълимӣ боэътимод дарк карда, доираи таълим ва инкишофи фарзандони худро афзалиятнок муайян менамоянд, барои омӯзгори муосир ғайриодӣ (баъзан нофорам) аст. Худи кӯдак ба маълумот қариб дастрасии номаҳдуд гирифта, мунтазам ҳам дар нақшҳои объект ва субъектҳои таълиму тарбия, ҳам дар заминаи шахсият ва фаъолият тағйир меёбад.

Шароитҳои нави ташаккулёбандаи фаъолияти касбии омӯзгор таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни омодагии шахсиро ба меҳнати самараноки омӯзгорӣ ва, албатта, ба имкониятҳои ҳамроҳии психологии мутахассиси соҳибкасб дар шароитҳои ташаккулёфтаи фаъолият талаб мекунад. Аммо ташаккул ва инкишофи шахсияти омӯзгор дар фаъолияти ӯ дар заминаи шароитҳои муосири таҳсилот, ки марҳилаҳо ва хусусиятҳои педагогии он ба натиҷа ва самаранокии фаъолияти таълимӣ, инчунин ба нишондиҳандаҳои солимии психологӣ (ҳамчунин ба солимии психологии дигар иштирокчиёни ҷараёни таълимӣ) таъсири ҷиддӣ расонда метавонад, аҳамияти хоса дорад. Интихоби дурусти роҳу усулҳои таъсиррасонии

тарбиявӣ имконият медиҳад, ки хислатҳои ақлию ахлоқӣ, равонию ҷисмонӣ, иҷтимоию фарҳангии кӯдак ташаккул ёбад. Кӯдак барои ислоҳу бартараф намудани иллатҳои сифатҳои шахсӣ кӯшиш карда, одат ва рафторҳои мусбатро аз худ намояд [8, с. 116-122].

Қайд кардан муҳим аст, ки дар психология ва педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқотҳои зиёде ба масъалаи ташаккули касбии шахсият бахшида шудаанд (Н.Юнусова, Н.Амонов, Б.Саидзода, З.Сафарова, Н.Абдурашитов ва дигарон). Бо вуҷуди ин, дар аксарияти онҳо "мувозинати" ба худ хоси баррасии ташаккули касбӣ ва инкишофи шахсиятӣ қайд карда мешавад, ки аз нуқтаи назари онҳо ба ташаккули масъалаҳои касбӣ (стресси касбӣ, хастагии касбӣ, шаклдигаркунии касбии шахсият) диққати махсус дода мешавад. Ба тағйири шуур, инкишоф, татбиқ дар фаъолият, ислоҳоти арзишию маъноии шахсият дар касб ва дигар падидаҳои психологӣ, ки ба андозаи зиёд категорияҳои яке аз равишҳои аз нигоҳи мо таҳлили психологии педагог – равиши антропологӣ мебошад, камтар диққат дода мешавад (В.И. Слободчиков, И.Т. Фролов ва дигарон). Маҳз дар парадигмаи равиши антропологӣ имконияти на танҳо ифодаи шароитҳои психологии ташаккули соҳибкасб, балки тақсимбандии мавзӯи таҳқиқоти психологӣ дар ин соҳа – шахсияти мутахассис ва ошкор кардани механизмҳо ва омилҳои инкишофи касбӣ пайдо мешавад.

Дар ҷараёни ташаккули касбӣ ҳамгироии ба худ хоси хусусиятҳои шахсиятии педагог (наздикӣ-вобастагӣ-таъсири мутақобила) ва талаботҳое, ки нисбат ба шахсияти ӯ аз тарафи фаъолияти асосӣ пешниҳод карда мешаванд, сурат мегирад. Механизми касбии ин ҳамгироӣ вобастагии майдонҳои психологии шахсиятӣ ва касбӣ дар ҷараёни табдили "Ман"-и ибтидоӣ ба "Ман"-и писанд таҳти таъсири мақсади ботинии худинкишофёбӣ аст (ки ба парадигмаи равиши антропологӣ мутобиқ мебошад). Натиҷаи он инкишофи шахсиятӣ-касбӣ бо зуҳуроти қонунии тағйироти шахсиятӣ буда, ба мутобиқгардонии шахсият ба касб мусоидат мекунад.

Ошкор намудани қонуниятҳои асосии вобастагии инкишофи дохилӣ (шахсиятӣ) ва берунӣ (фаъолиятӣ) дар инкишофи шахсиятӣ-касбии омӯзгорон муайян намудани асосҳои назариявӣ-методологии ташкил ва нигоҳ доштани ҳамроҳии психологии ӯро, ки ба ноилшавии балоғати шахсият равона гардида, татбиқи пурраи худро дар касб ва ифшои пурраи иқтидори меҳнати педагогиро имконпазир мегардонад, иҷозат медиҳад. Ҷараёнҳои табдили дохилӣ (шахсиятӣ) ва берунӣ (фаъолиятӣ) дар заминаи равиши антропологӣ, ки асоси парадигмалии консепсияи инкишофи шахсиятӣ-касбии омӯзгорон дар низоми маориф шуда метавонад, пурратар муайян карда мешаванд.

Мунтазам ва субъективӣ будан, ки ба инкишофи шахсиятӣ-касбӣ хос аст, инчунин имкониятҳои фаъоли хадамоти психологии таҳсилот ва низоми маориф дар маҷмуъ ҳамгироии шароитҳои ташкилӣ-психологӣ ва психологӣ-педагогиро дар таъмини ҳамроҳии психологии омӯзгорон, инчунин равиши ҷараёнии татбиқро, ки бо таваҷҷуҳ ба амалҳои мунтазами мантиқӣ танзимшуда, на ба қарорҳои ташкилӣ-штатӣ тавсиф шудааст, талаб мекунад.

Имрӯз ба омӯзгорон муҳим аст, ки идеяҳои навро фаврӣ ва зуд қабул ва татбиқ карда, равишҳои муосири таълиму тарбияи донишомӯзонро аз худ кунанд, фаъолияти худро мувофиқи талаботҳои соҳаи маориф тағйир диҳанд. Муваффақияти фаъолияти омӯзгор на танҳо бо сатҳи маҳоратҳои касбӣ-педагогии ӯ, балки бо кӯшиш ба худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, ки дар омодагӣ ба тағйир додани худ ва вазъияти атрофи худ асос ёфтааст, муайян карда мешавад. Самаранокии ин ҷараён баланд бардошта мешавад, агар омӯзгорон фаъолона инноватсияҳоро аз худ мекунанд.

Ҳамзамон таҳқиқотҳои сершумор (И.Каримова, М.Лутфуллоев, Б.Маҷидова, С.Неъматов, Х.Раҳимзода, Л.Иматзода, Ҳ.Искандаров, Ҳ.Содиқов, В.И. Антонюк, Г.В. Лаврентев, Е.Ю. Евграфова ва дигарон) тасдиқ мекунанд, ки қисми зиёди омӯзгорон ба равишҳои нави азхудкунии инноватсияҳо муқовимат нишон медиҳанд ва ин ба омӯзгорон мушкилиҳо эҷод мекунад. Бинобар ин, ба ҳамроҳии фаъолияти инноватсионии омӯзгорон зарурат пайдо мешавад, ки ин на танҳо азхудкунии инноватсияи мушаххас ва такмили фаъолияти инноватсионии муассисаи таълимӣ дар маҷмуъ, балки инкишофи касбии омӯзгоронро пешбинӣ менамояд.

Таҳия, азхудкунӣ ва татбиқи инноватсияҳо дар назария ва амалияи педагогии масъалаи таҳқиқи байнифаннӣ фавқулода муҳим аст: барои ҳалли он ҳамгироии соҳаҳои фалсафа,

педагогика, сотсиология, психология ва дигар соҳаҳои дониш зарур мебошад. Таркиби педагогии ин масъаларо муайян намудан муҳим аст, ки ин ошкор кардани самтҳо ва воситаҳои илмӣ-методии ҳамроҳии фаъолияти инноватсионии омӯзгоронро имконпазир мегардонад.

Ташкил ва ҳамроҳии фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимии касбӣ хусусиятҳои худро дорад, ки ба субъектҳои ҷараёни таълим ва хусусияти фаъолияти касбии омӯзгорон вобаста аст.

Баъди мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" таҳсилоти томактабӣ мақоми сатҳи якуми таҳсилоти умумиро гирифта, стандартикунонии таҳсилоти томактабӣ аҳамияти хоса касб мекунад. Як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба монанди Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти рушд ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 6(7)-солагӣ, Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи сини томактабӣ "Рангинкамон" ва ғайраҳо маҷмуи талаботҳои ҳатмиро нисбат ба таҳсилоти томактабӣ фаро мегиранд. Мавзуи танзими стандарт муносибатҳо дар соҳаи маориф мебошанд, ки ҳангоми татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти томактабӣ пайдо мешаванд.

Таҳсилоти муосир дар низоми ҷустуҷӯи инноватсионӣ рушд мекунад, ки он тағйироти гуногуни таркибҳои фаъолияти мутахассисонро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, тақвияти хусусияти мунтазами таълим ва такмили касбии омӯзгор ҳамчун шарти мутобиқатшавии фаъол ба моделҳои нави фаъолият, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба ҳалли вазифаҳои касбӣ ва баланд бардоштани сифати натиҷаҳои ҷараёни таълим дар маҷмуъ аҳамияти хос касб мекунад.

Аз ин рӯ, вазифаи асосии муассисаҳои томактабӣ фароҳам овардани шароитхое мебошад, ки кӯдакон дар ин шароитҳо ҳаматарафа инкишоф ёфта, дар натиҷа синни томактабиро мукаммал паси сар мекунанд ва сатҳи ояндаи гирифтани таълим дар мактаб маромнок мегузаранд. Фароҳам овардани шароитҳо барои иҷтимоикунонии фаъоли кӯдакон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи синнусолии онҳо, ки бо стандарти давлатии таҳсилот муайян шудаанд, пайгирии пешрафти шахсиятии таълимгирандагон, ошкор кардани мушкилоти паиҳамӣ дар байни сатҳҳои томактабӣ ва ибтидоии таҳсилот вазифаҳои муҳими сиёсати муосири таълимӣ мебошанд.

Меъёрҳои асосии баҳодиҳии ҷараёни педагогӣ омодагии ҳар як мутахассис ба фароҳам овардани шароитҳои зерин ба шумор меравад:

- барои ташаккули шахсияти кӯдак ҳамчун субъекти ҳаёти иҷтимоӣ ва фароҳам овардани муҳити мақсадноки педагогӣ;
- барои татбиқи ҳадафҳои ҷараёни таълим;
- барои риояи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои кӯдак дар ҷомеа.

Инчунин ба мазмуни фаъолияти мураббиён баҳо додан лозим аст:

- ба фармоиши иҷтимоии давлат нисбат ба ҳамин намуди муассиса;
- ба интизориҳои субъектҳои ҷараёни таълим (кӯдакон, волидон, намояндагони қонунӣ, омӯзгорон);
- ҷалби дигар мутахассисони муассиса ба кори педагогӣ.

Ба хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзгорон ҷиддӣ кор кунад, ки ин ба онҳо барои ташкили фаъолияти таълимӣ мувофиқи талаботҳои стандарти давлатии таҳсилот имкон фароҳам меорад. Имкониятҳо ва салоҳиятҳои омӯзгор яке аз нуктаҳои асосии стандарт аст. Дар ҳуҷҷат салоҳиятҳои гуногун дарҷ шудаанд ва онҳо барои он зарур мебошанд, ки омӯзгорон аз рӯи ҳамин стандарт кор карда тавонанд. Дар асоси ин салоҳиятҳо низоми омодагии омӯзгоронро таҳия кардан лозим аст.

Кори методӣ низоми яклухти чораҳои ба ҳам вобаста мебошад, ки дар илм ва таҷрибаи педагогию идоракунӣ асос ёфта, ба баланд бардоштани сифат ва самараноки ҷараёни таълим тавассути таъмини инкишофи касбии кормандони педагогӣ ва пешрафти иқтидори эҷодии онҳо равона шудааст.

Кори методӣ самтҳои зеринро дар бар мегирад: ҳамроҳии педагогӣ (ҳамкории ҳамроҳишаванда ва ҳамроҳикунанда дар масъалаҳои ошкоркунӣ, ҷустуҷӯи иттилоотӣ ва

тарҳрезии роҳҳои ҳалли мушкилоти барои корманди педагогӣ муҳими фаъолияти касбӣ) ва таъмини методӣ (ҷустуҷӯи (ташкили) якҷоя, экспертиза ва интихоб, тасвиб ва татбиқи амалии моделҳо, методикаҳо ва технологияҳои самараноктари инкишофи тарбиягирандагон).

Мақсади кори методии муассисаҳои таҳсилоти томактабиро дар шароитҳои ҷорӣ кардани стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ба таври зерин ифода кардан мумкин аст: баланд бардоштани салоҳияти касбии кормандони педагогӣ барои ҷорӣ кардани стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ тавассути ташкили низоми инкишофи мунтазами касбии ҳар як корманди педагогӣ [10, с. 65].

Ба самаранокии кори методӣ сифатҳои зерини шахсиятии мураббии калон таъсир мерасонанд: муносибати эҷодӣ ба кор, маҳорати ташкили оқилонаи вақти худ ва ғ.

Ҳамроҳии методӣ амалҳои (ҷараёни) дуруст ташкилшудаи татбиқи стандарти давлатии таҳсилот дар муассисаи таълимӣ мебошад. Ин ҷараён ба ҳалли масъалаҳои барои омӯзгорон муҳими фаъолияти касбӣ равона шудааст: фаъолгардонӣ ва ташхиси моҳияти масъала, машварат дар ин марҳилаи интихоби роҳ, тарҳрезӣ ва татбиқи нақша.

Кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд ба инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгори мушаххас ҷиҳати таъмини таҳсилоти томактабӣ, тақвияти донишҳои ибтидоии ӯ, инчунин ба таҷрибаи хосиятҳо ва сифатҳои шахсият, ки барои омӯзгор заруранд, мусоидат кунад. Инкишофи маҳорати педагогии мураббӣ ва мутахассиси муассисаи таҳсилоти томактабӣ нишондиҳандаи зарурии сифати ҷараёни таълим аст. Ҷараёни таълим бештар худи омӯзгорро тағйир медиҳад, агар он ба ташаккул ва инкишофи шахсияти ҳар як кӯдаки синни томактабӣ мусоидат карда, ба ягонагии таълиму тарбия ва инкишоф таъсир расонад.

Аз ин бармеояд, ки субъекти кори методӣ дар шароитҳои муосир, пеш аз ҳама, худи омӯзгор буда, ҳамчун офарандаи мустақили фаъолияти касбии худ баромад мекунад. Бинобар ин, дар омӯзгорон ташаккул ёфтани маҳорати мустақилона ва проблемавӣ муносибат кардан ҳам ба фаъолияти худ, ҳам ба фаъолияти ҳамкасбон ва ҳам ба фаъолияти коллективи педагогӣ аҳамияти хос касб мекунад.

Хадамоти методиро дар асоси ташхисӣ-пешгӯӣ тавассути низоми мониторинг, ки ба пайгирии сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва сифати таълим, ҷалби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба иштирок дар лоиҳаҳои озмунӣ, таҳияи портфолиои ҳар як омӯзгор, тартиб додани харитаҳои технологӣ аз рӯи барномаҳои таълимӣ равона шудааст, ташкил кардан лозим аст.

Инкишофи касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҷараёни тӯлонӣ буда, мақсади он ташаккули инсон ҳамчун устоди кори худ ва соҳибкасби ҳақиқӣ мебошад. Пӯшида нест, ки ба омӯзгори муосир рақобатпазир будан ва мавқеи худро дар шароитҳои муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳимоя кардан зарур аст.

Ҳамроҳии таълимӣ-методӣ яке аз самтҳои асосӣ буда, тавассути он кор бо коллективи педагогӣ гузаронида мешавад. Он бояд ба талаботҳои муҳити фаннӣ-инкишофдиҳанда ва барномаҳои насли нав (васоити таълимӣ, бозичаҳо, воситаҳои техникии таълиму тарбияи томактабиён) мутобиқ бошад, ба мураббӣ барои ташкили ҷараёни таълиму тарбия дар сатҳи муосир ёрӣ расонад. Коре, ки хадамоти методӣ мегузаронад, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки аз маълумоти илмӣ-методӣ огоҳ бошанд ва навгониҳоро фавран дар кори амалӣ истифода баранд. Яке аз шаклҳои самаранок ва натиҷабахши кори методӣ, ки омӯзгоронро ба эҷодкорӣ моил мекунад, низоми дастгирии инкишофи касбии омӯзгорон аст [7, с. 26].

Мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои кори методӣ мониторинги самаранокии он гузаронда мешавад. Маълумотҳои мониторинг ба саривақт ва фаъолона ворид кардани ислоҳот ба ташкили кори методӣ мусоидат мекунанд. Нақши асосӣ дар расондани ёрӣ ба омӯзгорон дар ташкили ҷараёни таълим, таъмини худинкишофёбии мунтазам ва касбии онҳо, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам, баланд бардоштани салоҳиятнокии волидон дар масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакон ба кабинети методии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мансуб буда, он маркази иттилоотӣ ва озмоишгоҳи эҷодӣ барои омӯзгорон ва волидон аст.

**_Адабиёт_**


1. *Антология педагогической мысли таджикского народа / Сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймонӣ, Х. Афзалов; под общ. ред. А. Рахмонова. – Душанбе: Матбаа, 2009. – 448 с.*
2. *Андреева, Г. М. Социальная психология / Г. М. Андреева. – М: Аспект-пресс, 2001. – 82 с.*
3. *Барномаи давлатии инкишофи таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.*
4. *Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи синни томактабӣ "Рангинкамон". - Душанбе, 2012.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ». – Душанбе, 2003. – 37 с.*
6. *Консепсияи маълумоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – 203 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. – 133 с.*
8. *Маҷмуаи конференсияи илмӣ-амалии "Фаъолияти психологи муассисаи таълимӣ: мушкилот ва дурнамо". – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – 146 с.*
9. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019, ш. Душанбе.*
10. *Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ / Б. Маҷидова. - Душанбе, 2015. – 284 с.*
11. *Обидова М. Психологияи бачагона / М. Обидова. - Душанбе, 2018. – 194 с.*
12. *Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014.*
13. *Стандарти рушд ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 6(7)-солагӣ. - Душанбе, 2012.*
14. *Шоев, Н. Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов воспитывающего обучения / Н. Н. Шоев. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 408 с.*


## МЕЪЁРҲОИ АСОСИИ БАҲОДИҲИИ ДАРАҶАИ ОМОДАГИИ ПЕДАГОГИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола масъалаҳои мубрами баҳодиҳии сатҳи омодагии педагогии кормандони муассисаҳои томактабӣ дар заминаи талаботҳои муосир ба низоми таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Дар робита ба рушди босуръати технологияҳои инноватсионии педагогӣ, пур будани фазои иттилоотӣ, шиддати эмотсионалии меҳнати педагог ва хусусиятҳои насли нави донишомӯзон, муаллифон зарурати ҷустуҷӯи равишҳои навро ба ҳамроҳии психологии мутахассисони муассисаҳои томактабӣ таъкид мекунанд. Қайд карда мешавад, ки дар психология ва педагогика таҳқиқотҳои зиёде ба масъалаҳои ташаккули касбии шахсият бахшида шудаанд. Муаллифон ба зарурати қабули фаврӣ ва татбиқи ғояҳои нав ва усулҳои муосири таълим ва тарбия ишора мекунанд. Муваффақияти фаъолияти педагогӣ на танҳо бо сатҳи малакаҳои касбӣ, балки бо кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ муайян карда мешавад. Диққати махсус ба нақши кори методӣ дар муассисаҳои томактабӣ дода мешавад, ки бояд ба баланд бардоштани салоҳиятнокии педагогҳо ва таъмини мутобиқати фаъолияташон ба талаботи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ равона карда шавад.



**Калидвожаҳо:** омодагии муаллимон, таҳсилоти томактабӣ, рушди касбӣ, салоҳиятҳои омӯзгорон, ислоҳоти маориф, муассисаи томактабӣ, инноватсия.


## ОСНОВНЫЕ КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ УРОВНЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ГОТОВНОСТИ СОТРУДНИКОВ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ


В статье рассматриваются актуальные вопросы оценки уровня педагогической готовности сотрудников дошкольных учреждений в контексте современных требований к системе образования Таджикистана. В связи с быстрым развитием инновационных педагогических технологий, насыщенностью информационного пространства, эмоциональной напряженностью труда педагога и особенностями нового поколения учащихся, авторы подчеркивают важность поиска новых подходов к психологическому сопровождению специалистов дошкольных учреждений. Отмечается, что в психологии и педагогике существует множество исследований, посвященных вопросам профессионального становления личности. Авторы указывают на необходимость оперативного принятия и внедрения новых идей и современных методов обучения и воспитания. Успех педагогической деятельности определяется не только уровнем профессиональных навыков, но и стремлением к саморазвитию и самосовершенствованию. Особое внимание уделяется роли методической работы в дошкольных учреждениях, которая должна быть направлена на повышение компетентности педагогов и обеспечение соответствия их деятельности требованиям государственного стандарта дошкольного образования.



**Ключевые слова:** готовность учителей, дошкольное образование, профессиональное развитие, компетенции учителей, образовательные реформы, дошкольное учреждение, инновации.

## MAIN CRITERIA FOR EVALUATING THE LEVEL OF PEDAGOGICAL READINESS OF PRESCHOOL INSTITUTION STAFF

The article addresses current issues of evaluating the level of pedagogical readiness of preschool institution staff within the context of modern requirements for the education system of Tajikistan. Due to the rapid development of innovative pedagogical technologies, the richness of the information space, the emotional intensity of teachers' work, and the characteristics of the new generation of students, the authors emphasize the importance of finding new approaches to the psychological support of preschool specialists. It is noted that in psychology and pedagogy, there are many studies devoted to the professional development of the individual. The authors point to the need for prompt adoption and implementation of new ideas and modern methods of teaching and upbringing. The success of pedagogical activity is determined not only by the level of professional skills but also by the desire for self-development and self-improvement. Special attention is paid to the role of methodological work in preschool institutions, which should be aimed at improving the competence of teachers and ensuring that their activities comply with the requirements of the state standard of preschool education.

**Keywords:** teacher readiness, preschool education, professional development, teacher competencies, educational reforms, preschool institution, innovations.

***Дар бораи муаллифон***

*Дадобоева Мадина Солибоевна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: farhundajon@mail.ru*

*Назарова Махфират Раҷабалиевна*
*Унвонҷӯи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: mahfirat857@gmail.com*

***Об авторах***

*Дадобоева Мадина Солибоевна*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей и педагогической психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: farhundajon@mail.ru*

*Назарова Махфират Раджабалиевна*
*Соискатель кафедры общей и педагогической психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: mahfirat857@gmail.com*

***About the authors***

*Dadoboeva Madina Soliboevna*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General and Educational Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: farhundajon@mail.ru*

*Nazarova Makhfirat Radzhabalievna*
*Applicant for the Department of General and Educational Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: mahfirat857@gmail.com*

ТДУ 37.1.9

# МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ МАКТАББАЧАГОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Вализода Ш.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

Ҷамъияти муосири тоҷик ба чунин шаҳрванд ниёз дорад, ки хислатҳои асосии он майл доштан ба некукорӣ, доро будани арзишҳои маънавӣ, иштирок дар сарнавишти ватан, муҳаббату ғамхорӣ ба ватан бошад. Расидан ба арзишҳои миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи наздикон масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, баъзан масъулияти ватандӯстӣ ба миллатгароӣ табдил меёбад ва маънию дарки аслии ин мафҳум гум мешавад.

Дар ин шароит роҳҳои нави тарбияи ватандӯстӣ барпо кардан, вазифаҳои муҳимро тартиб додан, самараи шаклу усулҳои онро зиёд кардан муҳим аст. Мазмуни ин консепсия дар монографияи И.Е. Кравсова: «Ватандӯстӣ – муҳаббат ба Ватан, ба зодгоҳ («замини падарон»), ба забони модарии худ, ба маданияту анъанаҳои гузаштагон, расидан ба маҳсули меҳнати халқи худ, пешравии давлату миллат вобаста аст. Ватандӯстӣ садоқати фидокорона ба ватан, омода будан ба ҳифзи истиқлолияти он аст».

Донишманди рус И.Ф. Харламов ватандӯстиро маҷмуи ҳиссиёти ахлоқӣ ва хислатҳои рафторӣ, аз ҷумла, муҳаббат ба ватан, меҳнати фаъолона ба манфиати ватан, пайравӣ ва афзун гардонидани анъанаҳои меҳнатии халқ, эҳтиром ба ёдгориҳои таърихӣ ва расму оинҳои ватанӣ, меҳру муҳаббат ба маҳалҳои зодгоҳ, майли мустаҳкам намудани шаъну шарафи ватан, омодагӣ ва қобилияти ҳифзи он, шуҷоату мардонагӣ, фидокорӣ ба халқу давлат, бародарӣ ва дӯстии халқҳо, оштинопазирӣ нисбат ба кинаю хусумати нажодӣ ва миллӣ, эҳтиром ба расму оин ва анъанахои гузаштагон медонад [9].

Олими рус Т.Н. Мапкорская ватандӯстиро ба хислатҳои ахлоқӣ нисбат додааст, ки дар хислатҳои меҳру муҳаббат ба ватан, омода будан ба ҳифзи он, алоқаи ногусастанӣ бо миллатҳои дигар, оштинопазир будан ба ҳар гуна зуҳуроти миллатгароӣ, риояи маданияти халқ, донистани анъанаҳои миллӣ, шаъну шарафи миллӣ, ифтихор ва номусу нанги миллӣ, ки дар шаҳрвандӣ таҷассум меёбад.

Тарбия – механизми ҳамкории байни наслҳо, таъмини воридшавии наслҳои наврас ба ҳаёти ҷомеа, табдил додани субъектҳои фаъоли раванди мушаххаси таърихӣ мебошад.

Педагоги рус Я.А. Коменский бори нахуст дар бораи парваридани меҳру муҳаббат ба ватан ва забон сухан ронда, ин масъаларо аввалин бор аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кард. Вай ҳисси муҳаббат ба Ватанро принсипи асосии тарбия медонист. Я.А. Коменский қайд кард, ки яке аз самтҳои асосии таълим бояд тарбияи кӯдак дар хоҳиши баҳрабардорӣ аз хидматҳои ӯ ба шумораи бештари одамон бошад. Ӯ дар «Дидактикаи бузург» навиштааст, ки давлати хушбахт замоне ба вуҷуд меояд, ки дар он ҳар кас майлу хоҳиши худро барои манфиату саодати мардум равон кунад.

Педагоги машҳури рус К.Д. Ушинский чунин мешуморад, ки ватандӯстӣ на танҳо вазифаи муҳимми тарбия, балки воситаи асосии педагогӣ низ мебошад: "Тарбия калиди дурусти дили инсон ва такягоҳи тавоно барои мубориза бо майли бадӣ аст" [9].

Дар мактаб бояд ба тарбияи насли наврас ба хислатҳои ахлоқии шахсӣ, шаҳрвандӣ, коллектив, меҳру муҳаббат ба Ватан, бо эҳтиром муносибат намудан ба таърихи ватан, ба халки худ ҳамеша диққати калон дода шавад. Дар баробари ин воситаҳои ахбори омма радио, театр, филмҳои ватанӣ, адабиёти бадеӣ дар тарбияи ватандӯстӣ мавқеи муҳим доранд. Тадқиқоти педагогӣ оид ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар давраи шуравӣ бисёр ва гуногун буданд. Дар онҳо ҳам ҷиҳатҳои назариявию методӣ ва ҳам ҷиҳатҳои амалӣ — соҳаҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ, анъанаҳои меҳнатӣ ва ҷангии халқи шуравӣ,

муносибатҳои тарбияи ватандӯстӣ, эстетикӣ, коллективии хонандагони синну соли гуногун ва ғайра муайян карда шуда буд.

Педагоги рус Макаренко қайд кардааст, “Ватандӯстӣ дар корнамоиҳои қаҳрамонона зуҳур меёбад. Аз ватандӯсти асил на фақат «амалҳои қаҳрамонона», балки заҳмати дурудароз, дарднок, аксар ҳатто хеле сахт, беҷавоб, нопок талаб карда мешавад».

Дар омӯзиши масъалаҳои ватандӯстӣ асарҳои В.А. Сухомлинский аҳамияти хосса дошта, ӯ яке аз вазифаҳои асосии тарбиявии мактабро дар тайёр намудани хонандагон ба меҳнати одӣ, ҳаррӯза, барои ҷамъият ҳамчун фаъолияти ватандӯстӣ медонад, ки аз ҷониби онҳо ташкил карда шудааст. Муаллим барои иҷрои ин мақсад қувваи пешбарандаи ташаккули шахсияти инкишофёбанда ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ақидаи ӯ ташаккули ҳисси ватандӯстиро дар хонандагон душвориҳои зиёд дорад, ки дар ҳаёти ҳаррӯза вомехӯрем, ин "арзиши душвор " -и ватандӯстиро чен кардан мумкин аст [9].

Муҳаббат ба Ватан ҳамон вақт дар инсон неру мегирад, ки агар дар зеҳни ӯ тасвирҳои марбут ба зодгоҳ, забон нақш бандаду нисбат ба Ватани худ ояд.

Асоси идеявии тарбияи ватандӯстӣ дар мактаби муосир арзишҳои маънавию ахлоқии миллат мебошад. Моҳияти тарбияи ватандӯстиро дар шароити муосир метавон ҳамчун ташаккули ҳисси шахсият, шуури ватандӯстӣ, ки дар асоси арзишҳои маънавии инсондӯстии мардум асос ёфтааст, маънидод кард. Тарбияи ватандӯстӣ новобаста аз он ки кӯдакон дар мактаб буданд ё не, дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Онро худи халқ аз насл ба насл ба ҷо меовард. Ҳамин тариқ, дар базе маврид тарбияи ватандӯстиро дар ҷавонон ташаккул додани шуури ватандӯстӣ, арзишҳо, ҳисси садоқат ба ватан, омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ мебинанд. Дар мавриди дигар, ҳамчун миллатгаройӣ мефаҳманд.

Моҳият ва мазмуни тарбияи ватандӯстии мактаббачагони хурдсолро файласуфҳо, омӯзгорон, ҷомеашиносон, сиёсатмадорон, равоншиносон дар асарҳои худ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Моҳияти тарбияи ватандӯстӣ дар он аст, ки дар қалби кӯдак меҳру муҳаббат ба оила, ба табиати ватан, ба таъриху фарҳанги кишвар, ба меҳнати хешутабор ва наздикон бедор карда шавад. Дар синни наврасӣ мерос гирифтани арзишҳои ахлоқию эстетикӣ яке аз намунаҳои боэътимодтарини тарбияи ватандӯстӣ буда, бедор кардани ҳисси муҳаббат ба ватан мебошад.

Мероси фарҳангии халқ сарвати бузургест, ки ҳар як кӯдак бояд соҳиби он шавад, ин неъмати бузургро то онро исроф накунад, балки эҳтиром карда, ҳифз намояд. Мазмуни тарбияи ватандӯстӣ муҳаббат ба ватан, садоқат ба он, ифтихор аз гузаштаву имрӯзи он, омодагӣ ба хидмату ба манфиат ва ҳифзи он мебошад.

Унсурҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ин дилбастагӣ ба зодгоҳ, забон, анъана ва урфу одатҳои халқи худ буда, бештар ба он хусусиятҳои муҳити сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқҳо дохил мешавад. Мазмуни ватандӯстӣ дар инкишофи ҳувияти миллӣ ифода ёфта, муносибати ватандӯстиро ба халқҳои дигар танзим менамояд, ки эҳтиром нисбат ба дигар халқҳо, расму оин, фарҳанги онҳо, таҳаммулпазириро ифода мекунад.

Кӯдак дарси аввалини ватандӯстиро дар оила мегирад. Падару модарон тасаввуроти худро дар бораи ҳаёт, меҳру муҳаббат ба табиат, сурудҳои халқӣ, эҳтиром нисбат ба шахсоне, ки зиндагиро беҳтар ва рангин намудаанд, ба онҳо баён месозад. Кӯдакон сайругашти худро бо волидони худ дар мавзеъҳои наздиктарини хонаи худ, дашту саҳро, кӯлу обанборҳои Ватан, ки манзараҳои нотакрор доранд, мегузаронанд ва аз он дар кӯдакон нисбати кишвар таассуроти нек боқӣ хоҳад монд. Шояд ин сайругаштҳо дар тасаввуроти кӯдак аввалин шарораи муҳаббати бузургро нисбат ба табиати зодгоҳаш фурӯзон намояд. Шомҳои идонаи оилавӣ, сайругашт бо калонсолони оила дар боғҳои фароғатии зебо дар бачаҳо ҳиссиёти махсус ва дурахшонеро бедор мекунад, ки дар ҳаёти кӯдак мавқеи муҳимро хоҳад кард. Ба бачаҳо фаҳмонидан хеле муҳим аст, ки меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан ва майлу хоҳиши доимии онҳо барои беҳтар кардани зиндагӣ бояд аз омилҳои зерин иборат бошад:

- дар мактаб бо баҳои аъло таҳсил карда, соҳиби касби писандидаи худ гардида, ба маҳал ё деҳаи худ содиқона хизмат намоянд;

- ба дӯст ва рафиқи ақибмондаи худ кумак намоянд;

- падару модар ва дигар аъзоёни оилаи худро дӯст дошта, дар корҳои хона кумак намоянд;

- эҳтироми калонсолон ва шахсонеро, ки онҳоро иҳота кардаанд, ба ҷо оваранд;

- ҳамеша дар дастгирии кори хайр буда, бадию зӯровариро барҳам диҳанд.

Чунин ҳодисаҳое ҳам ба назар мерасанд, ки худи волидайн дар баъзе мавридҳо ҳиссиёти наҷибонаи фарзандони худро хомӯш мекунанд. Дар мавридҳои зарурӣ ба онҳо ёрӣ намерасонанд ва ҳангоми шоҳиди таҳдиду зӯроварӣ будан маҷбур мекунанд, ки хомӯш бошанд. Баъзан падару модарон дар ҳузури фарзандони худ доир ба камбудиҳои ҷамъиятии кишвар сухан меронанд ва он боис мегардад, ки кӯдак тамоми ҳаёт нисбати Ватан нафрат пайдо кунад. Бо ин амалҳои ноҷои худ волидон шохаҳои наврасеро, ки акнун дар фарзандашон инкишоф меёбад, решакан созанд. Аз нуқсонҳои оилавӣ норасоиҳои гуногуни тарбиявӣ ба вуҷуд меоянд. Шояд дар натиҷаи чунин тарбияи нодуруст, ки дар ниҳоди онҳо ватан чизи муқаддас набуда, хизмат ба ватанро ҷоиз намешуморанд. Чунин ҷавонони худбину молпараст, барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти шахсии худ зиндагӣ мекунанд.

Ҳимояи ватан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Вазифаи мактаб ва оила аз он иборат аст, ки фарзанду шогирдони худро тавре тарбия кунанд, ки онҳо бо майли худ ба хизмати ҳарбӣ бираванд ва масъулияти худро дар назди ватан эҳсос карда, дар ҳолати зарурӣ барои ҳимояи марзу буми хеш омода бошанд. Барои ин дар наврасон омӯзонидани интизоми меҳнатӣ, идора кардани худ дар назди коллектив, бедор намудани ҳисси рафоқат, обутоб додани онҳо бо варзиш лозим аст. Ҳамин тавр, чунин омилҳо барои тарбияи ватандӯстӣ мусоидат мекунанд:

- Рафтори хуб, меҳру муҳаббат ба ватан, муносибати муқаддас ба арзишҳои маданию маънавӣ ва ҳиссиёти шаҳрвандӣ;

- Муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон вазифадоранд, ки хислатҳои баланди инсониро дар насли наврас такмил диҳанд;

- Тарбияи ватандӯстӣ аз ҳифзи расму оин, забони миллӣ ва фарҳанги миллӣ иборат аст;

- Муносибат ба кӯдак бояд ҳамчун мавҷудияти фаъол сурат гирад, то ки ӯ бо саъю кӯшиш дар зиндагӣ мавқеи худро пайдо карда тавонад.

Солҳои охир дар ҷумҳурии мо фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии насли наврас вусъат ёфта истодааст. Ин боиси таҳияи барномаҳои нав гардида дар заминаи тарбияи шаҳрванди ватандӯст бо истифода аз анъана ва расму оинҳои халқи худ мақоми худро пайдо мекунад. Нафароне ҳастанд, ки фарқи байни ватандӯсту миллатгароро намефаҳманд. Ин мафҳумҳо бо микдори зиёди маъноҳо ва идеологияҳо ифода карда мешаванд.

Дар қалби ватандӯст муҳаббат ба кишвару ватан, миллатдӯстӣ, муҳаббат ба миллати худ ниҳон аст. Аз ин рӯ, муносибати созанда бо табақаи миллатҳои гуногун, дар замири онҳо эҳтиром ба ватанро бедор мекунад. Инсони ватандӯст тамоми шаҳрвандони кишварро новобаста аз дин, забон ва миллат эҳтиром мекунад.

Иборан «тарбияи ватандӯстӣ» дар насли наврас ташаккул ёфта, инкишофи мафҳумҳо ва ғояҳои дӯст доштанро дар бар мегирад. Маълумот доир ба маҳфуми ватан, зарурати ҳифзи марзу буми кишвар, нишон додани мардонагиву қаҳрамонӣ нисбати ватани худ мебошад. Эҳтиром ва ҳисси муҳаббат нисбат ба ватан дар мавриди арҷ гузоштан ба гузашта ва имрӯзи қаҳрамононаи миллати тоҷик буда, ҳисси худшиносии хонандагонро бедор мекунад. Дар замири кӯдакон орзуи қаҳрамон будан, далеру бошуҷоат, қавӣ, устувор ва поквиҷдону ростқавл будан пайдо мешавад [8].

Зуҳури ҳиссиёти ватандӯстӣ ва тарбияи он дар ҳар давраи синну сол хусусиятҳои хоси худро дорад. Хислатҳои ахлоқии кӯдак дар солҳои мактабхонӣ бештар шакл мегирад, яъне:

- меҳру муҳаббат ба ватан, хоҳиши ободу зебо шудани он, шаҳр, кӯча, пайдо намудани майлу хоҳиши иҷрои амалҳои нек;

- орзуву ҳавас нисбат ба шахсиятҳои барӯманди кишвар ба монанди қаҳрамонони ҷангу меҳнат ва ғайра.

Кӯдакони синни хурди мактабӣ ниҳоят кунҷкоб, ҷавобгӯ ва чолок ҳастанд, онҳо ба ҳама ташаббусҳо таваҷҷуҳ карда, посух медиҳанд, ба мушкилот самимона аз дили соф ҳамдардӣ нишон медиҳанд. Маҳз дар ҳамин давра ташаккули заминаи маънавию ахлоқии кӯдак, эҳсосот, тафаккур, механизмҳои мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар ҷомеа ташаккул ёфта, раванди худшиносӣ, ватандӯстӣ, дарки муҳити атроф ва шахсият оғоз меёбад. Ин қисмати ҳаёти шахс барои таъсири эмотсионалӣ ва равонии кӯдак бештар мусоид менамояд, зеро образҳои дарки ӯ хеле қавӣ ва равшан мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки онҳоро муддати тулонӣ ва гоҳе то абад дар хотир нигоҳ дорад, ки дар раванди тарбияи ватандӯстӣ хеле муҳим аст.

Сифатҳои ватандӯстӣ ва худшиносӣ пеш аз ҳама аз оила ва таассуроти бача аз атрофиёни наздикаш оғоз мегардад. Сайругашт дар шаҳр ва берун аз он, шунидани ҳикояҳо доир ба таърихи макони зист, намунаи ибрат будани собиқадорони ҷангу меҳнат дар давраҳои гуногуни таърихӣ, маълумот доштан дар бораи ҳаёт ва кору зиндагии бобою падарон, хешутабори наздик, дӯстон мебошад. Суҳбатҳо, ҳикояҳо, хотирахои падару модарон, тамошои расмҳои оилавӣ, ёдгориҳо (мукофотҳо, рӯзномаҳо ва дигар мақолаҳо, ашёи шахсӣ), тамошои осорхонаҳо, намоишҳо, ёдгориҳои қаҳрамонон, шаклҳои самарабахши тарбияи хонандаи хурдсол дар мавзуи ватандӯстӣ мебошад.

Тарбияи ватандӯстии кӯдакон бештар дар гузаронидани ҷашнҳо, санаҳои хотирмон дар оила, ҷамъомадҳои мактабӣ ва маъракаҳои ҷойи истиқомат сурат мегирад. Тарбияи сифатҳои одобу ахлоқи хонандагони синни хурди мактабӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ватандӯстӣ аз ташаккули маҳорату малака, мустақилона амал кардан, худдорӣ намудан, риояи интизом, ташаббус ва ҷасорат, бартараф намудани танбалии худ иборат аст. Ин вазифаро тавассути одат кардани кӯдакон ба иҷрои супоришҳои хонагӣ, мактабӣ, ҷамъиятии аз ҷониби омӯзгор (мактаб) додашуда, ҳавасманд намудани иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои умумимактабӣ ва синфӣ, саёҳат ва мусобиқаҳои варзишӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Муваффақият дар самти ташаккули ватандӯстӣ дар сурате ба амал меояд, ки мактаббачагон малакаву одатҳои муносиб ба рафтор, дошта бошанд ва мувофиқ ба он тарбия гиранд. Ҳама гуна таҷриба, тавре ки медонем, тавассути машқҳои тулонӣ ё дигар намудҳои фаъолиятҳои рафторӣ таҳия карда мешавад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки хонандагонро ба навъҳои гуногуни фаъолиятҳои амалии марбут ба мафҳумҳои ватандӯстӣ ҷалб кунад.

Инчунин дар хотир доштан лозим аст, ки ба ғайр аз омӯзгорон, ба рафтору гуфтори кӯдакон волидайн бештар таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия кардан, тавассути чорабиниҳо, ташкилу гузарондани онҳо лозим аст.

Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ вазифаи душворест, ки пеш аз ҳама бо хусусиятҳои ахлоқию психологии синну соли хонандагони хурдсол алоқаманд аст. Дар ин давра ташаккули мавқеи маънавию ахлоқии кӯдак, эҳсосот, тафаккур, мутобиқшавии иҷтимоӣ дар ҷомеа, яъне раванди огоҳ шудан аз худ дар ҷаҳони атрофи кӯдак оғоз меёбад.

Дар синни хурди мактабӣ он хислатҳое ташаккул меёбанд, ки хонандагони хурдсолро муҳити атроф ва кишвари худ мепайвандад. Имкониятҳои таҳсили онҳо дар бозиҳои мардумӣ, сурудҳо, бозичаҳо ва таассурот дар бораи табиати зодгоҳ, урфу одат, зиндагӣ, расму оинҳои он шахсоне, ки дар байни онҳо зиндагӣ мекунад, фароҳам оварда мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар синни ибтидоӣ маънои меҳру муҳаббат ба Ватанро дорад, ки асоси садоқат, эҳтиром ба ватан мегардад. Тарбияи ватандӯстӣ дар ҷараёни шиносоӣ бо мероси фарҳангии хонандагони хурдсол хеле муваффақ аст ва инро таҷрибаи чандинасраи системаи маориф, ки аз таърих, фарҳанги маънавию ва моддии мардум ба вуҷуд меояд, собит менамояд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагони хурдсол тавассути ташаккули хислати маънавии миллӣ сурат мегирад, зеро риояи анъана ва расму оинҳои миллӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллии мардумро эҳсос карда, иртиботи байни наслҳоро таъмин намояд. Ин робита одамонро ба ҳам меорад ва ба онҳо имкон медиҳад фаҳманд, ки решаҳои онҳо дар куҷост.

Арзишҳои миллии суннатӣ аз ҷониби хонандагони хурдсол тавассути афсонаҳои халқӣ, суруд, зарбулмасалу мақол омӯхта шуда, дар хотира ва зиндагии онҳо ба осонӣ ҷой мегиранд. Омили муҳими тарбияи ватандӯстии хонандагони хурдсол табиат аст, зеро он ҳамеша кӯдакро иҳота мекунад, барои ӯ лаҳзаҳои фароҳам ва дастрас муҳаё менамояд. Зиндагии мутобиқ бо табиат саломатиро мустаҳкам намуда, ба инкишофи маънавию эмотсионалӣ ва эстетикии кӯдак таъсири мусбат мерасонад, зеро он на танҳо макони зист, балки зодгоҳ, ватан аст.

Давраи синни томактабӣ аз рӯйи хусусиятҳои психологии худ барои шуруъ кардани кор дар тарбияи ватандӯстӣ хеле давраи мусоид аст, зеро кӯдак ба калонсол бо боварӣ ҷавоб медиҳад, ба онҳо тақлид намуда, тақлидпазирӣ, ҷавобгарии эмотсионалӣ, самимияти эҳсосот пайдо намуда, эътиқод ба риояи меъёрҳои ахлоқиро меомӯзад. Дониши андухташуда, эҳсосоти амиқ ба таассуроти равшани давраи кӯдакӣ то абад дар инсон боқӣ мемонад.

Дар синни ибтидоӣ қобилияти мушоҳида, таҳлили ҳодиса ва падидаҳои бааамаломада, муайян кардани сабабу оқибатҳо, муқоиса, фарқ кардани рафтор, хулосаҳои мувофиқ, изҳори муносибати худ ба ҳодисаи рухдода асоси психологии амалигардониро ташаккул медиҳанд. Тарбияи ватандӯстии талабагон дар зинаи ибтидоии таълим инкишоф меёбад.

Барои ташаккул додани ҳисси ватандӯстии хонандагон дар мактаб на танҳо моҳият ва мазмуни он, балки ҷузъҳои дохилии психологию педагогиро низ донистан лозим аст, ки дар маҷмуъ ҳамчун барандагони ин сифат баромад мекунанд. Чунин ҷузъҳо, ба ақидаи И.Ф. Харламов, эҳтиёҷмандӣ, маърифатӣ-зеҳнӣ, эҳсосӣ-ҳиссиётӣ, рафторӣ ва ихтиёрӣ мебошанд.

Талабот ҳамчун ҷузъи ҳавасмандии ватандӯстӣ буда, пеш аз ҳама, дар ҷараёни таълим бо шаклҳои гуногуни меҳнат ташаккул меёбад, ки дар он хонандагон ҳисси меҳру муҳаббат, ифтихор аз Ватанро эҳсос намуда, таърихи пуршарафи он, шуҷоату мардонагӣ ва диловарии ватандӯстонро мефаҳманд.

Ғояҳои ватандӯстӣ, ки дар адабиёти бадеӣ ифода ёфтаанд, ба ҳавасмандгардонии эҳтиёҷоти хонандагон таъсири калон мерасонанд. Хонандагон ҳангоми ба омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ба ҷойҳои фаромӯшнашавандаи зодгоҳашон сафар намуда, бо шахсони номдор ва қаҳрамонони ҷангу меҳнат шинос мешаванд, ки корнамоиҳои ин мардони шуҷоъ боис мегардад ҳисси дилбастагӣ ба зодгоҳ бедор гардад. Ҷузъи маърифатӣ-зеҳнӣ дарки амиқи моҳияти ватандӯстӣ ва роҳҳои зуҳури онро дар намудҳои гуногуни фаъолияти кӯдакон дар суҳбатҳо, паёмҳои мавзуи ватандӯстӣ, баргузории намоишҳо расмҳо, чорабиниҳои адабию мусиқӣ, экспедитсияҳои этнографӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷузъи эҳсосӣ – аз ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, муносибат ва эътиқоди кӯдакон нисбат ба он иборат аст. Муҳим он аст, ки дониши ватандӯстии хонандагони синни хурди мактабӣ мазмуни шахсӣ пайдо карда, аз таҷрибаи эҳсосотӣ гузашта, асоси роҳнамои фаъолият ва рафтори онҳо гардад. Кори тарбиявӣ дар ин маврид бояд бо истифода аз мисолҳои ватандӯстӣ сурат гирад ва чунин вазъиятҳои педагогиеро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки унсурҳои мубоҳисаро дар бар гирифта, ҳисси ватандӯстии хонандагонро ташаккул диҳад.

Ташаккули қобилиятҳои рафторӣ ва иродавии хонандагони синни хурди мактабӣ ба зуҳуроти ихтиёрӣ дар самти ватандӯстӣ ва фарҳанги муносибатҳои байни миллатҳо сурат мегирад. Ба ин намудҳои гуногуни меҳнат, варзиши сайёҳӣ кишваршиносӣ, вохӯриҳо бо собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсиятҳои шинохта дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, тарбияи ватандӯстӣ дар синни хурди мактабӣ ба ҳаёти ояндаи кӯдак таъсир расонида, аз фаъолиятҳои шахсии омӯзгор ва ташкили кори ӯ вобаста аст, ки он хонандагонро ба хизмати ватан равона месозад.

Тарбияи насли наврас ҷараёни серсоҳа мебошад. Солимии ҷисмонӣ ва таълими ахлоқии кӯдакон самтҳои афзалиятноки маориф дониста шуда, чунин омилҳоро дар бар мегирад:

- рушди зеҳнӣ;
- ташаккули фарҳанги шахсият ва арзишҳои маънавӣ;
- тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ;
- тарбияи эстетикӣ ва меҳнатдӯстӣ.

Тартиб додани нақшаи речаи ҳаётии мактаббачагон, тайёрӣ ба ҳаёти оилавӣ. Барои иҷрои вазифаҳои педагогӣ, шаклҳои гуногуни корҳои тарбиявии беруназсинфиро истифода мебаранд. Тарбияи ватандӯстӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад:

- соати тарбиявӣ;
- маҷлиси волидон;
- саёҳат; ҷашнҳо;
- мизи мудаввар,
- мубоҳиса;
- озмун,
- викторина.

Ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ барои бачаҳо, аз омӯзгорон масъулияти бештарро талаб менамояд. Фаъолият бо кӯдакон дар дарсҳо, муошират бо онҳо дар муҳити каму беш озод барои рушду тарбияи онҳо таъсири хуб мерасонад. Ин барои омӯзгор низ муҳим буда, воситаи беҳтарини наздик шудан бо кӯдакон ба ҳисоб меравад. Дарс-саёҳат паҳлуҳои ғайричашмдошт ва ҷолиби шахсияти омӯзгорро барои хонандагон ошкор мекунанд ва имконияти хуб барои дӯстӣ пайдо намудан бо шогирдон мегардонад. Ташкили корҳои тарбиявии беруназсинфӣ метавонад ҳамчун тарзи мустақилияти озоди кӯдаконро дар мактаб аз ҷиҳати педагогӣ муайян намояд. Дар амалияи таълим шаклҳои гуногуни кор мавҷуданд, ки онҳоро гурӯҳбандӣ кардан душвор аст.

Омӯзгорон барои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ дар байни хонандагони хурдсол аз шаклу усулхои гуногуни тарбия истифода мебаранд, ки яке аз шаклҳои фаъоли он бозӣ аст. Бозиҳои мактаббачагони хурдсол ба тақлиди одии шаклҳои иҷтимоии рафтор нигаронида шудаанд. Аз як тараф, моҳияти биологии кӯдак дар бозӣ зоҳир мешавад, аз ҷониби дигар, омодагӣ ба мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад. Дар бозӣ меъёрҳои рафтор аз ҳаёти калонсолон таълим дода мешаванд, арзишҳо барои худ инкишоф меёбанд. Ба гуфтаи Д.Б. Элконин, дар бозӣ бача ба олами тараққикардаи шаклҳои олии фаъолияти инсон, қоидаҳои муносибатҳои одамон гузашта, он ҳамчун манбаи ахлоқ мегардад.

Методҳои тарбияро метавон ҳамчун «маҷмуи роҳҳои маъмултарини ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ ва амалӣ намудани муносибатҳои мутақобилаи он номид. Усулҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи ҳамкорӣ бо педагогика муносибати насли калонсол бо кӯдаконро, ки ба ташкили тарбияи онҳомусоидат мекунанд, муайян мекунад. Ба ин раванди ҳаёт фаъолият, муносибат, муошират, ҳавасмандгардонии фаъолият ва танзими рафтори онҳо дохил мешавад.

Дар байни шаклҳои инфиродии тарбияи ватандӯстии кӯдакон омӯзиши мустақилона иҷрои вазифаи хонагӣ фарқ мекунад. Масалан, асарҳои нависандагони бачагонаеро, ки доир ба корнамоӣ, шуҷоат, диловарони ҶБВ навиштаанд, номбар намоед.

Таҷрибаҳои эҳсосӣ ба ҳар як раванди равонӣ дохил мешаванд ва метавонанд асоси муттаҳидшавии онҳо гарданд ва метавонанд ҳамчун омили равониву омили ташаккули системаи психологии функсионалии фаъолият ҳисобида шуда, амал намоянд. Дар асоси баҳодиҳии эмотсионалӣ, ки бо амалҳои мушаххас муқаррар карда мешавад, ҳамдардӣ метавонад ҳамчун як сифати шахсии кӯдак ташаккул ёбад.

Шаклҳои инфиродии тарбияи ватандӯстии кӯдак асосан дар оила ба амал бароварда мешаванд. Маҳз оила дар марҳалаи муайяни синну сол нақши ҳалкунанда мебозад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд бо оилаҳои хонандагон робитаи зич ба роҳ монда, волидайнро ба раванди тарбияи ватандӯстии фарзандон ҷалб намояд.

Ҳамин тариқ, муваффақияти фаъолияти ватандӯстона дар муассисаи таълимӣ ба симои маънавию психологии омӯзгорон, омодагии психологию педагогӣ ва касбии онҳо, муносибат ба вазифаҳои худ, инчунин қобилияти ҳамкории пурсамар бо волидони хонандагон вобаста аст.

### *Адабиёт*

1. *Бабанский, Ю.К. Методы обучения в современной общеобразовательной школе / Ю.К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1985. – 208 с.*
2. *Давыдов, В.В. Виды обобщения в обучении / В.В. Давыдов. – М.: Педагогика, 1972. – 423 с.*
3. *Нуров, А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ /А. Нуров. - Душанбе: Ирфон, 2021. - 222 с.*
4. *Педагогика / под. ред. Г. Нойнера и Ю.К. Бабанского. – М.: Педагогика, 1984. – 368 с.*
5. *Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии: В 2-х т. / С. Л. Рубинштейн. - Педагогика, 1989.Т. 1. - 369 с.*
6. *Ушинский, К.Д. Избранные педагогические произведения / К.Д. Ушинский. - М.: Просвещение, 1968. - 557 с.*
7. *Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон - наҷотбахши миллат. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992-1995. Китоби 1. / А. Шарифзода, С. Фаттоев. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.*
8. *Шарофов, Ш.А. Муоширати педагогӣ ва омӯзгори оянда / Ш.А. Шарофов, Д.А. Усмонов. - Хуҷанд: - 2019. - 204 с.*
9. *Шарофов, Ш. А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А. Шарофов. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. - 304 с.*
10. *Щукина, Г.И. Проблема познавательного интереса в педагогике / Г.И. Щукина. - М.: Педагогика, 1971. - 351 с.*
11. *Эльконин, Д.Б. Избранные психологические труды / Эльконин - М.: Педагогика, 1989. - 560 с.*


## МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ МАКТАББАЧАГОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстии кӯдакони синни хурди мактабӣ таҳлил карда шудааст. Муаллиф тарбияи ватандӯстиро ҷанбаи муҳими ташаккули шахсияти мактаббачаи хурдсол медонад. Мақола шарҳи мухтасари масъаларо дар бар гирифта, роҳҳои асосии ҳалли масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони хурдсолро дар муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ тавсиф мекунад. Дар он ба нақши муҳими мактабҳо дар ташаккули ҳисси миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба ватан дар байни хонандагон таъкид карда мешавад. Муаллиф ба аҳамияти оила, мактаб ва ҷомеа дар ташаккули шуури ватандӯстии хонандагон таъкид мекунад. Стратегияҳо ва усулҳои амалии татбиқи тарбияи ватандӯстӣ, аз ҷумла истифода аз таърих, адабиёт ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ баррасӣ мешаванд. Мақола бо таъкид бар пайванди тарбияи ватандӯстӣ бо рушди умумии инсон, ки таъкид бар мувозинати ифтихори миллӣ бо эҳтиром ба фарҳангҳои дигар мекунад, ба анҷом мерасад.



**Калидвожаҳо:** кӯдакони синни хурди мактабӣ, ватандӯстӣ, тарбияи ватандӯстӣ мактаб, мавқеи шаҳрвандӣ, давлат.


## СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ ШКОЛЬНИКОВ В СОВРЕМЕННОМ ПЕРИОДЕ


В статье анализируется решение задач патриотического воспитания детей младшего школьного возраста. Автор рассматривает патриотическое воспитание как важный аспект формирования личности младшего школьника. В статье содержится краткий обзор проблемы, и описываются основные подходы к решению проблемы патриотического воспитания младших школьников. Подчеркивается решающая роль школ в формировании у учащихся чувства национальной идентичности, гражданской ответственности и любви к Родине. Автор подчеркивает важность семьи, школы и общества в формировании патриотического сознания ученика. Обсуждаются практические стратегии и методы реализации патриотического воспитания, включая использование истории, литературы и внеклассных мероприятий. Статья завершается подчеркиванием взаимосвязи патриотического воспитания с общим развитием личности, подчеркивая важность баланса национальной гордости и уважения к другим культурам.



**Ключевые слова*:*** дети младшего школьного возраста, патриотизм, патриотическое воспитание, школа, гражданская позиция, государство.

## ESSENCE AND CONTENT OF PATRIOTIC EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN IN THE MODERN PERIOD

The article analyzes the solution of the problems of patriotic upbringing of children in primary school. The author considers patriotic education as an important aspect of the formation of the personality of a schoolchild. The article contains a brief overview of the problem and describes the main approaches to solve the problem of patriotic education of young pupils. The article emphasizes the crucial role of schools in cultivating students' sense of national identity, civic responsibility, and love for their homeland. The author highlights the significance of family, school, and society in shaping students' patriotic consciousness. Practical strategies and methods for implementing patriotic education are discussed, including the use of history, literature, and extracurricular activities. The article concludes by emphasizing the interconnectedness of patriotic education with overall personal development, underscoring the importance of balancing national pride with respect for other cultures.

**Keywords:** children of primary school age, patriotism, patriotic upbringing, citizenship, government.

***Дар бораи муаллиф***
*Вализода Шоирахон*
*Дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*
*735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1*
*E-mail: valizoda@mail.ru*

***Об авторе***
*Вализода Шахирахан*
*Доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики*
*Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова*
*735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1*
*E-mail: valizoda@mail.ru*

***About the author***
*Valizoda Shahirahan*
*Associate Professor, Department of Social and Professional Pedagogy*
*Khujand State University named after academician B. Ghafurov*
*735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov*
*E-mail: valizoda@mail.ru*

ТДУ 378:614.2 (575.3)

# ФАЪОЛИЯТҲОИ СОЛИМНИГОҲДОРИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

***Одинаев Н. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Ворид намудани дараҷаҳои солимӣ дида баромадани консепсияҳои асосии солимиро талаб менамоянд. Д. Сиерс ва В. Гавидия 4 консепсияи асосии солимиро, ки тасаввуроти маънogии шахси калонсолро оид ба солимӣ тасвир менамояд, ҷудо мекунанд:

1. Солимӣ ин мавҷуд набудани беморӣ ва дорои ҳолати беҳамтои осудаҳолӣ, вобаста аз вазъи хуби ҷисмонӣ ё тавлид шудан дар макони муайян, яъне осудаҳолӣ ҳамчун ҳолати додашуда ва аз инсон вобастанабуда мебошад. Мутобиқ ба чунин мафҳум солимӣ дар ҷараёни таълим асосан ба ташаккули дониш дар бораи солимӣ аз нуқтаи назари илмҳои биологӣ ва тиб матраҳ шудааст;

2. Солимӣ, ин мавҷуд набудани бемориҳо мебошад, ки он аз фаъолияти касбии инсон вобаста аст, яъне бо амсила ва тарзи ҳаёт муайян карда мешавад. Чунин мафҳум ҷараёни таълимро ба додани маълумот оид ба қоидаҳои ҳаёт ва рафтор дар вазъиятҳои муайян, ки барои нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани солимӣ имконият медиҳанд, пешниҳод менамояд;

3. Солимӣ, ин раванди бонизоми захираҳои хусусии табиӣ, ки дар он ҷузъи асосиро рафтори хусусии инсон ташкил менамояд, мебошад. Чунин муносибат маънои дар ҷараёни таҳсил ташаккул додани фарҳанги махсуси солимӣ ва ҷавобгарии шахсии инсонро барои рушди захираҳои хусусӣ, ки пайдошавии бемориҳоро пешгирӣ менамоянд, дорад. Дар ин ҷо мафҳуми солимӣ инкишофёбӣ ва самти эҳсосотию шахсиятӣ, ташаккули руҳӣ, болиғшавии руҳии инсонро дорад;

4. Солимӣ, ин доштани захираҳо, ҳолатҳо, имкониятҳои мушаххасе мебошад, ки инсон аз лаҳзаи таваллудаш дар ихтиёр дорад. Омили асосӣ ва мунтазам амалкунанда, ки ба ҳолати солимии инсон таъсир мерасонад, муҳити атроф мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷараёни таҳсил омӯзиши имкони таъсири муҳити атроф ба солимии инсон ва тамоюли фаъолии хусусии ӯро оид ба истифодаи мақсадноки захираҳои муҳит дар бар мегирад. Солимии хусусӣ аз берун, аз низоми «инсон – муҳит» тасҳеҳ мешавад ва аз лиҳоз таҳсил бояд ба низоми мазкур таваҷҷуҳ намояд. Ба мафҳуми мазкур амсилаи экологии таҳсил мувофиқат менамояд [10, с. 7-16].

Як қатор муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки солимӣ аз вазифаҳои асосии организми инсон муайян карда шавад: роҳандозии барномаи генетикии рефлектории ҳатмӣ, фаъолияти завқи табиӣ, вазифаи афзоишии фаъолияти модарзодӣ ва пайдошудаи асаб. Вобаста ба ин, солимӣ ҳамчун қобилияти системаҳои фаъолияти алоқаманддоштаи организм дар таъмин кардани амалисозии барномаҳои генетикии ҷараёнҳои ҳатмии рефлекторӣ ва савқи табиӣ, вазифаҳои афзоишӣ, фаъолияти зеҳнӣ ва рафтори дурусте, ки ба соҳаҳои иҷтимоию фарҳангии ҳаёт равона карда шудааст, муайян карда мешавад.

И. А. Аршавский қайд менамояд, ки организм дар тулии тамоми инкишофёбии худ, доимо дар ҳолати бароварвазнӣ қарор надорад. Инсонро ҳамчун низоми биоқуввамаълумотӣ, ки барои он сохтори аҳроммонанди зерсохторҳо, ки ба он ҷисм, ҷузъҳои зеҳнию руҳӣ дохил мешаванд баррасӣ намуда, ӯ чунин мешуморад, ки мафҳуми солимӣ маънои мувофиқати низоми мазкурро дорад. Иллатҳо дар ҳамаи сатҳҳо ба устувории он таъсир мерасонанд. Аз мавқеи муносибати бонизом системаи мазкур (солимии инсон), ба мисли ҳамаи дигар системаҳо, дорои нишонаи устуворӣ ҳамчун қобилияти нигоҳ дошта тавонистани худ дар шароитҳои тағйирёбанда, дар баъзе чорчӯбаҳо ва муҳит мебошад.

Чӣ тавре ки В. Кеннон қайд карда буд, ягонагӣ ва устувории муҳити дарунии организм бо қимати ҷараёнҳои мушкил ва гуногуннамуд, ки дар он системаи таваҷҷуҳӣ нақши асосӣ

дорад, нигоҳ дошта мешавад. Дар психофизиологияи муосир муқаррар карда шудааст, ки системаи таваҷҷуҳӣ дар механизмҳои аксуламалҳои эҳсосотӣ аҳамияти махсус дорад [1, с. 295; 2, с. 160]. «Системаҳои зинда қобилияти дар як вақт фаъолона нигоҳ доштани ташкили худ, худпешбарӣ, инкишофёбии худро дорад» [4, с. 6]. Албатта, устуворӣ на танҳо ба нигоҳ доштани ҳолатҳои муайян меанҷомад, балки он қисмати инкишофёбӣ, як паҳлуи мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад.

А. А. Баранов устувориро ҳамчун «ташкили махсуси мавҷудияти шахс ҳамчун низоме, ки самаранокии максималии фаъолият намудани онро таъмин менамояд» муайян кардааст [3, с. 11]. Ӯ масъалаи устувориро ба асабоният баррасӣ намуда ба табиати дугонаи он ҳамчун хусусияти ба натиҷаи фаъолият (муваффақӣ – номуваффақӣ) таъсиррасонанда ва ҳамчун хусусияти таъминкунандаи гомеостази шахсият ҳамчун низом, таваҷҷуҳ менамояд. «Аз диди мазкур устувориро ба асабоният метавон ҳамчун нишондоди фаъолиятнокӣ ва шахсият баррасӣ намуд» [3, с.14]. Ба таҳқиқоти дар боло овардашуда такя намуда, муаллиф ишора менамояд, ки ҳангоми мувофиқат накардани имкониятҳои иқтидории инсон ба шароитҳои фаъолияти мушаххас «дарунӣ» ҷузъи хусусии устуворӣ ба асабоният худро дар коркарди чунин системаи муҳофизат аз омилҳои асабониятӣ, ки устувории (дар амон будани) инсонро аз ҳолатҳои руҳафтодагӣ таъмин менамояд, нишон медиҳад.

Дар як қатор таҳқиқотҳои дигар (В. П. Казначеев, А. С. Мещеряков, Р. В. Рожнов, А. С. Степочкин) қайд карда мешавад, ки солимӣ ин на ҳолат, балки ҷараёни ба чунин ҳодисаҳои динамикӣ ба мисли нигоҳ доштани гомеостаз, мутобиқат ва инкишофёбии организм вобастабуда мебошад. Онҳо қайд мекунанд, ки «инкишофёбӣ аз афзоиш ва болиғшавӣ бо иштироки фаъоли субъект дар муайян кардани роҳи ҳаёти худ ва таъсиррасонии хос нисбат ба омилҳои муҳит фарқ мекунад [6, с. 56]. Муаллифон ба ақидае омадаанд, ки «захираҳои зиёди солимии иҷтимоӣ ва равонӣ дар рушди чунин сифатҳои шахсият ба мисли ҷанҷолӣ набудан, худназоратнамоӣ, бонизомии эҳсосотӣ» пинҳон мешавад ва бо афсӯс мушоҳида менамоянд, ки «вазифаи рушди худназоратнамоӣ ва бонизомии эҳсосотӣ аз қабл дида мубрамтар мешавад, чунки мувофиқи маълумоти К. М. Гуревич, то 40%-и шаҳрвандон дар ҳолати асабонӣ, яъне дар сарҳади иллатҳои руҳӣ қарор доранд» [9, с. 61].

Дар байни равандҳои асосии худназоратнамоӣ ва худтаҳлилнамоӣ чунин махсусиятро ҷудо менамояд: аз ҷониби субъект дарк кардани муносибатҳои тазриботӣ эксперементалию талқинкунанда нисбат ба худ ва дигар одамон; дарк кардани маҳакҳои маънавии худ ҳангоми баҳодиҳии атрофиён ва худ; дарк намудани нақши фаъолнокии худ, оғози шахсӣ дар рушди сифатҳои мавҷудият; баҳодиҳии сарҳади имкониятҳои «Ман» – и худ ва дигарон. Чӣ тавре ки маълум аст, ин кор барои субъект мушкил буда, кӯмак ва дастгирии мутахассисони гуногунро талаб менамояд. Раванди мазкур бояд пеш аз ҳама ба инсон ҳамчун шахсият такягоҳ дода, тарафҳои боқувват, инчунин сифатҳои инфиродии ӯро муайян намояд, ки тавонанд меҳвари шахсият шуда, роҳи ҳаётро муайян созанд. Мо чунин мешуморем, ки меҳвари хусусияти солимии руҳӣ ва маънавии инсон, хусусиятҳое ҳастанд, ки дар дараҷаҳои баландтарини алоқаи мутақобил ва вобаста ба ҳам аёнгаштаро ба ҳам меоранд.

Солимии фардро метавон ҳамчун ҳолат (раванд)-и бонизоми нигоҳ доштан ва рушди вазифаҳои биологӣ, физиологӣ ва равонӣ, қобилияти мувофиқи корӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ ҳангоми давомнокии максималии ҳаёт муайян намуд. Ба ақидаи мо, дар мафҳуми мазкур пуррагии иҷроиши вазифаҳои асосии иҷтимоию биологӣ ва мақсадҳои инфиродии фард ба инобат гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ солимии инсонро дар се сатҳ ҳамчун арзиш пешниҳод кардан мумкин аст:

1) Арзиши биологию солимии заминавӣ ва такмили худтанзимнамоии организм;

2) Арзишҳои иҷтимоию солимӣ амали фаъолнокии иҷтимоӣ, муносибати фаъолнокии ҷамъиятии инсон ба дунё;

3) Арзишҳои шахсиятӣ, равонию солимӣ ва мавҷуд набудани бемориҳо ва ё рад кардани онҳо аз ҷониби организм.

Солимӣ дар ҳолати мазкур на танҳо ҳамчун ҳолати организм, инчунин ҳамчун «стратегияи ҳаёти инсон» мебошад» [6, с. 83].

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда, нишон медиҳанд, ки ҳарчанд 57%-и занон ва 83% мардҳои пурсидашуда худро шахсияти ба балоғат расида мешуморанд, ҷавобҳои онҳо ба дигар саволҳои тест оид ба мавҷуд будани болиғии шахс шаҳодат намедиҳанд. Болиғии шахсияти одами калонсол бо он ифода мегардад, ки ӯ ба алоқаи амиқ байни одамон, ба он ки бе зарар расонидан ба худ ва ба дигарон имконнопазир аст, боварӣ доранд, ки амалҳои худро идора карда метавонад ва ба инкишофи рӯҳӣ кӯшиш менамояд. Озодии хештангароӣ, ҳисси ухдадории шахсӣ, мустақилият, дӯстиро қадр намуда, ба табиат муносибати ғамхорона дорад. Нишонаи фарққунандаи шахсияти болиғ муносибати даркшаванда ба солимии ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва руҳии худ, ҳамчун манбаъ ва шарти ҳатмии фаъолияти ҳаёти муқаррарӣ ва фаъолии дарозмуддат дар тамоми самтҳои зиндагӣ мебошад.

Дар байни нишондодҳои арзёбии болиғии шахсият ва солимии руҳӣ хусусиятҳои коммуникативӣ ворид карда мешаванд. Солимии руҳӣ қобилияти инсонро барои муқовимат бо сарбориҳои зиёд ё ками руҳӣ шарҳ медиҳад. Ҳолати солимии руҳиро метавон мувофиқи нишонаҳои эҳсосотии инсон, худбаҳодиҳии ӯ дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт, мувофиқи қобилияти (ё надоштани қобилияти) интихоби масъулиятнокии ин ё он рафтор (мувофиқи он ки то кадом андоза зуд инсон ба муҳити хурд, нисбат ба гурӯҳҳои муайяни одамон, аз ҷумла ба онҳое ки ба доираи бевоситаи муоширати шахси мазкур дохил намешаванд) мутобиқ мегардад, шарҳ дод.

Мо мушоҳида менамоем, ки дар баъзе аз корҳои равоншиносон ҳарчанд мафҳуми «солимӣ» истифода бурда намешавад, нишонаҳои алоҳидаи он ба сифати хусусиятҳои шахсияти «худмуҳимкунанда» ва «худнобудсозанда» ба инобат гирифта мешаванд. Масалан, А. Маслоу дар «шахсияти худмуҳимкунанда» чунин хусусиятҳоро фарқ мекунанд:

1. Ҳамаро эҳтиром намудан;
2. Ҳамдардӣ ё ғамхорӣ ба ҳама;
3. Ҳасосиятнокӣ ба мушкилиҳо;
4. Эътироф намудани худ, дигарон ва табиат;
5. Сифатҳои маънавӣ, ҷӯстуҷӯи (аммо на он қадар сершумори) муносибатҳои амиқи байни шахсиятӣ,
6. Табиӣ будан [8, с. 78-79].

А.К. Колеченко дар байни хусусиятҳои «шахсияти худнобудсозанда», ки бо ҷараёни таҳсил ҳангоми ташкили анъанавии он, ташаккул меёбад, ном мебарад:

1) Худмуайянкунии нодуруст, албатта талқини нодуруст, барои воқеан худро дидан, халал мерасонад;

2) Худазобдиҳӣ, доимо худро танқид кардан, новобаста аз дастовардҳо ё хусусиятҳои шахсӣ;

3) Фикрҳои хато дар бораи худ (баҳодиҳии воқеӣ набуда, барзиёд баҳо додани қобилиятҳо, тамоюлҳо ва мақсадҳои худ);

4) Вобастагӣ (аз ҷиҳати эҳсосотӣ аз дигарон вобаста буда, аз худ мегурезад);

5) Зиддият (зарурияtро ба дигарон рад намудан ва танҳоии маҷбурӣ).

Дар байни хусусиятҳои натиҷавии ташаккули чунин шахсият, муаллиф рӯй гардониданро аз ҳиссиёти худ, гӯш карда натавонистани дигарон, қобилияти сусти қаноатманд шудан, паст зании дигарон, намунаи маҳдуди рафтор ва ғайраро [6, с. 17], ки метавон ҳамчун нишондоди носолимии шахсият баррасӣ намуд, ном мебарад.

Ҳамин тариқ, солимӣ ҳамчун хусусияти якҷояшавии шахсият, ки ҳам олами дарунӣ ва ҳам тамоми муносибатҳои мутақобилаи хос бо муҳитро дар бар мегирад ва ба он ҷанбаҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва руҳӣ шомил мегарданд, ҳамчун ҳолати таносуб байни имкониятҳои мутобиқшавии инсон ва шароитҳои мунтазам тағйирёбандаи муҳити атроф баррасӣ карда мешавад. Ҳамзамон, онро ҳамчун худи мақсад баррасӣ карда мумкин нест. Он мавод барои роҳандозии пурраи иқтидори ҳаётии инсон мебошад. Солимӣ мувофиқати инкишофёбии шахсият, пуррагии сохтори он, устуворӣ ба иллатҳои гуногуни соҳаи даркнамоӣ, эҳсосотӣ, маънавӣ ва рафториро таъмин менамояд.

Муаллифон ҳамаи ҷанбаҳои солимиро бо дар ҳар яки он ҷудо намудани вазифа ва нишонаҳои муҳимтарин, ки барои сухан рондан оид ба низоми «ҳаракатҳо», оид ба сатҳҳои солимӣ ва инчунин алоқаи мутақобила ва вобастагии тарафайни солимии зеҳнию соматикӣ, руҳию маънавӣ, зеҳнию руҳӣ имконият медиҳанд, тавсиф кардаанд. Вай ба хусусиятҳои махсуси «бемориҳои раванди педагогӣ», ки баамалоӣ ва инкишофёбии бемориҳои субъектҳои онро тамоюл менамояд, таваҷҷуҳ мекунанд.

Мустаҳкамнамоӣ ва рушди солимӣ дар ҷараёни таҳсил хусусияти худро дорад, ки ин дар навбати аввал ба муносибатҳо бо самаранокии ҷараёни таълим вобаста мебошад.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии низоми таҳсили Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад, ки муассисаи таълимии умумӣ бояд низоми мукаммали дониш, маҳорат ва малакаҳои универсалӣ, инчунин таҷрибаи фаъолияти мустақилона ва масъулияти шахсии хонандаро, яъне масъулиятҳои асосиеро, ки сифати таҳсилоти муосиро муайян месозанд, ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои асосие, ки дар хонандагон донистани маҷмуи усулҳои фаъолият, ки ба инсон барои дарк кардани вазъият, ноил шудан ба дастовардҳои баланд дар сифати ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти касбӣ дар шароитҳои ҷамъияти мушаххас, имконият медиҳанд, аён мегарданд, ба души асосҳои ташаккули масъулиятнокии шахсият гузошта шудаанд.

Зимни ин талаботҳо панҷ хусусияти асосии масъулиятҳои калидиро ҷудо менамоем:

1) Тайёр будан ба пайдо шудани хусусиятҳои шахсӣ дар фаъолият ва рафтори инсон;

2) Донистани воситаҳо, тарз ва барномаҳои амалнамоӣ, ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ва касбӣ, роҳандозии қоида ва меъёрҳои рафтор, ки таркиби масъулиятҳоро ташкил менамоянд;

3) Таҷрибаи аз тарафи инсон роҳандозӣ гаштани дониш ва маҳоратҳои азхуднамуда;

4) Муносибати арзишию маъноӣ ба таркиби масъулият ва аҳамияти он ба шахс;

5) Танзими эҳсосотию иродавӣ ҳамчун қобилияти мувофиқ ба ҳолатҳои амалнамоии мутақобилаи иҷтимоӣ ва касбӣ барои батанзимдарории нишонаҳои масъулиятнокии худ.

Масъулиятнокии иҷтимоию касбии субъект ҳамчун низоми мукаммали таҳсил ба ақидаи И. А. Зимней, ки мафҳуми мазкурро дар истифода ҷорӣ кардааст, дар таркиби худ чор гурӯҳи масъулиятнокии калидиро якҷоя менамояд [5]:

1) Гурӯҳи махсус, ки хатмкунандаи донишгоҳро ҳамчун мутахассиси дорои таҳсилоти олӣ, бо омодагӣ ба фаъолияти касбӣ дар ин ё он соҳаи меҳнати ҷамъиятӣ таъмин менамояд;

2) Гурӯҳи иҷтимоию омода будан барои дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ шахси салоҳиятнок будан, амалӣ кардани муоширати корӣ ва фаъолияти гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳо, ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани тамосҳои байнишахсиятӣ дар соҳаҳои гуногуни меҳнат ва истироҳат;

3) Гурӯҳи масъулиятнокии шахсӣ, болиғии шахсият, инкишофи шахсиятро таъмин карда, ба инсон барои ба таври пурра амалӣ кардани иқтидори дарунии худ имконият медиҳад;

4) Гурӯҳи масъулияти инфиродӣ, ки ҳамчун беҳамтоӣ, ягонагӣ, хоса будани инсон ва омода будани ӯ барои интихоб кардан ва амалӣ кардани стратегияҳои шахсии ҳаёт ва фаъолият, тайёр будан барои ҳимоя кардани инфиродияти худ ва муҳофизат кардани ҳуқуқи худ, барои табиӣ будани худ, аён мегардад.

Ҳамин тариқ, масъулият дар нигоҳдории солимӣ яке аз омилҳои калидии инсон барои ҳифзи саломатии худ ва солимии ҷомеа мебошад. Мо чунин мешуморем, ки мафҳуми «масъулияти солимнигоҳдоранда», бо ворид намудан ба таркиби он ба сифати таркиби заминавии мафҳуми «тарзи ҳаёти солим» бо таври васеъ ва илова кардани он барои истифода шомил кардан мумкин аст. Ба мисли ҳамаи дигар масъулиятҳои иҷтимоӣ, масъулияти солимнигоҳдоранда фаъолияти муқаррарии инсонро дар ҳаёт таъмин намуда, дар ҷомеа коркард шуда, ташаккулу инкишоф меёбад ва айён мегардад. Албатта онро наметавон бидуни он шароитҳое, ки тамоми фаъолияти инсон дар ҳаёт амалӣ мешавад, роҳандозӣ намуд, ки дар нақшаи 1 пешниҳод мегардад.

***Нақшаи 1.***

***Нигоҳдории солимӣ дар сохтори масъулиятнокии иҷтимоию касбӣ***




***Адабиёт***


1. *Айзман, Р. И. Технологияҳои солим нигоҳдоранда дар таҳсил: дастури таълимӣ барои балакавиатураи академӣ. Нашри 2-юм, тағйирот ва иловаҳо / Р. И. Айзман, М. М. Мельников, Л. В. Косованов. - М.: Нашрияи Юрайт, 2018. – 282 с.*
2. *Баевский, Р. М. Пешгӯии ҳолатҳо дар сарҳади меъёр ва эътилол / Р. М. Баевский. – М.: Тиб. – 1979. – 295 с.*
3. *Баранов, А. А. Устуворӣ ба ассабоният ва маҳорати омӯзгорӣ / А. А. Баранов. – Ижевск: Нашрияи Донишгоҳи давлатии Удмуртск, 1997. – 107с.*
4. *Битянова, М. Мо ба хотири чӣ кӯдакро ба мактаб равон мекунем. Таҳсилоти халқӣ. / М. Битянова, 2002. – №2. С. 46 – 54.*
5. *Зимняя, И. А. Масъулиятҳои калидӣ тавсири нави натиҷаҳои таҳсил / И. А. Зимняя // Таҳсилоти олӣ, 2003. – № 5.*
6. *Иванюшкин, А. Я. "Солимӣ" ва "беморӣ" дар низоми тамоюлҳои арзишии инсон. / А. Я. Иванюшкин // Паёми АИТ ИҶШС, 1982. – Т.45. – №1. – С.49 – 58; №4. – С.29 – 33.*
7. *Колеченко, А. К. Шахсияти инкишофёбанда ва технологияҳои педагогӣ / А. К. Колеченко. – СПб.: СПбГУПМ, 1992. – 103с.*
8. *Маслоу, А. Худмубрамсозӣ. Равоншиносии мушкилиҳои инсонӣ: Хрестоматия. Сост. К.В. Сельченок. / А. Маслоу. – Минск: Харвест, 1998.*
9. *Мещеряков, А. С. Худшиносии касбии донишҷӯёни донишгоҳи муқаррарӣ ҳамчун нишонаи солимии равонӣ ва иҷтимоӣ / А. С. Мещеряков, Р. В. Рожнов, А. С. Степочкин // Омӯзгори асри XXI. – 2005. – №4. – С.55 – 61.*
10. *Сиерс, Д. Оид ба муносибатҳои гуногун ба мафҳуми «солимӣ» / Д. Сиерес, Д. Гавидия // Мактаби солимӣ, 1998. – Т.5. – №1. С. 7 – 16.*


## ФАЪОЛИЯТҲОИ СОЛИМНИГОҲДОРИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Яке аз усулҳои самарабахши паҳн намудани иттилоот оид ба тарзи ҳаёти солим ва мубориза бар зидди бемориҳо ин таъсири бевосита ба тафаккури шахс ба воситаи коллектив ва яке аз роҳҳои бисёр камхарҷ ва пурсамари ҳифзи тандурустии миллат, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои саломатӣ ба воситаи истифодабарии барномаҳо ва тадбирҳои сатҳи коллективӣ ва тиббию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дар рафти гузаронидани корҳои тадқиқотӣ аз тарафи муаллиф афзалиятҳои асосии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар низоми ҳифзи саломатии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ шарҳ дода шудааст, ки инҷо имконияти дар муддати кӯтоҳ амалигардонии лоиҳаҳои ичтимоӣ, ҷалби сармоягузории бахши хусусӣ ба объектҳои тиббии давлатӣ, кам намудани хароҷоти давлатӣ барои нигоҳдорӣ, таъмир ва истифодабарии объектҳои тиббӣ, истифодабарии технологияҳои пешқадам дар инкишофи низоми ҳифзи саломатӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** ташвиқот, мотиватсия, фароғатӣ-солимгардонӣ, арзишҳои шахсӣ, консепсия, фарҳанг.

## ОЗДОРОВИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Одно из причин недостаточной ориентации студентов на здоровый образ жизни, является то, что физическое воспитание в учебных заведениях ориентировано на стандартную общую физическую подготовку без учета индивидуально-ценностных ориентаций студентов в физической культуре. Однообразная направленность средств, методов, содержания и форм обучения и воспитания в области физической культуры не способствует развитию и становлению личностной физической культуры как одного из важных видов общей культуры молодого человека. Все это отразилось в снижении потребностной сферы, заинтересованности и мотивов у студентов к личностной физкультурной деятельности. К действенным стимулам в рекреативно-оздоровительной деятельности могут быть отнесены: агитация и пропаганда, совершенствование материальной базы, удобное расписание занятий, расширение возможностей для предпочтительного выбора занятий рекреативно-оздоровительной деятельностью, увеличение свободного времени, профессионализм преподавателя, ощутимое улучшение состояния здоровья.

**Ключевые слова:** агитация, мотивация, рекреативно-оздоровительный, личные ценности, концепция, культура.

## HEALTH ACTIVITIES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF LEARNING

One of the reasons for the insufficient orientation of students towards a healthy lifestyle is that physical education in educational institutions is focused on standard general physical training without taking into account the individual value orientations of students in physical culture. The monotonous orientation of means, methods, content and forms of training and education in the field of physical culture does not contribute to the development and formation of personal physical culture as one of the important types of general culture of a young person. All this was reflected in the decrease in the need sphere, interest and motives of students for personal physical activity. Effective incentives in recreational and recreational activities can include: agitation and propaganda, improvement of the material base, convenient class schedule, expansion of opportunities for the preferred choice of recreational and recreational activities, increase in free time, professionalism of the teacher, tangible improvement in health status.

**Keywords:** agitation, motivation, recreational and health-improving, personal values, conception, culture.

***Дар бораи муаллиф***
*Одинаев Носирҷон Абдулваҳобович*
*Омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: nosirodinaev517@gmail.com*

***About the author***
*Odinaev Nosirjon Abdulvahobovich*
*Senior teacher of the department of general biology and methodology for teaching biology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: nosirodinaev517@gmail.com*

***Об авторе***
*Одинаев Носирджон Абдулвахобович*
*Старший преподаватель кафедры общей биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: nosirodinaev517@gmail.com*

ТДУ 371.315.3

# МЕТОД ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

***Саидзода Н. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Асри XXI дар таърихи инсоният ҳамчун асри маърифат ва илму техника ворид шуд, зеро дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ҳам пешрафти илмӣ-техникӣ тули сад соли гузашта ба дастовардҳои бузурги соҳаи илму маориф ноил гардид. Таълиму тарбия ба як неруи пуриқтидори иҷтимоӣ табдил ёфта, на танҳо ба рушди илм ва фарҳанг, балки ба иқтисод, равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, дараҷаи ташаккули неруи зеҳнӣ ва сифати зиндагии ҳар як шахси воқеӣ таъсири бевосита расонид.

Муносибатҳои нави иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки дар ҷомеаи башарӣ рӯз аз рӯз инкишоф меёбанд, ба чунин сифатҳои шахсият ба монанди мустақилият, ташаббускорӣ ва салоҳиятнокӣ, қобилият ва пешниҳоди афкори тоза, қабули қарорҳои босаводонаи соҳавӣ, одат карда тавонистан ба тезтағйирёбии ҳаёти рӯзмарра, кӯшиши доимӣ ба маълумотгирӣ бетанаффус ва рушди донишҳои зеҳнӣ талаботи баландро тақозо мекунанд.

Навсози (иноватсия)-и соҳаи маорифи кишвар бо назардошти тамоюлҳои мусбати рушди он дар ҷаҳон, инчунин ба ҳадафҳои стратегии таълим, ки асосан ба ташаккули инфраструктура ва фароҳам овардани шароит барои мутобиқати бомуваффақияти насли наврас барои тағйири шароитҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст, ба назар гирифта мешаванд [10, с. 238].

Раванди технологияи таълими инноватсионӣ дастгирии ҳамаҷонибаро аз ҷониби омӯзгорон, хонандагон, волидайн ва мақомотҳои идоракунӣ тақозо мекунад. Гуфтаҳои дар боло зикргардида имконият медиҳанд, ки омилҳое ҷудо карда шаванд, ки барои сермаҳсул гаштани раванди таълими инноватсионӣ тадбиқи методологии он мусоидат менамоянд:

а) имконияти эҷодии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, барои амалӣ намудани технологияҳои нав ва омӯзиши фаъолияти инноватсионӣ бо иштирокчиёни раванди таълим;

б) лоиҳаҳои маҷмуии (комплексии) коркарда баромадашуда (барномаҳо, нақшаҳо), ки бузургиҳои (параметрҳои) на танҳо худи раванди инноватсиониро дар бар мегирад, балки муҳитеро, ки ба он таъсир мерасонанд низ дар бар мегиранд. Моҳияти ин омил дар шароити идоракунии дохилимактабӣ самтнокии махсус дорад, яъне ҳар як тағйирёбӣ, навигарӣ дар системаи идоракунӣ бояд ба ҳамдигар алоқаи мутақобила ва идомаи мантиқӣ дошта бошанд;

в) маслиҳатдиҳӣ нисбати лоиҳаҳо (барномаҳо, нақшаҳо) ва эътимоднокии амалҳои роҳбарон, имконпазирии офаридани вариантҳои алтернативӣ,ислоҳи ҳозиразамонро таъмин менамояд. Нақши ин омил бузург мебошад, чунки ҳар як навоварӣ ҳама вақт як навъ мушкилиро пеш меорад. Аз ин ҷо зарурати ҷустуҷӯйи кафолатҳо барои пешгирӣ намудани оқибатҳои манфӣ, муайян намудан ва асоснок намудани шароитҳои ноил шудан ба натиҷаҳои муайян дар рафти фаъолияти инноватсионӣ ва имконпазирии амалҳои ҷубронкунанда, дар натиҷаи рӯ ба рӯ шудан ба нобарорӣ пайдо мешавад;

г) муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ҳамчун кафили фаъолияти инноватсионӣ аз нигоҳи таъминоти психологӣ-педагогӣ, илмӣ-методӣ ва моддӣ – техникии он баромад менамояд;

ғ) мавқеъ ва нақшии иштирокчиёни раванди инноватсионӣ. Онҳоро ҳамчун ташаббусӣ мусоидаткунанда, муқобилияткунанда ва амалнакунанда тавсиф намудан мумкин аст. Комилан фаҳмо аст, ки афзалиятнокии онҳо ба иқтидори инноватсионии муассисаи таълимӣ куллан таъсир мерасонад, яъне ба қобилияти офаридан ва амалӣ гардонидани навоварӣ, озод шудан аз он чизҳое, ки аҳамияти худро гум мекунанд [1, с. 41 - 47].

Фаъолияти инноватсионӣ бо таснифоти навигариҳо, яъне тавсифи он аз рӯйи аломатҳои хоси онҳо алоқамандии ногусастанӣ дорад. Қиёсан бо таснифоти қабули умуми таснифоти зерини навовариҳоро пешниҳод намудан мумкин аст, ки басифати асоси онҳо мафҳуми дараҷанокии гуногуни навигарӣ гузошта мешавад:

- ғояҳо ва амалҳои комилан нави пештар маълум набуда;
- ғояҳо ва амалҳои маълум, аммо мутобиққардашуда, васеъкардашуда, тағйирдодашуда, яъне ба шароитҳои мушаххас нигаронидашуда;
- ғояҳо ва амалҳои дар таърихи назария ва амалияи педагогӣ пештар маълумбуда, ки дар вазъияти нав акнун пайдо мешаванд.

Таснифоти мазкур имконият медиҳад, ки навигариҳо муайяну таҳлили муқоисавӣ карда, пешгӯӣ карда шавад.

Аз рӯйи хусусият ва амал раванди инноватсиониро ҳамчун дохилиташкилотӣ ва байниташкилотӣ тасниф намудан мумкин аст. Таснифоти мазкур имконият медиҳад, ки шартҳои муваффақона амал намудан ва аз худ намудани навигарӣ дар сатҳи мактабӣ мушаххас ва дар сатҳи минтақавӣ муайян карда шавад, алоқаҳои мутақобила ва вобастагии байниҳамдигарӣ муқаррар карда шавад.

Навовариҳоро ҳамчунин вобаста аз давраи истифодабарии онҳо ҳамчун кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат тавсиф намудан мумкин аст.

Ба чунин мафҳумҳо ба монанди "истифодабарӣ", "мутобиқшавӣ" ва тағйирдиҳии навигарӣ низ диққат додан зарур аст. Истилоҳи "истифодабарӣ" имконияти амалигардонии навигариро бо мақсадҳои гуногун пешбинӣ менамояд, яъне амалан сухан дар бораи гуногунсоҳа будани он меравад. Ҷанбаи дигари истифодабарии навигарӣ баробари ворид намудани ягон тағйирот таҳлили амиқи вазъиятеро, ки дар он навоварӣ амалӣ гардонида мешавад, талаб менамояд.

Проблемаи мутобиқшавии навигарӣ хусусияти хоси худро дорад. Вай бо он алоқаманд аст, ки дар фаъолияти мактаб бисёр вақт сухан "маҳз дар бораи мутобиқшавии навигарии аз дигар соҳа гирифташуда ба шароити соҳаи нав мераванд. Ба ин гуна навигариҳо одатан интиқолдиҳии механикӣ аз як система ба дигараш хос мебошад, ки дар бештари мавридҳо ба аз байн рафтани мақсади навигарӣ дар шароити инкор намудани хусусияти хоси системаи маориф, таърихи он ва анъанаҳои он оварда мерасонад.

Навовариҳои педагогӣ дар ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ аз муносибатҳои зерин баррасӣ ва дида баромада мешаванд:

а) ташкили фаъолияти муассисаи таълимӣ дар умум, ҳангоме ки реҷаи ҳафтаи таълимии панҷрӯза ё шашрӯза, хусусияти хоси сохтори муассисаи таълимӣ (мактаб – боғчаи бачагон, мактаб, муассисаи олии таълимӣ, литсей, гимназия ва ғайраҳо) дар назар дошта мешаванд, яъне реҷаи фаъолияти тадрисӣ ва ғайритадрисӣ дар назар дошта мешавад.

б) ташкили меҳнати омӯзгор: хусусиятҳои сарбории таълим ва ғайритаълимӣ, алоқамандии мутақобилаи мӯҳтаво, методикаҳо ва услубҳои таълим бо ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳо, санҷишҳо, конфронсҳо ва ғайра); технологияи раванди таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун соҳаи амали мутақобилаи хонанда ва омӯзгор, занҷири амалҳо оид ба аз нав бавуҷудоварии вазъиятҳои таълимӣ; ташкили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, эҷодӣ ва системаи баланд бардоштани такмили ихтисос; фаъолияти якҷоя дар шароити намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ–муассисаи таълимии олӣ, пажӯҳишгоҳҳо (донишкадаҳои илмӣ-тадқиқотӣ) ва ғайра;

в) ташкили меҳнати хонандагоне, ки бояд сатҳи давлатии таълим ва самтҳои муайянро таъмин намояд, яъне шароитҳо барои инкишофи имкониятҳо ва рағбатҳои шахсиятӣ, имконияти эҷодӣ ва ҳолати ҷисмонӣ мутобиқи талаботҳои меъёрии реҷаи беҳдоштӣ санитарӣ-гигиенӣ ва ҳифзи саломатӣ [8, с. 73].

Дар илми педагогика сифатҳои нисбатан барҷастаи зеҳн шахсият маъмуланд, ки он ҷӯяндагӣ ва амиқии ақл, таҳлилу таркиби тафаккури мантиқӣ ва исботшавандагӣ ба ҳисоб мераванд. Кунҷковӣ ё ҷӯяндагӣ аз ҳиссиёти шахсият вобаста аст, ки албатта барои фаҳмидани ҳаматарафаи ин ё он ҳодиса ё чизе равона карда мешавад. Ин раванд метавонад

заминаи фаъолияти маърифатии инсоният аз ҷумла хонандагон бошад ва маърифат низ ин рушноӣ барои нигоҳдории ҳамагуна фаҳмишҳо аз қабили дарки зеҳн мебошад. Яъне, асосноккуниҳои технологияи таълими инноватсионӣ метовонад дар заминаи методҳои хеш ба ташаккули неруҳои зеҳнӣ таъсири худро расонад.

Дар асл, мақсади таълим танҳо аз андӯхтани дониш, малака ва маҳорат иборат нест. Дар вақти таълим сифатҳои беҳтарини шахсият ташаккул меёбанд. Яке аз чунин сифатҳо фаъолии маърифатӣ мебошад. Ин сифати шахсият дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ, ки ба фаъолии мақсадноки фард марбут аст, ҳосил мешавад. Фаъолӣ дар ин ҳолат ҳамчун восита ва шароити ба ҳадаф расидан эътироф мешавад. Фаъолии маърифатӣ ҳамешагӣ нест, дар раванди фаъолият ё худ фаъолияти таълим ташаккул меёбад ва ба сифати фаъолияти маърифатӣ таъсир мерасонад. Табиист, ки метод ва методологияи ҷанбаҳои педагогии тадбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар ҳолати мувофиқат гардидан заминаи рушди зеҳнии хонандагон шуда метавонад.

Аз ин рӯ, фаъол гардонидани таълими мактабиёнро аз ҷониби муаллим сафарбар намудани қувваҳои фикрӣ, иродаи маънавӣ ва ҷисмонии хонандагон барои ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ноил гаштан, фаҳмидан ва қобили қабул донистан мумкин аст, яъне фаъол гардонидани таълим рафт ва натиҷаи ҳавасманд намудани фаъолии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Д. Э. Бауман қайд мекунад, ки муваффақияти кори таълиму тарбия то андозаи муайяне ба фаъолияти фикрии хонанда вобастагӣ дорад. То кадом дараҷа онҳо (хонандагон) худашон ҳалли дурустро ҷустуҷӯ кунанд, то андозае, ки рағбати дарки онҳо гуногун бошад, ҳамонқадар сифати дониши онҳо баланд аст, ҳамон қадар онҳо барои зиндагӣ тайёрии хуб мегиранд [2, 3].

Воқеан ҳам, саҳми шавқу ҳавас ва рағбат дар рафти фаъолияти педагогӣ бузург аст. Дарсе, ки шавқу рағбати хонандагонро ба фани омӯзишӣ дар ҷӯшу хурӯш наорад, бешубҳа, ба бад шудани интизом, пастшавии диққат ва умуман камдонишию паст шудани маърифати хонандагон оварда мерасонад.

Аз қоидаҳои иқтибосшуда зарурати омӯзиши бевоситаи ҷараёни рушди зеҳнии хонандагон дар шароити муайяни таълим аён аст. Маҳз чунин далелу рақамҳо, пеш аз ҳама ва асосан, ҷараёни воқеии рушди фаъолияти психикии хонандагонро инъикос менамояд.

Барои расидан ба ин мақсад ба хонандагон чунин масъалаҳоро пешниҳод намудан лозим аст, ки онҳо такрори одии донишу малакаҳои мактабӣ ё истифодаи онҳо бошанд. На ҳамаи масъалаҳо аз он коре, ки хонандагон дар дарс иҷро мекунанд, тафовути яксон доранд. Чунончи, масъалаҳои доир ба мушоҳидаи ашё ва масъалаи тайёр кардани объект бо мақсади омӯзиши фаъолияти амалӣ дода мешавад ва он назар ба масъалае, ки мавзуъҳои мавҳумӣ (абстрактӣ)-ро дар назар дорад ва бо тафаккури мавҳумӣ ниёз дорад, ба вазъияти одии мактабӣ наздиктар буда метавонад. Аммо ҳамаи масъалаҳои номбаршуда ҳам аз рӯйи мавод ва ҳам аз рӯйи вижагиҳои амалҳои иҷрошаванда аз фаъолияти таълимии хонандагон ба куллӣ фарқ мекунанд.

Мувофиқан, омӯзиши рушди зеҳнӣ бояд дар маҷрои муқоисаи хонандагони синфи озмоишӣ, аз як тараф ва синфҳои мувозӣ, ки барои мо назоратӣ мебошанд, аз тарафи дигар, гузаронида шавад. Маҳз бо шарофати муқоиса муносибати ҳақиқии байни таълим ва рушд бояд ошкор карда шавад.

Дар раванди ҳалли масъалаи мазкур набояд шахсияти хонандаро аз мадди назар дур кард. Барои тавсифи пурраи вазъи хонандагон ва омӯзиши рушди зеҳнии онҳо мушоҳида аз болои хонандагон дар вақти дарс ва дигар лаҳзаҳои ҳаёти мактабӣ, маълумот дар бораи азхудкунии донишу малакаҳо, мушоҳидаҳо дар оила ва ғ. ба сифати мавод хизмат мерасонанд.

Сарфи назар аз аҳамияти он, чунин маводи воқеӣ ба ҳар ҳол нокифоя аст. Танҳо далелҳои озмоишӣ, ба дақиқии бештар рушди тарафҳои алоҳидаи психикаро инъикос менамоянд. Мо дар ин самт мушоҳида, тафаккури мавҳум ва фаъолияти амали хонандагонро мавриди омӯзиш қарор додем.

Аз рӯйи самтҳои алоҳидаи мушоҳидаи таҳлилӣ, тафаккури мавҳум, фаъолияти амалиро пайгирӣ карда, мо ба ҷиҳатҳои боқимондаи шахсияти хонандагон такя мекунем. Ба туфайли ин, бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ муқаррар кардани натиҷаи сохтори муайяни ҷараёни таълим ва дар як вақт роҳандозӣ намудани таҳлили муфассали сифатии рушди зеҳнии хонандагон имконпазир мегардад.

Ҷудокунии самтҳои бақайдгирифташудаи рушди зеҳнии хонандагон барои омӯзиши аниқ ба фарзияи мо мувофиқат дорад. Он нуқта, ки сохтори таълими озмоишӣ, аз як тараф ва таҳқиқи раванди рушди зеҳнӣ, аз тарафи дигар, самтҳои гуногун доранд, маҳз имконияти мусоид барои идроки робитаҳои мураккаб байни таълиму рушдро дар бар мегирад.

Иҷрои вазифаи умумӣ, ки онро мо дар назди таълими озмоишӣ гузоштем, аз рӯйи самтҳои ташаккули ин ё он амали зеҳнӣ сурат намегирад. Сухан на дар бораи он меравад, ки як тараф ё як бахши таълим ба ташаккули як қисми амалҳои зеҳнӣ ва қисми дигар ба амалиёти дигар қисмҳои хизматрасон мебошад.

Таҳқиқоти озмоишии мо на дар самти ба таҳлили педагогии натиҷаи чашмдоштӣ мувофиқбуда, балки дар заминаи мантиқи қоидаҳои муайяни дидактикӣ ба роҳ монда мешавад [10, с. 59-62].

Омӯзиши рушди мушоҳидаро мо зарур донистем, чунки дар ин фаъолият ҷараёни идрок унсури асосӣ мебошад.

Дар ин давраи таҳқиқотӣ мо таваҷҷуҳро ба тафовути ин ё он намуди тафаккур равона намесозем, зеро онҳо чун мавзуи таҳлил дар оянда хизмат мекунанд. Мо, пеш аз ҳама, он тағйироти умумиеро баррасӣ менамоем, ки дар шароити муайяни омӯзиш нақш хоҳанд дошт. Ошкор кардани тағйирот аз рӯйи мушаххасоти ҳамаи синф умуман ба муайян сохтани вижагиҳои мушоҳида дар гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон асос меёбад. ғайр аз ин, мо мушоҳидаро боз маҳз барои он омӯхтем, ки он фаъолияти мураккаб мебошад. Он мунтазам дар ҷараёни таълим вомехӯрад. Идроке, ки қисми муқарраркунандаи мушоҳида мебошад, дар ин ҷо, узван бо тафаккур алоқаманд аст.

Ба таркиби мушоҳидаи хонандагон навъи махсуси тафаккур дохил мешавад. Ин ҷараёнҳои зеҳнӣ бевосита ба идроки ҳиссии ҳақиқат такя карда, танҳо таҳлилу синтези ибтидоии маълумоти озмоиши ҳиссӣ (номи гулҳо, шаклҳо ва аломатҳои дигар; муқаррарсозии тафовут ва шабеҳии қисму хусусиятҳои бевосита даркшавандаи ашёҳо ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Ин ҳолатро ба ҳисоб гирифта, мо ба сифати самти дуюми рушд, ки онро низ омӯхтан лозим аст, тафаккури мавҳумро ҷудо намудем, чунки маҳз дар тафаккури мавҳум моҳияти рӯйдодҳои ҳақиқати объективӣ беҳтару амиқтар дарк мегардад [9, с. 24].

Дар ин асно истифодаи самараноки иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро ҳамчун воситаи рушди донишҳои зеҳнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ манзур намудем. Таҳқиқот донишҳои илмиро дар бар гирифта, хусусиятҳои асосии он – воқеӣ, мақсаднокӣ, пойдорӣ, беихтилофӣ аст. Истифодаи васоити самараноки иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро ҳамчун воситаи рушди донишҳои зеҳнӣ дар дигар назарияҳои илмӣ, принсипи системанокӣ нигоҳ дошта, онро тарҳрезӣ, васлкунӣ мекунад, яъне мавқеи асосиро системаи мазкур ташкил менамояд. Принсипи умда дар назарияи воқеият метавонад фақат принсипи илмӣ бошад, вале на идеологӣ.

Хуллас, дар натиҷаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ташаккул ёфта, мустақилият пайдо карда, донишҳои зеҳнӣ рушд, маҳорат ва малакаи онҳо ташаккул ва коркард шуда, таҷрибаи аввалияи фаъолияти касбиро пайдо мекунанд.

### *Адабиёт*


1. *Кадиров, К. Б. Ҷараёнҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти олӣ / К. Б. Кадиров // Сиёсати таҳсилотӣ. – 2006. - №7. - С.41-47.*
2. *Коменский, Я. А. Великая дидактика / Я. А. Коменский. - М.: Просвещение, 1988. – 240 с.*
3. *Лутфуллоев, М. Дарс / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1995.- 93 с.*
4. *Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. – 318 с.*
5. *Луфуллозода, М. Андешаҳои перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М. Лутфуллоев,*

*Ғ. Бобизода. – Душанбе, 2001. – 146 с.*
6. *Махмудов, М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмудов. – М.: Педагогика, 1975. – 368 с.*
7. *Раҳимов, Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 108 с.*
8. *Саидов, М.В. Маълумоти инноватсионӣ ҳамчун фарҳанги иҷтимоӣ / М. В. Саидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2013. - № 3. – С. 73.*
9. *Саидов, М.В. Педагогические основы составления и применения программированних конспектов лекций в высших учебных заведениях / М.В. Саидов. – Душанбе, 2005. – 24 с.*
10. *Саидов, Н.Т. Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи руштди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ: монография / Н.Т. Саидов. – Душанбе, 2020. - С. 59-62.*
11. *Шарифзода, Ф. Инноватсияи педагогӣ / Ф. Шарифзода, И. Каримов, С. Сулаймонӣ ва диг. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 238 с.*
12. *Шаталов, В.Ф. Эксперимент продолжается / В.Ф. Шаталов.- М.: Педагогика, 1989. - 156 с.*

## МЕТОД ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур таҳлил ва аҳаммияти усулҳои инноватсионии таълим вобаста ба инкишофи донишҳои зеҳнии донишҷӯён дар доираи фанҳои таълимӣ оварда шудааст. Муаллиф омилҳои таъсиррасонии усулҳои таълими инноватсиониро дар инкишофи зеҳнии донишҷӯён бо далелҳои илмию амалӣ натиҷагирӣ намуда, муҳиммияти онро ҳамчун воситаи самараноки рушддиҳанда шуморидааст. Муаллиф баён намудааст, ки коркарди шаклҳо ва усулҳои нав ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионии таълим, ҷорӣ намудани дастовардҳои прогресси илмӣ - техникӣ ва истифодаи усулҳо ва воситаҳои нави таълим ба болоравии раванди самаранокии таълим ва рушди донишҳои зеҳнӣ мусоидат намуда, дар ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва тадбиқи технологияи инноватсионӣ замина хоҳад гузошт. Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки дар натиҷаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ташаккул ёфта, мустақилият пайдо карда, донишҳои зеҳнӣ рушд, маҳорат ва малакаи онҳо ташаккул ва коркард шуда, таҷрибаи аввалияи фаъолияти касбиро пайдо мекунанд.

**Калидвожаҳо:** метод, методология, инноватсия, таълим, зеҳн, омӯзгор, донишҷӯ, технология, интегратсия.

## МЕТОДИКА И МЕТОДОЛОГИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ПРИМЕНЕНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ КАК ОСНОВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ОБУЧАЮЩИХСЯ

В данной статье представлен анализ и значение инновационных методов обучения, связанных с развитием интеллектуальных знаний учащихся в сфере образования. Автор заключил факторы влияния инновационных методов обучения на интеллектуальное развитие учащихся с данными прикладной науки и рассмотрел их значение как эффективного средства развития. Автор констатировал, что разработка новых форм и методов создания инновационных образовательных технологий, внедрение достижений научно-технического прогресса и использование новых методов и средств обучения способствуют повышению эффективности образовательного процесса и развитие интеллектуальных знаний, заложит основу для защиты экономических интересов страны и поиска новых источников экономического развития, повышения конкурентоспособности отечественного производства и применения инновационных технологий. В данной статье отмечается, что в результате использования активных методов обучения формируется познавательная деятельность учащихся, они обретают самостоятельность, формируются и обрабатываются их интеллектуальные знания, умения и навыки, они получают первый опыт профессиональная деятельность.

**Ключевые слова:** метод, методология, инновация, образование, интеллект, преподаватель, ученик, технология, интеграция.

**METHODS AND METHODOLOGY OF PEDAGOGICAL ASPECTS OF APPLICATION OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES AS A GROUND FOR INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF STUDENTS**

In this article, the analysis and importance of innovative teaching methods related to the development of students' intellectual knowledge in the field of education is presented. The author concluded the factors of influence of innovative teaching methods on the intellectual development of students with the evidence of applied science and considered its importance as an effective means of development. The author stated that the development of new forms and methods for the creation of innovative educational technologies, the introduction of the achievements of scientific and technical progress and the use of new methods and tools of education contribute to the increase in the effectiveness of the process of education and the development of intellectual knowledge, protect the economic interests of the country and find will lay the foundation for new sources of economic development, increasing the competitiveness of domestic production and the application of innovative technology. In this article, it is noted that as a result of the use of active teaching methods, the students' cognitive activity is formed, they gain independence, their intellectual knowledge, skills and abilities are formed and processed, and they get the first experience of professional activity.

**Keywords:** method, methodology, innovation, education, intelligence, teacher, student, technology, integration.

***Дар бораи муаллиф***
*Саидзода Низомиддин Тоҷиддин*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторе***
*Саидзода Низомиддин Таджиддин*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей психологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the author***
*Saidzoda Nizomiddin Tojiddin*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate professor of the Department of General Psychology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

ТДУ 378.2:681.3

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

***Раҳмонова М. Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Раванди иттилоотонии ҷамъият ба манфиатҳои ҳаётии ҳамаи аъзои ҷамъият дахл мекунад. Иттилоотонӣ фаъолона ба ҳамаи соҳаҳои амалияи иҷтимоӣ дохил мешавад. Айни замон низоми маорифи ватанӣ дар фаҳмиш ва қабули ин тамоюлот ба таври назаррас қафо мондааст. Танҳо якчанд сабабҳои ин қафомониро зикр мекунем.

Сабаби якум дар он аст, ки педагогикаи муосир комёбиҳои илмҳои ҳамҷавор – сотсиология, психология, физиологияи синнусолӣ, назарияи идоракуниро дар сатҳи зарурӣ истифода намебарад. Сабаби дувум он аст, ки дар илми педагогика имкониятҳои дидактикии воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба қадри кофӣ омӯхта ва амалӣ гардонида нашудаанд. Анъанаи реша давонидаи такмили таҷрибаи таълим тавассути таҷрибаи инфиродии педагогҳои алоҳида сабаби севум ба шумор меравад. Лозим ба таъкид аст, ки анъанаҳои мазкур ба тезонидани динамикаи инкишофи раванди иттилоотонии маориф мусоидат намекунанд.

Раванди иттилоотонии маориф яке аз самтҳои афзалиятноки иттилоотонии ҷамъияти муосир мебошад. Иттилоотонӣ дар соҳаи маориф бо ҷорӣ намудани воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ ба предмети соҳаҳои мухталиф, ба фаъолияти касбии омӯзгорон ва ташкили идоракунии раванди таълиму тарбия якҷоя давом мекунад.

Яке аз тамоюлҳои асосӣ, ки дар ҷамъият, аз ҷумла, дар маориф ба вуқуъ мепайвандад, фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ мебошад. Аз охири солҳои бистуми асри XX тадриҷан ва ба тариқи ғайриодӣ босуръат нақши дониш дар ҷамъият афзоиш меёбад. Ҳуҷҷатҳои меъёрии аввалини марбут ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ба низоми маориф ҳанӯз солҳои 80-уми қарни XX пайдо шуда буданд. Соли 1986 дар барномаҳои таълимии мактабҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) бори аввал курси “Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор” дохил карда шуд, ки масъалаҳои тайёрии омӯзгорони информатика ва таҳияи мундариҷаю методикаи тадриси фанни навро ба миён овард.

Раванди иттилоотонии таҳсилот таҳияи муносибатҳоро ба истифодаи иқтидори технологияҳои иттилоотонии таълим барои инкишофи на танҳо шахсияти донишҷӯ, балки дар онҳо ташаккул додани донишу маҳорат ва малакаҳои коркарди стратегияи ҷустуҷӯи ҳалли вазифаҳои амалӣ ва таълимӣ низ хеле муҳим мегардонад. Ба раванди таълим ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии таҳсил барои ташаккули шакли усулан нави таҳсили муттасил, ки ба хударзёбии фаъолона такя мекунад ва бо воситаҳои техникӣ дастгирӣ мегардаду бо натиҷаҳои хударзёбии фаъолияти худомӯзии инсон ангезиш меёбад, чун асос хизмат карда метавонад [6, с. 370].

Иттилоотонии таҳсилот ногузир ба дигаргуншавии ҳамаи ҷузъҳои низоми маориф сабаб мешавад. Барои он ки ин дигаргуншавӣ дар такмили шаклу усулҳои таълиму тарбия ифода ёбанд на танҳо муассисаҳои таҳсилотиро бо таҷҳизоту барномаҳои таъминотии ҳозиразамон, воситаҳои электронии таъйиноти таълимию таҳсилотӣ муҷаҳҳаз кардан лозим аст, балки тайёрии махсуси кормандони низоми маорифро дар соҳаи ба вуҷуд овардану истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи касбӣ ташкил кардан зарур аст.

Зарурати тайёрии мазкур дар он аст, ки омӯзгори муосир на танҳо бояд дорои донишҳои бунёдӣ оид ба соҳаи худ бошад, балки имкониятҳои нодири истифодабарии технологияҳои иттилоотию иртиботиро хуб донад ва онҳоро дар раванди таълим истифода бурда тавонад. Омӯзгори фанҳои гуманитарӣ бояд воситаҳои мазкурро ҳам ба сифати

объекти омӯзиш ва ҳам ба сифати воситаи таълим истифода бурда тавонад. Ин воситаҳо мунтазам инкишоф меёбанд, бинобар ин, омӯзгор бояд на танҳо рушди технологияҳои рақамиро пайгирӣ намояд, балки мунтазам усул, воситаи таълим ва тарзҳои ташкили фаъолияти амалию маърифатии донишҷӯёни равияи гуманитарӣ, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ амалӣ карда мешаванд, такмил диҳад, низомҳои автоматонидаи идоракунии раванди таълиму тарбияро аз худ кунад ва дар амал истифода барад.

Иқтидори инноватсионии муассисаҳои таълимӣ қобилияти муассисаҳои мазкурро дар сохтан, идрок кардан ва амалӣ намудани навгониҳо, ҳамчунин, саривақт аз баҳри ҳамаи чизҳои куҳна ва ғайриқобили қабул баромаданро дар назар дорад. Ин қобилият ба туфайли ҷидду ҷаҳди эҷодии аъзои ҷомеаи омӯзгорон, муносибати онҳо ба навгониҳо ба вуҷуд меояд. Иқтидори инноватсионии ҷомеаи педагогиро образнок карда, чун "таъсирпазирӣ ба навовариҳо" номидан мумкин аст. Дар хориҷа истилоҳи "таъсирпазирӣ"-ро бештар чун пазируфтани навгонӣ истифода мебаранд ва чун қарори истифодаи ягон навгониҳо шарҳ медиҳанд.

Низомҳои таълимдиҳандаи муосир ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки аз такрори дилгиркунандаи иттилоот даст кашида, диққаташонро ба ёрии инфиродӣ ба донишҷӯён, ҳалли вазифаҳои рушди муътадили ҷузъҳои зеҳнию эҷодии шахсият равона созанд [3, с. 63]. Воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба сифати воситаҳои таълим дар дасти омӯзгори баландихтисос ва эҷодкор муҳиммияту арзиши махсус касб мекунанд. Бинобар ин, нақши омӯзгор дар ин шароит на танҳо чун нақши пешбаранда боқӣ мемонад, балки нисбатан мураккаб мегардад.

Ин ҳолат ба сабабҳои зерин ба амал меояд:

- барои аз лиҳози педагогӣ оқилона истифода бурдани воситаҳои навтарини иттилоотонӣ ва иртибот дар раванди таълим ба омӯзгор тайёрии иловагӣ лозим аст;
- омӯзгор бояд методикаи истифодаи самарабахши вақти дарсро дар шароити нав хуб донад;
- омӯзгор бояд воситаҳои электронии таъиноти таълимиро интихоб карда тавонад; аз захираҳои ҷудокардаи шабакаи Интернет маводи таълимиро барои дарс ё кори мустақилонаи донишҷӯён интихоб намояд;
- методикаи гузаронидани машғулиятҳоро бо истифодаи воситаҳои мазкур коркард кунад;
- омӯзгор на танҳо воситаҳои алакай тайёри электронии таълим, бастаҳою (пакетҳо) низомҳои барномавиро дар раванди таълим аз лиҳози педагогӣ ҳадафманд истифода бурда тавонад, балки воситаю низомҳои мазкурро мутобиқ карда тавонад ва гузашта аз ин, худаш аз ухдаи коркарди воситаю низомҳо барояд.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки муҳокимарониҳо дар бораи коҳиши нақши омӯзгор ва сода шудани кори ӯ дар шароити муосир асоси кофӣ надоранд.

Инкишофи технологияҳо ва истифодаи онҳо дар раванди таълим худтакмилдиҳии муттасили касбии омӯзгоронро тақозо мекунад. Тайёрии омӯзгор дар соҳаи ба вуҷуд овардану истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар таҳсилот бояд хусусияти пешгирикунанда ё пешдастикунанда дошта бошад. Пеш аз ҳама ин бо он вобаста аст, ки омӯзгорон бояд бо донишҷӯёни "пешрав" "ба як забон гап зананд", то саъю кӯшиши онҳо барои ба даст овардани сатҳи баланди саводнокӣ ва тайёрӣ ба зиндагӣ дар ҷамъияти иттилоотӣ бар абас наравад. Шумораи китобҳои дарсӣ ва маводи методии мухталиф, ки дар омилҳои электронӣ пешниҳод мешаванд, мунтазам меафзояд. Омӯзгор бояд аз навовариҳои техникӣ бохабар бошад, аз китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, комплексҳои таълимӣ-методии нав огоҳӣ дошта бошад, сифати онҳоро арзёбӣ карда, беҳтаринашонро интихоб карда тавонад [7, с. 132].

Иттилоотонии маориф боиси тағйирот ҳам дар соҳаи таъминоти техникию технологии фаъолияти омӯзгори фанҳои графикӣ, ҳам дар соҳаи ҷанбаҳои физиологию гигиении ин фаъолият мегардад. Олимон чунин мепиндоранд, ки суръати рушди технологияҳо дар даҳсолаи минбаъда, ҳеҷ набошад, ба пешрафти илму технологияи даҳсолаи гузашта

мутобиқат хоҳад кард. Бинобар ин, тавсеаи ногузири истифодаи воситаҳои мухталифи технологияҳои иттилоотию иртиботиро дар фаъолияти касбии мутахассиси дилхоҳ пешгӯӣ кардан мумкин аст.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло ба омӯзгор чунин пойгоҳи тайёриро дар соҳаи истифодаи методҳою воситаҳои информатика ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ таъмин кардан лозим аст, ки на танҳо сатҳи зарурии фарҳанги иттилоотии узви ҷамъияти муосир, балки сатҳи муайяни тайёрии касбиро низ кафолат диҳад.

Иттилоотонии ҷамъият ва маориф қонунияти ногузири инкишофи тамаддуни муосир мебошад, ки дар ҳамаи мамлакатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ паҳн мешавад. Бинобар ин, ба омӯзгори оянда донистани истилоҳоти нав, қонуниятҳои асосии инкишофи ин раванд ва натиҷаҳои таъсири он ба низоми маориф, фаҳмидани ногузирии тағйироти доимии сохтори маориф, ки ба соҳаи фаъолияти касбии омӯзгор таъсир мерасонад, зарур аст.

Суръати пайдоиши таърифҳои нав дар соҳаи назария ва амалияи иттилоотонии ҷамъият ва маориф бо суръати тағйироти ба вуқуъ пайваста истода муқоисапазир аст.

Пайдо шудани воситаҳои барномавӣ ва барномавию абзорӣ, таҷҳизоти ҷонибӣ таҷдиди воситаҳои информатика, воситаҳои иттилоотонӣ ва иртибот боиси тасҳеҳи доимии истилоҳот мегардад.

Дар фаҳмиши муосир иттилоотонии ҷамъият раванди глобалии иҷтимоии босуръат инкишофёбанда мебошад.

Иттилоотонӣ – раванди ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият васеъ ҷорӣ намудани низомҳои муосири технологияҳои коркард ва истифодаи иттилоот, афзоиши захираҳои иттилоотӣ ва гирд овардани иқтидори зеҳнии ҷамъият дар формати рақамӣ мебошад.

Фаъолияти иттилоотие, ки дар асоси воситаҳои муосири техникаи компютерӣ, ҳамчунин, воситаҳои таъсири мутақобила ва мубодилаи иттилоотӣ амалӣ гардонида мешавад, дар фаъолияти инсон бартарӣ пайдо мекунад.

Фаъолияти иттилоотӣ – фаъолият оид ба сабт, ҷамъоварӣ, коркард, ҳифз, интиқол, инъикос, интишор, тавлиди иттилоот дар бораи объект, ҳодиса, раванд, аз ҷумла, равандҳои воқеан идома доштааст.

Хусусияти вижаи фаъолияти иттилоотӣ бо истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ интиқоли босуръати ҳаҷми дилхоҳи иттилоот мебошад, ки дар формати рақамӣ пешниҳод шудааст.

Таҳти таъсири раванди иттилоотонӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти касбии инсон тағйироти бунёдӣ ба вуқуъ мепайванданд, зеҳнгароии фаъолияти меҳнатӣ, инкишофи ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ бо илм, истеҳсолот ва ба туфайли ин, суръатафзоии пешрафти илму техника амалӣ мегардад.

Тағйироти мазкур то андозае микёсию амиқанд, ки дар бораи ташаккули муҳити усулан нави иттилоотии муҳити зисти инсон сухан рондан мумкин аст. Муҳити мазкур ба узви дилхоҳи ҷамъият имкон медиҳад, тамоми иттилоотро аз низомҳои кушоди иттилоотӣ гирад. Муҳити нави иттилоотии инсон дар ҳама ҷо зуҳур мекунад: дар кор, соҳаи маишӣ ва истироҳат, фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ, маориф. Иттилоот на танҳо дар илм, истеҳсолот ва маориф, балки дар санъат, соҳаи хизматрасонӣ, соҳаи иҷтимоӣ низ аҳаммияти якумдараҷа пайдо мекунад. Алҳол иқтидор ва динамикаи афзоиши захираҳои иттилоотии ҷамъият то он дараҷаанд, ки барои коркарди онҳо воситаҳои муосири информатика ва технологияҳои иттилоотиро истифода бурдан лозим аст. Барои интиқоли фосилавии иттилоот шабакаи умумиҷаҳонии глобалии иттилоотӣ – Интернет ташкил карда шудааст.

Тағйироти дар ҷамъият баамалоянда ба соҳаи маориф дахл накарда наметавонад. Дар фаъолияти касбии педагогҳо беш аз пеш компютер, тахтаҳои интерактивӣ, пойгоҳи додаҳо ва донишҳо, воситаҳои интерактивии мултимедиявии электронии таъиноташон таълимӣ, низомҳои автоматонидаи тестгирӣ ва ташхис, захираҳои иттилооти шабакаи Интернет мавриди истифода қарор мегиранд.

Ба амалигардонии имкониятҳои воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаи маориф соҳаи нави илми педагогика – иттилоотонии таҳсилот машғул мешавад.

Истилоҳи “иттилоотонии таҳсилот”-ро ҳамчун соҳаи дониши педагогӣ ва ҳамчун раванд мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Иттилоотонии таҳсил – соҳаи нави дониши педагогӣ, ки масъалаҳои методология, технология ва амалияи ташкил ва истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботиро дар низомҳои ҳамаи сатҳҳои таҳсилот меомӯзад. Дар ин соҳаи донишҳои педагогӣ ба масъалаҳои коркарди низомҳои методии таълим, ки ба мақсади ба ҳаёт тайёр кардани насли ҷавон дар ҷамъияти иттилоотӣ, рушди сифатҳои шахсиятӣ ва иқтидори зеҳнии ӯ, баланд бардоштани самарабахшию сифати раванди таҳсил ба истифодаи васеи воситаҳои технологияҳои муосир асос меёбанд, диққати махсус дода мешавад. Кори фаъолона дар ду самт давом дорад: такмили технологияҳои мавҷудаи педагогӣ, аз ҷумла, шаклу усул ва воситаҳои таълим бо ёрии воситаҳои иттилоотонӣ ва иртиботӣ ва ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионӣ дар пойгоҳи воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ. Агар самти аввал бо баланд бардоштани низоми мавҷуда дар шароити иттилоотонии маориф алоқаманд бошад, рушди фаъолонаи самти дувумро пайдошавии шаклу усулҳои нави таълим, ки ба истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ва аудиобастракти таълим, воситаҳои иттилоотӣ - иртиботӣ асос меёбанд, муайян мекунанд.

Алҳол инноватсияҳо дар маориф ба истифодаи методҳо ва воситаҳои информатика, имкониятҳои технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир асос меёбанд, ки онҳо ба ҳалли нисбатан самарабахшу босифати вазифаҳои таълимӣ, инкишоф додани шахсияти хонанда, қобилиятҳои эҷодӣ, иҷтимоӣ ва иртиботии ӯ ба мақсади мутобиқшавии бомуваффақият ба шароити фаъолияти ҳаётӣ дар ҷамъияти иттилоотӣ имкон медиҳанд. Технологияҳои инноватсионии таълим чаҳорчӯбаи низоми анъанавии синфию дарсиро васеъ мекунанд ва ба истифодаи воситаҳои нави таълим, аз ҷумла, низомҳои коршиносию зеҳнии таълимӣ, низомҳои идоракунии автоматонидаи муассисаи таҳсилотӣ ва низоми маориф, захираи ҷудошудаи иттилоотию таҳсилотии Интернет ва ғайра дар раванди таълим асос меёбанд [3, с. 16].

Иттилоотонии таҳсилот раванди бо методология ва амалияи коркарду истифодаи муносиби воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ таъмин кардани соҳаи таҳсилот мебошад, ки ба амалигардонии мақсадҳои психологию педагогии таълиму тарбия нигаронида шудаанд.

Раванди иттилоотонии таҳсил дар се марҳила амалӣ мегардад. Марҳилаи аввал – таъмин намудани синфхонаҳои муассисаҳои таълимӣ бо компютер ва таҷҳизоти техникии муосир, васли онҳо ба шабакаи Интернет. Марҳилаи дувум - коркарди комплексҳои таълимию методии насли нав. Марҳилаи севум – ворид намудани тағйирот методикаи таълим дар таҳсилоти анъанавӣ.

Мақсадҳои асосии раванди иттилоотонии таҳсилот аз нуктаҳои зерин иборатанд:

1. Амалигардонии дархости иҷтимоии ҷамъияти муосир.
2. Рушди шахсияти таълимгиранда.
3. Баҳрафизоӣ ва баланд бардоштани самарабахшию сифати раванди таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳои низоми маориф.

Дар шароити афзоиши доимии теъдоди одамоне, ки дар соҳаи иттилоотӣ шуғл доранд, вазифаи аввалин ва муҳимтарини иттилоотонии таҳсилот амалигардонии талаботи иҷтимоии ҷамъияти муосир – тайёр кардани ҷавонон барои соҳаи информатика ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ мебошад.

Рушди минбаъда ва ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон ҷорӣ шудани воситаҳои иттилоотӣ - иртиботӣ имкон медиҳанд дар бораи ташаккули муҳити нави иттилоотӣ сухан ронем, ки дар солҳои наздик мо бояд дар он зиндагӣ ва фаъолият намоем. Дар муассисаи таълимӣ барои амалӣ гардонидани ҷамъоварӣ, коркард, тавлид, дигаргунсозӣ, бойгонисозии иттилоот, фаъолият оид ба пешниҳод ва дарёфт кардани дониш аз манбаъҳои мухталифи иттилоотӣ, ки дар муҳити нави иҷтимоию фарҳангӣ ба фаъолият ҳадалимкон наздик мебошанд, шароит муҳайё карда шавад. Ин ба хатмкардаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки ба шароити тағйирёбандаи олами атроф тезтар мутобиқ гардад. Зимнан, тайёрии ҷавонон на танҳо бояд барои аз ҷониби онҳо амалигардонии имкониятҳои

технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолият дар ҷамъияти иттилоотӣ кофӣ бошад, балки хусусияти афзалиятнокиро низ дошта бошад, ки аҳаммияти махсус дорад.

Мақсади дувум – инкишофи шахсияти хонанда, ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, сифатҳои иҷтимоӣ ва иртиботии ӯ ба мақсади тайёрӣ ба фаъолияти самарабахши ҳаётӣ дар ҷамъияти иттилоотӣ мебошад. Ноил гардидан ба ин мақсад такмили мунтазами муҳтаво, шакл, усулҳо ва воситаҳои таълимро дар пойгоҳи воситаҳои иттилоотӣ - иртиботӣ, ба ҳисобгирии ҳадди аксари хусусиятҳои инфиродии таълимгиранда ва тарзҳои афзалиятноки корро бо маводи таълим тақозо мекунад.

Шаклу усулҳои нави таълим бояд рушди шахсияти эҷодӣ, фаъол, ташаббускорро таъмин кунанд; талаботи маърифатӣ ва маънавии муҳассилинро қонеъ гардонанд; ба инкишофи шахсият шароит ба вуҷуд оранд. Фаъолияти иттилоотии муҳассилин ва ҳамкории иттилоотӣ (байни таҳсилгиранда, омӯзгор ва воситаи таълим) бояд ба ташаккули чунин сифатҳои шахсиятии муҳассилин, аз қабили қобилият ба худомӯзӣ, худтарбиякунӣ, худинкишофдиҳӣ, тараққии шавқу рағбати маърифатӣ, меҳнатдӯстӣ, маҳорати истифодаи дониши андӯхта дар амалия мусоидат кунад.

Мақсади севуми иттилоотонии таҳсилот – интенсификатсия, баланд бардоштани самарабахшию сифати раванди таҳсил дар ҳамаи сатҳҳои низоми маориф аст. Иттилоотонии таҳсилот бо ҷорикунии саросари усулу воситаҳои нави таълим дар пойгоҳи техникаи микропротсессорӣ, воситаҳои интиқоли иттилоот ва технологияҳои педагогӣ, ки ба ин воситаҳо асос ёфтаанд, ба амалияи педагогӣ мебошад, ки ба тағйироти ҷиддии сифатӣ дар методология ва амалияи ташкили раванди таълим шароит фароҳам меоранд. Амалигардонии имкониятҳои нодири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба такмили шаклу усулҳои ташкилии таълим мусоидат мекунад, самарабахшии раванди таълиму тарбияро баланд мебардорад, инкишофи ҳамзамони шахсияти донишҷӯ ва иқтидори зеҳнии ӯ, дар ташаккул ёфтани маҳоратҳои ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли мустақилонаи иттилоотро дар бораи объект, ҳодисаҳо, равандҳои мавриди омӯзиш таъмин мекунад.

Пешвоёни аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ба мақсади ба талаботи асри XXI мутобиқ сохтани шаҳрвандони худ нияти табдил додани мамлакаташонро ба ҷомеаи муттасил таҳсилкунанда эълом медоранд, зеро аъзои ҷомеаи иттилоотӣ бояд пеш аз ҳама одамони босавод бошанд. Аломатҳои асосии низоми таҳсилоти ҷамъияти иттилоотӣ инҳоянд: ба вуҷуд овардани дониши нав, мустақилияти ҳудудӣ ва муваққатии равандҳои андӯхтани дониш, навсозии сохторию муҳтавоии раванди таълим [3, с. 23]. Ба ин мақсад бояд корҳои зерин иҷро карда шаванд:

- ҷалб кардани омӯзгорони баландихтисос;
- истифодаи шаклу методҳои нави таълим;
- ба ҳама пешниҳод намудани имкониятҳои якхелаи таҳсил;
- таъмини муносибати чандир ва пешқадам ба сохтор ва ташкили таҳсил.

Алҳол ҳукумати аксарияти мамлакатҳо ба таҷдиди низоми маориф дар асоси истифодаи технологияҳои навтарин ҷидду ҷаҳди назаррас ба харҷ медиҳанд. Дар як қатор мамлакатҳо истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботиро барои баланд бардоштани сифати таҳсил бо роҳи ворид намудани тағйирот ба курсҳои таълимӣ, ёд додани малакаҳои нави амалӣ, тавсеа ва ғанигардонии барномаҳои таълимиро зарур мешуморанд. Рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ ба амалияи таҳсилот боиси нав гардидани муҳити иттилоотии фаъолияти дилхоҳи фаннӣ мешавад, ки он таҷдиди идроки куллии мақсаду муҳтаво, шаклу усулҳои тайёрии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро дар сатҳи нави ҷавобгӯ ба талаботи замон тақозо менамояд [1, с. 149].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои иттилоотонии низоми маориф ва ҷамъият дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №502 аз 31 декабри соли 2002 “Барномаи компютерикунонии мактабҳои асосӣ ва миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003-2007” тасдиқ карда шуд. Мақсади барномаи мазкур дар хонандагон ташаккул додани дониш, маҳорат, малакаҳо ва қобилиятҳои кор дар воситаҳои техникаи ҳисоббарор бо

истифодаи таъминоти барномавии муосир ва бо ин роҳ таъмини мутобиқат ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ тайёр кардани мутахассисон буд.

Қадами минбаъда дар соҳаи иттилоотонӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи “Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003 гардид. Ҳуҷҷати мазкур мақсадҳои зеринро пешбинӣ мекард:

- таҳияи тадбирҳои иттилоотонии механизмҳое, ки мусоидатро ба ташаккули ҷамъияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон таъмин мекунанд;
- таҷдид ва рушди соҳаҳои мухталиф дар пойгоҳи истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар Тоҷикистон;
- ташкили ҷойҳои нави кории сершумор, баланд бардоштани самарабахшии меҳнат.

Мувофиқи стратегияи қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 декабри соли 2004) Барномаи давлатии рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардид, ки иҷрои он дар солҳои 2005-2008 пешбинӣ шуда буд.

Мақсади асосии барнома фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти иқтисодиёти мамлакат, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудан ва интишори саросари технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба ҳисоб мерафт. 6 июни соли 2005 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №188 “Дар бораи тасдиқи Барномаи татбиқ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ба забони тоҷикӣ” тасдиқ шуд, ки он самти иттилоотониро дар асоси баҳрафизоии (интенсификатсияи) истифодаи забони тоҷикӣ дар технологияҳои иттилоотӣ муайян кард.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №484 Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки дар он зарурати таҷдиди назар ва навсозии барномаҳои таҳлилӣ, методу шаклҳои таълим, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ таъкид гардида буд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №530 “Дар бораи Консепсияи низоми иттилоотии идоракунии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 2 ноябри соли 2007 қабул гардид, давоми мантиқии консепсияи мазкур ба шумор меравад. Дар асоси қарори мазкур кор оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани низоми иттилоотӣ дар Вазорати маориф оғоз ёфт, ки он сомонаи иттилоотии вазоратро дар бар мегирифт. Дар ин сомона маълумот дар бораи сатҳи истифодаи низомҳои иттилоотӣ, иттилоъдиҳӣ ба аҳли ҷамъият, нишондиҳандаҳои миқдории истифодаи барномаҳои компютерӣ дар раванди таҳсил ҷамъоварӣ мегардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 № 529 Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2015 тасдиқ гардид. Баъдтар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 ба он тасҳеҳ дохил карда шуд. Қарори мазкур Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2010-2015 тасдиқ кард [5].

Ҳар як вазифаҳои барнома хусусияти маҷмуӣ дорад ва ба амалигардонии якчанд самтҳои афзалиятноки инкишофи низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар бобати тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ки ба ҳалли вазифаҳои касбӣ дар шароити иттилоотонии ҷамъият ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави илмӣ қобиланд, равона карда шудааст. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои мазкур қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва “Дар бораи таҳсилоти касбии олӣ ва баъди муассисаи таҳсилоти олӣ” бо моддаҳо дар бораи имконияти истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ҳозиразамон (гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва баланд бардоштани масъулият бахри пешниҳоди иттилоот дар намуди электронӣ) такмил дода мешаванд. Ғайр аз ин, ташаккули муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ, такмили корҳои таълимӣ ва илмию методӣ дар соҳаи таҳсили касбӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав (Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ) дар раванди таҳсилот мақсадҳои якумдараҷа эълон гардиданд [1, с. 147].

Компютеркунонии ҳамаи сатҳҳои маориф талаби боисрори замон ва вазифаи иҷтимоию иқтисодии умумидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб магардад. Ба таълим васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ яке аз самтҳои асосии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад.

***Адабиёт***


1. *Алимухамедов, М. Р., Технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим / М. Р. Алимухамедов // Номаи донишгоҳ, №2 (67). – Хуҷанд, 2021. – С. 147-151.*
2. *Бозоров, А.А. Нақши технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён / А.А. Бозоров, З.Р. Воҳидова // Номаи донишгоҳ, №3 (64). – Хуҷанд, 2020. – С. 163 - 167.*
3. *Джураева, Г.Х. Муқаддимаи техналогияи информатсионӣ / Г.Х. Джураева. – Душанбе, 2021. – 76 с.*
4. *Джураев, Х. Ш. Як намунаи модели компютерӣ // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалӣ ва методии «Нақш ва мақоми технологияҳои иттилоотӣ дар рушд ва инкишофи таълими босифат» / Х. Ш. Джураев, Г. Х. Джураева. - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. С. 31-32.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014.*
6. *Ҷӯраева Г. Х. Ташаккули иттилооти донишҷӯёни ихтисосҳои самти иҷтимоии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Г.Х. Ҷӯраева, М.Н. Раҳмонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар замони муосир». – Душанбе, - 2022. – С. 369-372.*
7. *Ҷӯраева Г. Х. Методи асосҳои назариявии компютер – моделсозии компютерии технологияи информатсионӣ / Г.Х. Ҷӯраева, М.Н. Раҳмонова // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳлили комплексӣ ва татбиқҳои он». – Бохтар. - 2022. - С. 231-234.*


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ


Дар мақолаи мазкур иттилоотонии таҳсилот бо ҷорикунии саросари усулу воситаҳои нави таълим дар пойгоҳи техникаи микропротсессорӣ, воситаҳои интиқоли иттилоот ва технологияҳои педагогӣ, ки ба ин воситаҳо асос ёфтаанд, ба амалияи педагогӣ мебошад, ки ба тағйироти ҷиддии сифатӣ дар методология ва амалияи ташкили раванди таълим шароит фароҳам меоранд. Амалигардонии имкониятҳои нодири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба такмили шаклу усулҳои ташкилии таълим мусоидат мекунад, самарабахшии раванди таълиму тарбияро баланд мебардорад, инкишофи ҳамзамони шахсияти донишҷӯ ва иқтидори зеҳнии ӯ, дар ташаккул ёфтани маҳоратҳои ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли мустақилонаи иттилоотро дар бораи объект, ҳодисаҳо, равандҳои мавриди омӯзиш таъмин мекунад.



**Калидвожаҳо:** усулҳои самаранок, моделсозии компютерӣ, малака, маҳорат, технологияи иттилоотию иртиботӣ, интиқоли иттилоот, воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.


## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ


В данной статье информатизация образования с широким внедрением в педагогическую практику новых методов и средств обучения на базе микропроцессорной техники, средств передачи информации и педагогических технологий на основе этих средств, создает условия для серьезных качественных изменений в методику и практику организации образовательного процесса. Реализация уникальных возможностей информационно-коммуникационных технологий способствует совершенствованию организационных форм и методов обучения, повышению эффективности образовательного процесса, одновременному развитию личности учащегося и его интеллектуального потенциала, формированию навыков собирательства обработку и самостоятельную передачу информации об объектах, событиях, процессах обеспечивает обучение.



**Ключевые слова:** эффективные методы, компьютерное моделирование, умения, навыки, информационно-коммуникационные технологии, передача информации, информационно-коммуникативные средства.

**THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE FIELD OF EDUCATION**

In this article, the information of education with the wide introduction of new teaching methods and tools in the base of microprocessor technology, means of information transfer and pedagogical technologies based on these tools is to the pedagogical practice, which creates conditions for serious qualitative changes in the methodology and practice of organizing the educational process they bring. Implementation of the unique opportunities of information and communication technologies contributes to the improvement of organizational forms and methods of education, increases the effectiveness of the educational process, the simultaneous development of the student's personality and his intellectual capacity, in the formation of the skills of collecting, processing and independent transmission of information about objects, events, processes. provides training.

**Keywords:** effective methods, computer modeling, skills, skills, information and communication technology, information transfer, information and communication tools.

***Дар бораи муаллиф***
*Раҳмонова Моҳина Нурмаҳмадовна*
*Докторант (PhD)-и кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: zobit@list.ru*

***Об авторе***
*Рахмонова Мохина Нурмахмадовна*
*Докторант (PhD) кафедры основ информационных технологий*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: zobit@list.ru*

***About the author***
*Rahmonova Mohina Nurmahmadovna*
*Doctoral candidate (PhD) of the Department of Fundamentals of Information Technology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: zobit@list.ru*

ТДУ 371.3:52

# ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШИ ФАСЛҲОИ АСОСИИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Умаров У. С., Сафаралӣ А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Предмети тадқиқоти астрономия объектҳои зиёди аз ҳамдигар фарққунанда, ташаккулёбии системаҳои онҳо ва дар умум тамоми Коинот ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар тадқиқоти астрономӣ методҳои гуногун татбиқ мешаванд. Дар қатори методҳои назариявӣ – методҳои озмоишӣ, ба монанди бақайдгирӣ ва ченкунии афканишоти кайҳонӣ, ки манбаи асосии маълумот дар астрономия ба шумор мераванд, истифода мешаванд. Дар асоси гуногунии объектҳо ва методҳои тадқиқот астрономияро ба фаслҳои гуногун ҷудо намудан мумкин аст, вале ин ягонагии онро ҳамчун илм халалдор намекунад: дар тамоми фаслҳои астрономия мақсад, вазифа ва предмети тадқиқот ягона аст [6, с. 6].

Ҳамин тавр, вобаста ба мақсад, вазифа ва методу воситаҳои тадқиқот фанни астрономияро ба фаслҳои зиёд ҷудо кардан мумкин аст, ки дар навбати худ ҳар кадоми онҳо илми мустақили табиӣ-математикӣ мебошанд.

Ҳамчунин, вобаста ба дараҷаи тараққиёти техникаи мушоҳидавӣ ва такмили методҳои тадқиқотӣ, мо метавонем астрономияро ба «классикӣ» ва «муосир» ҷудо намоем. Астрономияи классикӣ як қатор фаслҳоро фаро мегирад, ки асоси онҳоро методҳои классикии тадқиқот – мушоҳидаҳои визуалӣ ва ченкуниҳои астрономӣ (ченкуниҳои кунҷӣ) ташкил медиҳанд. Фаслҳои фарогирандаи астрономияи классикӣ, ба монанди астрометрия (астрономияи кура, астрономияи амалӣ, астрометрияи бунёдӣ) ва механикаи осмон хеле пеш аз ибтидои асри XX ба вуҷуд омада бошанд ҳам, аммо то ба ҳол аҳамияти назариявӣ ва амалии худро гум накардаанд. Масалан, дар тадқиқоти астрономияи муосир методҳои астрономияи классикӣ – мушоҳидаҳои визуалии объектҳои кайҳонӣ ва ченкуниҳои кунҷӣ ҳанӯз ҳам мавқеи махсус доранд.

Астрономияи муосир, ки соҳаҳои асосии он астрофизика, статистикаи ситораҳо, космогония ва космология мебошанд, айни ҳол дар марҳилаи тараққиёти босуръат қарор доранд. Соҳаҳои нисбатан нави астрономияи муосир, ки вобаста ба робитаи ногустастании астрономия бо дигар илмҳои табиӣ-математикӣ ташаккул ёфта истодаанд (ва астрофизика яке аз онҳост) астробиология, астрохимия, астроэкология мебошанд. Ҳамчунин, вобаста ба тадқиқи объектҳои кайҳонӣ аз рӯйи соҳаи афканишоти электромагнитии онҳо астрономия ба соҳаҳои зайл ҷудо мешавад: радиоастрономия, астрономияи инфрасурх, астрономияи оптикӣ (соҳаи астрономия, ки объектҳои кайҳониро аз рӯйи афканишоти дидашавандаи онҳо меомӯзад), астрономияи ултрабунафш, астрономияи рентгенӣ ва гамма-астрономия, ки ҷузъиёти мазмуну мӯҳтавои ин соҳаҳои астрономия низ дар курси астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир инъикос карда мешаванд.

Барнома ва китобҳои дарсии ба забони русӣ интишорёфтаи астрономия барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ [4; 5; 6; 8; 10; 13] ва барномаву китобҳои дарсии ба забони тоҷикӣ нашргардида [1; 3; 9], ки дар такя ба онҳо таҳия шудаанд, хусусиятҳои зерин доранд: бо баъзе истисноҳо, дар онҳо барои ҷойгиркунии маводи таълимӣ асоси назариявӣ вуҷуд надорад. Таҳияи маводи таълимӣ анъанавӣ буда, аксар вақт сирф эмпирикӣ мебошад, на системавӣ-мафҳумӣ. Дар тамоми барнома ва китобҳои дарсӣ тартиби муайяни таҳия ва пайдарҳамии омӯзиши мавод риоя карда мешавад; дар асоси онҳо принсипҳои дидактикии: а) дастрасии мавод барои фаҳмиши хонандагон мувофиқи

марҳилаҳои инкишофи фаслҳои асосӣ ва дар маҷмуъ тамоми илми астрономия; б) омӯзиш аз рӯйи тартиби аз сода ба мураккабии назарияҳои илмӣ қарор доранд.

Бо ҳамин тартиб, омӯзиши астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) пай дар пай аз рӯйи фаслҳо сурат мегирад: Астрометрия (астрономияи кура, астрометрияи бунёдӣ, астрономияи амалӣ) => Механикаи осмон => Астрофизика, Астрономияи ситораҳо ва берунигалактикӣ => Космогония ва космология [11, с. 22].

Маврид ба зикр аст, ки дар курси астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на омӯзиши муфассали фаслҳои алоҳидаи астрономия, балки омӯзиши ҷузъиёти ин фаслҳо имконпазир мебошанд. Аз рӯйи пайдарҳамии фавқуззикр омӯзиши ҷузъиёти астрометрия (астрономияи кура, астрометрияи бунёдӣ ва астрономияи амалӣ) бо мавзуъҳои боби «Асосҳои астрономияи амалӣ», ҷузъиёти механикаи осмон бо мавзуи «Сохти Системаи офтобӣ», ҷузъиёти астрофизика бо мавзуъҳои «Табиати физикии ҷисмҳои Системаи офтобӣ», «Методҳои тадқиқоти астрофизикӣ», «Офтоб ва ситораҳо» ва ғ., ҷузъиёти астрономияи ситораҳо бо мавзуъҳои «Офтоб ва ситораҳо», «Галактикаи мо – Галактикаи Роҳи Каҳкашон», ҷузъиёти астрономияи берунигалактикӣ бо мавзуъҳои боби «Галактикаҳо», ҷузъиёти космогония бо мавзуъҳои бобҳои «Табиати ҷирмҳои Системаи офтобӣ», «Офтоб ва ситораҳо», ҷузъиёти космология бо мавзуъҳои бобҳои «Сохт ва таҳаввулоти Коинот», «Проблемаҳои муосири астрономия» алоқаманданд [1, с. 5].

Ҳангоми омӯзиши ҷузъиёти астрометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон доир ба мафҳумҳои асосӣ – ҷирми осмонӣ, ҷирми мунир, бурҷ, кураи осмон ва тавсифоти асосии он, координатаҳои осмонӣ, ҳаракати зоҳирии ҷирмҳои осмонӣ, ҳаракати Моҳ ва ҳодисаҳои гирифти Офтобу Моҳ, асосҳои ҳисоби вақт, тақвим ва намудҳои он маълумот гирифта, малакаву маҳоратҳои заруриро, аз қабили: кор бо харитаи осмони ситоразор; муайян кардани самтҳои олам аз рӯйи ҷирмҳои осмонӣ; муайян кардани арзи маҳал ва вақт; шарҳ додани ҳодисаҳое, ки ба чархзании шабонарӯзии Замин дар гирди меҳвар ва гардиши солонаи он дар атрофи Офтоб алоқаманд аст; ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои астрономӣ; гузаронидани мушоҳидаҳои астрономӣ ва ғайраро пайдо менамоянд. Зимни омӯзиши ҷузъиёти астрометрия дар синфи Х-и МТМУ ба донишҳои аз фанҳои географияи табиӣ (оид ба глобуси географии Замин, параллелҳо ва меридианҳои географӣ, координатаҳои географӣ), геометрия (оид ба мафҳумҳои: нуқта, порча, кунҷ, секунҷа, камон, доира, давра, ҳамворӣ, кура, воҳидҳои кунҷи ҳамвор) ва физика (оид ба мафҳумҳои нуқтаи материалӣ, ҳаракати механикӣ, ҳаракати чархзанӣ ва ғ.) андӯхтаи хонандагон такя карда мешавад.

Ҷузъиёти механикаи осмон дар МТМУ пас аз омӯзиши ҷузъиёти астрометрия омӯхта мешавад [1]. Ҳангоми омӯзиши ин фасли астрономия хонандагон доир ба мафҳумҳои асосии механикаи осмон – ҷирми кайҳонӣ, системаи кайҳонӣ, ҷисми марказӣ ва радиф, маркази массаҳо, мадори ҳаракат, параметрҳои мадор ва қонунҳои ҳаракати ҷирмҳои кайҳонӣ (қонунҳои Кеплер ва қонуни ҷозибаи умумиолам) маълумот пайдо намуда, малакаву маҳоратҳои шарҳ додани ҳодисаву равандҳои кайҳонӣ, аз қабили: шарҳ додани сабабҳои ғалаён дар ҳаракати сайёраҳо, мадду ҷазр дар сатҳ ва атмосфераи Замин, афтиши ҷирмҳои метеорӣ, пайдо шудани кометаҳо, ҳаракати сайёраҳо дар атрофи Офтоб ва радифон дар атрофи сайёраҳо, парвози дастгоҳҳои кайҳонӣ, ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои астрономӣ ва ғайраҳоро пайдо менамоянд. Бар замми ин, омӯзиши ҷузъиёти механикаи осмон дар курси астрономияи МТМУ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва диалектикии хонандагон мусоидат менамояд. Омӯзиши ҷузъиёти механикаи осмон ба хонандагон имкон медиҳад, ки оид ба сохти олам, сабабу оқибатҳои ҳодисаву равандҳои дар он гузаранда, мавқеи Замин дар фазои Кайҳон, таъсири объектҳои кайҳонӣ ва равандҳои дар онҳо гузаранда ба ҳодисаҳои заминӣ тасаввуроти дуруст ҳосил намоянд.

Мавриди омӯзиши ҷузъиёти механикаи осмон маҷмуи донишҳои аз фасли механикаи курси физикаи МТМУ андӯхтаи хонандагон ташаккул дода мешаванд.

Астрофизика тавсифоти асосӣ ва хосиятҳои объектҳо (ҳаракат, сохт, таркиб ва ғ.), равандҳо ва ҳодисаҳои кайҳониро омӯхта, ба қисмҳои зиёд ҷудо мешавад: астрофизикаи

назариявӣ; астрофизикаи амалӣ; физикаи сайёраҳо ва радифони онҳо (планетология ва планетография); физикаи Офтоб; физикаи ситораҳо; астрофизикаи берунигалактикӣ ва ғ. [11]. Ҷузъиёти астрофизика дар курси астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ васеътар омӯхта мешавад. Зимни омӯзиши мавзуъҳои бобҳои «Табиати физикии ҷирмҳои Системаи офтобӣ», «Методҳои тадқиқоти астрофизикӣ», «Офтоб ва ситораҳо», «Галактикаи мо – Роҳи Каҳкашон», «Галактикаҳо», «Сохт ва таҳаввулоти Коинот» ҷузъиёти асосии астрофизика омӯхта мешаванд.

Мавриди омӯзиши ҷузъиёти астрофизика дар курси астрономияи МТМУ донишу ҷаҳонбинии илмии хонандагон доир ба табиати физикии объектҳои астрономӣ (объектҳо, равандҳо ва ҳодисаҳои кайҳонӣ); методу воситаҳои тадқиқоти астрономӣ; қонунҳо ва назарияҳои астрономӣ ташаккул меёбанд. Ташаккули як қатор малака ва маҳоратҳои амалии хонандагон, аз қабили: шарҳ додани табиати физикии объектҳои кайҳонӣ, ҳодисаву равандҳои дар онҳо гузаранда (ба монанди, пайдоиш, таҳаввулоти ҷирмҳои кайҳонӣ, шароитҳои физикӣ дар қаър ва сатҳи онҳо, тафовути ситораҳо вобаста ба ранг ва дурахшонӣ, фурӯбурди рӯшноӣ дар муҳити кайҳонӣ, таъсироти ҷирмҳои кайҳонӣ ба Замин); ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳо оид ба астрофизика; шарҳ додани сохт, принсипи амал, таъинот ва истифодаи таҷҳизоти мушоҳидавӣ; гузаронидани мушоҳидаҳои визуалӣ ва ғ. ба омӯзиши ҷузъиёти астрофизика дар курси астрономияи МТМУ алоқаманд мебошанд.

Космогония пайдоиш ва ташаккули объектҳои кайҳонӣ ва системаи онҳоро меомӯзад. Ҷузъиёти ин фасли астрономия бо як қатор мавзуъҳои курси астрономияи МТМУ, аз ҷумла: «Табиати ҷирмҳои Системаи офтобӣ», «Офтоб ва ситораҳо», «Галактикаи мо – Роҳи Каҳкашон», «Галактикаҳо», «Сохт ва таҳаввулоти Коинот», «Проблемаҳои муосири астрономия» алоқаманд аст. Зимни омӯзиши ҷузъиёти космогония хонандагон ба қонуниятҳои пайдоиш, мавҷудиёт, инкишоф ва таҳаввулоти ҷирмҳои кайҳонӣ ва системаҳои онҳо шинос мешаванд.

Космология пайдоиш, тавсифоти асосии физикӣ, хусусият ва таҳаввулоти Коинотро тадқиқ мекунад. Асосҳои назариявии он назарияи физикии муосир, маълумоти астрофизика ва астрономияи берунигалактикӣ мебошад [11]. Ҷузъиёти космология ба мазмуни мавзуъҳои бобҳои «Галактикаҳо», «Сохт ва таҳаввулоти Коинот», «Проблемаҳои муосири астрономия» дохил мешаванд. Ҳангоми омӯзиши ин мавзуъҳо тасаввуроти хонандагон доир ба қонуниятҳои умумии таркиб, сохт, пайдоиш ва инкишофи Коинот ҳамчун системаи мураккабу калонмиқёси дар фазову вақт беинтиҳо ташаккул меёбад. Космология Коинотро ҳамчун системаи том ва яклухт меомӯзад, бинобар ҳамин, донишҳо доир ба космология шакли ҷамъбастии донишҳои аз дигар фаслҳои астрономия, инчунин аз фанҳои дигари табиӣ-математикӣ (махсусан, физика ва математика) андӯхтаи хонандагонро инъикос менамояд.

Мавриди омӯзиши ҷузъиёти космология ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии хонандагон доир ба сохти олам диққати ҷиддӣ дода мешавад. Зимни омӯзиши ин ҷузъиёт хонандагон ба чунин хулоса меоянд: оламе, ки мо дар он зиндагӣ дорем материалӣ буда, тамоми рӯйдодҳои он бо сабабҳои объективӣ ба амал меоянд; материя ташаккулёбанда мебошад; ҳаёт шакли олии ташаккулёбии материя аст. Ҳамчунин, дар ин маврид хонандагон ба дурустии қонуни бақо ва табдили материя боварӣ ҳосил мекунанд [7, с. 13-14].

Маводи таълим доир ба ҳамаи фаслҳои астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси принсипҳои асосии дидактика: илмият; тарбиядиҳанда; омӯзиши бунёдӣ ва самти амалӣ; муттасилӣ, пайдарҳамӣ ва мусалсалӣ; ягонагии омӯзиши гурӯҳӣ ва фардӣ; мувофиқатии омӯзиш ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ; омӯзиши бошуурона ва фаъолияти эҷодӣ; дастрасии таълим [12, с. 150] интихоб карда мешаванд.

Яке аз душвориҳои асосии ташаккулдиҳии маҷмуи донишҳои астрономӣ аз фасл ба фасл мураккабшавии қонунҳо ва назарияҳои физикӣ, ки барои шарҳи ин маводи астрономӣ ва дастгоҳи математикии барои тавсифи миқдории ин назарияҳо ва қонунҳо зарурбуда мебошад. Илова бар ин, замони омӯзиши маводи мувофиқи фанҳои астрономия, физика ва математика, мувофиқат намекунанд (яъне робитаи байнифаннӣ ба эътибор гирифта

нашудааст); баъзе маводи барои омӯзиши фанни астрономия зарурӣ аз фанҳои физика ва математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми нокифоя омӯхта мешаванд ва ё умуман омӯхта намешаванд. Масалан, хонандагон ҳангоми омӯзиши астрономияи кура бо «секунҷаи куравӣ», ҳангоми омӯзиши қонунҳои ҳаракати сайёраҳо (қонунҳои Кеплер) бо мафҳуми «эллипс» рӯ ба рӯ мешаванд, аммо дар курси математикаи МТМУ ба хонандагон доир ба хусусиятҳои секунҷаи куравӣ ва тавсифоти эллипс маълумоти муфассал дода нашудааст. Ба ҳамин монанд, дар курси физикаи МТМУ ҳаракати мунтазам аз рӯйи давра омӯхта мешаваду ҳаракат аз рӯйи эллипс, парабола ва ё гипербола омӯхта намешавад. Хонандагон танҳо ҳангоми омӯзиши фанни астрономия ба ин гуна шаклҳои траекторияи ҳаракати ҷисмҳо шинос мешаванд. Баҳри омӯзиши ҷузъиёти астрофизика дар курси астрономияи МТМУ низ тайёрии физикии хонандагон нокифоя мебошад. Курси астрономияи МТМУ хонандагонро бо методҳои муайян кардани тавсифоти физикӣ, таркиби химиявӣ, суръат ва самти ҳаракати объектҳои кайҳонӣ шинос менамояд. Баҳри омӯзиши ин мавод донишҳои аз курси физикаи МТМУ андӯхтаи хонандагон оид ба таҳлили спектрӣ нокифоя мебошад.

Мушкилоти дигар ин норасоии вақти дар барнома барои омӯзиши фанни астрономия ҷудошуда мебошад.

Байни зарурати омӯзиши маводи астрономии додашуда ва имкониятҳои дарки комили он аз ҷониби хонандагон, ки ба хусусиятҳои синнусоливу психологӣ ва сатҳи тайёрии физикӣ-математикии онҳо вобаста мебошад, зиддият вуҷуд дорад. Масалан, комилан тасаввур кардани кураи осмон, яъне хаёлан ҷой додани мавқеи нуқтаҳои эътидол ва инқилоб, офтоби миёнаи экваторию эклиптикӣ дар он, тасаввур кардани параметрҳои мадорҳои эллипсии сайёраҳо ва радифони онҳо, тасаввур намудани амсилаи Коиноти васеъшаванда барои хонандагон душвор мебошанд.

Дар китобҳои дарсии муосири астрономия оид ба астрофизика, космогония ва космология асосан ба таври феноменологӣ, дар сатҳи сирф тавсифӣ, доир ба фаслҳои классикии астрономия бошанд, дар сатҳи баландтар, бо такя ба донишҳои физикӣ-математикии пештар андӯхташуда ва ё ҳамзамон омӯхташаванда, бо назардошти ҷузъиёти донишҳои назариявӣ, ҳалли масъалаҳо ва ғ. маводи таълим таҳия карда шудаанд. Омӯзгорон оид ба душвории азхудкунии маводи астрономияи классикӣ аз ҷониби хонандагон шикоят карда, таклиф мекунанд, ки он аз барномаи таълим хориҷ карда шавад, хонандагон бошанд, оид ба астрофизика маълумотро ба таври абстрактӣ ва дар бораи космогония ва космология бошад, ба тариқи афсонавӣ-фантастикӣ қабул мекунанд, ки ба ҳаёти воқеӣ алоқамандӣ надоранд. Ҳамин тариқ, тасодуфӣ нест, ки таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши астрономия коста гардида истодааст [11].

Дар МТМУ-и муосир хонандагон ва омӯзгорон ба омӯхтани ҷиддии фаслҳои астрономияи классикӣ бештар марок зоҳир мекунанд, агар:

1) омӯзиши масоили астрономияи классикӣ вазифаи асосии таълими ин фан бошад;

2) хонандагон ва омӯзгорон аҳамияти амалии маводи омӯхташавандаро возеҳу равшан эҳсос намоянд (бинанд);

3) тайёрии амалии физикӣ ва математикии хонандагон дар сатҳи хеле хуб қарор дошта бошад, ки ин барои омӯхтани масъалаҳои амалии астрономия мусоидат намояд [11].

Ташаккулдиҳии маҷмуи мафҳумҳои астрономияи классикӣ донишҳоро оид ба фаслҳои асосии математика (алгебра, геометрия ва тригонометрия) ва физикаи классикӣ (механика, оптикаи геометрӣ) дар ҳаҷми барои барномаи муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ пешбинишуда, талаб мекунад. Мафҳумҳои асосии астрономияи классикиро на танҳо дар дарсҳои астрономияи синфи X ё курси ҳамгирои «Физика ва астрономия»-и муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ [2], балки дар амалӣ намудани робитаи байнифаннӣ бо курсҳои географияи табиӣ ва математика ташаккул додан мумкин аст. Калиди муваффақона азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон, дар ниҳоят, ба донишу таҷрибаи касбӣ ва муносибати софдилонаи омӯзгор ба кори худ вобаста аст, ба шарте ки ӯ омодагии махсус ва вақти кофӣ дошта бошад.

Мутаассифона, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо шиносоии пешакии хонандагон ба мафҳумҳои асосии астрофизика, космогония ва космология имконпазир аст, зеро ташаккулёбии маҷмуи мафҳумҳои астрофизика, космогония ва космология дар сатҳи зарурии илмӣ тайёрии донишгоҳии физикӣ-математикӣ, донишҳои устувор доир ба фаслҳои асосии физикаи назариявӣ ва математикаи олӣ (алгебра, анализи математикӣ, назарияи эҳтимолият ва ғ.)-ро талаб менамояд.

Хусусияти дигари таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат аст, ки дар раванди таълими ин фан ба донишҳои аз дигар фанҳо андӯхтаи хонандагон бештар такя карда мешавад, зеро таълими фанҳои дигари МТМУ барои омӯхтани астрономия замина мегузоранд. Хонандагон зимни омӯзиши фанҳои сикли табиӣ-математикӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарии МТМУ бо донишу малака ва маҳоратҳои зарурӣ барои омӯзиши астрономия, инчунин донишҳо оид ба ҷузъиёти астрономия мусаллаҳ мегарданд [7, с. 9].

Ҳангоми омӯзиши ҳар як мавзуи фанни астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ амалӣ карда мешаванд. Мавриди амалӣ намудани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳо ва фаслҳои алоҳидаи астрономия, алоқамандии фаслҳои алоҳидаи астрономия бо фанҳои дигари сикли табиӣ-математикӣ ба инобат гирифта мешаванд. Масалан, мавриди амалигардонии робитаи дохилифаннӣ (ё ин ки робитаи байни фаслҳои алоҳидаи астрономия) чунин муносибат амалӣ карда мешавад: донишҳои доир ба астрометрия андӯхтаи хонандагон зимни омӯзиши ҷузъиёти механикаи осмон, астрофизика, астрономияи ситораҳо ва астрономияи берунигалактикӣ, донишҳои доир ба механикаи осмон азхудкардаи хонандагон бошанд, зимни омӯзиши ҷузъиёти астрофизика, астрономияи ситораҳо, космогония ва ғ. истифода мешаванд.

Робитаи таълими астрономия бо дигар фанҳои таълимии МТМУ дар асоси робитаи узвии илми астрономия бо дигар илмҳои сикли табиӣ-математикӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, инчунин робитаи фаслҳои алоҳидаи астрономия бо фанҳои табиӣ-математикӣ амалӣ гардонида мешавад. Ҳамин тариқ, ҳангоми омӯзиши фаслҳои асосии астрономия дар МТМУ робитаи астрономияи кура бо геометрия ва географияи табиӣ, механикаи осмон бо фасли механикаи курси физикаи МТМУ, робитаи астрофизика бо физикаи молекулавӣ, оптикаи квантӣ, физикаи атом ва ядрои атом, инчунин химия ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Чунинанд, ба андешаи мо, баъзе хусусиятҳои омӯзиши фаслҳои алоҳидаи астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

### *Адабиёт*


1. *Барномаи астрономия барои синфҳои 10-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (равияи табиӣ-математикӣ) / Мураттибон: У.С. Умаров, С. Авлиёқул. – Душанбе, 2022. – 32 с.*
2. *Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 46 с.*
3. *Воронцов-Вельяминов, Б.А. Астрономия (китоби дарсӣ барои синфи 11-уми мактаби миёна) / Б.А. Воронцов-Вельяминов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 176 с.*
4. *Галузо, И. В. Астрономия: учеб. для 11-го кл. учреждений общ. сред. образования с рус. яз. обучения / И. В. Галузо, В. А. Голубев, А. А. Шимбалёв. – Минск, 2015. – 224 с.*
5. *Засов, А.В. Астрономия: Учеб. Пособие / А.В. Засов, Э.В. Кононович. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2017. – 264 с.*
6. *Кононович, Э.В., Мороз В.И. Общий курс астрономии: Учебное пособие. Изд. 2-е, испр. / Э.В. Кононович, В.И. Мороз. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 544 с.*
7. *Левитан, Е.П. Методика преподавания астрономии в средней школе. / Е.П. Левитан. – М.: «Просвещение», 1965. – 228 с.*
8. *Левитан, Е.П. Астрономия. 11 класс: учеб. пособие для общеобразоват. организаций: базовый уровень / Е.П. Левитан. – М.: Просвещение, 2018. – 240 с.*
9. *Маҷидов, Ҳ. Нуҷум (китоби дарсӣ барои синфи 11) / Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. – Душанбе: 2008. – 152 с.*

10. *Программа: Астрономия. Базовый уровень. 11 класс: учебно-методическое пособие / Е.К. Страут. — М.: Дрофа, 2018. - 11 с.*
11. *Румянцев, А.Ю. Методика преподавания астрономии в средней школе: Курс лекций по методике преподавания астрономии для учителей физики и астрономии и студентов физико-математических факультетов педагогических вузов / А.Ю. Румянцев. – Магнитогорск, 2001.*
12. *Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Шиянов Е.Н. Общая педагогика: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / Под ред. В.А. Сластенина: В 2 ч. / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов. – М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2003. – Ч. 1. – 288 с.*
13. *Чаругин, В.М. Астрономия. 10 - 11 классы: учеб. для общеобразоват. организаций: базовый уровень / В.М. Чаругин. – М.: Просвещение, 2018. – 144 с.*


## ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШИ ФАСЛҲОИ АСОСИИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Дар ин мақола доир ба хусусиятҳои омӯзиши фаслҳои асосии астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сухан меравад. Дар ибтидо ба фаслҳо ва соҳаҳои алоҳида ҷудо шудани илми астрономия асоснок карда шуда, сипас пайдарҳамии омӯзиши ин фаслҳо дар курси астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муқаррар карда шудааст. Хусусиятҳои омӯзиши ҳар як фасли астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври муфассал оварда шуда, зикр гардидааст, ки маводи таълимӣ доир ба ҳамаи фаслҳои асосии астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси принсипҳои асосии дидактика интихоб карда мешаванд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур мушкилоти асосии дар хонандагон ташаккулдиҳии маҷмуи донишҳои астрономӣ ёдрас гардидааст. Дар интиҳо доир ба масъалаи барқарор намудани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ дар раванди таълими астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот дода шудааст. Зикр гардидааст, ки мавриди амалӣ намудани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳо ва фаслҳои алоҳидаи астрономия, алоқамандии фаслҳои алоҳидаи астрономия бо фанҳои дигари сикли табиӣ-математикӣ ба инобат гирифта мешаванд. Ба андешаи муаллифон робитаи таълими астрономия бо дигар фанҳои таълимии МТМУ дар асоси робитаи узвии илми астрономия бо дигар илмҳои сикли табиӣ-математикӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, инчунин робитаи фаслҳои алоҳидаи астрономия бо фанҳои табиӣ-математикӣ амалӣ гардонида мешавад.



**Калидвожаҳо:** хусусият, таълим, астрономия, астрометрия, астрофизика, механикаи осмон, космогония, космология, принсипҳои дидактика, робитаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ.


## ОСОБЕННОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ОСНОВНЫХ РАЗДЕЛОВ АСТРОНОМИИ В СРЕДНЕОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ


В данной статье говорится об особенностях изучения основных разделов астрономии в средних общеобразовательных учреждениях. Вначале обосновано разделение астрономии на отдельные раздели и области, а затем была установлена последовательность изучения этих разделов в курсе астрономии средних общеобразовательных учреждений. Подробно представлены особенности изучения каждого раздела астрономии в средних общеобразовательных учреждениях. Отмечается, что учебные материалы для всех разделов астрономии в средних общеобразовательных учреждениях подбираются исходя из основных принципов дидактики. Также в данной статье упоминаются основные проблемы формирования система астрономических знаний у учащихся. В конце говорится о проблеме восстановления внутрипредметных и межпредметных связей в процессе преподавания астрономии в средних общеобразовательных учреждениях. Здесь отмечается, что учитываются реализация внутрипредметных и межпредметных связей, взаимосвязи тем и отдельных разделов астрономии, связи отдельных разделов астрономии с другими дисциплинами естественно-математического цикла. По мнению авторов, связь преподавания астрономии с другими учебными предметами в средних общеобразовательных учреждениях осуществляется на основе связи науки астрономии с другими естественно-математическими и социально-гуманитарными науками, а также связи отдельных разделов астрономии с естественно-математическими предметами.



**Ключевые слова:** особенность, образование, астрономия, астрометрия, астрофизика, небесная механика, космогония, космология, дидактические принципы, межпредметные и внутрипредметные связи.

## FEATURES OF STUDYING THE MAIN BRANCHES OF ASTRONOMY IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article talks about the features of studying the main sections of astronomy in secondary educational institutions. At first, the division of astronomy into separate sections and areas was justified, and then the sequence of studying these sections in the astronomy course of secondary educational institutions was established. The features of studying each section of astronomy in secondary educational institutions are presented in detail. It is noted that educational materials for all sections of astronomy in secondary educational institutions are selected based on the basic principles of didactics. This article also mentions the main problems of forming a system of astronomical knowledge among students. At the end, the problem of restoring intra-subject and inter-subject connections in the process of teaching astronomy in secondary educational institutions is discussed. It is noted here that the implementation of intra-subject and inter-subject connections, the relationship of topics and individual sections of astronomy, the connection of individual sections of astronomy with other disciplines of the natural and mathematical cycle are taken into account. According to the authors, the connection between the teaching of astronomy and other academic subjects in secondary educational institutions is carried out on the basis of the connection between the science of astronomy and other natural, mathematical and social sciences and the humanities, as well as the connection between individual sections of astronomy and natural and mathematical subjects.

**Keywords:** peculiarity, education, astronomy, astrometry, astrophysics, celestial mechanics, cosmogony, cosmology, didactic principles, interdisciplinary and intradisciplinary connections.

***Дар бораи муаллифон***

*Умаров Умар Сулаймонович*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

*Сафаралӣ Авлиёқул*
*Муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторах***

*Умаров Умар Сулаймонович*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

*Сафарали Авлиёкул*
*Старший преподаватель кафедры методики преподавания физики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the authors***

*Umarov Umar Sulaymonovich*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

*Safarali Avliyoqul*
*Senior lecturer of the Department of Methods of Teaching Physics*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

ТДУ 378.147.6:004:53

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪМИНИ СИФАТИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

***Холов Г. Ш., Бубиев М. Ч.***
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) ҳангоми муайян намудани савияи дониш ва сифати омӯзиши фанни физика омӯзгор диққати асосиро бояд ба масъалаҳое ҷалб намояд, ки донишҷӯён суст азхуд кардаанд. Аз ин рӯ, маводи таълимиро бештар такрор намуда, ба саволҳо, масъалаҳои нофаҳмо, қонуниятҳо, равандҳои физикӣ посухи равшану муфассал додан лозим аст. Барои мустаҳкам намудани мавзуи дарсӣ мафҳумҳои асосии физикӣ, нуктаҳои муҳим ва ҷойҳои зарурии матни китобро донишҷӯён мухтасар ба дафтарашон менависанд.

Барои расидан ба ин ҳадаф аз омӯзгор маҳорату малакаи касбӣ тақозо мешавад. Ӯ метавонад яке аз усулҳои паҳнгардида баҳри баланд бардоштани сифати омӯзиши фанни физика дар ҷараёни таълим - иҷрои кори мустақилонаро роҳандозӣ намояд.

Дар натиҷаи самаранок истифода бурдани кори мустақилонаи физикӣ маводи таълимӣ ҳамаҷониба ҳазм гардида, дониши гирифтаи донишҷӯён дар хотира мустаҳкам нигоҳ дошта мешавад. Маҳорати мустақилона аз худ намудани дониш санъати махсусест, ки онро бояд ҳар як донишҷӯи МТОК ҳамарӯза ташаккул диҳад.

Дар МТОК кори мустақилонаи донишҷӯёнро шартан ба се қисми бо ҳам алоқаманд ҷудо кардан мумкин аст:

– кори мустақилона синфӣ (аудиторӣ ё озмоишӣ);
– кори мустақилонаи аз ҷониби омӯзгор ба нақша гирифташаванда;
– кори мустақилонаи беруназсинфии донишҷӯён [10, с. 3-4].

Зеро дар МТОК яке аз вазифаҳои асосии кори мустақилона ин ташкили бештари кори назоратӣ ва самаранокии кори таълим ба шумор меравад.

Дар вақти ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни физика онҳоро аз хондан, омӯзиши мунтазами маърузаҳо, супоришҳои иловагӣ, вазифаҳои хонагӣ ҷудо намудан мувофиқи мақсад нест. Иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро дар рӯзҳои муқаррааргардида ба назар гирифтан манфиатнок аст. Чунин банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён сатҳу сифати таълимро беҳтар намуда, нишондиҳандаҳои таълимро ба низом медарорад.

Мустаҳкамкунии маводи таълимӣ дар рафти кори мустақилона аз фанни физика, дар асоси мавзуъҳои азхудгардида ва худфаъолиятии донишҷӯён ба амал меояд, вале на ҳамаи донишҷӯён аз имкониятҳое, ки дар кори мустақилона дучор мешаванд, дуруст истифода мебаранд. Баъзан мушоҳида мегардад, ки баъзе донишҷӯён барои азхуд кардани маводи маърузавӣ диққат надода, иҷрои онро ба дигар рӯзҳо ва ҳатто ба рӯзҳои санҷиш ё имтиҳонҳои дарпешистода мегузаронанд. Ин ақида боис мегардад, ки фосилаи байни ду ҷиҳати асосии раванди таълим ҷудо гардида, сатҳи дониши донишҷӯ то андозае коҳиш меёбад.

Дуруст ташкил намудан ва системаи мукаммали назорати кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни физика ба майлу рағбат, азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малака ва дигар сифатҳои шахсие, ки барои донишҷӯён баъди таълими донишгоҳӣ заруранд, кӯмак мерасонад. Назорати дониш яке аз шаклҳои асосии раванди таълим маҳсуб ёфта, ҳолати он бояд ба шароит ва вазифаҳои нави рушди МТОК мутобиқ карда шавад.

Дар аксари машғулиятҳои физикӣ, донишҷӯён масъалаи коркарди иттилоот ва азхудкунии қонунҳои зарурирo ба пуррагӣ ҳал карда наметавонанд. Коркарди эҷодии маълумоти таълимӣ танҳо дар натиҷаи муташаккилона омӯхтан ва бо иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён амалӣ мегардад.

Ба ақидаи Фридман Л.М. самарабахшии кори мустақилона ин қобилияти мустақилият дар синф, хона, китобхона, ташкили шаклҳои гуногуни кор мебошад. Шарти бисёр муҳиме, ки фаъолнокии донишҷӯёнро ба амал меорад, ин ба онҳо додани масъалаҳо ва супоришҳои мураккаб буда, роҳи ҳалли онро мустақилона талаб намудан лозим аст [9, с. 214-230].

Гарчанде ки кори мустақилонаи донишҷӯён, ба истилоҳ, «мустақилона» бошад ҳам, бо ташаббуси омӯзгор ва роҳбаладии ӯ муайян карда мешавад. Тарзи ташкили кори мустақилона бевосита аз он вобаста аст, ки омӯзгор кадом методи таълимро ҷонибдорӣ ва истифода мебарад. Бархе аз омӯзгорон маълумотдиҳиро дар мадди аввал гузошта, ба масъалаи кори мустақилонаи донишҷӯён гуногун муносибат мекунанд [1, с. 158].

Новобаста аз он ки донишҷӯён кадом намуди кори мустақилонаро (амалӣ, озмоишӣ, эҷодкорӣ ва ғ.) иҷро мекунанд, нақши асосӣ ва калидиро омӯзгор мебозад [6, с. 182].

Бешубҳа, дониш интиқол дода намешавад, балки он дар раванди кори мустақилонаи фикрӣ ва дар асоси коркарди чараёни гардиши иттилоот ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, нақши кори мустақилона байни донишҷӯёни МТОК раванди асосӣ ва ҷузъи муҳими ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки донишҷӯён донишҳои андӯхтаи худро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ мустақилона истифода бурда метавонанд, агар дар рафти машғулиятҳо омӯзгор диққати онҳоро ба мақсаду мазмуни ҳодисаҳои физикӣ ҷалб намуда тавонад. Омӯзгор онҳоро барои такмил додани дониш, фаъолияти маърифатӣ, кори мустақилонаи таълимӣ ва илмию техникӣ ҳамеша роҳбаладӣ намояд.

Аз ин ҷониб, дар назди МТОК барои омода намудани мутахассисони дорои сатҳи баланди дониш, тафаккури эҷодӣ ва мустақилият вазифаҳои муҳим меистад.

Супоришҳое, ки барои кори мустақилона пешниҳод карда мешаванд, бояд шавқу ҳаваси донишҷӯёнро бедор намоянд. Он ба коричрокунӣ, меҳнат ва инкишофи фаъолияти эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад. Ба донишҷӯён, пешниҳод кардани супориши мустақилонае муфид аст, ки дар онҳо татбиқи амалӣ ва озмоишии як ҳодисаи мушаххаси физикӣ ниҳон бошад.

Сарфи назар аз аҳамият ва муҳимияти кори мустақилонаи физикӣ, ҳангоми ташкил байни донишҷӯёни МТОК он набояд аз меъёр зиёд пешниҳод гардад. Зеро шавқу ҳаваси аз ҳад зиёд ба кори мустақилона метавонад суръати азхудкунии маводи барномавӣ, эҷодкориву ихтироъкорӣ, омӯхтани маводи нав ва омӯзиши пайдарпайии мавзуъҳои мустақилонаро коҳиш диҳад.

Донишҷӯён бояд тадриҷан ба фаъолияти мустақилона одат намоянд. Дар аввал иҷрои амалҳои оддитаринро нишон диҳед, сипас бо мурури вақт ба онҳо, иҷрои кори мустақилонаи мураккабтарро бовар намоед. Ниҳоят, байни омӯзгор ва донишҷӯ робитаи мустаҳкам ба вуҷуд омада, омӯзгор ҳамчун иштирокчии раванди таълим танҳо сифатҳои беҳтарини донишҷӯёнро мушоҳида менамояд.

Фаъолияти илмии донишҷӯён пояи асосии кори мустақилона маҳсуб меёбад. Ин намуди фаъолият сатҳи баланди ҳавасмандии донишҷӯёнро дар назар дорад [8].

Дар раванди таълим фаъолияти илмии донишҷӯёнро зимни иҷрои кори мустақилона бо рукнҳо фаҳмонидан мумкин аст (Расми 1).




***Расми 1. Рукнҳои мустақилият***

Ҳама гуна фаъолияти таълимию маърифатӣ дар МТОК, аз ҷумла кори мустақилонаи донишҷӯён хусусияти тадқиқотӣ дорад, ки дар оғози мафҳумҳои фаъолияти таълимӣ,

тадқиқотӣ ва илмии донишҷӯён ифода меёбад. Маҳсули фаъолияти тадқиқотӣ ҷустуҷӯи донишҳои нав буда, хусусиятҳои он дар муайян кардани метод, роҳу воситаҳои мушаххас, иҷрои кори амалӣ тавассути гузоштани масъала, ҷудо кардани объекти тадқиқот, пешниҳоди фарзия, гузаронидани таҷриба, санҷиши донишҳои бадастомада, тавсия ва шарҳ додани далелҳои дар ҷараёни таҷриба гирифта ифода меёбад.

Имрӯзҳо дар ҷомеаи муосир, талабот ба сифати фаъолияти мустақилонаи тадқиқотии донишҷӯён зиёд шуда, аҳамият ва ҷалби муҳаққиқон ба ҳалли ин масъала бештар гардида истодааст [7].

Мақсади фаъолияти тадқиқотӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯ бояд дар фаъолияти мустақилона дастрас намудани дониш, малакаи мақсадгузорӣ, баҳодиҳӣ ба худ, рад ё инкор кардани ақидаи пешниҳодгардида, маҳорати худмулоҳизакунӣ, ба нақша гирифтани фаъолият, муносибати эҷодӣ ва масъулиятнокӣ ҳангоми иҷрои супоришҳоро ба назар гирад [2, с. 75].

Дар машғулиятҳои имрӯза, тамоюли баланд бардоштани нақш ва мавқеи кори мустақилона хело хос аст. Ин ба пурра азхуд намудани маводи нави таълимӣ бевосита дар синф вобаста аст. Таҷрибаи омӯзгорон ва таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки кори мустақилона танҳо дар сурате натиҷаи мусбӣ медиҳад, ки он барои ҳар як донишҷӯ мунтазам ва пай дар пай сурат гирад.

Фаъолияти донишҷӯро метавон дар марҳилаҳои гуногуни машғулиятҳои физикӣ ва иҷрои кори мустақилона баён намуд. Аксаран омӯзгорони МТОК барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиш дар ҷараёни машғулиятҳои физикӣ шакли супоришҳои инфиродиро пешниҳод мекунанд. Аз ин лиҳоз, кори мустақилона бояд бо маводи омӯхташуда мувофиқ буда, ҳамеша барои беҳтару хубтар азхуд намудани маводи фаннӣ ва сайқал додани дониш кӯмак расонад.

Бо интихоби омӯзгор баъзе супоришҳоро донишҷӯён метавонанд мустақилона дар тахтаи синф бо шарҳи шифоҳӣ иҷро намоянд ва вобаста ба дараҷаи азхудкунӣ баҳогузорӣ намоянд.

Ҳангоми иҷрои кори мустақилона донишҷӯ тибқи дастурҳои методӣ оид ба ташкил ва усули омода намудан бояд амал намояд. Донишҷӯ доир ба интихоби мавзуъ, истифодаи адабиёти тавсиявӣ, талаботи иҷроиш ва тартиби ҷойгиркунии аломатҳо, ҷадвалҳо ва формулаҳои физикӣ, вақти иҷроиш, шарт ва талаботҳои умумӣ маълумот дошта бошад. Айни ҳол бештар дар ин самт камбудиҳо ва хатоҳо бештар дида мешавад. Барои такроран ба ин камбудиҳо роҳ надодани донишҷӯён омӯзгорро зарур аст, ки ҳангоми супориши кори мустақилона нуктаҳои зеринро ба инобат гирад:

1) ба донишҷӯён набояд супоришҳои эҷодӣ зиёд вогузор карда шавад;

2) кори мустақилона фориғ аз машғулиятҳо иҷро карда шавад;

3) ба донишҷӯён оид ба иҷрои супоришҳои мустақилона дастурҳои аниқ дода шавад, аз қабили:

– шартҳои иҷрои кор;

– ҳаҷми кор;

– муҳлатҳо;

– талаботи тарҳрезию ороиш.

4) ба қайд гирифтани кори мустақилонаи иҷрогардида ва назорати кори супурдашуда;

5) базогузорӣ ба сатҳи иҷрои кори мустақилона.

Дар МТОК барои иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён соатҳои гуногун ҷудо карда мешавад. Тақсимоти соатҳо тибқи сарбории фаъол ба роҳ монда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ба иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён аз тамоми фанҳои тадрисшавандаи таълимӣ аз ҷониби раёсати Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Тибқи талабот омӯзгор аз ҳар як донишҷӯ то 12 кори мустақилонаро дар шакли чопӣ қабул намуда, аз натиҷааш дар охири нимсола ба кафедра ҳисобот пешниҳод менамояд, вале мутаасифона, сатҳу сифати иҷроиши ин навъи корҳо беҳбудиро тақозо менамояд. Дар кори мустақилонаи донишҷӯён якрангӣ ва истифодаи

навовариҳо кам мушоҳида мегардад. Баъзе ҳолатҳо ақидаи донишҷӯён бо матни маърузаи омодагардида рост намеояд, ки ин боиси нобоварии донишҷӯён ба маҳсули кори худ мегардад. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати иҷроиши кори мустақилонаи физикӣ, якчанд пешниҳод ва корҳои назаррас ба сомон расонида шудааст, ба монанди:

–дастрасии босамари асбобҳои физикӣ дар озмоишгоҳ байни донишҷӯён, мавриди иҷрои кори мустақилона;

–дастрасии донишҷӯён ба китобхонаи электронӣ ва манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ;

–интихоби дурусти мавзуъ аз ҷониби омӯзгори дарсдиҳанда;

–истифодаи фаъолонаи барномаҳои гуногуни компютерӣ;

–алоқамандии мавзуи кори мустақилона бо фанни тадрисшаванда.

Албатта, як қолаб ва тартиби асосӣ барои иҷрои кори мустақилона мавҷуд аст, ки донишҷӯён тибқи он кори мустақилонаро ба анҷом мерасонанд. Оиди ин масъала ҳатто муаллифон чунин дарҷ намудаанд. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона талаботҳои зерин бояд риоя карда шавад [5, с. 6]:

1) бо талаботҳои барномаи таълим мувофиқ будани мазмуни кори мустақилона;

2) дар доираи имконияти донишҷӯ будани кори мустақилона;

3) риоя кардани принсипи иҷрои бошууронаи кори мустақилона;

4) ба таври системанок ташкил намудани кори мустақилона;

5) ба иҷрои кори мустақилона омода намудани донишҷӯён, ки зинаҳои зеринро мегирад:

а) дар бораи мақсад ва вазифаҳои кори мустақилона додани дастури дақиқ ва мухтасар;

б) донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурии техникӣ ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ намудан;

в) дар назди донишҷӯён гузоштани вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикриро талаб намояд;

г) риоя намудани муҳлате, ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст;

6) аз тарафи омӯзгор бевосита назорат намудани рафти иҷрои кори мустақилона ва дар ҳолати пеш омадани душвориҳо ба донишҷӯён ёрии зарурӣ расонидан;

7) назорати ҳатмии иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён.

Тадқиқот нишон дод, ки дар МТОК нақш ва аҳамияти иҷрои кори мустақилонаи физикӣ аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён дар сатҳҳои гуногун қарор доранд. Инро ба назар гирифта, назарсанҷии омӯзгорону донишҷӯёнро дар ҷадвал натиҷагирӣ намудем. Дар ҷадвал дараҷаи фаҳмиш ва аҳамияти кори мустақилона аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ, салоҳияти омӯзгорону донишҷӯён, мушкилот мавриди иҷрои кори мустақилона, намудҳои маъмултарини кори мустақилона оварда шудааст.

***Ҷадвали 1.***

| Намудҳои кори мустақилона | Омӯзгорон (%) | Донишҷӯён (%) |
|---|---|---|
| Кор бо китоб (навиштани нақшаи дарси яксоата, омода намудани рефератҳо, корҳои курсӣ, рисолаи бакалаврӣ ва ғ) | 17,3 | 21,8 |
| Иҷрои машқҳои амалӣ, ҳалли масъалаҳои физикӣ | 20,4 | 31,2 |
| Иҷрои тестҳои физикӣ | 26,1 | 22,3 |
| Навиштани эссе | 8,4 | 2,1 |
| Иҷрои супоришҳои лоиҳавӣ | 9,8 | 2 |
| Гузаронидани тадқиқот | 5,9 | 1,7 |
| Сохтани асбобҳои содаи физикӣ | 2,3 | 0,8 |
| Омода намудани аёниятҳо ва маводи ёрирасон | 4,5 | 1,6 |
| Дигар намуди кори мустақилонаи физикӣ | 2,3 - ҷавоб ба саволҳо, анкетаронӣ | 4,7 - хондани маъруза, ҷустуҷӯи маълумот, кор бо шабакаи интернет |




Дар ҳолате ки кори мустақилона самаранок ташкил карда шавад, дар донишҷӯён хислати муҳими шахсӣ – мустақилият инкишоф меёбад. Ташкили шаклҳои гуногуни кори мустақилонаи физикӣ ба сифати омӯзиш, ҷалби донишҷӯён ба ҳодисаҳои табиат, рӯ овардан ба донишазхудкунӣ, рушди зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз роҳҳои асосии татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар ҷараёни таълим мебошад.

Меъёрҳои баҳодиҳии кори мустақилонаи донишҷӯён аз ҷониби омӯзгори физика:

1) дараҷаи азхудкунии маводи таълим аз тарафи донишҷӯён;
2) қобилияти истифодаи донишҳои назариявӣ ҳангоми иҷрои машғулиятҳои амалӣ;
3) сатҳи инкишофи малакаҳои умумӣ дар рафти омӯзиши физика;
4) бомазмун ва возеҳ будани маводи пешниҳодшуда;
5) тарҳрезии мавод мувофиқи барнома ва талаботҳои умумӣ;
6) дараҷаи мустақилият ҳангоми иҷрои кори мустақилона;
7) нишондиҳандаҳои фаъолияти эҷодии донишҷӯён:
– азназаргузаронии масъалаҳои нав бо нигоҳи қонунҳои физикӣ;
– мустақилона истифодабарии усулҳои азхудгардидаи фаъолият дар вазъияти нав;
– дарки роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилот;
– беҳтар намудан ва сохтани методи иҷрои ҳалли масъала.

Дар рафти тадқиқот

***Ҷадвали 2.***

| № | Маҳорату малакаҳои умумии таълимӣ | Донишҷӯ бояд донад | Айни ҳол донишҷӯ чунин маҳорату малакаро дорад |
|---|---|---|---|
| 1 | Бақайдгирӣ, сохтани нақша, тартиби навиштани ва ғ. | 3,2 | 4,5 |
| 2 | Иқтибосоварии маводи зарурӣ | 2,6 | 3,7 |
| 3 | Омода намудани кори мустақилона, баромадҳо, ахборот ва ғ. | 3,8 | 4,0 |
| 4 | Баромад кардани донишҷӯ бо реферат, навиштани кори курсӣ, маъруза дар конфронс, маҳфилҳо, ахборотдиҳӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ. | 2,1 | 2,8 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Бештар хондан бо мақсади азхудкунии маводи муҳим, доштани донишҳои зарурӣ, нутқи бурро ва ҳозирҷавоб будан, муддатҳои тулонӣ дар хотир нигоҳ доштани маълумот. | 5,4 | 6,8 |
| 6 | Бурдани фаъолияти тадқиқотӣ дар синф, озмоишгоҳ ва фориғ аз дарс | 2,7 | 3,5 |
| 7 | Мантиқан фаҳмонидан ва ҷудо намудани мафҳумҳои асосии маводи физикӣ | 3,8 | 4,6 |
| 8 | Банақшадарорӣ ва гурӯҳбандии ҳодисаҳои физикӣ | 3,2 | 4,9 |
| 9 | Доштани нуқтаи назар, муқоиса намудани далелҳо, ҳодисаҳо ва мафҳумҳои физикӣ | 4,2 | 5,1 |
| 10 | Дар асоси таҳлилҳо ва маводу далелҳои ҷамъшуда баровардани хулосаҳои умумӣ | 3,4 | 4,2 |
| 11 | Мушоҳида намудан | 5,4 | 6,2 |
| 12 | Баровардани хулосаҳои дақиқ | 2,9 | 3,6 |
| 13 | Баҳогузорӣ намудани маълумот | 3,6 | 4,8 |
| 14 | Истифодаи донишҳои андӯхташуда дар амал | 3,7 | 4.9 |
| 15 | Худназорати дар фаъолият ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта | 2,9 | 3,7 |
| 16 | Нишон додани фаъолият, кор бо технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ташаббуси эҷодкорӣ | 3,8 | 4,8 |




Чӣ тавре ки дар боло иброз намудем, ҳар як омӯзгор барои муайян намудани сатҳи дониши донишҷӯён тариқи иҷрои кори мустақилонаи физикӣ баҳогузориро бо методҳои гуногун анҷом медиҳанд. Вале супориш ва вазифаҳои кори мустақилонаи физикӣ бояд якчанд паҳлӯҳои маърифатӣ, ташаббускорӣ, андешаронӣ, шуурнокӣ ва идрокро дар бар гирад. Масалан, донишҳои фикрӣ, техникӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ, математикӣ, ҷуғрофӣ, ҳодисаҳои табиат ва ғайраро талаб намояд.

1. Хатти телеграфии байни вилоят ва пойтахт ҳар зимистон 100 метр кӯтоҳ шуда, дар тобистон дарозии он барқарор мешавад.

2. Баландии сутунчаи симобӣ дар найча ҳангоми гарм кардан зиёд мешавад. Ин ҳодисаро чӣ тавр шарҳ додан мумкин аст?

3. Дар зарфи шишагин оби ҳаҷмаш 0,5 литр мавҷуд аст. Он ба зарфи 1 литра рехта мешавад. Оё об тағйир меёбад?

4. Чӯб дар дарё шино мекунад. Он нисбат ба об ҳаракат мекунад ё нисбат ба соҳил?

5. Қиматҳои 108 км/с, 3 км/с, 60 м/дақ ба СИ ифода намоед.

6. Агар шутур бо суръати максималӣ (16 км/соат) ҳаракат намояд, пас дар 5 соат чӣ қадар масофаро тай карда метавонад?

7. Аз графики ҳаракати мунтазам роҳеро муайян кунед, ки ҷисм дар 5 сония тай намудааст.




***Расми 2. Графики ҳаракати мунтазами ҷисм***

8. Оё массаи об ҳангоми яхкунӣ тағйир меёбад?

9. Сокинони ҷазира ба капитани киштӣ туҳфа доданд, ки аз чӯб сохта шудааст. Массаи он 8,4 г буда, ҳаҷмаш 6 $см^3$ аст. Зичии чӯбро муайян намоед.

10. Ҳарорати сайёраҳои гурӯҳи заминӣ ва азимҷуссаро муқоиса кунед.

Кори мустақилонаи донишҷӯ он гоҳ натиҷаи хуб медиҳад, ки агар иҷрои он аз тарафи омӯзгор идора карда шавад. Омили дигари самаранокӣ ва иҷрои босифати кори мустақилонаи физикӣ, ин кори гуруҳӣ ё бо маънои дигар колективона дар синф ва озмоишгоҳ мебошад. Ташаккулёби ба фаъолияти мунтазами кори мустақилонаи физикӣ дар МТОК тавассути методҳои муосири ҳавасмандкунӣ, тавсияҳои методӣ, ба низом даровардани шаклҳои фаъолияти беруназсинфӣ таъмин намудан мумкин аст.

Олимон бар он ақидаанд, ки байни ҳамаи намудҳои фаъолияти донишҷӯён, кори мустақилона мавқеи хосро ишғол мекунад [3].

Дар хотима қайд намудан бамаврид аст, ки дуруст ба роҳ мондани кори мустақилонаи донишҷӯён имкон медиҳад, ки машғулиятҳо шавқовар ва ҷолибтар гардида, мазмуни саволҳои пешниҳодшудаи омӯзгор ҳамеша амиқ ва ҳамаҷониба дарк гардад. Талоши доимии донишҷӯёнро ба фанни физика ташаккул дода, хоҳиш ва маҳорати мустақилона азхуд кардани донишро тақвият бахшад.

Хулоса, иҷрои кори мустақилонаи физикӣ ба рушди зеҳнӣ, маҳорату малака, қобилият ва тафаккури донишҷӯён мусоидат намуда, метавонад дар ҳама гуна фаъолиятҳои ақлӣ, таълимӣ, касбӣ ва эҷодӣ хизмат намояд.

### ***Адабиёт***


1. *Адашкевич, И.В. Определение целей самостоятельной учебной деятельности: воспроизведение; исследование; конструирование; самостоятельная работа и академические успехи. Теория, исследования, практика / И.В. Адашкевич, С.А. Барвенов // Материалы пятой международной научно-практической конференции «Университетское образование: от эффективного преподавания к эффективному учению» (БГУ, Минск, 29-30 марта 2005 г.)*
2. *Вартанова, В.В. Содержание и организация самостоятельной учебной деятельности студентов в курсе обучения иностранному языку / В.В. Вартанова // Ижевск: Издательство «Удмуртский университет», 2009. - 256 с.*

3. *Коряковцева, Н.Ф. Современная методика организации самостоятельной работы: Пособие для учителей / Н.Ф. Коряковцева. – М.: АРКТИ, 2002. – 176 с.*
4. *Кузнецов, В.С. Оптимизация самостоятельных работы по актуализации и формированию знаний учащихся при изучении электродинамики в 9 классе. Методические рекомендации. Черкасский областной институт усовершенствования учителей. г. / В.С. Кузнецов - Черкассы 1988. – 43 с.*
5. *Маҷидов, Ҳ. Кори мустақилонаи донишҷӯён. Дастури методӣ / Ҳ. Маҷидов, Б. Ҳусейнов, М. Худойдодв, Р. Мирзоев. - Душанбе: Эр-Граф, 2009. - 72 с.*
6. *Методика преподавания физики в восьмилетней школе: Пособие для учителя / Под ред. В.П. Орехова, А.В. Усовой. – М.: Просвещение, 1965. – 319 с.*
7. *Новиков, А.М. Научно-экспериментальная работа в образовательном учреждении, деловые советы / А.М. Новиков. - М.: Эгвес, 1998. - 134 с.*
8. *Суюнова, В.А. Методические указания по организации самостоятельной работы обучающихся / В.А. Суюнова. - Крымский федеральный университет им. В.И. Вернадского. 2020.*
9. *Фридман, И.Ю. Кулагина И.Ю. Психологический справочник – 2-е издание, дополненное и переработанное / И.Ю. Фридман. – М.: Совершенство, 1998. – 432 с.*
10. *Шарифов, Ҷ. Тавсияҳо доир ба ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён. Дастур барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Ҷ. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2015. – 72 с.*

## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪМИНИ СИФАТИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

Дар мақола оиди салоҳияти омӯзгор ва таъмини сифати омӯзиши физика тариқи ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи физикӣ байни донишҷӯён сухан меравад. Қайд шудааст, ки сари вақт иҷрои кори мустақилонаи физикӣ сатҳу сифати омӯзиши мавзуъҳоро тақвият бахшида, боиси баланд бардоштани савияи дониши муҳассилин, дараҷаи азхудкунӣ, истифодаи технологияи муосири информатсионӣ мегардад. Аз ҷумла вазифаҳои асосии кори мустақилона ташкили бештари кори назоратӣ ва самаранокии кори таълим ба шумор рафта, барои рушди тафаккури эҷодии донишҷӯён заминаи хуб фароҳам меорад. Ҳамчунин дуруст ва бомаврид ба роҳ мондани кори мустақилонаи донишҷӯён имкон медиҳад, ки машғулиятҳо шавқовар ва ҷолибтар гардида, мазмуни саволҳои пешниҳодшудаи омӯзгор амиқ ва ҳамаҷониба дарк гардад.

**Калидвожаҳо:** сифати омӯзиш, кори мустақилона, методикаи таълими физика, такмили маҳорати касбӣ, маводи дидактикӣ, истифодаи технологияи информатсионӣ, тавсияҳо.

## МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ КАК СПОСОБ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ ФИЗИКИ

В статье говорится о компетентности учителя и обеспечение качества образования по физике путем организации и проведения самостоятельной физической работы среди учащихся. Отмечается, что своевременное выполнение самостоятельной физической работы повышает уровень и качество изучения предметов, приводит к повышению уровня знаний учащихся, мастерства, использования современных информационных технологий. Среди основных задач самостоятельной работы – это организация большей контрольной работы и повышение эффективности образовательной работы, что создает хорошую основу для развития творческого мышления учащихся. Правильная и своевременная организация самостоятельной работы студентов также позволяет сделать занятия более интересными и увлекательными, а содержание вопросов, задаваемых преподавателем, более глубоко и всесторонне осмысленным.

**Ключевые слова:** качество обучения, самостоятельная работа, методика преподавания физики, повышение квалификации, дидактические материалы, использование информационных технологий, рекомендации.

## METHODOLOGY FOR ORGANIZING INDEPENDENT WORK OF STUDENTS AS A TOOL FOR ENSURING QUALITY OF PHYSICS TEACHING

The article talks about the competence of the teacher and ensuring the quality of education in physics by organizing and conducting independent physical work among students. It is noted that timely completion of independent physical work increases the level and quality of studying subjects, leads to an increase in the level of students' knowledge, skill, and use of modern information technologies. Among the main tasks of

independent work is the organization of more control work and increasing the efficiency of educational work, which creates a good basis for the development of creative thinking of students. The correct and timely organization of students' independent work also allows for making classes more interesting and engaging, and the content of questions asked by the teacher more deeply and comprehensively thought out.

**Keywords:** quality of teaching, independent work, methods of teaching physics, advanced training, didactic materials, use of information technology, recommendations.

***Дар бораи муаллифон***

*Холов Гулмаҳмад Шарифович*
*Омӯзгори кафедраи физикаи умумӣ*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи*
*Носири Хусрав*
*735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,*
*кӯчаи С. Айнӣ, 67*
*E-mail: sorbojon2001@mail.ru*

*Бубиев Мумин Чоршанбиевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори*
*кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи*
*Носири Хусрав*
*735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,*
*кӯчаи С. Айнӣ, 67*
*E-mail: fakultet.fizika@bk.ru*

***Об авторах***

*Холов Гулмахмад Шарифович*
*Преподователь кафедры общей физики*
*Бохтарский государственый университет*
*имени Носира Хусрава*
*735140, Республика Таджикистан,*
*г. Бохтар, ул. С.Айни, 67*
*E-mail: sorbojon2001@mail.ru*

*Бубиев Мумин Чоршанбиевич*
*Кандидат педагогических наук, старший*
*преподователь кафедры методики*
*преподавания физики*
*Бохтарский государственный университет*
*имени Носира Хусрава*
*735140, Республика Таджикистан,*
*г. Бохтар, ул. С. Айни, 67*
*E-mail: fakultet.fizika@bk.ru*

***About the authors***

*Kholov Gulmahmad Sharifovich*
*Senior Lecturer at the Department of General*
*Physics*
*Bokhtar State University named after*
*Nosir Khusraw*
*7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar,*
*st. S.Ayni, 67*
*E-mail: sorbojon2001@mail.ru*

*Bubiev Mumin Chorshanbievich*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Senior*
*Lecturer of the Department of Methods of*
*Teaching Physics*
*Bokhtar State University named after*
*Nosir Khusraw*
*7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar,*
*st. S.Ayni, 67*
*E-mail: fakultet.fizika@bk.ru*

ТДУ 378.147.6:53:159.9

# ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ДАР ҶАРАЁНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФИЗИКӢ

***Асадуллоев Ш. С.***
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

Вобаста ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба мутахассисони босалоҳият зарурати баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) ба миён омадааст. Ҳангоми таҳияи назарияҳои сершумор методҳои истифодабарии технологияҳои муосир дар раванди машғулиятҳои физикӣ муҳим арзёбӣ гардид. Бинобар ин, барои тайёр намудани муттахассисони босалоҳият дар раванди машғулиятҳо аз методҳои гуногун истифода намуда, донишҷӯёнро ба ҳаёти ояндаашон омода намудан лозим аст.

Яке аз мушкилоти имрӯзаи салоҳиятнокӣ босамар истифода нашудани методҳои гуногуни таълим мебошад. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шакли анъанавии таълимро бо низоми кредитии таҳсилот ва методи салоҳиятнокӣ мегузаранд. Ин методҳои таълим хеле қулай, босамар буда, волидон ва донишҷӯён онро бо рағбати зиёд қабул мекунанд. Аммо маҳз ҳамин усули гузариш, дар баробари манфиатҳои зиёд, мушкилот низ дорад. Аввалан, омӯзгор барои амалӣ намудани усулҳои нави таълим дар дарс ва берун аз он вақти кофӣ надорад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гурӯҳҳои донишҷӯён хеле зиёданд (баъзан то 30-35 нафар мерасанд), истифодаи ин усулҳо баъзан номумкин мегардад. “Барои омода сохтани як дарс аз рӯи методикаи таълими ба донишҷӯён нигаронидашуда, на камтар аз 3-4 соат танҳо барои навиштани нақшаи дарси яксоата, омода намудани маводҳои дидактикӣ ва омӯзиши адабиёт вобаста ба мавзуи дарсӣ талаб карда мешавад” [3].

Тамоми омӯзгорони кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав талош намуда истодаанд, ки камбудӣ ва норасоиҳои мавҷударо оиди рафти иҷрои кори озмоишӣ бо роҳи такмил додани усулҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ бартараф намоянд. Аз ҷониби омӯзгорон барои ҷоннок намудани ин ҳадафро чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Ба монанди:

- ба машғулиятҳои озмоишӣ дохил намудани корҳои нав;
- такмил додани корҳои озмоишии мавҷуда бо дохил намудани супоришҳои мураккаб;
- азнавсозии таҷҳизоти синфхонаи озмоишӣ, беҳтар намудани усулҳои ченкунӣ тариқи асбобҳои муосири физикӣ;
- такмил додани таҷҳизотҳои техникии корҳои озмоишӣ ва ҷой кори донишҷӯён;
- баланд бардоштани фаъолият ва мустақилияти донишҷӯён дар машғулиятҳои озмоишӣ;
- истифодаи самараноки барномаҳои компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ аз фанни физика.

Хотирасон намуданием, ки дар амалия ин имкониятҳо аз тарафи баъзе омӯзгорони МТОК васеъ истифода бурда намешавад. Аз ҷумла, тавсифи методии корҳои озмоишии мавҷуда, ба баланд бардоштани фаъолият, савияи дониш ва мустақилияти донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳо мусоидат намекунанд.

Бояд қайд намуд, ки методҳои ташкил ва гузарондани машғулиятҳои озмоишӣ аз фанни физика нисбат ба дигар навъҳои машғулият бо суръати начандон зиёд вусъат мегирад. Ба ғайр аз ин, масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён ҳангоми иҷрои кори озмоишӣ ба пуррагӣ ҳал карда нашудааст.

Дар ҳамин замина мушоҳидаҳо ва тадқиқот нишон дод, ки камбудиҳои ҷойдоштаи методикаи ташкил ва гузарондани машғулиятҳои озмоиширо бо роҳи истифода бурдани ҳалли масъалаҳои озмоишӣ, саволҳо, аёниятҳо, маводҳои ёрирасон бартараф кардан мумкин аст.

Масъалаи салоҳияти касбии омӯзгор дар айни замон аз ҷониби олимони ватанӣ фаъолона мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар тафсири ин мафҳум маъноҳои гуногун гузоштаанд. Масалан: дар дастури муаллифон Абдураҳимов Қ.С., Гулов А.С, Бобоева Г.Ш. бо номи "Техноногияи гузаронидани машғулиятҳо ва истифодаи методҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" мафҳуми салоҳият чунин омадааст: "маҷмуи қобилияти инсон ба мустақилона истифода кардани унсурҳои мухталифи дониш, малакаю маҳорат ва усули фаъолият дар вазъияти муайян (вазъияти таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ)" [1, с. 101].




***Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии салоҳияти касбӣ***

Амалишавии ин усул ҳангоми таълими фанҳои мухталиф дар МТОК аз соли аввали таҳсил бояд салоҳиятҳои асосии донишҷӯён ташаккул дода шаванд [6, с. 8].

Хусусиятҳои асосии салоҳияти касбии педагогӣ инҳоянд:

–маҷмуи донишҳои психологӣ, дидактикӣ ва махсуси касбӣ;

–маҷмуи маҳорату малакаи касбӣ;

–маҷмуи қобилиятҳо, методҳо ва сифатҳои шахсӣ [8, с. 78-82].

Салоҳияти методологии омӯзгор дорои сохтор ва хусусиятҳои ба худ хос аст. Сохтори фаъолияти педагогӣ, ба ақидаи Кузмина Н.В., маҷмуи зеринро дар бар мегирад:

–иттилоотӣ – ба дониши амиқ ва озодона донистани маводҳои таълимӣ, методҳо ва роҳҳои таълими он асос ёфтааст;

–инкишофӣ – ягонагии таълим, тарбия ва рушди зеҳнии шахсро инъикос намуда, идоракунии ҷузъҳои асосии салоҳият ва фаъолияти донишҷӯро (равонӣ, эҳсосӣ, ирода) таъмин менамояд;

–сафарбаркунӣ – фаъол намудани дониш ва таҷрибаи рӯзгор бо мақсади ташаккули мустақилияти маърифатии онҳо;

–тадқиқотӣ - омӯзгор бояд эҷодкор, тадқиқотчӣ бошад;

–созанда - дар фаъолияти касбии худ омӯзгор бояд маводи таълимиро мувофиқи имкониятҳои синну соли хонандагон интихоб ва ба танзим дарорад.

–банақшагирӣ - ташкили раванди педагогӣ, нақшаи амали кории худ ва хонандагон;

–ташкилӣ – ба намудҳои гуногуни фаъолият ҷалб намудани хонандагон;

–муошират – ҳамкорӣ ва муошират бо дигар шахсон (донишҷӯён, волидон, омӯзгорони дигар) [9].

Салоҳияти методӣ маҳорати педагогии омӯзгорро муайян мекунад. Ба ақидаи мушовир ва педагогӣ машҳури рус Макаренко А.С. маҳорати педагогӣ донистани хусусиятҳои раванди педагогӣ, маҳорати ташкил ва ба ҳаракат даровардани он мебошад. Тибқи эътиқоди амиқи ин олим, ҳар як омӯзгор бояд аз болои худ мақсаднок кор карда, маҳорати педагогии худро тақвият дода, дар асоси таҷрибаи амалӣ ташаккул ёбад.

Ҳар як таҷриба метавонад, сарчашмаи салоҳияти касбӣ гардад. Чунин манбаи муҳим танҳо фаъолияти педагогӣ аст. Зеро аз ин нуқтаи назар, моҳият, мақсад, методҳо, сифатҳои шахсӣ ва корӣ, салоҳияти касбии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Аз далелҳои зикршуда маълум

мегардад, ки омӯзгори хуб ҳамеша шахсияти дурахшон буда, дорои маҳорати таъсиррасонӣ, робитавӣ ва муошират мебошад [5, с. 12-13].

Як қатор муҳаққиқон ва коршиносон бар ин назаранд, ки норасоии қобилиятҳои мавҷуда дар раванди таълимро метавон тавассути рушди сифатҳои касбӣ, аз қабили меҳнатдӯстӣ, донишазхудкунӣ, масъулиятнокӣ ба вазифаи ишғолнамуда бартараф намуд [10].

Қобилияти педагогӣ талаботи муҳими салоҳияти касбӣ ба ҳисоб меравад, вале омили асосии касбияти омӯзгор нест. Сифатҳои муҳими касбии омӯзгор ин хусусиятҳои таҳаммулпазирӣ, оқилона баҳо додан, дарки мавзуи дарсӣ, муносибати аҳлона доштан бо шогирдон, вазифаи ба ӯҳда доштаро ба пуррагӣ ва софдилона иҷро намудан аст.

Бояд қайд кард, ки салоҳиятнокӣ манбаи асосии инъикоси илми муосири педагогика ба шумор меравад. Муҳаққиқони хориҷӣ дар самти татбиқи муносибати босалоҳият дар ҷараёни машғулиятҳо якчанд методҳои қолиброи пешниҳод намудаанд [7, с. 13].

Нақши мушовирон дар беҳтар намудани кори озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле назаррас мебошанд [2; 11; 12]. Зеро ба ақидаи онҳо пояи асосии фаъолияти тадқиқотӣ, ин ташкил ва иҷрои кори озмоишӣ аз фанни физика мебошад. Толибилм дар рафти таҷриба ҳодисаҳои табиатро дарк намуда, шавқу рағбат ба идома додани таҳқиқот меафзояд.

Асосан корҳои озмоишӣ барои равшан намудани ҳолатҳои нофаҳмо, дарки ҳодисаҳои физикӣ, руйдодҳои табиат, азхудкунии тарзи кори таҷҳизоти физикӣ, истифодаи донишҳои назариявӣ бо амалӣ мусоидат мекунад. Маҳз рушди технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар мамлакат ба омӯзиш, гузаронидан ва корҳои озмоишӣ такони ҷиддӣ бахшид. Омӯзгор аз сарчашмаҳои гуногуни интеренетӣ истифода бурда, дониши худро вобаста ба тараққиёти илму техника сайқал дода метавонад. Номгӯ ва мавзуъҳои зиёди кори озмоишӣ аз фанни физикаро дар сомонаҳо дастрас намудан мумкин аст.

Зарурати дар таълими физика ҷорӣ намудани кори амалии донишҷӯёнро аввалин маротиба мушовири рус Герд А.Я. асоснок кардааст. Ӯ иброз дошт, ки ба толибилм бояд "имконияти мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаи ҷисмҳои табиӣ" дода шавад [4].




***Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии кори озмоишӣ***

Омӯзгори МТОК метавонад вобаста ба таҷриба ва малакаи корӣ байни донишҷӯён кори озмоишии физикӣ гузаронида, дар фосилаи 50 дақиқа, яъне як машғулият натиҷагирӣ намояд. Ба донишҷӯён варақаҳои алоҳида тақсим гардида, шарт ва талаботи он муфассал фаҳмонида мешавад. Сипас омӯзгор таҷҳизоти заруриро дастраси донишҷӯён намуда, машғулиятро оғоз мекунад. Рафти иҷрои кори озмоиширо назорат намуда, дар баъзе

марҳилаҳо ба донишҷӯёни камфаъол кӯмак карда, маслиҳатҳои муфид медиҳад. Инак, мо якчанд кори озмоиширо бо усулҳои гуногуни иҷроиш пешниҳод менамоем:

**Кори озмоишии №1.** **Сана:** _____________

**Насаб** _________________ **Ном**______________________

**Мавзуъ: Чен кардани қувва бо ёрии динамометр. Ин кори лабараторӣ дар синфи II иҷро карда мешавад.**

**Мақсади кор:** Омӯхтани тарзи кори қуввасанҷ, бо қуввасанҷ чен кардани вазни баъзе ҷисмҳо, қувваи соиш ва қувваи чандирӣ.

**Таҷҳизот:** қуввасанҷ, маҷмуи борҳо, тахта.

**Техникаи бехатарӣ.**

–Бодиққат, боинтизом, эҳтиёткор бошед ва дастурҳои омӯзгорро қатъиян риоя кунед.

–Пеш аз оғоз кардани кор ба асбобҳо даст нарасонед ва то дастури омӯзгор ба кори озмоишӣ шуруъ накунед.

–Пеш аз ба кор шуруъ намудан тавсифи онро бодиққат омӯзед ва рафти иҷрои онро фаҳмед.

–Асбобу анҷом, масолеҳ ва таҷҳизотро дар ҷой кор мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи омӯзгор ҷойгир намоед.

–Дар болои мизи корӣ ашёҳое, ки лозим нестанд гиред.

–Ҳангоми кор бо қуввасанҷ онро зиёд бор накунед, то ки дарозии фанар (пружина) аз меъёри миқёс берун наояд.

–Ҳангоми иҷрои кори амалӣ бо ришта, риштаҳоро бо даст наканда, бо қайчӣ буред.

**Бо қоида шинос шудам.** **Уҳдадор мешавам, ки иҷро намоям.**

_________ /Имзои донишҷӯ/

**Рафти иҷрои кор:**



1. Аз рӯи нақша сохти қуввасанҷро омӯзед.

*Нақшаи тавсифи дастгоҳи физикӣ:*

a. *Номи асбоб*_______________________________________________________

b. *Ин асбоб барои чӣ хизмат мекунад*____________________________

c. *Сохти дастгоҳ*_____________________________________________

d. *Сохти кори дастгоҳ ба чӣ асос ёфтааст?.*_____________________________________________________________

2. Вазни баъзе ҷисмҳоро бо ёрии қуввасанҷ чен карда, натиҷаҳои онро дар ҷадвал сабт намоед.

| № таҷриба | Номи ҷисм | Массаи ҷисм, кг | Вазни ҷисм P, Н |
|---|---|---|---|
| 1. | соат | | |
| 2. | телефон | | |
| 3. | дафтар, қалам, китоб, хаткашак. | | |

P=mg______________________________________________________________________

__________________________________________________________________________

__________________________________________________________________________

3. Тахтачаро дар болои ченаки чӯбин ба таври уфуқӣ ҷойгир намоед. Як вазнро дар тахтача ҷойгир кунед. Бо истифода аз қуввасанҷ тахтачаро кашед, то ақрабаки асбоб наҷунбад. Қувваи истифодашударо муайян намуда, таҷрибаро ду ё се маротиба такрор кунед. Натиҷаҳои ченнамудаи худро дар ҷадвал қайд намоед.

| № таҷриба | Вазни тахтача бо бор P, Н | Қувваи соиш $F_{соиш}$, Н |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |

4. Ба саволҳои зерин ҷавоб дода, хулоса бароред: кадом асбобро омӯхтед, бо ёрии ин асбоб кадом қувваҳоро чен кардед, қувваи соиш ҳангоми зиёд шудани вазни ҷисм чӣ тавр тағйир меёбад?

___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
___________

Баҳо «_______»                                        Имзои омӯзгор          ___________

**Кори озмоишии №2.**

**Мавзуъ: Муайян намудани қуввае, ки атмосфера ба сатҳи болои миз таъсир мекунад**

**Мақсад:** омӯхтани таъсири қувваҳо ва пайдоиши фишор дар ҷисм

**Таҷҳизот:** тасмаи сантиметрӣ.

**Нақшаи кор:**

1. Бо ёрии тасмаи сантиметрӣ дарозӣ ва паҳноии мизро бо метр муайян намоед.
2. Масоҳати майдонро ҳисоб кунед. S=a·b
3. Фишори атмосфериро баробар ба $P_{ат}$=760 мм.сут.сим. қабул намуда, ба Паскал (Па) гардонед.
4. Қувваи аз тарафи атмосферӣ ба миз таъсир шударо ҳисоб кунед. $P = \frac{F}{S}$ , F=P·S, F=P·a·b
5. Ҷадвалро пур намоед.

| a, м | b, м | S, м$^2$ | P, Па | F, Н |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

6. Хулоса

**Рафти иҷрои кори озмоишии № 1**

1) Дарозӣ $\alpha = 140$ см $= 1{,}4$ м, паҳноӣ $b = 70$ см $= 0{,}7$ м.

2) $S = a \cdot b = 1{,}4 \text{ м} \cdot 0{,}7 \text{ м} = 0{,}98 \text{ м}^2$

3) $1 \text{ мм} \cdot \text{сут} \cdot \text{сим}. 133 \text{ Па}. 760 \cdot 1{,}33 \text{ Па} = 101080 \text{ Па}$

4) $P = \frac{F}{S};\ F = P \cdot S = 101080\text{Па} \cdot 0{,}98 \text{ м}^2 = 99058{,}4 \text{ Н} = 99{,}0584 \text{ кН}$

5)

| $\alpha$, м | $b$, м | $S$, м$^2$ | P, Па | $F$, Н |
|---|---|---|---|---|
| 1,4 | 0,7 | 0,98 | 101080 | 99058,4 |

6) Хулоса: қувваи аз тарафи фишори атмосферӣ ба масоҳати миз, умуман ба масоҳати ҳар гуна ҷисм таъсироваранда ба худи масоҳати ҷисм вобастагӣ дорад. Агар масоҳат хурд бо қувваи хурд, агар масоҳат калон бошад бо қувваи зиёдтар фишор меоварад.

**Кори озмоишии №3.**

**Мавзуъ: Муайян намудани оҳар дар картошка**

**Мақсад:** пайдо намудани маълумот оиди оҳар доштани картошка бо иҷрои таҷриба дар хона.

**Таҷҳизот:** ришта, зарф, об, намак, китфчаҳо, ҷадвал, донаи картошка, ҷисми массааш муайян (телефони мобилӣ).

**Нақшаи кор:**

1. Як дона картошкаро гиред.
2. Аз китфчаҳо фашанг омода намоед.

3. Массаи телефони мобилиро истифода намоед, зеро массаи он дар қуттӣ нишон дода шудааст (тамғаи Nokia 5200, массааш 104,2 г = 0,1042 кг).

4. Ба яке аз китфҳо телефонро овезон намуда, бо ёрии ҷадвал дарозии онро $l_1$ чен намоед. Бо ришта картошкаро маҳкам намуда, ба китфи дигар овезон намоед, ки фашанг баробарвазн шавад. Китфро чен намоед $l_2$.

5. Нишондодҳоро дар ҷадвал нависед.

| Масса, $m_1$, кг массаи телефони мобилӣ | Китфи фашанг $l_1$, м | $F_1$, Н | Китфи фашанги $l_2$, м | $F_2$, Н |
|---|---|---|---|---|
| 0,1042 | 0,07 | 1,042 | 0,026 | 2,856 |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

6. Барои фашанг аз моменти қувва $M_1=M_2$ истифода мебарем. $F_1 \cdot l_1=F_2 \cdot l_2$ аз ин ҷо $F_2= F_1 \cdot l_1/ l_2$

7. Аз формулаи $F_1=m_1 \cdot g$ қувваи вазнине, ки ба телефони мобилӣ таъсир мекунад.

8. Бо формулаи $m_2= F_2/g$ массаи картошкаро ҳангоми $g=10$ Н/кг ҳисоб мекунем. $m_2=2{,}856$ Н/10 Н/кг=0,2856 кг=0,2856·1000г=285,6 г массаи як муғчаи картошка.

9. Муайян намудани ҳаҷми муғчаи картошка.

10. Агар дар хона андозагир пайдо нашавад, аз шартҳои шино намудани ҷисм истифода намуда метавонем. Картошка дар оби ошомиданӣ меғӯтад, вале дар оби намакоб метавон онро шино кунонид. Аз шарти шино намудани ҷисм $F_в= F_A$ метавонем, ҳаҷми ҷисмро муайян кунем, дар ин ҷо $F=m \cdot g$, яъне m-массаи картошкае, ки дар боло муайян намудем.

11. Аз формулаи қувваи архимедӣ $F_A=\mathcal{P}gV$ ки аз ин ҷо ҳаҷмро муайян мекунем. $V= F_в / \mathcal{P}g$, дар ин ҷо $\mathcal{P}$-зичии оби шӯрро чӣ тавр муайян мекунад, зичии оби шур мебошад. $V=2{,}856$ Н/ 1030 кг/м$^3$·10 Н/кг=277·10$^{-6}$ м$^3$

12. Аз формулаи $\mathcal{P} = m / V$ зичии картошкаро мeёбем.

$\mathcal{P} = 0{,}286$ кг/277 · 10$^{-6}$ м$^3$=0,001031·10$^6$=1031 кг/м$^3$

Аз ҷадвал истифода карда, оиди оҳар доштани картошка маълумот гирифтан мумкин аст. Масалан картошкае, ки 20%-оҳар дорад, барои хӯрокаи чорво, 60% барои мақсадҳои техникӣ истифода бурдани мумкин аст. Ин меъёри оҳар танҳо аз як дона картошка гирифта шудааст. Барои дақиқтар муайян намудани натиҷаҳо, бояд таҷрибаро якчанд маротиба такрор намоед.

Хулоса, тадқиқот нишон дод, ки имрӯзҳо норасоиҳо дар самти ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ аз физика мушоҳида мегардад, вале танҳо зикр намудани камбудиҳо раванди машғулиятҳоро самарабахш ва азхудкунии донишҷӯёнро беҳтар намекунад. Маҳз талош ва муносибати босалоҳияти омӯзгори физика метавонад методикаи гузаронидани корҳои озмоиширо рангинтар намуда, донишҷӯёнро ба иҷрои супоришҳо, кори мустақилонаи физикӣ, ҳалли масъалаҳои таҷрибавӣ ва мутолиаи китобҳои таълимӣ ҳидоят намояд.

## *Адабиёт*


1. *Абдураҳимов, Қ.С. Техноногияи гузаронидани машғулиятҳо ва истифодаи методҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Дастури методӣ-тавсиявӣ / Қ. С. Абдураҳимов, А.С. Гулов, Г.Ш. Бобоева. – Бохтар, 2022. – 104 с.*
2. *Анциферов, Л.И. Практикум по методике и технике школьного физического эксперимента: учеб. Пособие для студентов пед. ин-тов по физ.мат. спец. / Л.И. Анциферов, И.М. Пищиков. – М.: Просвещение, 1984. – 255 с.*

3. *Бубиев, М.Ч. Салоҳияти омӯзгори физика ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо ва мавқеи он дар рушди тафаккури эҷодии донишҷӯён / М.Ч. Бубиев // Номаи донишгоҳ. - 2023. - №5. - С. 253 – 260.*
4. *Галанин, Д.Д. Физический эксперимент в школе. Т. 3. Электричество. Изд. 2-е, перераб / Д.Д. Галанин, Е. П. Горячкин, С. Н. Жарков и др. - М.: Учпедгиз, 1954. - 403 с.*
5. *Горбунова, Н. В. Формирование методической компетентности воспитателя дошкольной образовательной организации / Н. В. Горбунова // Материалы V всероссийской Научно-практической конференции реализация компетентностного подхода в системе профессионального образования педагога. - ИТ "АРИАЛ", 2018. – 356 с.*
6. *Двуличанская, Н.Н. Компетентностно-ориентированное естественно-научное образование как основа нового качества подготовки профессиональных кадров / Н.Н. Двуличанская // Наука и образование: электронное научно-техническое издание. –2010. – № 11. - С. 3-8.*
7. *Егорова, Н. Л. Компетентностный подход в образовании: хрестоматия-путеводитель сост. / Н. Л. Егорова, А. В. Коваленко. Томск: РЦРО, 2006. – 88 с.*
8. *Картавая, Ю.К. Коммуникативная компетентность как неотъемлемое качество педагога / Ю.К. Картавая // Проблемы современного педагогического образования, 2014. – № 44-1. – С. 78–82.*
9. *Кузьмина, Н. В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения / Н. В. Кузьмина. – М.: Высшая школа, 1990. – 117 с.*
10. *Любoтинский, А. А. Характеристика методической компетентности в структуре профессиональной компетентности будущих учителей иностранного языка // Педагогика: традиции и инновации: материалы V Междунар. науч. конф. (г.Челябинск, июнь 2014 г.) / А. А. Любoтинский. – Челябинск: Два комсомольца, 2014. - С. 154 – 157.*
11. *Марголис, А.А. Практикум по школьному физическому эксперименту / А.А. Марголис, Н.Е. Парфентьева, Л.А. Иванова. – М.: Просвещение, 1977. – 304 с.*
12. *Патраков, А.Д. Методические указания к практикуму по методике и технике школьного физического эксперимента / А. Д. Патраков. – Иваново: Ивановский гос.ун-т, 1980. – 42 с.*
13. *Хасия, Т.В. Компетентностный подход: инновации и традиции в образовании современного педагога / Т.В. Хасия // Актуальные задачи педагогики: материалы Междунар. науч. конф. (г. Чита, декабрь 2011 г.). – Чита: Молодой ученый, 2011. – С. 237 - 240.*

## ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ДАР ҶАРАЁНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФИЗИКӢ

Дар мақола оиди инкишофи тафаккур, фаъолнокӣ, рушди эҷодӣ, баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён бо истифодаи муносибати босалоҳият аз ҷониби омӯзгор дар ҷараёни иҷрои кори озмоишӣ ибрози андеша карда шудааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди донишазхудкунии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ яке аз методҳои самаранок ба ҳисоб меравад. Омӯзгор бо муносибати босалоҳият машғулиятҳои худро тавре метавонад ба роҳ монад, ки онҳо механизмҳои психологиеро, ки асоси фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро рушд медиҳанд, ташаккул диҳанд. Ба андешаи муаллиф, танҳо зикр намудани камбудиҳо раванди машғулиятҳоро самарабахш ва азхудкунии донишҷӯёнро беҳтар намекунад, балки тавассути татбиқи муносибати босалоҳият имкон дорад, ки методикаи гузаронидани корҳои озмоишӣ беҳтар гардида, ҷалби донишҷӯён ба иҷрои супоришҳо, корҳои мустақилонаи физикӣ ва ғ. самараи дилхоҳ диҳад.

**Калидвожаҳо:** методикаи таълими физика, муносибати босалоҳият, кори озмоишӣ, усулҳои ҳавасмандкунӣ, гурӯҳбандии салоҳияти касбӣ, кори мустақилона, такмили маҳорати касбӣ, таҳқиқот, маводҳои дидактикӣ, тавсияҳо.

## ПРИМЕНЕНИЕ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА И МЕТОДА ПРОВЕДЕНИИ ЛАБОРАТОРНЫХ РАБОТ ПО ФИЗИКЕ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ ФИЗИКИ

В статье высказываются мысли о развитии мышления, активности, творческого развития, повышении уровня знаний студентов при использовании компетентного отношения преподавателя, в ходе выполнения лабораторной работы. В частности, отмечается, что реализация компетентного подхода к образованию в процессе обучения студентов высших профессиональных учебных заведений, с организацией и проведением лабораторной работы, считается одним из наиболее эффективных методов. При грамотном подходе педагог ведет свою деятельность таким образом, чтобы развивать психологические механизмы, являющиеся основой творческой активности студента.

По мнению автора, простое констатирование недостатков не делает учебный процесс более эффективным и не улучшает усвоение знаний студентами. Только путем применения компетентностного подхода можно оптимизировать методику проведения лабораторных работ, повысить вовлеченность студентов в выполнение заданий, самостоятельных физических работ и т.д., и добиться желаемых результатов.

**Ключевые слова:** методика преподавания физики, компетентностный подход, лабораторная работа, методы мотивации, классификация профессиональной компетентности, самостоятельная работа, совершенствование профессионального мастерства, исследование, дидактические материалы, рекомендации.

## APPLICATION OF A COMPETENT APPROACH AND METHOD OF CONDUCTING LABORATORY WORK IN PHYSICS DURING PHYSICS LESSONS

The article expresses thoughts about the development of thinking, activity, creative development, increasing the level of knowledge of students using the competent attitude of the teacher during laboratory work. In particular, it is noted that the implementation of a competent approach to education in the process of teaching students of higher professional educational institutions, with the organization and conduct of laboratory work, is considered one of the most effective methods. With a competent approach, the teacher conducts his activities in such a way as to develop psychological mechanisms that are the basis of the student's creative activity. According to the author, simply stating the shortcomings does not make the educational process more effective or improve students' learning. Only by applying a competency-based approach can the methodology of conducting laboratory work be optimized, student engagement in completing tasks, independent physics work, etc., be increased, and the desired results be achieved.

**Keywords:** methods of teaching physics, competency-based approach, laboratory work, motivation methods, classification of professional competence, independent work, improving professional skills, research, didactic materials, recommendations.

***Дар бораи муаллиф***
*Асадуллоев Шамсулло Саъдуллоевич*
*Омӯзгори кафедраи методикаи таълими физика*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*
*735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67*
*E-mail: bilol-5750@mail.ru*

***Об авторе***
*Асадуллоев Шамсулло Саъдуллоевич*
*Преподаватель кафедры методики преподавания физики*
*Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрава*
*735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица С. Айни, 67*
*E-mail: bilol-5750@mail.ru*

***About the author***
*Asadulloev Shamsullo Sadulloevich*
*Senior Lecturer at the Department of Methods of Teaching Physics*
*Bokhtar State University named after N.Khusrav*
*735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, S. Aini street, 67*
*E-mail: bilol-5750@mail.ru*

ТДУ 372.331:004

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ЗИМНИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАРЗИ КОЛЛЕКТИВИИ ОМӮЗИШ ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ

***Баротзода К. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Имрӯзҳо дар назди донишгоҳҳои омӯзгории кишвар вазифаи умдаву мубрам истодааст, ки ин баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани омӯзгорони оянда мебошад. Ин вазифа барои он умдаву мубрам аст, ки дар ҷомеа имрӯз дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодию маданӣ ба амал омада истодаанд. Дар ҷомеаи зудтағйирёбанда омӯзгоре лозим аст, ки раванди таълиму тарбияро ба он тавъаму мутобиқ гардонида тавонад.

Омӯзгориояндаи биология бояд на танҳо аз рӯи сикли фанҳои касбӣ-методӣ мувофиқи барномаи таълимӣ дониш азхуд кунаду бо методҳои фаъол таълим диҳад, балки аз манбаъҳои гуногун мустақилона маълумоти нави илмӣ дастрас карда тавонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки аз тамоми роҳу воситаҳои ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода бурда, барои ташаккули додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён тавсияҳои амалию методӣ таҳия карда шаванд.

Дар «Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид карда мешавад, ки ғояи ташаккули насли нав - одамони дорои тафаккури навоварона, мутахассисони баландихтисоси дорои фарҳанги ташаккулёфта ва аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманду дар назди ҷаҳониён масъул вазифаи стратегии ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Муқаррароти Консепсияро зарурати тайёр кардани мутахассисони оянда, ки дорои дониш, малака ва маҳоратҳои касбӣ буда, дар шароити комилан нави воқеъияти педагогии ҷомеаи муосир мебошад, вале аз ин мутахасисон самаранок ва эҷодкорона кор карда тавонанд, ташкил медиҳад.

Вазифаҳои нави омодасозии омӯзгорон, аз ҷумла ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии онҳо дар заминаи фарқияти сатҳ ва мушаххасот, таълими маҷмуӣ ва элективӣ, истифодаи методҳо ва васоити нави педагогиву таълимӣ аз ҷумла иттилоот, технология, дастурҳои таълимӣ ва таҷҳизотро дар бар мегирад. Дар ҳамин росто зарур аст, ки таълими фанҳои тахассусӣ барои омӯзгорони оянда зимни тадбиқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи омӯзгорӣ ба вазифаҳои марҳалаи имрӯзаи ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ таъмин карда шавад.

Айни замон дар МТОК тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ба самтҳои зерин нигаронида шудааст:

- баланд бардоштани сатҳи сифатҳои касбӣ;
- инкишофи маданият ва тафаккур;
- инкишоф додани сифатҳои шахсӣ ва як қатор қобилиятҳои мушаххас.

Сифатҳо ва қобилиятҳои номбаршуда дар мутахассиси муосир бояд дар раванди таълим бо истифода аз намудҳои гуногуни таълим ташаккул дода шаванд, ки яке аз он технологияи тарзи коллективии омӯзиш (ТКО) дар дарсҳо мебошад.

Тарзи коллективии омӯзиш ин як шакли таълим тавассути муошират дар гурӯҳҳо байни коллектив буда, дар он ҳар як гурӯҳ ба якдигар оиди мавзуъ таълим медиҳанд.

Мундариҷаи технологияи ТКО ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёну хонандагон ва бедор кардани шавқи онҳо ба фаъолияти илмӣ нигаронида шудааст. Дар раванди таълим ба роҳ мондан аз ТКО риояи шартҳои зеринро талаб мекунад:

- ҷорӣ намудани технологияҳои самараноки назорат;
- инкишоф додани шавқу рағбати донишҷӯён ва хонандагон ба омӯзиши биология;
- баланд бардоштани сатҳи инкишофи зеҳнии донишҷӯён ва хонандагон;

- озмоиш ва таҳлили таъсири ТКО ба сифати таълими донишҷӯён ва хонандагон.

Дар дарсҳои биология аз технологияи тарзи коллективии омӯзиш (ТКО) истифода бурдан бомаврид аст, ки муаллифони он А.Г. Ривин [8] ва В. К. Дяченко [6] мебошад. Татбиқи ин технология дар дарс бартариҳои зерин дорад. Чунончи:

1) дар натиҷаи машқҳои мунтазами такроркунӣ дар гурӯҳҳо малакаҳои нутқи шифоҳӣ такмил дода мешаванд.;

2) намудҳои хотира инкишоф меёбад;

3) ҳар як хонанда зимни дарс худро озод ҳис мекунад ва ҳангоми омӯзиши маводи нав бо шавқмандӣ маводро аз худ мекунад;

4) дар натиҷаи ба донишҷӯи дигар таълим додан, масъулияти донишҷӯён барои натиҷаҳои кори худ меафзояд;

5) аз ҷониби шогирдон дар гурӯҳҳои доимӣ ё ивазшаванда тафаккури мантиқӣ инкишоф меёбад;

6) дар донишҷӯён худбаҳодиҳӣ инкишоф меёбад, зеро онҳо худ ва ҳам шарики худро арзёбӣ кунанд;

7) ба шарофати кори гурӯҳӣ донишҷӯён фаъолона кор мекунанд ва онҳо барои суҳбати беҳуда вақт намеёбанд;

8) талаботи гурӯҳҳоро ба инобат гирифта, танҳо он чизеро, ки ба онҳо норавшан аст, шарҳ дода мешавад;

9) барои аниқ кардан ва фаҳмонда додани маводи таълимӣ вақт беҳуда сарф намешавад ва гурӯҳҳо мустақилона кор мекунанд.

Дар оғози кор коллективи синф бо технологияи ТКО шинос карда мешаванд. Дар марҳилаи аввали кор ба хонандагон тарзи кор бо матнҳо омӯхта мешавад. Дар марҳилаи дуюми омӯзиш ба хонандагон варақаҳои махсус пешниҳод мегардад, ки онҳоро бояд иҷро кунанд. Хонандагон дар дафтар иҷрои вазифаи пешниҳодшударо менависанд. Дар тахтаи синф нақшаи кори хонандагон пешкаш мегардад. Пас аз гирифтани супоришҳо хонандагон гурӯҳ шуда, ба кор шуруъ мекунанд.

Ташкили дарс:

Нишасти озоди хонандагон.

Баҳисобгирии гурӯҳҳо:

1. Баҳисобгирии инфиродӣ аз ҷониби хонанда дар дафтари худ гузаронида мешавад. Вай матнҳои коркардашударо ба ҳисоб мегирад.

2. Баҳисобгирии омӯзиш дар гурӯҳҳо. Хонандагон ба матнҳои омӯхташуда аломати (+) мегузоранд.

Назорати гурӯҳҳо:

1. Суханронӣ дар гурӯҳҳои хурд.

2. Санҷиши хонанда аз тарафи омӯзгор аз рӯи матни охирини омӯхташуда.

3. Санҷиши дафтар аз рӯи матнҳои коркардшуда.

4. Қабули санҷиш ва арзёбӣ аз рӯи ҳамаи матнҳои омӯхташуда.

Шакли зерини омӯзишро дар мавзуи «Сохт ва вазифаҳои ҳуҷайра» пешниҳод менамоем, ки чунин аст:

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЛМ | | ОМ | | ОМ | | ОМ<br>КР | | ОМ | | ОМ<br>ТҶ | | КР | | ОМ | | ОМ | | ОМ | | ОМ | | ОМ<br>КР | | ТҶ |

ЛМ – лексияи муқаддимавӣ

ОМ – дарсҳои омӯзиши маводи нав аз рӯи методикаи Ривин А.Г. ва В. К. Дьяченко

КР – корҳои лабораторӣ

ТҶ – такрор ва ҷамъбаст, баҳисобгирии дониш оиди мавзуъ

Ин шакли дарсро дар мавзуи «Молекулаҳои органикӣ - ангиштобҳо, чарбҳо ва липидҳо», ки мувофиқи барномаи таълимии биологияи синфи 10 як соат ҷудо шудааст, дида мебароем.

Мавзуъ: Молекулаҳои органикӣ - ангиштобҳо, чарбҳо ва сафедаҳо.

Мақсад: омӯзиши хусусиятҳои сохт ва функсияҳои молекулаҳои органикӣ – ангиштобҳо, чарбҳо ва липоидҳо.

Вазифа ба гурӯҳҳо:

1. Сохт, таркиб, функсияҳои ангиштобҳо, чарбҳо ва липоидҳо омӯзед ва сохтори онҳоро шарҳ диҳед [2, с. 83-85].

2. Инкишофи малакаи қобилияти муқоисаи таркиб ва сохти молекулаҳои гуногуни органикии таркиби ҳуҷайра.

3. Рафтори дуруст дар дарс. Малакаҳои муошират бо хонандагон.

Методҳо: ТКО (кор дар гурӯҳҳои тағйирёбанда), технологияҳои иттилоотӣ.

Таҷҳизот: презентатсия, ҷадвалҳо, варақаҳо бо супоришҳо.

Адабиёти истифодашуда: китоби дарсии биологияи умумӣ барои синфи 10 (муаллифон: Маҳмадзиёев А., Савлатов С., Тошев А., Ғиёсов Т.) [2, с. 83-85].

Равиши дарс:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.

Хонандагон мавзуи дарсро менависанд ва дар гурӯҳҳои тағйирёбанда аз рӯи нишондоди тахтаи синф ва дастури омӯзгор кор мекунанд. Варақаҳоро бо супоришҳо мегиранд ва барои иҷрои он аз утоқи инфродӣ истифода мебаранд.

2. Омӯзиши маводи мавзуи нав: Молекулаҳои органикӣ – ангиштобҳо, чарбҳо ва липоидҳо.

Ба хонандагон варақаҳо бо супоришҳо пешниҳод карда мешавад:

*Варақаи 1.*

1. Сархатҳои саҳ.83-ро хонед. Таркиби ангиштобҳо.
2. Ангиштоб чист?
3. Ангиштобҳо чӣ гуна сохт доранд?
4. Сохти ангиштобҳои зерин: глюкоза, пентоза ва рибозаро нависед.
5. Дар дафтар сохти структуравии селлюлоза ва оҳарро навишта, пешкаш кунед.
6. Карбогидратҳоро ба чанд тақсим мекунанд?
7. Ангиштобҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
8. Чаро ангиштобҳоро биополимерҳо меноманд?
9. Моносахирид, дисахарид ва полисахарид чист? Онҳоро номбар кунед?
10. Вазифаҳои ангиштобҳоро дар дафтар нависед [2, с. 83].
11. Пас аз кор кардани варақаи 1 ба иҷрои супориши варақаи дигар шуруъ намоед.

*Варақаи 2.*

1. Дар дафтар сохти ангиштобҳоро нависед.
2. Вазифаи энергетикии ангиштобҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
3. Вазифаи захиракунандаи ангиштобҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
4. Вазифаи сохтмонии ангиштобҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
5. Вазифаи ресепторим ангиштобҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
6. Вазифаи муҳофизатии ангиштобҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
7. Маҳсулоти таҷзияи ангиштобҳо дар кадом қисми системаи ҳозима ҷаббида мешаванд?
8. Супоришро дар дафтар ба таври хаттӣ нависед.
9. Пас аз кор кардани варақаи 2 ба супориши навбатӣ шуруъ намоед.

*Варақаи 3.*

1. Саҳ.84-86-ро хонед. Таркиби чарб ва липоидҳо.
2. Чарбҳо ва липоидҳо чӣ гуна сохт доранд?
3. Липидҳо чист?
4. Стероидҳо чист?

5. Аз расми 3.5 истифода бурда, сохти чарбҳоро омӯзед.
6. Чарбҳо аз липоидҳо чӣ фарқ доранд? Шарҳ диҳед.
7. Ба таркиби чарбҳо ва липоидҳо кадом кислотаҳои органикӣ дохил мешаванд?
8. Чарби моеъ аз сахт бо чӣ фарқ мекунад? Шарҳ диҳед.
9. Дар саноат аз чарби моеъ (равған) чӣ хел чарби сахт тайёр мекунанд?
10. Чаро чарбро ба моддаҳои гидрофобӣ дохил мекунанд?
11. Супоришҳоро дар дафтар ба таври хаттӣ нависед.
12. Пас аз кор кардани варақаи 3 ба супориши навбатӣ шуруъ намоед.
*Варақаи 4.*
1. Вазифаҳои ҷарбҳоро дар дафтар нависед.
2. Вазифаи сохтмонии чарбро шарҳ диҳед.
3. Вазифаи ҳормонии чарбро шарҳ диҳед.
4. Вазифаи захиракунандаи чарбро шарҳ диҳед.
5. Вазифаи муҳофизатии чарбро шарҳ диҳед.
6. Вазифаи энергетикии чарбро шарҳ диҳед.
7. Вазифаи иштирок дар метабализми чарбро шарҳ диҳед.
8. Моддаҳои гидрофилӣ ва гидрофобӣ чист? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.
9. Маҳсулоти таҷзияи чарбҳо дар кадом қисми системаи ҳозима ҷаббида мешаванд?
10. Ҷавоб ба супоришҳоро дар дафтар нависед.
11. Пас аз кор кардани варақаи 4 ба супориши навбатӣ шуруъ намоед.

***Пур кардани варақа***

| Номи худ ва номи падар | Суп. №1 | Суп. №2 | Суп. №3 | Суп. №4 | Санҷ. кор. | Арзёбӣ. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашуров Д. | + | + | + | + | 4 | 4 |
| Раҳмонов С. | + | + | + | + | 4 | 5 |

Намоиш: Ҷадвали «Сохт ва хосиятҳои ангиштобҳо, чарбҳо ва липоидҳо».
Санҷиш ва мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда.
* 1 вариант – ҷавоб ба саволҳои тоқ.
* 2 вариант- ҷавоб ба саволҳои ҷуфт.
Худсанҷишӣ, арзёбӣ ба варақа.
1. Шумо кадом ангиштобҳоро медонед?
2. Дисахаридҳо аз полисахаридҳо бо чӣ фарқ мекунанд?
3. Ангиштобҳо дар организм кадом вазифаро иҷро мекунанд?
4. Кадом ҳуҷайраҳо ангиштоби бисёр доранд?
5. Таркиби химиявии чарбро чӣ ташкил мекунад?
6. Чарб дар организм кадом вазифаро иҷро мекунад?
7. Зимни таҷзияи 1г ангиштоб ва 1г чарб чӣ кадар энергия ҷудо мешавад?
8. Барои чӣ наҳанг, ки ҳайвони гармхун аст, қобилияти дар обҳои хунук зистан дорад?
9. Чаро уштур ба биёбонҳои камоб мутобиқ шудааст?
Вазифаи хонагӣ: параграфҳои 3.4 ва 3.5, конспект дар дафтар.

Дар рафти истифодаи технологияи ТКО омӯзгор ҳамчун ташкилотчии раванд метавонад мушовир бошад, зеро барои кор шароит фароҳам меорад;

Донишҷӯён ва хонандагон имкон доранд, ки фикру ақидаи худро баён кунанд, баҳс кунанд, мавқеъи худро дар масъалаҳои баҳснок дифоъ кунанд ва ба дигарон гӯш диҳанд. Бешубҳа, дарсҳои семинарӣ бо истифода аз ин технология ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки тафаккури маърифатиро инкишоф диҳанд. Инчунин бояд қайд кард, ки дар технологияи ТКО малакаҳои муоширати донишҷӯён ва эътимод ба худ инкишоф меёбад.

Шакли ташкилии дарс: бозии нақшофарии дидактикӣ.

Мавзуи дарси ботаника «Омӯхтани сохти гулҳои якҷинса ва дуҷинса. Шиносоӣ бо намунаи тӯдагул ва мева».

Пеш аз оғози дарс донишҷӯи нақши омӯзгорро иҷрокунанда аз рӯйи нақша саволнома барои санҷиши дониши хонандагон таҳия намуда, номгӯи супоришотро барои кор дар синф ва хона дар се сатҳи фаъолият - сатҳи стандартӣ, миёна ва мураккаб пешниҳод менамояд.

Сипас омӯзгор дониши бо нақшаи фаъолияти омӯзгор дар доираи методика мухтасар шинос шуда, ба хонандагон дар бораи миқдори дарсҳо ва нақшаи омӯзиши мавзуъ маълумот медиҳад ва мазмуни мавзуъро тавассути блок схема ошкор мекунад. Дар тахтаи синф нақшаи тарҳрезишуда барои кори дастаҷамъона пешниҳод карда шудааст. Дар марҳилаи омодасозии дониш мавзуъҳо оид ба узвҳои рустаниҳои гулдор, узвҳои генеративӣ, вегетативӣ ва ғайра, яъне он саволҳое, ки барои омӯзиши мавзуи нав заруранд, такрор карда мешаванд.

Сипас, дар рафти суҳбат оид ба сохти гул, гулҳои якҷинса, дуҷинса маълумот дода шуда, ба хонандагон роҳҳои гардолудшавии рустаниҳои гулдор шарҳ дода мешаванд. Баъд аз ин, кори мустақилона бо китоби дарсӣ ва маҷмуи тухмиҳо оғоз мегардад. Алгоритми кор барои ҳар як донишомӯз аз ҷониби омӯзгор тартиб дода мешавад.

Алгоритми кор.

Утоқи инфиродӣ ва қайди экранро қабул намоед.

2. Рақами код ва рамзи худро дар дафтар нависед.

3. Супоришро дар кабинети инфиродӣ мустақилона иҷро кунед.

4. Шумо худро барои кор кардан дар компютер омода карда, тугмачаро пахш карда ба кор шуруъ намоед.

5. Дар паҳлӯи хонанда шинед.

6. Дафтаратонро пӯшед ва варақи тоза гиред.

Мақсад: Шинос шудан бо ташкили дарси технология ТКО ва мушоҳидаи истифодаи унсурҳои технологӣ дар таълими анъанавӣ.

7. Кабинети инфродии худро дар назди рафиқатон кушоед, шартҳои супоришро бо овози баланд хонед, агар лозим бошад, дар як вақт нақл кунед ва баъдан ба дафтаратон нависед.

8. Ба саволҳои рафиқони худ ҷавоб диҳед.

9. Ба рафиқатон экрани баҳисобгирии худро супоред, то ки он санҷад.

10. Бо рафиқатон мувофиқи дастури ӯ, тести дуюмро кор кунед.

11. Ба якдигар ташаккур кунед.

12. Кабинети инфиродии худро ба омӯзгор пешкаш намуда, супориши дигарро гиред ва ба иҷрои он шуруъ намоед.

Омӯзгор дар рӯи миз 4 навъи варақаҳои рангорангро пешниҳод менамояд, ки дар онҳо 5 савол мавҷуд аст. Хонандагон як-як ба назди миз даъват шуда, варақа гирифта, ба ҷои худ нишаста, ба кор шуруъ мекунанд. Минбаъд аз рӯйи китоби дарсӣ, дар гурӯҳҳо бо тартиботи ивазшаванда ба омӯзиши фаъолонаи мавзуъ машғул мешаванд.

Дар рафти кори хонандагон омӯзгор нозири беруна набуда, чун иштирокчии фаъол амал карда ба саволҳо ҷавоб медиҳад, дар ҳалли масъалаҳои мушкил ёрӣ мерасонад ва дар назди ҳар як гурӯҳ нишаста, ҷавобҳоро мешунавад. Хонандагон аз рӯйи алгоритм кор мекунанд. Дар давоми 45 дақиқаи дарс ҳар як хонанда 5 саволҳои варақаро кор карда баромада, аз рӯи 5 савол ҷавоб шунида мешавад ва дар натиҷа мавзуъ самаранок омӯхта мешавад. Дар баробари варақаҳо ба хонандагон вазифаи хонагӣ супорида мешавад.

Дар варақаи №1 (сабз) – сохти гул; № 2 (зард) – гулҳои якҷинса; № 3 (гулҳои дуҷинса); №4 (кабуд) – диаграмаи гул; №5 (сурх) – тӯдагул дарҷ карда шудаанд. Хонандагон аз рӯйи саволҳо ҷавоб мегардонанд.

Саволҳо барои санҷиши мавзуъ:

Сохти гул чӣ гуна аст? Диаграмаи гулро тасвир намоед.

Гулҳои якҷинса чист?

Гулҳои дуҷинса чист?

Тӯдагул чист?

Мева чӣ тавр ҳосил мешавад?
Экрани баҳисобгирӣ.

| Насаби донишҷӯе, ки соҳиби экрани баҳисобгирӣ аст | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Насаб ва номи падари хонанда | Ранги варақа | | | | |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Раҳимова Г. | | | | | |
| Ашуров Д. | | | | | |
| Сафарова Г. | | | | | |

Супоришҳо, тестҳо, саволҳо барои дарс ва вазифаи хонагӣ: хондани §40, ба саволҳои охири мавзуъ ҷавоб додан; тайёр намудани тестҳо аз китоби дарсии Ботаника барои синфҳои 5-6-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Султонов С., Давлатзода С., Баротов К.А. ва диг. Нашри 4-ум. – Д.: Маориф, 2023. - 160 с.).

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар чунин кор сатҳи азхудкунии маводи омӯхташуда аз ҳисоби такрори он ба таври назаррас баланд мешавад. Аз ин рӯ, баъзан ба амалияи таълим дохил кардани унсурҳои технологияи ТКО мақсаднок хоҳад буд.

Дар дарси лабораторӣ ҳолатҳоеро «тақлид» кардан мумкин аст, ки донишҷӯён зимни таҷрибаи омӯзгорӣ дучор мешаванд. Бо ин мақсад гузарондани озмоишҳо ва ё муҳокимаи натиҷаҳои он бо ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳи академӣ самаранок аст.

Озмоишҳои педагогӣ ва психологӣ дар асарҳои Я. И. Груденов ва Трофимова Е. В. нишон дода шудаанд [5; 9]. Чунин озмоишҳо ҳамчун дарсҳое фаҳмида мешаванд, ки бо як гурӯҳи хурди донишомӯзон бо мақсади санҷидани пешгӯии назариявӣ ва мушоҳидаҳо гузаронида мешаванд. Дар ҷараёни мушоҳидаҳо хусусиятҳои фаъолияти таълимии хонандагон ошкор гардида, сабабҳои душвориҳои онҳо муайян ва роҳҳои бартараф намудани онҳо интихоб карда мешаванд.

Ба сифати мисол, мо озмоиши дар дастури Я. И. Груденов ва Трофимова Е. В. [5, с. 48; 9, с. 248-252] нишондодаро мисол меорем. Яке аз шаклҳои тафаккур дар равиши шиносоӣ бо маводи таълим чунин аст: 1) донишҷӯ бо мавод шинос шуда, вазифаи мушаххасе, ки барои амиқтар фаҳмидани мавод кӯмак мекунад ва ҳамзамон супоришро иҷро менамояд; 2) ин вазифа саъю кӯшиши донишҷӯро ба истифодаи методҳои муайяни фаъолият равона месозад; 3) донишҷӯ барои иҷрои ин вазифа дониши зарурӣ ва малакаҳои татбиқи он дорад; 4) ин метод ба мазмуни мавод мувофиқат мекунад ва ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар фаъолият бештар мешавад; 5) бояд мавод аз ҳад зиёд мушкил набошад. Дар сурати риоя шудани шартҳои зерин фаъолияти фикрӣ рушд мекунад.

Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки натиҷаҳои озмоишро ба шароити воқеӣ муқоиса кунанд. Барои муқоиса онҳо бояд баъзе матнро аз китоби дарсӣ мутолиа намоянд. Пеш аз хондан ба онҳо чунин тавсияҳо дода мешавад: «матнро бодиққат хонед!», «муқоиса кунед», «нақша тартиб диҳед», «намунаи худро биёред» ва ғ. Иҷрои супориш аз рӯйи нақшаи зерин мураттаб карда мешавад:

– таърифи мафҳуми гулро хонед ва кӯшиш кунед, ки то маънои онро хуб фаҳмед: «Гул гуфта навдаи кутоҳу шаклдигаркардаро меноманд, ки барои афзоиши тухмӣ хизмат менамояд».

– то ҳолате, ки хонандагон матнро кор накунанд, таваққуф мекунем.

– пешниҳод менамоем, ки онҳо муайян кунанд: ки оё дар ин таъриф ягон калимаҳоро партофтан имконпазир аст (дар ин маврид таърифро дубора мехонанд ).

– натиҷаҳои ба дастовардаи иштироккунандагони озмоиш ва мушоҳидаҳоро қиёс мекунем. Муқоиса мекунем, ки дар кадоме аз ин ду ҳолат 1) ё 2) фаъолияти рӯҳии онҳо рушд кардааст. Дар асоси кадом далелҳо инро тасдиқ кардан мумкин аст?

Натиҷаҳои мушоҳидаҳоро дар шароити воқеӣ муқоиса мекунем.

Барои нишон додани фаъолияти фикрии хонандагон зимни мавзуъҳо Г. И. Сарансев истифодаи омӯзиши коллективии таълимро дар синф пешниҳод мекунад. Масалан, як гурӯҳи

иборат аз 5-6 нафар хонандагон роҳи ҳалли масъаларо мечӯянд. Гурӯҳи боқимондаи хонандагон ба суханони рафиқони худ бодиққат гӯш карда, сипас якҷоя рафти фаъолияти ҷустуҷӯии ҳалли масъаларо муҳокима карда, онро ҳал мекунанд. Ин тарз имкон медиҳад, ки хатоҳои имконпазирро дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилот муайян намоянд ва роҳҳои бартараф кардани онҳоро пайдо кунанд.

Ташкили машғулиятҳои лабораторӣ аз назария ва методикаи таълими биология имкон медиҳад, ки маҳорати таҷрибавии омӯзгориояндаи биология ташаккул ёбад. Дар ҷараёни дарс методҳои фаъолияти тадқиқотӣ азхуд карда мешавад, ҷустуҷӯи амалиёти мусоиде, ки ҳадафҳои гузошташударо амалӣ мегардонанд, сурат мегирад. Шаклҳои корҳои лабораторӣ гуногун буда метавонанд: ҷавоб додан ба саволҳо, иҷро кардани супоришҳои омодакардаи омӯзгор, бозии дидактикӣ, озмоишҳои педагогӣ ва психологӣ. Озмоиш педагогӣ ва психологӣ махсусан барои тайёрӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ муфид аст, зеро иҷрои он оддӣ буда, имкон медиҳад, ки ҳамаи донишҷӯён ҷалб карда шаванд, фаъолияти методии омӯзгориояндаи биологияро намунавӣ гардонад ва бо ҳамин ба ташаккулёбии малакаву маҳоратҳои тадқиқотии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Махсусан дар дарсҳои семинарии МТОК ба роҳ мондани технологияи ТКО ва риоя намудани шартҳои дар боло пешниҳодшуда, шавқу ҳаваси донишҷӯёнро ба дарс бедор менамояд.

Натиҷаи озмоишҳо нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани технологияи ТКО ҳавасмандии донишҷӯёнро ба омӯзиши фанни мазкур зиёд мекунад. ТКО ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки сифатҳои ҳамкорӣ ва қобилияти кор карданро дар як гурӯҳ тарбия кунанд. Ин қобилиятҳо мутаассифона, на ҳамеша дар байни донишҷӯён хуб ташаккул меёбанд. Технологияи ТКО ба мо имкон медиҳад, ки санҷишро ҳамчун яке аз шаклҳои санҷиши дониши донишҷӯён ва усули алоқаи баръакс баррасӣ кунем.

Самаранокии истифодаи ТКО барои гузаронидани дарсҳои семинарӣ аҳамияти калон доранд. Чунончи:

- дониши донишҷӯён инкишоф ёфта, шармгинӣ ва ноуҳдабароиро аз худ дур мекунанд ва бо омӯзгор бо боварӣ муошират мекунанд;

- донишҷӯён фаъолияти худро нишон дода, дар рафти таълим маводро хуб азхуд мекунанд, дар мавридҳои зарурӣ онро такрор карда, малакаҳои ба шунавандагон расондани фикру худро инкишоф медиҳанд. Сипас донишҷӯён қодиранд, ки дар мубоҳисаҳо ширкат варзанд, чунки дар онҳо маҳорати суханронӣ дар назди омма ташаккул ёфтааст.

Дар дарсҳои семинарӣ омӯзгор барои таҳлили чуқури маводҳои дарси семинарӣ вақти хеле зиёд дорад. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгор бо донишҷӯён суҳбат карда, бо онҳо хубтар шинос шавад.

Инчунин бо истифода аз ин технология омӯзгор метавонад дар ҷавобҳои донишҷӯён иштибоҳҳои мавҷудбударо ёбад ва онҳо низ метавонанд хатоҳои худро ислоҳ кунанд.

Натиҷаи озмоиш ва таҳлил нишон дод, ки зимни технологияи ТКО масъалаҳои зерин дар хонандагон ҳалли худро меёбад:

- муҳокимаи масъалаҳо дар гурӯҳҳо, ин барои мустаҳкам намудани дониш мусоидат мекунад;

- хонандагон дар як даста кор карданро меомӯзанд, ки дар он ҷо онҳо метавонанд ба дигарон дар фаҳмидан ва омӯхтани донишҳои нав кӯмак расонанд;

- ҳар як хонанда дастгирии коллективро ҳис мекунад, ин ба вай боварӣ ва майлу хоҳиш, такмил додани худро кумак мекунад. Фаъолияти гурӯҳӣ ба дарк намудан ва фикру ҳал кардани масъалаҳои мураккаби мавзуъ мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки хонандагони дар як гурӯҳ кор карда, маҳорати муштараки ҳамкориро инкишоф медиҳанд, инчунин:

- ба ҳадафи худ бо ҳамкории дастаҷамъона расидан мумкин аст;

- технологияи таълими ба гурӯҳ нигаронидашуда ба рушди малакаҳои кор бо дастаҷамъӣ ва муошироти хонандагон нигаронида шудааст;

- таълими фанни биология бо истифода аз технологияи ТКО ба дарки мақсади омӯзиши курс, мазмуни мавзуъ ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ мусоидат мекунад.

***Адабиёт***

1. *Барномаи таълими фанни биология дар синфҳои V-XI. – Душанбе, 2018.*
2. *Биологияи умумӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум / Маҳмадзиёев А., Савлатов С., Тошев А., Ғиёсов Т. – Душанбе: Маориф, 2023. – 240 с.*
3. *Брайтермен М.Д., Соколов А.С., Архипов В.В. Коллективный способ обучения. - СПб, 2001.*
4. *Витковская И.М. Как организовать групповую работу школьников. – 1997. - №12.*
5. *Груденов Я. И. Психолого-дидактические основы методики обучения математики / Я. И. Груденов. – М.: Просщевение, 1976. – 160 с.*
6. *Дьяченко В.К. Коллективный способ обучения. Дидактика в диалогах. – М.: Народное образование, 2004. - 352 с.*
7. *Колеченко А.К. Энциклопедия педагогических технологий. - СПб, 2001.*
8. *Ривин А.Г. Технология коллективного способа действия, 2012.*
9. *Трофимова Е. В., Волощенко О. И., Задорожный В.И. Психолого-педагогические аспекты преподавания дисциплины «общая биология» иностранным учащимся подготовительного факультета // Вестник науки Сибири. Ростовский государственный медицинский университет. - 2013. – №4 (10). – С. 248-252.*


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ЗИМНИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАРЗИ КОЛЛЕКТИВИИ ОМӮЗИШ ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ


Дар мақола муаллиф оиди асосҳои назариявии тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони оянда ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ зимни истифодаи технологияи тарзи коллективии омӯзиш дар дарсҳои биология маълумот додааст. Навсозии раванди таълим дар МТМУ, ки дар айни замон ҷараён дорад, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар таъмин намудани омодагии касбӣ ва тарбияи касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир талаботи нав зам мекунад. Вазифаҳои нави омодасозии омӯзгорон, аз ҷумла ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии онҳо дар заминаи фарқияти сатҳ ва мушаххасот, таълими маҷмуӣ ва элективӣ, истифодаи методҳо ва васоити нави педагогиву таълимӣ аз ҷумла иттилоот, технология, дастурҳои таълимӣ ва таҷҳизотро дар бар мегирад. Дар ҳамин росто зарур аст, ки таълими фанҳои тахассусӣ барои омӯзгорони оянда зимни тадбиқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи омӯзгорӣ ба вазифаҳои марҳалаи имрӯзаи ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ таъмин карда шавад. Тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни биология ҳамчун шахсияти мустақил ва соҳиби тафаккури интиқодӣ, ки ба тавлиди низомҳои таълимии худ қодир аст, танҳо дар ҳолати соҳиби таҷрибаи корӣ ва фаъолияти эҷодӣ, ки онҳоро дар раванди таҳсил дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ андӯхтаанд, имконпазир аст. Аз ин рӯ, яке аз ғояҳои пешбарандаи тайёр кардани омӯзгорон дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ин ташаккул додани қобилияти тадқиқотии онҳо мебошад.



**Калидвожаҳо:** навсозии таълим, низоми кредитии таҳсилот, салоҳиятҳои касбӣ, тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи биология, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, тарзи коллективии омӯзиш.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ К НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ РАБОТЕ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ТЕХНОЛОГИИ КОЛЛЕКТИВНОГО ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ БИОЛОГИИ


В статье автор рассказал о теоретических основах профессионально-методической подготовки будущих учителей к научно-исследовательской работе при использовании технологии способов коллективного обучения на уроках биологии. Модернизация образовательного процесса в СОШ, которая происходит в настоящее время, добавляет новые требования к высшим педагогическим учебным заведениям в обеспечении профессиональной подготовки и профессиональной подготовки учителей в современных общеобразовательных средних учебных заведениях. Включает в себя новые задачи подготовки учителей, в том числе формирование их профессиональных компетенций на основе различий в уровнях и спецификациях, комплексное и элективное обучение, использование новых педагогических и образовательных методов и средств, включая информацию, технологии, учебные пособия и оборудование. В связи с этим необходимо обеспечить преподавание специализированных дисциплин будущим учителям в ходе внедрения кредитной системы образования в педагогическом университете в задачи сегодняшнего этапа реформы средних общеобразовательных и высших учебных заведений. Подготовка будущих преподавателей биологии как самостоятельных личностей и обладателей критического мышления, способных создавать свои

собственные образовательные системы, возможна только при наличии накопленного ими опыта работы и творческой деятельности в процессе обучения в педагогических вузах. Поэтому одной из движущих идей подготовки преподавателей в педагогических университетах является развитие их исследовательских способностей.

**Ключевые слова:** модернизация образования, кредитная система образования, профессиональные компетенции, профессиональная подготовка будущих учителей биологии, научно-исследовательская работа, коллективный способ обучения.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS FOR RESEARCH WORK IN THE APPLICATION OF TECHNOLOGY METHODS OF COLLECTIVE LEARNING IN BIOLOGY LESSONS

In the article, the author spoke about the theoretical foundations of professional and methodological training of future teachers for research work using the technology of collective learning methods in biology lessons. The modernization of the educational process in secondary schools, which is currently taking place, adds new requirements to higher pedagogical educational institutions in providing vocational training and professional training of teachers in modern general secondary educational institutions. It includes new tasks of teacher training, including the formation of their professional competencies based on differences in levels and specifications, comprehensive and elective training, the use of new pedagogical and educational methods and tools, including information, technology, textbooks and equipment. In this regard, it is necessary to ensure the teaching of specialized disciplines to future teachers during the implementation of the credit education system at the pedagogical university in the tasks of the current stage of the reform of secondary general education and higher educational institutions. The training of future biology teachers as independent individuals and holders of critical thinking, capable of creating their own educational systems, is possible only if they have accumulated work experience and creative activity in the process of studying at pedagogical universities. Therefore, one of the driving ideas of teacher training at pedagogical universities is the development of their research abilities.

**Keywords:** modernization of education, credit education system, professional competencies, professional training of future biology teachers, research work, a collective way of learning.

***Дар бораи муаллиф***
*Баротзода Камолиддин Ашур*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторе***
*Баротзода Камолиддин Ашур*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the author***
*Barotzoda Kamoliddin Ashur*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

ТДУ 378.147.6:514.1

# ПРОБЛЕМАИ ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪРИХИИ ГЕОМЕТРИЯИ ОЛӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ


***Норов Р. С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*

*ба номи Садриддин Айнӣ*


Яке аз масъалаҳои муҳими аз ҷиҳати методӣ ҳалталаб истифодаи маводи таърихии математика, бахусус инкишофи геометрия, дар машғулиятҳои дарсӣ, лексионӣ ва амалии омӯзиши геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мебошад. Истифодаи маводи таърихии инкишофи геометрия дар раванди таълими ин фан барои инкишофи шавқу завқи донишҷӯён ба фан ва донишҳои иловагӣ ба онҳо мебошад.

Геометрияи олӣ, аз ҷумла геометрияи аналитикӣ, монанди илмҳои дигар, аз талаботҳои амалии одамон ба вуҷуд омадааст. Ин фан дар асоси тайёр кардани олоти меҳнат, сохтмони бошишгоҳҳо зарурияти муайян намудани шаклу андозаи ашё пайдо шудааст.

Таҷрибаи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории ҷумҳурӣ собит менамояд, ки ҳангоми дар донишҷӯён ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю тасвирҳои геометрӣ ва ба мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён дохил намудани маводи таърихӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид истифода бурдани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки донишҷӯён доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи геометрияро бо техникаву истеҳсолот ва ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанни таълимӣ ташаккул ёбад.

Таърихи илмро донистан барои ҷавонон, бахри онҳое, ки моҳият ва аҳамияти муваффақиятҳои ҳозиразамони илмӣ-техникиро донистан мехоҳанд, хеле муҳим аст. Бинобар ин, дар таълими геометрияи аналитикӣ фақат бо маълумоти таърихие, ки дар китоби дарсӣ мавҷуд аст, маҳдуд шудан лозим нест. Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи геометрия шинос намудани донишҷӯён - ба онҳо нишон додани раванди инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот, фаҳмонидани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳими тарҷумаи ҳоли олимони намоён мебошад [11].

Геометрия ва маълумот доир ба он дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Дар таърихи илми ҷаҳонӣ таърихи геометрия ва методикаи таълими он дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва дар минтақаҳои муайяни географӣ ба қадри кофӣ омӯхта шудааст.

Мутафаккирони тоҷику форс бо осори гаронбаҳои худ на танҳо дар ганҷинаи илми ҷаҳонӣ нақши бузург доранд, балки барои коркарди методҳои таълиму тарбияи шогирдон низ саҳми босазо гузоштаанд.

Онҳо дар марҳилаҳои аввали эҷодиёти худ ба тарҷумаи осори донишмандони пешина, асосан олимони юнонию румӣ ва ҳиндию суриёни қадим иктифо карда, сипас ба таҳлили интиқодии осори эшон пардохта, дар асоси тарҷумаю омӯзиш ва таҳлилу шарҳу баррасии афкори геометрии онҳо дар рушду нумӯи донишҳои геометрӣ саҳми босазо гузоштаанд. Боиси зикр аст, ки онҳо дар баробари донишмандони маъруфи замони худ будан, инчунин ба ҷараёни таълиму тарбия ва коркарди методҳои омӯзиши маводи геометрии ҳамон давра маълумбуда, диққати махсус додаанд. Бад-ин васила ба нақши илм ва маърифати илмӣ дар ҷомеа аҳамияти хос додаанд.

Ҳаёти ҷомеаи кунунии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ доимӣ қарор дорад, барои ворид кардани арзишҳои фарҳангию таърихӣ, аз ҷумла воридоти намунаҳои беҳтарини кашфиётҳо дар соҳаи математика (геометрия) барои донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии педагогӣ мавқеи хоса пайдо мекунад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар раванди омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи ва олии

касбии раванди омӯзгори ояндаи математикаро тайёркунанда аз ақидаҳои таърихии ба маводи омӯхташаванда наздики мутафаккирони риёзидони миллатамон истифода бурда шавад, то ки дар раванди таълим тавонем донишҷӯёнро фарогири муносибати назариявию таърихӣ дар омӯзиши фан гардонем ва ба ин васила онҳоро ба афкори илмию фарҳангии гузаштагонамон шинос намоем.

Бояд қайд кард, ки дар тадқиқотҳои дар ин соҳа гузаронидашуда бештар сухан дар бораи истифодаи элементҳои таърихи математика дар раванди таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ меравад. Дар самти тайёрии касбӣ-методии омӯзгори ояндаи математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баъзе ақидаҳои боими таваҷҷуҳ мавҷуд бошанд ҳам, онҳо низ раванди стифодабарии элементҳои таърихи математикаро дар омӯзиши фанҳои раванди математикӣ дошта мадди назар доранд, яъне таълими бевосита ҳамгирои назариявию таърихии омӯзиши геометрияи олӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ боиси тадқиқоти махсус қарор нагирифтааст.

Доир ба ин масъала мутахассисонои ватанӣ ва хориҷиро номбар кардан мумкин аст, ки ба тадқиқи осори илмии таърихи математика ва истифодаи элемнтҳои он дар раванди таълим, бахусус истфодаи ин элментҳо дар раванди таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ машғул шудаанд: Х.Ф. Абдуллозода, Т.К. Авдеева, М. Аҳадова, А. Ахмедов, С.П. Бажанова, Х. Бобоев, К. Броккелман, Э. Виделман, В.К. Жаров, И. Ғуломов, Д. Кинг, А.Ш. Комилӣ, А. Кубесов, А.Қ. Қодиров, Б.Р. Қодиров, А. Қурбонӣ, Ю.В. Лобзина, Г.П. Матвиевская, И.Р. Мухаммадиев, М. Нугмонов, Л.А.Одинаева, М.М. Рожанская, А.Э. Сатторов, Р.С. Сафаров, Г. Собиров, Қ.Фатҳуллоев, М.С.Шарипова, У.К. Шерматова, М. Шодиён, И. Ҳоҷиев, Б.Юнусова, А.П. Юшкевич ва дигарон.

Дар рисолаи номзадии Қодиров Б.Р. [4], ғояи инкишофи таълими математика дар асоси ақидаҳои педагогии муттафаккирони Шарқи Миёна, дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар рисолаи докторин Сатторов А.Э. [10], ғояҳои дидактикии олимони табиатштноси Шарқи Наздик ва Миёнаи асрҳои IX-XVII ва тадбиқи онҳо дар раванди таълими математика, дар мисоли муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳкиқот қарор гирифтааст. Муаллиф ба таври васеъ ғояҳои дидактикии он замонро ошкор ва таври истифодабариашонро дар раванди таълими математика пешниҳод менамояд.

Дар рисолаи номзадии худ Фатҳуллоев Қ. [14] низ кӯшиш намудасст, мероси математикии олимони асри миёнагии Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ намояд ва методикаи истифодабарии онҳоро дар раванди таҳсилоти муосири математикӣ аз диди назариявӣ ва амалӣ нишон диҳад, ки ин дар фаҳмиши методикаи таълим қадаме ба пеш аст.

Одинаева Л.А. [7] методикаи истифодабарии ғояҳои илмии олимон- донишмандони Осиёи Миёна ва Эрони асрҳои IX-XIII-ро ҳангоми таълими фанҳои табиӣ, дар маводи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқ қарор додааст.

Дар воқеъ, истифодабарии тадқиқотҳои методии номбарда ва ба онҳо наздик дар раванди таълим, ки бештар истифодаи унсурҳои таърихӣ математикаро дар бар мегиранд, барои таҳқиқи ғояҳои нав роҳ мекшоянд. Дар ин ҷода тадқиқотҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки моҳиятан ба тадқиқоти мо рӯшанӣ андозанд ҳам аз мавзуи пешгирифтаи мо андаке дар каноранд.

Берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра олимон рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ба ҳимоя расонидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни истифодаи маводи таърихиро (бештар элементҳои таърихи математикаро) дар бар гиранд ҳам, аз мавзуи тадққотии мо дуранд. Ба ин гурӯҳи олимон Авдеева Т.К., Бажанова С.П., Бидайбеков Е., Жаров В.К., Камолова Г.Б., Лобзина Ю.В., Ляпунов А. ва дигарон дохил мешаванд.

Чунончӣ Авдеева Т.К. дар рисолаи докторин худ [1] тайёрии касбӣ ва тарбияи ахлоқии муаллими ояндаи математика дар асарҳои классикони таҳсилоти математикиро мавриди тадқиқ қарор додааст ва ғайра.

Яке аз проблемаҳои муҳими омӯзиши геометрияи олӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, истифодаи унсурҳои таърихии инкишофи геометрия дар раванди таълими ин фан

мебошад. Зеро дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои математика, математика-физика, математика-информатика омӯзиши фанни «Таърихи математика» барои курсҳои хатмкунанда (4-5-ум) пешбинӣ шуда, фанҳои ба геометрияи олӣ (аналитикӣ, проективӣ, созишҳои геометрӣ, асосдиҳии геометрия) тааллуқдошта дар курсҳои поёнӣ таълим дода мешаванд ва ба ин васила донишҷӯён маводи зарурии таърихиро доир ба пайдоиш ва инкишофи ин фанҳо намеомӯзанд. Дар фанни таълимии «Таърихи математика» унсурҳои таърихи геоеметрияи олӣ омӯхта шаванд ҳам, донишҷӯён дар бисёр самтҳо маводи заруриро азбар намекунанд, зеро соатҳои барои омӯзиши таърихи математика бахшидашуда ҳамагӣ 48 соатро ташкил медиҳад.

Аз диди мо, дар раванди таълими фанни «Геометрия» (геометрияи олӣ) ба таври мушаххас оиди таърихи пайдоиш ва инкишофи назарияҳои геометрӣ таърихи сохтори геометрия ва олимони маъруфи соҳа маълумоти саҳеҳ пешниҳод кардан имконпазир аст, ки аз як мавқеъ, ба ташаккули маърифати математикии донишҷӯён мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, барои пурра гардонидани маводи таърихии дар курси «Таърихи математика» омӯхташаванда мусоидат менамояд.

Масалан, дар раванди таълими геометрияи аналитикӣ, ки мавзуи омӯзиши он фигураҳои геометрӣ ва табдилдиҳиҳое, ки бо муодилаҳои алгебравӣ дода мешаванд, аз методҳои алгебравӣ ва координата истифода мебаранд, Мавқеи Декарт ва Фермаро, ки ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XVII воқеияти геометрияи аналитикиро барои инкишофи ояндаи он муайян кардаанд, мадди назар кардан аз аҳамият холӣ нест. Ҳарчанд геометрияи аналитикии онҳо танҳо масъалаҳои ҳамвориро фаро мегирифт.

Ё худ, ҳангоми таълими мавзуи «Хатҳои каҷи тартиби 3», хизмати шоёни Нютонро, ки дар ибтидои асри XVIII (с. 1704), дар асари худ «Номбаркунии хатҳои каҷи тартиби се» масъалагузорӣ кардааст, мавриди муоина қарор додан хеле бомаврид аст. Нютон 72 намуди хатҳои каҷро муайян ва ҳар кадоми онҳоро номгузорӣ кардааст. Аҳамияти ин асари Нютон аз он иборат буд, ки дар он имконятҳои нави методи координат ошкор ва такмил дода шуд. Стирлинг бошад, баъдтар теоремаҳои Нютонро исбот карда, теоремаҳои умумикардашудаи навро пешниҳод кард.

Истифодаи системаноки координатаҳои фазоӣ дар геометрияи аналитикиро Клеро соли 1731 ибтидо гузошт. Ӯ дар китоби худ «Таҳқиқот оиди хатҳои каҷи каҷиашон духела» ба ин масъала рӯшанӣ андохта, хатҳои каҷи фазоиро бо унвони дар китоб омада ҳамрадиф донист. Корҳои Қлеро имконият доданд, ки курси системаноки геометрияи аналитикӣ, ки шаклан ба мо имрӯз то андозае меъёрӣ аст, муаррифӣ гардад. Ин корро Эйлер соли 1748 амалӣ гардонид.

Бояд қайд кард, ки геоеметрияи аналитикӣ дар нимаи аввали асри XVIII дар ҳамгироӣ бо татбиқи анализи математикӣ ба шакл даромадааст, ҳарчанд шаклан ва мазмунан ҳанӯз назарияи томро ташкил надода буд. Эйлер барои геометрияи аналитикӣ ҷилди махсусе бахшида онро «Муқаддима ба анализи беохир хурдҳо» номид. Баъдтар, дар нимаи дуюми асри XVIII Монж (с. 1771), Лагранж (с. 1775), Мене (с. 1785) ба геометрияи аналитикӣ баъзе тағйиротҳо ворид карданд.

Донишҷӯён бояд донанд, ки танҳо дар нимаи дуюми асри XVIII, геометрияи аналитикӣ ҳамчун фанни таълимӣ ба барномаҳои мактабҳои олӣ дохил карда шуданд ва дар ин асос китобҳои дарсӣ таълиф гардиданд. Чунончи яке аз китобҳои дарсие, ки системанок ва ба китобҳои кунунӣ наздик таълиф ёфта буд, ин китоби дарсии Лакруа (с. 1798-1799) мебошад, ки 25 маротиба нашр шудааст. Нашри 25-уми он бо иловаи Эрмит с. 1897 аз чоп баромадааст. Ба гуфтаи К.А.Рибников дар китобҳои Лакруа аввалин бор номи геометрияи аналитикӣ ҳамчун илм муаррифӣ мешавад (История математики. - М.: МГУ, 1974).

Бояд қайд кард, ки дар оянда симои мазмунии геометрияи аналитикӣ тағйир ёфт. Чунончи Мёбус (с. 1827) методи координатиро умумӣ кунонид. Ӯ мафҳуми «корданатаҳои барисентрикӣ»-ро дохил намуд, ки имконият фароҳам омад «унсурҳои беохир дур» ба геомтерияи аналитикӣ ворид карда шаванд. Баъдтар Дарбу мафҳумҳои «коорданатаҳои терасиклӣ ва пентасиклӣ»-ро дохил намуд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз механика ба геометрияи аналитикӣ мафхуми «вектор» дохил карда шуд, ки маводи оноро хеле такмил дод.

Ҳамин тариқ, чунин муоинаи ниҳоят кӯтоҳ, дар мисоли таърихи геометрияи аналитикӣ имконият медиҳад, ки мушаххас набошад ҳам, донишҷӯёни ихтисосҳои ба омӯзиши геометрияи олӣ машғулбуда, ба таърихи пайдоиш ва инкишофи он ҳамчун илм ва фанни таълимӣ шинос карда шаванд.

Дар ҷараёни машғулиятҳои лексионию амалӣ, хусусан дар лаҳзаҳои ҷамъбасткунии машғулиятҳо, истифода бурдани унсурҳои таърихи математика ҳамгироии ин ду фанни таълимиро таъмин карда, ба ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, проблемаи таълими ҳамгирои назариявию таърихии геометрия дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ барои донишҷӯёне, ки фанни «Таърихи математика»-ро дар соли хатми донишгоҳ меомӯзанд, масъалаи ҳалталаб ва аз диди низоми кредитии таҳсилот ва муносибати босалоҳият дар таълим мубрам ва замонавӣ мебошад.

Бо таърихи рушди геометрия шинос намудани донишҷӯён, тавассути ҳамгироии маводи таълимиву таърихӣ барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури илмии насли навраси кишвар, тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстӣ кӯмак мерасонад.

Ватандӯстӣ ва башардӯстӣ ин муҳаббати бошууронаву мақсаднок ва таъсирбахш ба Ватани соҳибистиқлол мебошад, ки ба амиқ фаҳмидани ифтихори миллӣ асос ёфтааст. Ҷиҳатҳои фарққунандаи ифтихори миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ дар он аст, ки он аз маҳдудиятҳо озод буда, истисноии нажодӣ, миллатчигиву шовинизм, бадбинӣ ва беҳурматӣ нисбат бадигар халқу миллат бегона аст [12].

Ҳисси баланди ватандӯстӣ ва башардӯстӣ дар донишҷӯён, пеш аз ҳама зимни амалигардонии онҳо дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназаудиторӣ аз фанни таълимӣ тарбия карда мешавад. Ақидаҳои ватандӯстӣ, шуури ватанпарвариву башардӯстӣ дар донишҷӯён тавассути омӯхтани донишҳои амиқ ва ҳамаҷониба доир ба гузаштаи дурахшони он ташаккул дода мешавад. Донистани гузаштаю имрӯзаи мамлакат ва халқу миллати худ ба он мусоидат менамояд, ки донишҷӯён бартариҳои соҳибистиқлолиро фаҳманд ва ба он дуруст баҳо дода тавонанд.

Омӯзгори фанни геометрия на бояд аз ин масъала дур бошад. Вай бояд таърихи математика, алалхусус таърихи рушди илми геометрияро донаду онро дар лаҳзаи зарурӣ шарҳ дода тавонад. Дар ин зимн, ӯ пеш аз ҳама бояд нақши мутафаккирони тоҷику форсро дар инкишофи на танҳо илми ватанӣ, балки илми ҷаҳонӣ низ нишон диҳад. Зимни истифодаи маводи аниқи таърихӣ дар таълими фанни геометрия муҳаббат ва эҳтироми донишҷӯёнро нисбат ба эҷодкорони илм пайдо намуда, ташакул диҳад.

Мо ҳақ дорем бо мутафаккирони халқамон, осори илмии эшон, алалхусус бо олимони соҳаҳои риёзиёту табииёт ва кашшофони ҳодисоти табиӣ фахр кунем. Ин мутафаккирон дар шароити душвор на баҳри шуҳрати шахсӣ ва ё сарватмандӣ, балки ба манфиати халқи худ исроркорона меҳнат карданд, заҳмат кашиданд, чунки ба ояндаи дурахшони ватан боварӣ доштанд. Ин ҷо як қатор мутафаккирон, ба монанди: Абурайҳони Берунӣ, Насируддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Сӯфӣ, Абдураҳмони Хазанӣ, Умари Хайём, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммад Мусои Хоразмӣ, Суғонии Устурлобӣ ва дигаронро мисол овардан мумкин аст, ки дар шароити душвори он замон зиндагӣ кардаанд. Масалан, Умари Хайём дар рисолаи алгебравии худ доир ба мавқеи олимон сухан ронда, аз шароити бади зиндагӣ ва таъқиби донишмандан шикоят кардааст: «Мо шоҳиди ҳалок гардидани олимон будем. Аз онҳо шумораи ками хеле азиятдида мондаанд. Дар ин давра барои такомул додани илм тақдири сахт ба онҳо монеъ мешуд. Қисми зиёди онҳо, ки шакли зоҳирашон олимсимо буд, ҳақиқатро рӯпӯш намуда, дар илм сохтакорӣ мекарданд ва худро донишманд меҳисобиданд ва агар онҳо шахсеро дучор оянд, ки ҳақиқатро дӯст медораду онро ҷустуҷӯ дорад, мекӯштанд ва шахсе, ки дурӯғ ва риёкориро рад мекунад, онҳо вайро манбаи таҳқир ва масхараи худ мепиндоштанд» [15, с. 70].

Ҳамин тариқ, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои ҷудогона аз ҳаёт ва фаъолияти илмии олимон ва мутафаккирони гузаштаи ватанамон мисолҳо оварда, хизматҳои шоёни онҳоро дар тараққиёти илми ҷаҳонӣ, ҷамъияти инсонӣ фаҳмонида, бо ҳамин васила дар шахсияти ҳар як донишҷӯ ҳисси муҳаббат ба ватан, ба халқу миллати худро парваридан мумкин аст.

***Адабиёт***

1. *Авдеева Т.К. Профессиональная подготовка и нравственное воспитания будущего учителя математики на трудах классиков математического образования: дис. ... д-ра пед. наук: 13.00.08. – Орел, 2005. – 381 с.*
2. *История математики с древнейших времен до начала XIX столетия (в трех томах), т.1. – М.: Наука, 1970. - 352 с.*
3. *Калинин М.И. О коммунистическом воспитании и обучении. - М.-Л., 1948. – 272 с.*
4. *Кодиров Б.Р. Развитие идеи обучения математике на основе Средневековых педагогических воззрений мыслителей Востока: На примере общеобразовательных школ Республики Таджикистан: дис. .. канд. пед. наук: 13.00.01. - Душанбе, 2001. - 148 с.*
5. *Норов Р. С. Нугмонов М. Методикаи дар донишҷӯён такмилдиҳии таълим бо истифода аз маводи таърихии математика // Материалы республиканской конференции «Проблемаҳои муосири математика ва тайёрии касбӣ-методии омӯзгори математика дар мактаби олии педагогӣ». – Душанбе: ТГПУ им. С. Айни, 2018. - С. 87-91.*
6. *Норов Р. С. Нугмонов М., Раззоков А. Аз таърихи се масъалаи машҳури замони қадим доир ба созиш // Материалы республиканской конференции «Проблемаҳои муосири математика ва тайёрии касбӣ-методии омӯзгори математика дар мактаби олии педагогӣ». – Душанбе: ТГПУ им. С. Айни, 2018. - С. 91-97.*
7. *Одинаева Л.А. Методика использования научных идей ученых-энциклопедистов Средней Азии и Иран IX-XIII вв. При обучении естественнонаучных дисциплин: на материалах школ и ВУЗов Республики Таджикистан: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. - Курган-Тюбе, 2012 . - 154 с.*
8. *Сатторов А.Э., Комили А. Ш. Идеи ученых средневековой Центральной Азии об изучении геометрии // Изв. АН. Респуб. Таджикистан. – 2009. - №4. - С. 32-36. (на тадж. яз.)*
9. *Сатторов А.Э., Комили А. Ш. Вопросы изучения геометрии Ибн Сины // Вестник ТНУ, серия естеств. наук. – 2010. - №3(59). - С. 145-148.*
10. *Сатторов А.Э. Дидактические идеи ученых-естествоиспытателей Ближнего и Среднего Востока IX-XVII вв. и их внедрение в процессе обучения математике: на примере Республики Таджикистан: дис. ... д-ра пед. наук: 13.00.02. - Курган-Тюбе, 2010. – 349.*
11. *Собиров Г.С. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV-XVII). – Душанбе: Ирфон, 1972.*
12. *Собиров Г.С., Шерматова У.К. Асосёбии математика ва ҷиҳатҳои философии мафҳумҳои математикӣ // Маҷмуаи «Вопросы истории и методики элементарной математики», вып. III, т. 56. – Душанбе, 1967.*
13. *Туси Мухаммад Насир ад-Дин. Сборник по арифметике с помощью доски и пыли / Перевод С.А. Ахмедова и Б.А. Розенфельда // Историко математические исследования, вып. XV. – М., 1963. – С. 431-444.*
14. *Фатхуллоев К. Методическое наследие средневековых математиков Средней Азии и методика его использования в современном математическом образовании: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. - Курган-Тюбе, 2010. – 164 с.*
15. *Хайям О. Первый алгебраический трактат / Перевод С.А. Красновой и Б.А. Розенфельда // Историко-математические исследования, вып. XV. – М., 1963. – С. 445-470.*


## ПРОБЛЕМАИ ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪРИХИИ ГЕОМЕТРИЯИ ОЛӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ


Таҳлили адабиёти методӣ, барномаи таълим ва китобҳои дарсии амалкунандаи геометрияи олӣ, инчунин раванди таълими ин фан собит менамояд, ки то ба имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба масъалаи донишандӯзии донишҷӯён бештар диққат дода мешаваду ба ташаккули шахсият, тафаккур ва қобилияти эҷодии онҳо эътибори ҷиддӣ дода намешавад. Албатта, ин ба талаботи замони муосир - давраи инқилоби илмӣ-техникӣ ва замони афзоиши босуръати иттилооти илмӣ, инкишофи босуръати техника ва технологияи иттилоотӣ ҷавобгӯ нест. Аз тарафи дигар, донишҷӯёни имрӯзаи мо оиди фаъолияти математикии олимони тоҷик ва Осиёи Миёна маълумотҳои ниҳоят кам доранд. Бинобар ин мақолаи мазкур оиди бартараф намудани ин намуди камбудиҳо ва баланд бардоштани ташаккули шахсият, тафаккур ва қобилияти эҷодии таърихи математикии донишҷӯён хизмат расонида метавонад.



**Калидвожаҳо:** геометрияи олӣ, таърихи математика, ҳамбастагии назариявию таърихӣ, донишҷӯ, муасисаи таҳсилоти олии педагогӣ, робитаи байнифаннӣ, ташаккули шахсияти донишҷӯ.

## ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКОЙ КООРДИНАЦИИ ВЫСШЕЙ ГЕОМЕТРИИ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

Анализ методической литературы, учебных программ и действующих учебников по высшей геометрии, а также процесса преподавания этого предмета показывает, что до сих пор в педагогических вузах больше внимания уделяется усвоению студентами знаний, а формированию личности, мышления и творческих способностей уделяется недостаточно внимания. Безусловно, это не соответствует требованиям современного времени – эпохи научно-технической революции и времени стремительного роста научной информации, быстрого развития техники и информационных технологий. С другой стороны, современные студенты имеют очень мало информации о математической деятельности таджикских и среднеазиатских ученых. Поэтому данная статья может способствовать устранению подобных недостатков и повышению уровня формирования личности, мышления и творческих историко-математических способностей студентов.

**Ключевые слова:** высшая геометрия, история математики, теоретико-историческая связь, студент, педагогический вуз, междисциплинарная связь, формирование личности студента.

## THE PROBLEM OF STUDYING THE THEORETICAL AND HISTORICAL COORDINATION OF HIGHER GEOMETRY AT THE UNIVERSITY

An analysis of methodological literature, curricula, and existing textbooks on higher geometry, as well as the teaching process of this subject, reveals that pedagogical universities still prioritize students' knowledge acquisition over the development of their personality, thinking, and creative abilities. Undoubtedly, this does not meet the demands of the modern era – an epoch of scientific and technological revolution, characterized by the rapid growth of scientific information, rapid development of technology, and information technologies. On the other hand, contemporary students have very little information about the mathematical activities of Tajik and Central Asian scientists. Therefore, this article can contribute to addressing these shortcomings and enhancing the development of students' personality, thinking, and creative historical-mathematical abilities.

**Keywords:** higher geometry, history of mathematics, theoretical and historical connection, student, university of pedagogical education, interdisciplinary connection, formation of the student’s personality.

***Дар бораи муаллиф***
*Норов Раҷабалӣ Саломович*
*Муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***About the author***
*Norov Rajabali Salomovich*
*Senior lecturer at the department of mathematical teaching methods*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Об авторе***
*Норов Раджабали Саломович*
*Старший преподаватель кафедры методики преподавания математики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

ТДУ 01+510+122/129(075.8)

# БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ОИДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ДОНИШИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОН

***Сафарзода М. В., Шоҳсанами Р.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи*
*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ташаккулёбии дониши математикии хонандагон, ки шарти зарурии эҷод мебошад, мавқеи муҳими ҳаётӣ ба шумор меравад. Онро ба инобат гирифтан лозим аст, ки дониши хонандагон яку якбора пайдо намешавад, балки тадриҷан дар натиҷаи фикрронӣ оиди мафҳумҳои муқаррарӣ ва тасаввуротҳо шакл мегирад. Мафҳумҳое, ки бо онҳо хонандагон мусаллаҳ мешаванд, имконият медиҳанд, ки ба моҳияти ҳодиса сарфаҳм рафта, диалектикаи инкишофи онҳо, ягонагии умумӣ, махсус ва алоҳида, мушаххас ва ғайри мушаххасро дониста гиранд. Бинобар ин, дар мафҳумҳо ва тадқиқотҳои математикӣ зарур аст, ки ба таври системанок ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ ва диалектикиро ҷудо намуда, шароитро барои дарки ин ҷанбаҳо аз ҷониби хонандагон таъмин намоем.

Ҳар як хонанда дар ҳисобкуниҳо ва табдилдиҳиҳои геометрӣ, инчунин тасаввуротҳои геометрӣ ва мафҳумҳои математикӣ на танҳо рамзҳои ғайри мушаххас, балки мундариҷаи воқеии боэътимодро мебинад, агар онҳо дар шакли содатарин низ бошанд. Ба воситаи бозиҳои математикӣ махсус барои амалӣ гардонидани ҷаҳонбинии таълимии хонандагон дар МТМУ муайян мегардад. Онҳо қобилияти эҳсос намудани шакл, андоза, ранг, ҷойгиршавии ашёро дар фазо, мушоҳидакорӣ, диққат, хотира, тафаккур, малакаи ҳисобкунӣ, тасаввуротро оид ба муҳити атроф ва дигар хусусиятҳои равонии хонандагонро инкишоф медиҳанд [1, с. 286].

Ин метавонад дар ташаккули завқи хонандагон аҳаммияти бузургро соҳиб бошад, инчунин онҳо ба воситаи қоғазҳои ранга, картон, қуттичаҳои расму ҳарфдор, манорачаҳои чӯбин ва ғайра сурат мегиранд. Бозиҳо дар бедор намудани завқи хонандагон, мустақилият, ҳадафмандӣ, рафтори мувофиқ, меъёрҳои ҷамъиятӣ баҳри баланд бардоштани дониши математикӣ мусоидат менамоянд.

Ташкил ва гузаронидани бозиҳои дидактикӣ боиси пешгирии аломату нишонаҳои хасташавии хонандагонро дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ мегардад, ки мақсади ташкил ва гузаронидани он дар ҷараёни омӯзиши фанни математика тавассути истифодабарии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК) ташаккули диққат, мушоҳидакорӣ, хотира, тафаккур ва ташаббускории хонандагон дар асоси омӯзиши маводи нав, мустаҳкамкунии дарси гузашта, инчунин такрор ба роҳ монда мешавад.

Ташаккулёбии фикронии хонандагон дар ҳама марҳилаҳои синнусолии онҳо амалӣ карда мешаванд ва ба дараҷаи мутобиқии инкишофи хонандагон мувофиқ мебошад. Амалишавии он на бояд дилгиркунанда, балки пайдарҳам ва системанок бошанд. Аммо ин корро ба таври воқеӣ омӯзгорон, алалхусус омӯзгорони деҳот намегузаронанд. Далели ин гуфтаҳо натиҷаҳои пурсишҳои дар як қатор муассисаҳои миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда метавонад бошад. Масалан, 200 нафар довталабони қабули соли 2014 ба саволи «аз кадом талаботҳо математика ва мафҳумҳои он ба вуҷуд омаданд?» танҳо 60 нафар ҷавоб доданд. Ба саволи «мафҳумҳо ва назарияҳои математикӣ бо ҷаҳони моро иҳотакунанда чӣ алоқамандӣ доранд?» ягон ҷавоби саҳеҳ гардонида нашуд [1]. Баъзе ҷавобҳо ба ин савол дар доираи истифодабарии мафҳумҳои математикӣ дар худи фан ва фаҳои дигар оварда шуданд.

Яке аз проблемаҳои қадима масъалаи донишҳои математикӣ ва муносибати ин донишҳо ба воқеияти объективӣ мебошад. Кушодани ин масъала вазифаи аввалиндараҷаи муаллим мебошад. Барои ҳалли он омӯзгор, албатта, аз нуқтаи назари омилҳои диалектикӣ ворид мешавад, яъне: математика аз талаботҳои амалӣ таҷрибавии ба вуҷуд омадааст, ҳамаи мафҳумҳои он чун мафҳумҳои дигар илмҳо тасвир ва инъикоси ҳолатҳо ва алоқаҳоро нобобаста аз дарки ҳақиқатҳои воқеӣ ва баъзе ҷиҳатҳои тасвири он дар шуури инсон нишон

медиҳад. Илова бар ин, мафҳумҳои аввалини математика аз табиат бо роҳи мушаххасгардонӣ баромада, ҳақиқати инъикосшударо ғайримустақим ба вуҷуд меоранд.

Бо вуҷуди он ки робита ва муносибати предметҳо ва ҳодисаҳои воқеъият аз рӯи қонунҳои диалектика амалӣ мешаванд, пас зуҳурёбии мушаххаси онҳо инъикоси худро дар математика низ меёбанд. Дар ин асос, метавон қайд намуд, ки мафҳуми математика ва намудҳои он, дар маҷмуъ диалектикаи воқеъиятро инъикос намуда, татбиқи раванди онро инъикос менамояд.

Мо тавонистем ба таври мухтасар хусусиятҳои амалии мавқеи ҷаҳонбинии шахсиятро дида бароем. Хонанда дар мавриди дарс эҳтимолияти дар амал истифодабарии қонуниятҳое, ки ба инкишофи ҷамъият марбут аст, доро шуда наметавонад. Зеро тарбияи ҷаҳонбинии хонанда дар он асос меёбад, ки вобастагии идеологӣ ва тарғиби онро фаҳмида бошад ва онро дурурст дарк намояд. Ин аст, ки дар раванди тарбия ва зоҳиршавии ҷаҳонбинӣ фаъолияти назарраси хонандагони сифнҳои болоӣ, ки қобилияти онҳо вобаста ба шуури шахсӣ рушд намудааст, ба намудҳои гуногуни фаъолияти арзишнок зарурият пайдо мешавад.

Ташаккулёбӣ ва дараҷаи аз худ намудани таҳқиқотҳо, бахусус дар ҷараёни асосҳои ҷаҳонбинии хонандагон ба раванди омӯзиш баҳри аз худ намудани дониши математикӣ дар фаъолияти таълимӣ вобастагии зиёд дорад. Аз ин лиҳоз мо ба методҳои зерин такя намудем:

– ба даст овардани хусусиятҳои назариявӣ баҳри таҳлили истифода намудани дастовардҳои дар раванди таҳқиқот ба даст омадаи соҳаи математика, ки равандҳои мухталифи соҳаи педагогикаро дар ташаккул ва тафаккури хонандагон бедор менамояд;

– дар асоси таҳлилу баррасии таҷрибаҳои фаъолияти корӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз равандҳои баланд бардоштани ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон, ин таҳлилу баррасии таҷрибаи омӯзгорон ва ташаккули дониш, ҳамзамон баланд бардоштани таҷриба дар соҳаи фаъолияти худ мебошад;

– истифодаи васеъи таҷриба ва корҳои экспериментали нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои тасҳилоти миёнаи умумӣ дар асоси муқаррароти марҳилавӣ (таҳлилу баррасии дараҷаи ҷаҳонбинӣ, ақидаҳои илмӣ, тасаввуротҳо, андешаҳо вобаста ба эътимоди таълимгирандагон вобаста ба гурӯҳ ва синну сол), ки дараҷаи ҷаҳонбиниро тавзеҳ менамоянд, дар онҳо ташаккулёбӣ ва хосиятҳои созандагӣ рушд намуд аст. Ҳамзамон вобаста ба муайян намудани донишу ақидаҳо ва эътимоди онҳо дар раванди таълими машғулиятҳо вобаста ба фанҳои таълимӣ, нақшаҳо ва барномаҳои тасдиққардашуда, инчунин иҷроиши корҳои беруназсинфӣ дар бар мегирад.

Ҷиҳатҳои татбиқи гузаронидани таҷрибаҳои педагогиро вобаста ба вазифаи асосӣ, ки дар он натиҷаи муқаррароти назариявӣ ва методӣ нуҳуфтааст, арзёбӣ мегардад. Дар ин асос қонунияти ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва шароити баланд бардоштани самаранокии он инъикос ёфта, натиҷаи таҳқиқоти таҷрибавӣ – экпериментали дар асоси методҳои хусусӣ ба таври зайл истифода карда мешаванд:

– муайян намудани нақши таҳқиқотчиён – методистон оид ба раванди таълими фанни математика;

- гузаронидани пурсишномаҳо, анкетаҳо ва баҳсҳо дар асоси нақшаи мушоҳида;

– истифодаи усулҳои махсуси ташаккули нақш ва мавкеи ҷаҳонбинии муҳассилин вобаста ба фаъолияти гуногун дар дохил ва берун аз муассиса дар асоси тамоми фаъолият (раванди таълим, семинару маҳфилҳо, ташкили саволномаҳои дорои мушкилот дар ин самт, пешниҳод, устувор намудани ақидаҳо, таҷрибаи истеҳсолӣ ва фаъолияти дигар) равона карда шудааст;

– иҷроиши корҳои хаттӣ, зимни мисоли навистани иншо, реферат дар мавзуи муайян, намоиши филмҳо, расмҳо, руйнамо ва китобҳо дар ин самт, ки метавонад то андозае мароқи хонандагонро ба омӯзиши фанни математика бедор намояд;

– таҳлилу баррасии хулосаи хонандагон вобаста ба масъалаҳои ҷаҳонбинӣ дар раванди супоридани имтиҳонҳо дар мактаб ва рафти дохилшавии онҳо ба муассисаҳои олии касбӣ;

– баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ аз раванди таълиму тадрис вобаста ба ҷамъбаст, мушоҳидаҳои расмию ғайрирасмӣ дар муассиса дар давоми сол барои бедор намудани завқу шавқи хонандагон дар синф;

– дар тарбияи хонандагон бевосита бедор намудани ҳуввияти миллӣ, ба ин васила ҷалби онҳо ба китобҳои дарсӣ, таълимию методӣ, илмӣ – оммавӣ, илмӣ – методӣ, ки дар ташаккули маърифати онҳо роҳ мекушояд.

Ташаккулёбии хонандагонро метавонем дар асоси саниҷаи фаъолияти методистон ва омӯзгорон, ки дар ҷараёни фаъолияти педагогии худ мавриди истифода қарор додаанд, истифода намуда, дар ин асос дараҷаи аз худ намудани ташаккулёбии ҷаҳонбиниро дар онҳо муайян намоем:

– ҷаҳонбиниро вобаста ба таълими фанни математика вобаста ба синфҳо ҷудо намуда, дар он равандҳо, мафҳумҳо ва проблемаҳои ҷойдоштаро ошкор намоем;

– дар таълими фанни математика ҳамчун восита метавонем, аз мафҳум ва намудҳои ҷаҳонбинӣ барои хонандагон ба таври васеъ истифода намоенм;

– оид ба бедор намудани завқу шавқи хонанда метавонем аз китобҳои дарсӣ ба таври васеъ истифода намоем, аммо вобаста ба маводҳои ёрирасони таълимӣ: маводҳо барои омӯзишу тавсияи хонандагони муцараршуда, ки бевосита дар ҷараёни дарс мавриди истифода қарор дода мешаванд, дар асоси саволҳои гузошташуда, далелу натиҷаҳо, аломатҳо ва ислоҳи хатогиҳо ташаккул меёбанд. Ҳавасмандгардонии хонанда метавонад, ҳамчун дараҷаи бедор намудани ҳисси ҷаҳонбинии ӯ дар равандли дарс арзёбӣ гардад;

– шуури шахсият метавонад, ҳамчун раванди фаъоли инъикоскунандаи донишҳои илмӣ вобаста ба алоқаи инкишофи ташаккулёбии асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ вобаста ба таълими фанҳои табиатшиносӣ;

– натиҷагирӣ омӯзгор оид ба маводи дарсӣ вобаста ба омӯзиши фанни математика дар миёни хонандагон дар алоҳидагӣ ва ҳамгироӣ, алалхусус фаъолияти омӯзгор бо синфҳои болоӣ вобаста ба қонуниятҳо.

Вобаста ба инкишофи тафаккур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон чунин нуктаҳоро метавон дарҷ намуд: омӯзиши қонуниятҳои диалектикӣ ва шаклҳои дастраси онҳо вобаста ба фаъолияти маърифатии онҳо дар раванди таълим, иштироки фаъолона дар маҳфилҳо, омодаги барои иҷроиши корҳои мустаъқилона, ҳалли мисолҳо, иштироки фаъолона дар шабнишиниҳо ва ғайра.

Зикр намудан ба маврид аст, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон – дар онҳо бедор намудани ақидаҳо ва боварихои устувор дар раванди омӯзиш мебошад. Тавассути омӯзиши ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон баҳри аз худкунӣ, идеяю ғояҳо, доштани тасаввуротҳо оид ба ҳалли масъалаҳои математикӣ, ки он метавонад дар инкишофи математикии онҳо роҳ ёбад, муайян карда мешавад.

Дар асоси маводҳои таҳлилӣ, омӯзгор нақшабандӣ намуда, оид ба равандҳои тасвирнамуда, идея ва қонуниятҳои ҷаҳонбиниро ташаккул дода, дар ин раванд метавонад ба муваффақиятҳои навтарин ноил гардад. Зеро барои ӯ ҳамчун як мутахассис танҳо сифати тасаввуротҳо зарур аст, зикр намуд ба маврид аст, ки баҳогузорӣ намудани хонандагон аз ҷиҳати ҷаҳонбини тавассути далелҳо, ки раванди ақидаи онҳоро ба олами объективӣ ва воситаҳои табиию иҷтимоӣ, тафаккур, фаъолият, мавқеъ, ки яке аз соҳаҳои тафаккури шахсиятро инъикос мекунад, дохил мешаванд. Ҳамзамон ҷаҳонбинии хонандагон имкониятҳои зиёдеро ба бор оварда, дар онҳо натиҷаи баҳогузорӣ, ҳавасмандии хонандагонро ба раванди таълим, муҳити артоф, худтарбияткунӣ ва дар ин асос таъсири мутақобилаи системаи педагогӣ, методикаи таълим, мукаммалсозии раванди дарс, азхудкуниӣ, фаъолияти ҳавасмандиро дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва ҷалби онҳоро ба фаъолияти эҷодию эҷодкорӣ равона месозад.

Амалӣ намудани инкишофи ҷаҳонбиниро вобаста ба талаботи нишондиҳандаҳои таъсиррасонӣ баҳри ташаккули ақидаҳо ва эътимодҳоро вобаста ба муассисаҳо таъмин месозад.

Раванди коркарди нишондиҳандаҳо, ҳамчун асос баҳри омӯзиши ва муайянсозии дараҷаи ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон тавассути принсипҳои методологии таълим метавонад муносибатҳои мушаххасро дар татбиқи омӯзиши фанни математика таъмин намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҷараёни ташаккулёбии дониши хонандагон чунин нишондиҳандаҳои асосӣ зури назар гирифта мешаванд:

➢ дар асоси фаъолияти назаррас, хонандагон метавонанд баҳри азхуд намудани назария ва қонуниятҳо, ки барои муайян намудани моҳияти раванди инкишофи дониши худ вобаста ба табиат, ҳамзамзамон тафаккури шахсият аҳамияти муайянкунандаро соҳиб бошад;

➢ муайян намудани мундариҷаи ҷаҳонбинии хонанда дар асоси маводи омӯзишӣ ва муносибатҳои устуворонаю бошууронаи шахсият дар раванди омӯзиш;

➢ омодагии хонандагон дар асоси пешниҳоди маводҳо, сарчашмаҳо ва мавриди истифодаи онҳо.

Таҳия ва тарҳрезии мундариҷаи барномаҳои таълимии фаннӣ барои хонандагон вобаста ба синну соли онҳо, ки дар амалисозии масъалаҳои умумии ҷаҳонбинӣ вобаста ба ҳар як марҳила дар раванди таълими синфҳои I-IV, V-IX, X-XI метавонад ба дараҷаи инкишофи ҷаҳонбинии онҳо, рушди малакаҳои зеҳнӣ, такмили донишҳои назариявию амалӣ, азхуд намудани фанни таълимӣ ва ғайраҳо таъсиргузор бошад. Вобаста ба риояи шартҳои педагогӣ барои азхуд намудани донишҳои илмӣ ва барномаҳои таълимии фан дар синфҳои I-IV дар асоси муносибатҳои бошууронаи шахс, сафарбар намудани хонандагон имконияти фаррох дорад. Муҳимтар аз ҳама барои рушди ҷаҳонбинии хонандагон ин дар асоси инкишофи синусолӣ пешниҳоди ақидаҳо ва эътиқодҳои усувор дар ҷодаи илмомӯзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар синфи 5-ум хонандагонро тавассути системаи муайян асосҳои омӯзиши фанни математикаро барои азхудкунии онҳо роҳандозӣ менамоянд. Ҳамзамон онҳо метавонанд ҷаҳонбинии илмиро бо истифода аз мафҳуму идеяҳои гуногун дар ҷараёни таълими фанҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ аз худ намоянд. Ин ҳама дар асоси алоқамандии байни соҳаҳои зеҳнии инкишофёбандаи ҷаҳонбинӣ, тавассути ҷузъиётҳои ҳиссиёт ва таъсиррасонии амалӣ ташаккул ёфта, рушд менамояд.

Бояд тазаккур намоем, ки хонандагони синфҳои V-VII эътиқодҳо ва тасаввуротҳои худро ба таври зайр рушд дода метавонанд:

- дарк намудани алоқа ва моҳияти ҳодисаҳои иҳотакунандаи табиат;
- нақши омӯзгор баҳри ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда;
- рушди донишу малака ва қобилиятҳо барои иҷроиши фарқиятҳо дар математика;
- пешниҳоди маълумотҳо баҳри ташаккули фаҳмишу дарки хонандагони хурдсол дар раванди кашфиётҳои нав.

Асосҳои ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагонро вобаста ба синфҳои VIII-IX бо чунин тарз метавон шарҳ дод:

✓ муайян намудани хосиятҳо ва тасаввуротҳо дар асоси қонунҳои математикӣ, ки асоси қобилият, муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ, рушди тафаккури воқеъӣ, санҷиши таҷрибавӣ ва асоснокунии илмӣ мебошанд;

✓ ҳосил намудани боварӣ баҳри инкишофи равандҳои математикӣ, доштани маълумот оид ба ҳалли масъалаҳои пешниҳодшуда дар раванди таълим;

✓ пешниҳоди донишҳои мустаҳкам оид ба ташаккули тафаккури хонандагон дар раванди таълим математика ва истифодаи роҳу методҳои муосир вобаста ба талаботи қобилияти хонандагон.

Дар замони муосир яке аз талаботҳои омӯзиши фанни математикаи мактабӣ, ин мафҳуми адад мебошад, ки дар ҳама марҳилаҳои иҷроиши ҳалли мисолу масъала ба таври мушаххас истифода карда мешаванд, ҳатто дар давраҳои пеш низ чунин мафҳум вуҷуд дошта, баҳри ҳисобкуниҳо дар раванди таҳлил ба мисоли ашё алоқаманд ададҳо мавриди истифодаи умум қарор дода мешуд.

Дар асл одамони ҷомеаи ибтидоӣ хосияти ададҳоро аз маҷмуи ашёҳои ҳисобшаванда фарқ намекарданд, бинобар ин зарурат барои инкишофи донишҳо, ки минбаъд дар ҳаёти иқтисодӣ дар ташаккули васеъшавии алоқамандиҳои иқтисодиро дар мубодилаи байни қабилаҳо вобаста ба техникаи ҳисобкуниҳои аввалия мукаммал гардонида шуд. Ҳамзамон ба сифати миқдори ҳаргуна маҷмуъ як маҷмуи муайян баромад мекард, ки баъдтар дар асоси мушоҳидаю омӯзиш ва таҷрибаҳои андӯхтаашон одамон тавонистан ба масъалаи мафҳуми адад сарфаҳм рафта, барои рӯйпӯш намудани мушаххасоти ҳақиқӣ ва тадриҷан ҳамчун раванди мустақил аз сухан ба аломати ададро дақиқ намоянд. Равандҳои мухталиф одамонро водор намуд, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ ташкили давлатро вобаста ба ташаккули қишрҳои ҷомеа

ба вуҷуд орад, ки дар он хусусиятҳои ҳисобдорӣ махсусан роҷеъ ба ҳисоби молу ашё ва дигар самтҳои иқтисодӣ нигаронидашуда, ки алоқамандии онҳоро ошкору ҳисоб менамуд.

Масъалаи дигар, вобаста ба инкишофи донишҳо, ин усули ҳалли муодилаҳо ва системаи он бо решаҳои мусбат коркардшуда буд, ки он барои паҳн гаштани ҳалли муодилаҳои хаттӣ дар дилхоҳ масъалаи мувофиқ зарур буда, дар Хитойи қадим тавонистанд дар он ададҳои манфиро дохил намоянд. Донандагони математика дар Хитойи қадим бо истифодаи ададҳои манфӣ дар истеҳсоли махсус ва баъдтар бо аломати тарҳ (-)онро ворид намуданд ва метавон ададҳои манфиро дар шакли ошкор ба асри XV марбут донист. Ҳамзамон мафҳумҳои навро ба фанни математика дар асоси таҳлилу натиҷаҳо бо мушкилӣ дохил кардаанд ва асрҳои зиёд онро математикҳо дуруст сарфаҳм нарафта ва ҳатто қабул низ надоштанд, баҳсҳои зиёде дар ин самт рӯи кор омадаст, ки ин масъал онҳоро тавонист ба нобоварӣ нисбати ақидаҳо ва навовариҳо изҳори нигаронӣ менамуданд.

Математикҳои итолиёвӣ дар асри XVI дар илми математика мафҳуми ададҳои комплексиро барои нигоҳдории алгоритми ҳалли муодилаҳои дараҷаи сеюм дар радикалҳоро дохил намуданд. Онҳо ба ҳолатҳои ба амал омада, на яку якбор балки «барои он ба худ ҳисобот медоданд, ки ашёҳои муайянро, ки онҳо моҳияти ададро ифода мекунанд, бояд чун адад қабул карда шаванд» [1, с. 288].

Дар асри XVII вобаста ба математика захираҳои зиёд оид ба вобастагиҳои ҳалли масъалаҳо ҷамъ оварда шуданд, ки онҳо то андозае тавонистанд эҳтиёҷоти амалиро ҳаллу фасл намоянд ва айни замон чунин масъалаҳо тавассути ҳисобкуниҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ ҳал карда мешаванд. Дар ин асос масъалаҳое пайдо гардиданд, ки дар онҳо методҳои ҳалли масъалаҳо аз нуқтаи назари ягона таҳлил ёфтаанд. Ин буд, ки ба таври диалектикӣ ва дифференсиалӣ ҳисобкуниҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки раванди бавуҷуд омаданашон аз татбиқашон васеътар дар ин соҳа мебошад. Асосгузории чунин назарияро метавон ба олими англис И. Нютон ва математики немис Г. Лейбнитс нисбат дод. Чунин ҳисобкуниҳои нав сохта шуда буданд, аммо на Нютон ва на Лейбнитс барои чоп намудани он шитоб накарданд ва онҳо мавқеи заифии кори худро дар он тазаккур менамуданд, ки мафҳумҳои асосие ки ба мафҳуми беохир такя менамояд, дар раванди 0 баробар шуда метавонад ё не. Метавонем мисоле пешниҳод намоем, ки муқобилсухании диалектикиро, ки он мутобиқи аломати инкори арзиши илмӣ – техникӣ дар назарияҳо нигоҳ дошта шудаанд, ба муқобилсухании мафҳуми актуалии беохири хурд барқарор карда шуд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавонем зикр намоем, ки бавуҷудоии ҳаракат ва рушди математика дар замони муосир дар асоси истифодабарии диалектика ба амал омада, бавуҷудоии ҳосила ва интеграл – ин бавуҷудоии абстраксияи дараҷаи баландро нисбат ба мафҳуми адад арзёбӣ менамояд.

Дар раванди таълими фанни математика вобаста ба мавқеи он чунин қайд намудан ба маврид аст, ки абтраксия (мафҳумсозии мафҳумҳо ва методҳои математикӣ) – ин норасоӣ набуда, он метавонад мафҳумҳо ва методҳои математикиро умумӣ созад ва математика тавонистааст, ки татбиқи худро дар соҳаҳои гуногуни илмию техникӣ пайдо намояд, ба мисоли формулаҳо барои ҳисобкуниҳо, аз ҷумла, фкнксияҳо, муодилаҳо, нобаробариҳо ва ғайра.

Ҳамчунин академик Б.В. Гнедко дуруст қайд намуда аст, ки «муносибати байни ашёҳо олами моро иҳотакунанда, бо омӯзиш ва абстраксия намудани мафҳуми математикӣ онро мукаммал мегардонад» [6, с. 76]. Далелҳои дар боло овардашуда собит менамоянд, ки вобаста ба омӯзиши дар муассисаҳо вобаста ба таълими фанни математикаи мактабӣ корҳои зиёде анҷом дода шуда истодаанд, ки яке аз инҳо ин раванди омӯзиши «бефосилагӣ» мебошад. дар ин раванд омӯзгорон чунин мафҳумҳоро баён намуда, тазаккур меномоянд, ки ин мафҳум, мафҳуми ғайрихоси математикон набуда, он хусусияти аксар ҳаводис ва ҳаёти шахсро дар алоқамандӣ бо тағйирёбандаҳои аргумент ва функсияҳо муқаррар менамояд [7].

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси омӯзишу пажӯҳиш мо муайян карда тавонистем, ки яке аз принсипҳои муҳими ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, принсипи таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он илмро ҳамчун падидаи инкишофёбанда муаррифӣ менамояд. Ҳамзамон таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар фаъолияти омӯзгорони фанни математика аксар вақт дар раванди машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, маълумотҳои таърихиро оид ба

масъалаҳои илмӣ ба таври мушаххас ва бефосила истифода менамоянд. Ба ин васила онҳо то андозае тавонистаанд, то дар зеҳну шуури хонандагон ҷиҳатҳои мусбатро вобаста ба таълиму тарбияи онҳо дар хусуси ватандӯстӣ, садоқат ба меҳан, устуворӣ ва амсоли ин бедор намоянд.

Барои «ташаккулёбии дониши математикии хонандагон» бо истифода аз усулҳои диалектикӣ яке аз бозиҳои математикиро ҳамчун эстафета гузаронидан мумкин аст [11, с. 137]. Омӯзгор варақаҳоро ба миқдори хонандагони дастаҳо омода месозад. Дар ҳар як варақа 6 супориш мавҷуд аст. Хонандагони як миз варақаҳоро гирифта, аз он як муодила навишта, варақаҳоро ба ҳамдастаҳояш (хонандагони мизи 2,3 ва ғайра) медиҳанд. Онҳо ба ҳалли муодила машғул шуда, ҳалли худро бо имзоҳояшон менависанд. Маълум мешавад, ки ҳар як хонанда 3 муодила ҳал мекунад. Дастае ғолиб мебарояд, ки муодилаҳоро бехато ва зудтар иҷро менамоянд

Намунаи яке аз карточкаҳоро пешниҳод мекунем.

1. 2000:(2x+510)=2
2. 58-(3x+51)=1
3. (8x-12)*15-200:4=10
4. (49x+11)*5-293=7
5. (5x+70):120+2=3
6. (6x-35)*35=245

Ҳамин мисолҳо байни ҳам алоқаманд буда, решаи дилхоҳ муодила ададе мебошад, ки дар тарафи рости яке аз онҳо мавҷуд аст. Бинобар ин санҷиш барои омӯзгор душвориро пеш намеорад.

Ин бозиро бо супориши душвортар гузаронидан мумкин аст. Бозӣ айнан монанди бозии боло гузаронида мешавад. Намунаи супоришҳо дар варақа чунин буда метавонанд. Дар намуди ҳосили зарб нависед.

1. $x^2$-2xy+$y^2$-1
2. $y^2$-$x^2$-4x-4y
3. $x^2$+6x+9-16$y^2$
4. $x^2$-8x+16-$y^2$
5. 25-$y^2$-4$x^2$+4xy
6. 1-$x^2$-12xy-36$y^2$

Ҳар яке аз ин ҷудокуниҳо ададе ҳаст, ки модули он бо рақами тартибии супориш мувофиқ меояд.

Ҳамин тавр, раванди гузаронидани таҷрибаҳо дар муассисаҳои таълимӣ собит менамояд, ки чунин муносибат раванди таълиму тадрисро боз ҳам шавқовар месозад, агар омӯзгор бо истифода аз хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ мисолу масъала тавониста бошад диққати хонандагонро ба худ ҷалб намуда, хусусиятҳои инкишофи мустақилиятро вобаста ба ташаккули маърифати онҳо таъмин созад, ҳамзамон зиддияти маърифатии байни донишҳо ва усулҳои амалиётиро инъикос намуда, дар руҳияи хонандагон асосҳои илмии ҷаҳонбиниро бедор сохта, барои ташаккули тафаккури онҳо нақши босазо гузорад.

### ***Адабиёт***


1. *Абдулакимова, Дж.А. Обоснование целесообразности изучения математики на основе исторических материалов / Дж. А. Абдулакимова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/8 (216). – С. 286-290.*
2. *Босова, Л. Л. Комбинированные уроки информатики / Л.Л Босова // Информатика и образование. – 2000. – № 3. – С. 36-41.*
3. *Босова, Л.Л. О методике проведения уроков информатики с младшими школьниками [Электронный ресурс].* - URL: http://www.ito.su/2001/ito/I/2/I-2-11.html.
4. *Гнеденко, Б. В., Математические методы в теории надёжности. Основные характеристики надёжности и их статический анализ. - М.: Наука, 1965. - 524 с.*
5. *Гнеденко, Б. В., Введение в теорию массового обслуживания. - М.: Наука, 1966. — 301 с.*
6. *Дрожжина, Е.В. Дидактические возможности использования средств информационных технологий / Е.В. Дрожжина // Применение новых технологий в образовании: сб. статей. – Троицк, 2005. – С. 36-40.*

7. *Дрожжина, Е.В. Дидактические игры при изучении нового материала / Е.В. Дрожжина // Преподавание истории в школе 2000. – № 3. – С. 46-50.*
8. *Егорова, Л. И. Создание ситуации успеха на уроке // Математика в школе. 1996. №6.*
9. *Информационные технологии в обучении [Электронный ресурс]. - URL: http://malutina.school3.org/ index. php?title=metod_source&include=5.*
10. *Лавринович, К. В. Богатство интересов – закон обучаемости // Математика в школе. - 1990. - № 6.*
11. *Шодиён, М.С. Андар масоили таърихи риёзиёт ва ташаккули дониши риёзии хонандагон / М.С. Шодиён, А.Ҷ. Абдулакимова // Паёми донишгоҳи давлатии Қӯргонтеппа ба номи Носири Хусрав. –2018. – №1/1(51). – С. 136-139.*

## БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ОИДИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ДОНИШИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОН

Муаллифон дар мақолаи худ равандҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар баррасӣ намуда, онро ҳамчун асоси инкишофи тарбиятгирандагон медонанд. Ташаккул ба донишу малака ва маҳорати хонандагон якбора ба амал наомада, оҳиста-оҳиста вобаста ба таъсири муҳити дарсӣ дар раванди таълим ба амал меояд. Қонуниятҳои диалектикӣ ҳамзамон метавонад ба инкишофи ҷамъиятии азхуднамудаи онҳо, дар шароити дарс дар амал татбиқ карда мешавад. Муаллифон бар он назаранд, ки хонанда дар асоси идеологияи шахсӣ ва роҳҳои ташвиқу тарғиби он метавонад тарбияи ҷаҳонбинии худро ташаккул дода, барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Бояд тазаккур намоем, ки ҷаҳонбинии илмӣ ва диалектикии материалистии хонандагон баҳри таҳқиқи дараҷаи ташаккулёбӣ дар асоси омӯзиш, таъсирасонӣ ба равандҳои математикӣ дар ҷараёни таълимию ғайритаълимӣ ба даст оварда мешавад. Нақши алоқаҳои байнифаннӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва диалектикӣ-материалистии хонандагон хеле зиёд аст, зеро алоқаҳои соҳаҳо ва равандҳои дар олами воқеӣ ҷойдоштаро танҳо ҳангоми таҳлили алоқаҳои байни фаннӣ нишон додан мумкин аст. Муаллифон ба хулосае меоянд, ки чунин муносибат ба таълими дарсҳоро шавқовар месозад, диққати хонандагонро ҷамъ месозад, инкишофи мустақилияти маърифатии онҳоро таъмин месозад, шаклпарастиро аз дарсҳо бартараф менамояд, зиддиятҳои маърифатии байни донишҳо ва усулҳои амалиётиро инъикос ва бошиддат мегардонад, асосҳои илмии ҷаҳонбинии хонандагонро ташаккул медиҳад.

**Калидвожаҳо:** тарбия, ҷаҳонбинӣ, мактаббача, идеалогия, тарғиб, фаъол, дастрас, фаъолият, арзиш, зарурият, шакл, дарс, муносибат, мустақилият, таҳлил.

## НЕКОТОРЫЕ МЫСЛИ О НАУЧНОМ МИРОВОЗЗРЕНИИ И ФОРМИРОВАНИИ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ

В своей статье авторы рассматривают процессы развития научного мировоззрения учащихся общеобразовательных учреждений страны и рассматривают его как основу развития учащихся. Развитие знаний, умений и навыков учащихся происходит не сразу, а постепенно, в зависимости от влияния образовательной среды на учебный процесс. Научное мировоззрение студентов может развиваться, если у них сформирована способность к развитию. Авторы придерживаются мнения, что читатель может развивать свое мировоззрение на основе своей личной идеологии и способов ее продвижения и добиваться значительных результатов. Следует отметить, что научно-диалектическое материалистическое мировоззрение учащихся получено с целью исследования степени сформированный, основанной на обучении, влияния на математические процессы в учебном и вне учебном процессе. Роль меж предметных связей в формировании научного и диалектико-материалистического мировоззрения студентов очень высока, поскольку связь предметов и процессов реального мира может быть показана только в ходе анализа меж предметных связей. Авторы приходят к выводу, что такой подход к преподаванию урока делает его интересным, собирает внимание учащихся, обеспечивает развитие их познавательной самостоятельности, устраняет формализм из уроков, отражает и усиливает познавательные противоречия между знаниями и методами работы, формирует научные основы. мировоззрения учащихся.

**Ключевые слова:** воспитание, мировоззрение, учащиеся, идеология, пропаганда, активный, доступный, деятельность, ценность, необходимость, форма, урок, отношение, независимость, анализ.

## SOME THOUGHTS ON SCIENTIFIC WORLDVIEW AND THE FORMATION OF STUDENTS' MATHEMATICAL KNOWLEDGE

In his article, the author examines the processes of development of the scientific worldview of students in general education institutions of the country and considers it as the basis for the development of students. The development of students' knowledge, skills and abilities does not occur immediately, but gradually,

depending on the influence of the educational environment on the educational process. At the same time, observations have shown that students’ thinking abilities develop as new concepts and ideas emerge. Students' scientific worldview can develop if they have developed the ability to develop. The authors is of the opinion that the reader can develop his worldview based on his personal ideology and ways of promoting it and achieve significant results. It should be noted that the scientific-dialectical materialistic worldview of students was obtained with the aim of studying the degree of formation, based on learning, influence on mathematical processes in the educational and extracurricular process. The role of inter subject connections in the formation of the scientific and dialectical-materialistic worldview of students is very high, since the connection between objects and processes of the real world can only be shown during the analysis of interdisciplinary connections. The authors come to the conclusion that this approach to teaching a lesson makes it interesting, attracts students’ attention, ensures the development of their cognitive independence, eliminates formalism from lessons, reflects and strengthens cognitive contradictions between knowledge and methods of work, and forms scientific foundations. students' worldviews.

**Keywords:** education, worldview, students, ideology, propaganda, active, accessible, activity, value, necessity, form, lesson, attitude, independence, analysis.

***Дар бораи муаллифон***

*Сафарзода Мунир Ватан*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерӣ*
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
*735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, к. С. Сафаров, 16*

*Шоҳсанами Ризо*
*Муаллими калони кафедраи илмҳои компютерӣ*
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
*735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, к. С. Сафаров, 16*

***Об авторах***

*Сафарзода Мунир Ватан*
*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры компютерных наук*
*Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки*
*735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16*

*Шохсанами Ризо*
*Старший преподователь кафедры компютерных наук*
*Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки*
*735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16*

***About the authors***

*Safarzoda Munir Vatan*
*Candidate of Pedagogical Science, docent of the Department of Computer Science*
*Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki*
*735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov str., 16*

*Shohsanami Rizo*
*Senior lecturer of the Department of Computer Science*
*Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki*
*735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov str., 16*

ТДУ 378.147.6:51

# МОҲИЯТИ ТАЙЁРИИ КАСБИЮ МЕТОДӢ ВА ВАЗИФАИ ЛОИҲАКАШИИ ОМӮЗГОРИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

***Мирзозода Ш. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тайёрии методии омӯзгор ва амалияи педагогӣ ҷузъи таркибии тайёрии касбии ӯ ба ҳисоб меравад. Тайёрии самараноки методии омӯзгор ба ҳалли маҷмуи масоиле вобаста аст, ки аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

- проблемаҳои умумипедагогии тайёрии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ (С. Архангелский, Ю.К. Бабанский, Н.Ф. Гоноболин, И.И. Кобилятский ва дигарон);
- масоили умумидидактикии ташаккули шахсияти омӯзгор (Т.А. Илина, Н.В. Кузмина, В.А. Сластенин, А.И. Шербаков ва дигарон);
- проблемаҳои умумипсихологии тайёрии омӯзгор алалхусус, проблемаҳои ташаккулёбии методҳои фаъолияти психологӣ (Л.Л. Гурова, И.И. Илясов, Е.Н. Кабанова-Меллер, И.П. Калошина, З.И. Калмикова, В.А.Крутетский, А.Н. Орехов, С.Л. Рубинштейн, Н.Ф. Тализина, А.Ф. Есаулов ва дигарон).

Барои ташаккулёбии омӯзгори соҳибихтисос ба тайёрии методии ӯ диққати махсус дода мешавад, зеро проблемаи баланд бардоштани сифати таълими математикаро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамин ҳал мекунад. Масоили тайёрии методии омӯзгорон ҳамеша дар маркази диққати риёзидонону методистони машҳур, инчунин устодоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ фаъолият мекунанд мебошад. Доир ба ҳалли ин масоили академикҳо ва педагогҳои машҳур А. Александров, А.Н. Колмогоров, СП. Новиков, А.В. Погорелов ва дигарон, инчунин математикҳо ва методистони машҳур Л. Атанасян, В.В. Афанасьев, Н. Виленкин, Г.Д. Глейзер, В. Гусев, Г.В. Дорофеев, Ю.М. Колягин, В. Кузнетсова, В.И. Крупич, Г.Л. Луканкин, Г.И. Сарантсев, Е.И. Смирнов, Е. Тоцкий, М. Нугмонов, Л. Фридман, Р. Черкасов ва дигарон назари худро баён кардаанд.

Фаҳмидани моҳият, вазифаҳо ва мундариҷаи тайёрии касбӣ- методии омӯзгорони оянда дар дохили як муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ (МТОП) дар тадқиқоти методистон: Т.А. Вороненке, Т.В. Затсепина, В.И. Земсова, С.Е. Каменетский, М. Худойкулова, В. Кузнетсова, Г.И. Луканкина, Н.В. Метелский, И. Новик, Т.Н. Степанова, О.И. Терешенко, Н.В. Шаронова, А.В. Усова, М. Нугмонов ва дигарон таҳлилу баррасӣ гардидааст, ки мавқеи олимони ихтисосҳои гуногун (методикаи таълими математика, химия, физика, информатика) оид ба ин масъала хеле наздик аст.

Муқаррароти назариявии бунёди низоми таълимиӣ-методӣ дар МТОП тибқи консепсияи фарҳанги методологӣ аз ҷониби И. Новик, ки дар тадқиқоти худ ба консепцияи низоми методии таълим такя кардааст, иборат буда, дорои чунин қисматҳо мебошад: мақсадҳои таълимӣ- методӣ, мазмун, шакл, метод ва воситаҳои таълим.

И.А. Новик фарҳанги методиро асоси маҳорати касбии омӯзгори ояндаи математика медонад. Таҳти мафҳуми фарҳанги методии омӯзгори математика, муаллиф «ташаккулёбии малакаҳои умумӣ, махсус ва мушаххасро дар асоси донишу малакаҳои амиқ, ки зимни омӯзиши математика, педагогика, психология, методикаи таълими математика, фанҳои иҷтимоӣ ва фанҳои таълимии дигар ҳосил гардидаанд, мефаҳмад. Дар низоми маориф фарҳанги методӣ як ҷузъи фарҳанги умумии шахсияти омӯзгор буда, дар фаъолияти эҷодии омӯзгори математика андӯхтани таҷрибаи муайянеро фаро мегирад» [6, с. 62].

Дар консепсияи назариявие, ки И.А. Новик баҳри ташкили омӯзиши методӣ пешниҳод кардааст, «навигариаш он аст, ки ташаккули фарҳанги методии омӯзгори математика дар МТОП бояд дар шароити зерин сурат гирад:

- бартарӣ додани донишу малака ва маҳоратҳои методии донишҷӯён аз курси якум то хатми МТОП;

- дар раванди таълим мунтазам истифода бурдани робитаҳои узвии фанҳои иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, математикӣ ва методӣ;

- ҷорӣ намудани низоми таълими пайвастаи методии донишҷӯён дар раванди таълим [6, с. 9].

Ҷузъҳои фарҳанги методии пешниҳодкардаи И.А. Новик ба дониш, малака, маҳорат ва хислатҳои донишҷӯён асос ёфтааст.

Муаллиф дар номгӯйи донишу малакаву маҳоратҳо ҳам тавсифоти воқеъии методи дошта ва ҳам тавсифоти умумипедагогиро ба назар гирифта, ба таври возеҳ кӯшиш менамояд, ки онҳоро ба ҳам пайваста, ба маҷмуи умумии омодагии методӣ ворид намояд [6, с. 64-65].

Дар асари И.А. Новик диаграммаи марҳилаҳои ташаккули фарҳанги методӣ ба сохтори анъанавии тайёрии методӣ (дар солҳои охири таҳсил) комилан мувофиқ аст [6, с. 70-77]. Татбиқи муттасилии тайёрии методӣ тавассути ворид намудани ҷанбаҳои алоҳидаи он ба мазмуни фанҳои дигар пешбинӣ карда мешавад.

Унсурҳои асосии тайёрии методии омӯзгори математика аз ҷониби В. Гусев пешниҳод шудааст, ки чунин қисматҳоро дарбар мегирад: а) донистани вазифаҳои таълими математика, барнома, китобҳои дарсӣ ва ғайра; б) донистани асосҳои назариявии методикаи таълим ва медодҳои тадқиқоти он, донишҳи функсионалии методҳои таълим ва ғайра; в) донистани роҳҳои тарбияи хонандагон зимни омӯзиши математика.

Тадқиқоти Н.Л. Стефанова ба таҳияи низоми таълими методии омӯзгорони математика дар МТОП бахшида шудааст, ки ба табдили ҳама ҷузъҳои низом ва робитаҳои байни онҳо асос ёфтааст [11]. Он дорои чунин қисматҳо мебошад:

- асосноккунии назариявии моҳияти таълимӣ-методӣ;

- ақидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар бораи мазмун ва сохтори низоми нави таълимӣ-методии омӯзгорони математика;

- принсипҳои умумӣ ва махсус, ки самтҳои инкишофи низоми тайёрии методии омӯзгорони математикаро дар МТОП муайян мекунанд.

Ба андешаи муаллиф принсипҳои умумӣ аз инҳо иборатанд: афзалияти донишҳои технологӣ дар мазмуни таълимӣ-методӣ, принсипҳои самти методӣ ва нишон додани масъалаҳои аҳамияти таълимидошта ҳангоми баррасии мундариҷаи математикӣ; ба махсус – принсипҳои тағйирпазирӣ, истеҳсолӣ ва худтанзимкунӣ дар ташкили фаъолияти низом;

- муносибати умумӣ ба мундариҷаи таҳсилоти хонандагон дар низоми таълимӣ-методӣ;

- амсилаи мундариҷаи омодагии методии омӯзгор.

Дар тадқиқоти Г.Л. Луканкин доир ба масъалаҳои асосҳои илмӣ-методии тайёрии касбии омӯзгорони математика маълумоти судбахш оварда шудааст. Вай системаи консептуалии асосҳои тайёрии касбии омӯзгорони математика амсилаи низоми ҳамгироӣ методии таълими донишҷӯёни МТОП-ро кор карда баромадааст. Амсилаи таълими касбии пешниҳодкардаи ӯ се қисматро дар бар мегирад: ташаккули шахсияти омӯзгор-шаҳрванд; ташаккули омӯзгор-тарбиягар; омода кардани омӯзгори кордон ва донандаи фанни таълимӣ.

Қисмҳои асосии ин консепсия «унсурҳои зерини сохторӣ мебошанд: 1) самти методии тайёрии касбӣ; 2) самти касбию педагогии таълими фанҳои ҷамъиятию сиёсӣ; 3) самти касбӣ-субъективии тайёрии психологию педагогӣ; 4) самти касбии таълими математика (методҳои таълими математика (масоили умумӣ ва хусусӣ)); 5) самти илмӣ, назариявӣ ва амалии тайёрии методӣ; 6) баланд бардоштани сатҳи илмию назариявӣ ва илмию методии таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯён; 7) бо донишҳо доир ба технологияи муосири педагогӣ ва нави иттилоотӣ мусаллаҳ намудани мутахассисон; 8) ташаккул додани омӯзиши муттасили компютер барои омӯзгорон; 9) таҳияи комплексҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва педагогӣ [4, с. 50].

Дар сохтори амсила мавқеи наздикро тадқиқоти М.А. Кудойқулов [3] ишғол менамояд, ки муаллифаш се «марҳилаи» фаъолияти омӯзгорро муайян кардааст: умумипедагогӣ, касбӣ-педагогӣ ва касбӣ-методӣ.

Гурӯҳбандии он чунин аст:

1) барои ҳамаи одамон: маҳорати педагогии ғайрикасбӣ;

2) барои ҳамаи омӯзгорон: маҳорати касбии педагогӣ, ки ба ҷамъиятӣ-сиёсӣ, умумиилмӣ, психологию педагогӣ ва махсус ҷудо мешавад;

3) барои омӯзгори фан: касбӣ ва методӣ ихтисосманд буда, дар навбати худ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- методикаи умумӣ: «стандартишуда» (барои ҳамаи омӯзгорони фанҳо: қобилияти гузаронидани дарс, қобилияти истифодабарии ВТТ ва ғайра) ва мушаххас (барои омӯзгори математика: ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ, хусусиятҳои ҳалли навъҳои гуногуни масоили таълимӣ);

- методикаи хусусӣ.

А.Г. Мордкович [5] консепсияи тамоюли касбию педагогиро дар тайёр кардани омӯзгорони математика пешниҳод мекунад, ки асоси он принсипҳои зерин дар бар мегирад:

- бунёдкорӣ (дар бораи зарурати омӯзиши асосҳои математика);

-бинарӣ (дар бораи ягонагии хатогиҳои илмию методӣ дар таълим);

- ғояи (идеяи) пешбаранда (дар бораи пайвастани курсҳои математика).

- муттасилӣ (дар бораи дарки пайвастаи фаъолияти педагогӣ).

Принсипҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд, ки низоми методии таъмини методҳои таълимро аз нуктаи назари умумӣ муоина намоем.

Г.Г. Хамов [13] низоми методии таълими алгебра ва назарияи ададҳоро дар МТОП аз нуктаи назари равиши касбии педагогӣ муоина менамояд. Вай рушди назариявиро пешниҳод мекунад:

- нақшаи комплексии сохтор ва фаъолияти низомӣ методии таълими фанҳои математикӣ дар МТОП;

- ҷузъҳои алоҳидаи ин низом;

- тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи ҷузъҳои низомиӣ методии таълими алгебра ва назарияи ададҳо аз рӯйи мазмуни асосии курс.

Ю.М. Колягин мафҳуми ҳалли масъаларо ҳамчун ҳамкории махсуси шахс бо вазъияти дар шарти он пешниҳодшуда, яъне маҷмуи объектҳо ва муносибатҳои байни онҳоро муоина кардааст. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки мафҳуми масъалаи математикиро тадқиқ кунад, асосҳои методии рушди таълими математикаро дар асосу ҳалли масъалаҳо таҳия созад, нақш ва мавқеи масъалаҳоро дар инкишофи тафаккури математикии хонандагон асоснок намояд.

Тадқиқоти диссертатсионии Н.В. Батканова ба масоили омодагии методии омӯзгорони математика дар доираи курсҳои ибтидоии геометрия бахшида шудааст. Масъалаҳои таълими тафриқа зимни омӯзиши математика дар асарҳои В.Г. Болтянский, Г.Д. Глейзер, Г.В. Дорофеева, Л.В. Кузнетсова, С.Б. Суворова, В.В. Фирсова, Ю.М. Колягина, Г.Л. Луканкина, Н. Федорова, Е.И. Ляшенко ва дигарон таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Ба тадқиқоти мо рисолаҳои илмии В. Гусев (назария ва методологияи таълими тафриқаро дар мактабҳои миёна, ки ба инкишофи ҳаматарафаи ҳар як хонанда нигаронида шудааст, баррасӣ кардааст), И.М. Смирнова (амсилаи таълими касбӣ ва механизмҳои татбиқи онро барои курси геометрияи мактаби миёна пешниҳод кардааст), М.В. Ткачева (кор карда баромадани амсилаи бисёрчанака ва муайян кардани роҳҳои татбиқи он дар таълими математикаро пешниҳод кардааст) ҳамчун замина хизмат карда метавонанд.

М. Буняев, В. Гусев, Е.И. Кузнетсов, В.Л. Матросов консепсияи таълими дузинагӣ барои донишҷӯёни факултети математикаи МТОП-ро пешниҳод кардаанд, ки муқаррароти асосии он аз инҳо иборат аст:

- инкишофи равонии шахс бе маълумоти дурусти математикӣ ғайриимкон аст;

- тайёрии анъанавии омӯзгори математика бояд нигоҳ дошта шавад, то ки дар асоси он бунёди математикаро муайян намуда, нисбат ба ихтисосҳои математик, математик-омӯзгор ва математик-информатик тасаввуроти амиқ дошта бошад;

- низоми бисёрзинагӣ бояд ба шахс интихоби ихтисосро дар сатҳи бакалавр таъмин намояд: бакалаври таҳсилот ё бакалаври илм;

- ҳангоми гузаштан ба тайёрии бисёрсатҳии математикҳо муқоисаи дипломҳоро бо стандартҳои байналмилалӣ назорат намояд.

Кори диссертатсионии Э.К. Силаев барои тадқиқоти мо наздиктар аст. Муаллиф дар кори мазкур ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд раванди фаъолияти равонии хонандагонро дарк намуда, яъне омӯзгор бояд равшан фаҳмад, ки худаш бо хонандагон чӣ тавр муносибат намояд.

- роҳи ҳалро меҷӯст, яъне ғояҳои асосие, ки ба ӯ барои ҳалли ин масъала имконият фароҳам оварданд;

- мувофиқи ғояҳои пешниҳодшуда пайдарпайии мулоҳизарониро бунёд кард, самти фикр ва майдони ҷустуҷӯро интихоб намояд;

- майдони ҷустуҷӯро васеъ кард, раванди ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъаларо бо муносибатҳои нав бой гардонд, вазъиятҳои сарбастаро инкор намуд;

- барои ёфтани роҳҳои ҳалли масъала кӯшишҳо кардааст ва чаро маҳз чунин кӯшишҳо кардааст? [9, с. 92].

Ӯ қайд мекунад, ки тайёрии методӣ асосан ба азхуд намудани донишу малакаҳои методӣ ва геометрии омӯзгори оянда нигаронида шудааст, вале на ба инкишофи мақсадноки фаъолияти равонии ӯ ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ ва аз ин рӯ, барои дарки методологияи таълими МТМУ муносибати навро пешниҳод менамояд. Курси геометрия ҳамчун синтези курсҳои омодагӣ аз геометрия, геометрияи ибтидоӣ ва методикаи таълими математика мебошад. Дар воқеъ донишҷӯ бо азхуд кардани методҳои гуногуни фикрронӣ на танҳо дорои захираи донишҳои муайян мегардад, балки қобилияти фикрронӣ низ пайдо мекунад.

Низомҳо ва маҷмуи методҳои фаъолияти равониро, ки муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия кардаанд, таҳлил намуда, Е. Силаев методикаи кор карда баромадани методҳои фаъолияти зеҳнии омӯзгори математикаро пешниҳод карда, кӯшиш намуд, ки робитаи азхудкунии донишҳои геометриву методӣ ва ташаккулёбии фаъолияти мутаносиби равонии омӯзгорро муқаррар кунад.

Вай барои ташаккул додани методҳои фаъолияти зеҳнии омӯзгори оянда ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ нақшаи зеринро тартиб додааст:

1) муайян кардани сохтори мантиқии методи фаъолияти равонӣ, ки мавриди баррасӣ қарор дорад;

2) омӯзиши хусусиятҳои асосии методикаи мавриди назар;

3) муайян намудани навъҳои асосии масъалаҳои геометрии бо методикаи мазкур ҳалшаванда;

4) таҳия кардани мазмуни методикаи таълим, ки ба методи фаъолияти равонии баррасишаванда мувофиқ аст;

5) интихоби маҷмуи масъалаҳои геометрӣ, ки ба ташаккулёбии методикаи баррасишаванда мусоидат мекунанд;

6) омӯзиши методикаи мавриди назар дар якҷоягӣ бо дигар методҳо [9, с. 188].

Мо дар тадқиқоти худ ба инкишофи тафаккури омӯзгори математика низ диққати махсус медиҳем, зеро маҳз бо ҳамаи дигар вазифаҳои равонӣ (хаёл, чандирии ақл, фарохиву амиқии фикр ва ғайраҳо) алоқаманд аст. Бояд гуфт, ки мавриди инкишофи тафаккур дар шароити ба тарбияи шахс нигаронидашуда сухан ронда, ёдовар бояд шуд, ки шарти зарурии амалисозии чунин инкишоф фардикунонии тарбия мебошад. Маҳз он кафолат медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолияти руҳии гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён ба назар гирифта шаванд.

Таҳлили осори ин муаллифон, инчунин адабиёти илмию методӣ имкон медиҳад, ба хулосае оянд, ки онҳо масъалаҳои муҳими тайёрии методии омӯзгорони математикаро бо назардошти асоснокии назариявии моҳият ва сохтори ин низом ҳал кардаанд. Тайёрии методии омӯзгорони математика, принципҳои инкишофи онро муайян намуда имкон медиҳад, ки амсилаи мазмуни тайёрии методии омӯзгорони математика тартиб дода шавад.

Айни замон шароити иҷтимоию педагогии фаъолияти омӯзгор тағйир ёфтааст, бинобар ин тайёрии касбию методӣ бояд ба тайёр кардани омӯзгорон барои кор дар шароити гуногун

будани муносибатҳо ба сохтори курси математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, сатҳи касбияти тахассусӣ ва истифодаи технологияҳои муосири таълим нигаронида шавад.

Чуноне ки В.А.Сластенин ва Е.Н. Шиянов зикр намудаанд: «агар фаъолияти педагогӣ оммавӣ бошад, пас он низоми нисбатан стандартии таълимро талаб мекунад. Азбаски фаъолияти педагогӣ эҷодкори аст, пас он барои худшиносии шахсӣ, муайян ва ташаккулдодани қобилияти шахсияти эҷодии омӯзгор фароҳам овардани имкониятҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимӣ омӯзиш тибқи сохтори намунавии таълим баҳри тарбияи шахси эҷодкор ба роҳ монда мешавад» [10, с. 6].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки шахсияти мутахассис дар заминаи раванди ташаккулёбии омӯзгор гузошта нашудааст. Омӯзгори оянда ҳамчун объекти "такрористеҳсоли" омма амал мекунад, шахсияти эҷодии ӯ муайян ва ташаккул намеёбад. Аз ин ру, ба фаъолияти эҷодии ҳар як омӯзгор, таъмини муносибати инфиродӣ ба тарбияи ӯ, бо назардошти воқеъияти имрӯза диққат додан лозим аст.

Кори омӯзгор, чуноне ки В. Сластенин пешниҳод кардааст: «фақат дар он сурат самараноктар хоҳад буд, ки сифатҳои асосии шахсияти ӯ ба табиати худи фаъолияти касбӣ мувофиқат намоянд» [10, с. 17]. Аз ин рӯ, ҳангоми ташаккул додани шахсияти омӯзгори оянда шароитҳоеро фароҳам овардан лозим аст, ки ба ташаккулёбии сифатҳои касбии ҳар як донишҷӯ мусоидат намояд. Дар осори олимону муҳаққиқони илми педагогика доир ба аҳамияти фаъолияти таълимӣ-методӣ дар сохтори фаъолияти умумии касбии донишҷӯёни МТОП, ки аз таъмини ҳамгироии донишҳои илмӣ таҳлил ва асосноккунии роҳҳои самараноки таълиму тарбия иборат аст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Омӯзиш дар ҳар як марҳила, дар ҳар як вазъияти муайяни таълимӣ ва ифшои вазифаҳо принсипҳо, мазмун, шаклу методҳои омӯзишӣ фанни мушаххаси таълимӣ ба роҳ монда мешаванд [7, 6, с.58-59]. Қобили зикр аст, ки ҷанбаҳои методии фаъолияти касбии омӯзгор на танҳо ба таҳлил ва асосноккунии роҳҳои таълим маҳдуд мешавад, балки амалӣ намудани роҳҳои оқилона интихобшуда дар робита бо хонандагон, тарбияи хонандагон бо истифода аз воситаҳои фанни таълимиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, вазифаҳои тайёрии методии омӯзгорони оянда бояд мутаносибан васеъ карда шаванд.

Чӣ дар тадқиқот оид ба ҷиҳатҳои касбию педагогӣ ва чӣ дар асарҳои методистон якчанд равишҳои тавсифи мақсаду натиҷаҳои асосии тайёрии касбию методӣ муайян карда шудаанд: ба воситаи категорияҳои маданияти методӣ, омодагии методӣ, касбии методӣ.

А.А. Шаповалов назария ва амалияи барпо намудани низоми таълими касбию методии омӯзгоронро тавассути фаъолияти конструктивӣ ва конструкторӣ кор карда баромадааст. Вай чунин мешуморад, ки «роҳи самарабахши омода намудани омӯзгор ба фаъолияти созанда ва лоиҳакашӣ ташкили тамоми раванди омодагии касбию методӣ буда метавонад, ки ба сатҳҳои назария, намунаҳо, эҷодиёти масъалаҳои мушаххаси методӣ аз тариқи методологӣ нигаронида шудааст. Ҳадди имкон, аз нигоҳи татбиқи амалии вазифаҳои муҳими касбӣ» [14, с. 71]. Ин ғоя ба воситаи курси «Технологияи педагогии таълими математика», ки ғояҳои асосии дидактика, психология, методикаи таълими математика ва як катор курсҳои махсусро дарбар мегирад, ба амал бароварда шуд, вале сохтори ин курс унсурҳои анъанавиро дар бар мегирад: масъалаҳои умумии методикаи таълими математика ва масъалаҳои хусусии методикаи таълими математика.

Мо чунин мешуморем, ки дар ин кор ба амал баровардани моҳияти ҳамгироии курс, ки тайёрии методии омӯзгорро таъмин менамояд, муҳим аст. Дар коркарди асосҳои назариявии ташкили таълими методии омӯзгорон рисолаи доктории В.И. Земсова [2] нақши муҳим дорад. Муаллиф аҳамияти фаъолияти методии омӯзгорро таъкид намуда, афзалияти омодагии методии омӯзгорони ояндаро таъкид мекунад. Вобаста ба ин, ӯ махсусан ҷузъи методии омодагии касбии омӯзгорро дар сатҳи дастгоҳи консептуалӣ таъкид менамояд. Таърифи як қатор мафҳумҳоро пешниҳод кардааст: омодагии методӣ, салоҳияти методӣ, тафаккури методӣ, инъикоси методӣ, фарҳанги методӣ, вазифаи методӣ, вазифаи таълимию методӣ, маҳорати методӣ.

Дар ин кор тайёрии методӣ ҳамчун «муҳимтарин ҷузъи тайёрии касбии омӯзгор, ки раванди доимии назоратшавандаи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти методӣ (омодагии методӣ) мебошад ва нисбат ба таълими касбӣ дар маҷмуъ моҳияти ҳамгироӣ дорад» [2, с. 13].

Ин тафсирро И.Л.Беленок [1] чунин шарҳ медиҳад: худи раванди таълими методӣ бо маҷмуи ҷузъҳояш бояд муттаҳидкунанда бошад, ки дигар ҷузъҳои асосии омодагии касбии омӯзгорро дар фаъолияти касбии ӯ муттаҳид созад. Вай пешниҳод менамояд, ки омодагии методии омӯзгор ба фаъолияти касбӣ ҳамчун фаъолияти эҷодӣ баррасӣ карда шавад, ки дар он ҳамгироии ғояҳо ва методҳои пешбарандаи консепсияи муосири таълими касбии омӯзгор, инчунин консепсияи ташаккул ва рушди шахсияти эҷодкор амалӣ карда мешаванд [1, с. 17].

Мақсади асосии тайёрии касбию методӣ, мувофиқи пешниҳоди В.И. Земсова, «ба дараҷаи баланди методии хатмкунандагон баҳри иҷрои вазифаҳои таълиму тарбияву инкишоф тавассути фанни таълимии додашуда ноил гардид имконпазир аст» [2, с. 6]. Вай омодагии методиро ҳамчун «ҷузъи ҳалкунандаи омодагии касбии омӯзгор, ки бо сатҳи инкишофи салоҳияти методӣ, тафаккури методӣ ва фарҳанги методӣ тавсиф карда шуда, барои ҳалли самараноки эҷодии масоили методӣ дар ҳолатҳои гуногуни педагогӣ кифоя аст», маънидод менамояд [2, с. 13]. Барои муайян кардани мафҳумҳои салоҳияти методӣ, тафаккур, рефлексия, маданият В.И. Земсова асосан ба тафсирҳои эътирофшудаи мафҳумҳои дахлдор, ки барои тавсифи ҷанбаҳои гуногуни натиҷаҳои тайёрии касбӣ истифода мешаванд: салоҳияти касбӣ, тафаккури педагогӣ, фарҳанги педагогӣ истифода мекунад. Қобили зикр аст, ки ҳар як хусусият (салоҳият, омодагӣ, фарҳанг), муштарак буда, тавассути ҳавасмандгардонии шахс (муносибати субъект ба навъи муайяни фаъолият) ва амалиёт (донишҳои муайян, малакаҳои ташаккулёфта) зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин, И.Л. Беленок [1] таърифи тайёриро тавассути фарҳанг ва салоҳият нолозим мешуморад, аммо пешниҳод мекунад, ки ибораҳои «омодагӣ ба амал» ва «омодагӣ ба меҳнат» низ истифода карда шаванд.

Ин мафҳумҳоро олимон чун «ҳолати сафарбаркунии тамоми системаҳои психофизиологии инсон, таъмини иҷрои самараноки амалҳои муайян» [1, с.75] тавсир намуда, ба андешаи онҳо нисбат ба педагогикаи касбӣ омодагии касбӣ ва методиро тавассути ҷузъҳо: тамоюлӣ, маҷмуи донишу малакаҳои дахлдор, худшиносӣ, таҷрибаи фаъолияти дахлдор муайян намудан мумкин аст [1, с. 44-45]. Аз ин рӯ, ин ҷузъҳо бояд ҳадафҳо, вазифаҳо ва натиҷаҳои ба нақша гирифтаи тайёрии методии омӯзгорро ташкил диҳанд. Компонентҳои муайяншуда ба мавқеи олимони намоён И.Я. Лернер ва М. Скаткин дар бораи таркиби таҷрибаи чамъиятӣ ҳамчун манбаи мазмуни таълиму тарбия асос ёфтааст. Ба ақидаи олимон омӯзиш-раванди дутарафаи ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён буда, ба донишҷӯён барои азхудкунии тачрибаи иҷтимоӣ, тачрибаи ҷамъкардаи инсоният ва дар мавзуъҳои таълимӣ инъикосёфта, нигаронида шудааст. Азбаски тамоми таҷрибаи ҷамъиятӣ ҳаргиз моли шахсе буда наметавонад, заруртарин унсурҳои онро, ки азхуд намуданашон онҳо инкишофи ҳаматарафаи шахсиро таъмин карда метавонад, таъкид кардан лозим аст.

И.Я Лернер ва М.Н. Скаткин дар таҷрибаи иҷтимоӣ маҷмуъан ҳар як фаъолиятро ҳамчун як ҳуҷайраи генетикии он ба чаҳор унсурҳои ҳатмӣ ҷудо мекунанд:

1) дониш дар бораи олам (табиат, инсон, ҷомеа, техника, фаъолият ва методҳои фаъолият, дар бораи зебоӣ, дар бораи худ);

2) тачриба дар татбиқи методҳои фаъолият (маҳорат);

3) таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ;

4) таҷрибаи муносибати эҳсосӣ ва арзишӣ ба олам, яъне ба табиат, инсон, ҷомеа, дониш, фаъолият, зебоӣ ва худ.

И.Я. Лернер ин чаҳор қабати бузурги таҷрибаи инсониро бо чаҳор феъл ифода мекунад: донистан, қодир будан, эҷод кардан, хостан.

Ба андешаи мо, гарчанде, ки консепсияи И.Я. Лернер ва М. Скаткина дар робита ба мазмуни таҳсилоти миёна таҳия шуда бошад ҳам, имрӯз он дар ташаккули мазмуни таҳсилоти олӣ хеле самаранок истифода мешавад. Масоили мақсаду вазифаҳои таълими методӣ ҳамеша бо проблемаҳои ташхиси натиҷаҳои ин омӯзиш алоқаманданд. Дар ин бобат кори В.И. Тесленко аҳамиятнок мебошад [12], ки дар он муаллиф масъалаи ташхис ва

пешгӯии раванди таълимро дар МТОП ҳал кардааст. Вай низоми меъёрҳои ташаккули маҳорати касбию методии донишҷӯёнро пешниҳод намуда, супоришҳои ташхисиро таҳия намудааст, ки боиси дастгирианд.


### *Адабиёт*

1. *Беленок, И.Л. Теоритические основы профессионально-методической подготовки учителя в педогогисеском вузе (на пример подготовки учителя физики) Дис… д- ра наук. / И.Л. Беленок. – Новосибриск, 2000. – 308 с.*
2. *Земцова, В.И. Теоритические основы методической подготовки учителя физики. Дис… д- ра пед. наук. / В.И. Земцова. – СПб., 1995. - 310 с.*
3. *Кудайкулов, М.А. Дидактические проблемы формирования основ профессионально – методических умений у будущих учителей. Автореф. Дис… д- ра пед. Наук. – Киев, 1977. – 49 с*
4. *Луканкин, Г.А. Научно- методические основы профессиональной подготовки учителя математики в педогогическом институте: Автореф. дис …д-ра пед. наук. / Г.А. Луканкин. – Л., 1989. – 59 с.*
5. *Мордакович, А.Г. Пофессионально-педагогическая направленность специальной подготовки учителя математики в педогогическом институте: Автореф: дис… д-ра пед. наук. / А.Г. Мордакович. – М., 1986. – 36 с.*
6. *Новик, И.А. Формирование методической культуры учителя математики в пединституте: Дис… д-ра пед. наук. / И.А. Новик. – М., 1990. – 316 с.*
7. *Нугмонов, М. Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ. Монография / М. Нугмонов. – Д: АИП, 2005. – 168 с.*
8. *Нугмонов, М. Теоретико-методологические основы системы методики обучения математике как науки. Монография / М. Нугмонов. – Д: ТГПУ, 1999. – 247 с.*
9. *Силаев, Е.К. Теоретические основы методической подготовки будущего учителя к преподаванию школьного курса геометрии: Дис… доктор. пед. наук. / Е.К. Силаев. – М., 1997. – 308 с.*
10. *Сластенин, В.А. Гуманистическая парадигма образования как основа формирования отечественной стратегии профессиональной подготовки учителя //Национальные ценности оброзования: история и современность: Материалы XII сессии науч. совета по проблемам истории образования и педагогической науки. Октябрь 1996 г // Под. ред. З.И. Равкина / В.А. Сластенин, Е.Н. Шиянов. – М: 1998. – С. 229 - 235.*
11. *Стефанова, Н.Л. Теоретические основы развития системы методической подготовки учителя математеки в педагогическом вузе: Автореф. дис…д-ра пед. наук./Н.Л. Стефанова.-СПб., 1996.–32 с.*
12. *Тесленко, В.И. Теоретико- методические основы диагностики и прогнозирования процесса обучения будущих учителей физики в педвузе: Дис… д-ра пед. наук. / В.И. Тесленко. – Красноярск, 1996 –354 с.*
13. *Хамов, Г.Г. Методическая система обучения алгебре и теории чисел в педвузе с точки зрения профессионально-педагогического подхода: Дис… д-ра пед. наук. / Г.Г. Хамов. – М., 1975. – 448 с.*
14. *Шаповалов, А.А. Конструктивно-проектировочная деятельность в структуре профессиональной подготовки учителя физики / А.А. Шаповалов. – Барнаул, 1999. – 359 с.*


## МОҲИЯТИ ТАЙЁРИИ КАСБИЮ МЕТОДӢ ВА ВАЗИФАИ ЛОИҲАКАШИИ ОМӮЗГОРИ ФАННИ МАТЕМАТИКА


Дар мақола зикр гардидааст, ки тайёрии методии омӯзгор дар илм ва амалияи педагогӣ ҷузъи таркибии омодагии касбии ӯ ба ҳисоб меравад. Дар ташаккули омӯзгори соҳибихтисос ба тайёрии методии вай диққати махсус дода мешавад, зеро маҳз ҳамин ҳалли проблемаи баланд бардоштани сифати таълими математикаро дар МТМУ муайян мекунад. Масъалаи тайёр кардани омӯзгорони соҳибкасб ҳамеша дар маркази диққати риёзидонону методистони машҳур, инчунин устодоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ фаъолият мекунанд, мебошад. Ба ин масъалаҳо академикҳо ва педагогони машҳур, инчунин математикҳо ва методистон назари худро баён доштаанд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки шахсияти мутахассис дар заминаи раванди ташаккулёбии омӯзгор гузошта нашудааст.



**Калидвожаҳо:** муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, мустақилият, таълим, тарбия, омӯзгор, тайёрии касбии омӯзгор, педагогика, психология.

## СУЩНОСТЬ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ И ЗАДАЧИ ПРОЕКТИРОВАНИЯ УЧИТЕЛЯ МАТЕМАТИКИ

В статье отмечается, что методическая подготовка учителя в науке и практике педагогики считается частью развития его профессионального образования. Особая роль в формировании квалифицированного учителя отводится методической подготовке, и именно в этом заключается решение проблемы повышения качества математического образования в школах. Проблемы подготовки учителей-методистов всегда находятся в центре внимания известных математиков и методистов, а также преподавателей, работающих в высших учебных заведениях. Известные академики и педагоги, а также математики и методисты высказали свою теорию относительно данного вопроса. Исходя из этого, следует отметить, что личность специалиста не ставится в контекст процесса формирования педагога.

**Ключевые слова:** средное общеобразовательное учреждения, высщее учебное заведения, самостоятелность, учеба, воспитание, учитель, профессиональная подготовка учителя, педагогика, психология.

## THE ESSENCE OF PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING AND DESIGN TASKS OF MATHEMATICS TEACHER

The article notes that the methodological training of a teacher in the science and practice of pedagogy is considered one of the parts of the development of his professional education. A special role in the formation of a qualified teacher is given to methodological training, and this is precisely the solution to the problem of improving the quality of mathematics education at schools. The problems of training methodological teachers are always the focus of attention of famous mathematicians and methodologists, as well as teachers working in higher educational institutions. Famous academicians and teachers, as well as famous mathematicians and methodologists expressed their theory regarding this issue. On this basis, it should be noted that the personality of a specialist is not placed in the context of the process of teacher formation.

**Keywords:** secondary educational institution, higher educational institution, independence, study, education, teacher, professional training of a teacher, pedagogy, psychology.

***Дар бораи муаллиф***
*Мирзозода Шаҳриёр Мирзо*
*Омӯзгори кафедраи педагогикаи умумӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: dargh.91@mail.ru*

***About the author***
*Mirzozoda Shahriyor Mirzo*
*Lecturer of the chair of general pedagogy*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: dargh.91@mail.ru*

***Об авторе***
*Мирзозода Шахриёр Мирзо*
*Преподаватель кафедры общей педагогики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: dargh.91@mail.ru*

ТДУ 91(075.8) (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДИИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯИ МАКТАБӢ

***Содиқов Ш. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тамоми раванди таълим ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи мушаххас - тарбияи шахсияти эҷодкори дорои афзалиятҳои рафтори намунавӣ, системаи арзиш ва ақидаҳои дуруст дар бораи ҷаҳон нигаронида шуда ба ҳисоб меравад. Вазифаи таълиму тарбия танҳо бо миқдори муайяни дониш мусаллаҳ намудани хонандагон анҷом намеёбад. Дар онҳо қобилияти истифодаи дурусти донишҳои азхудшуда, дар вазъиятҳои гуногун ба кор бурдани онҳо, мустақилона хулосаи дуруст баровардан, дар шароити ғайристандартӣ ёфтани роҳҳои ҳалли масъалаҳоро ташаккул додан зарур аст.

Дар айни замон, ки тараққиёти илму техника бо суръат идома дошта, торафт бештар кашфиёти нави илмӣ ба вуҷуд омадаанд, соҳаҳои нави илм руи кор омада, проблемаи омода кардани хонандагон ҷиҳати мустақилона аз худ намудани донишҳои нав ба миён омадааст.

Ташкил ва роҳбарии кори мустақилонаи хонандагон фаъолияти масъулиятнок ва мураккаби ҳар як омӯзгор мебошад. Зеро фаъолнокӣ ва мустақилият ҷузъи таркибии тарбияи хонандагон ба ҳисоб рафта, вазифаи муҳими ҳар як омӯзгор мебошад.

Мубрамияти ин масъала бебаҳс аст, зеро босалоҳиятиро дар шогирд наметавон танҳо бо сухан таъмин кард. Вазифаи асосии кори мустақилона ҳамчун ташаккули шахсияти маърифати баланддошта бошад, танҳо дар фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ ва маънавӣ инкишоф меёбад. Хусусиятҳои методии ташкили кори мустақилонаи хонандагон дар раванди таълими географияи мактабӣ дар асарҳои олимони соҳа И.В.Душина, В.И. Сиротина ва Н. С. Руминина инъикос ёфтаанд [2; 3; 6].

Олимони соҳа ба ин назаранд, ки барои хонандагон методу усулҳои, ташкили азхудкунии дониш, яъне мусалаҳ гардонидани онҳо бо маҳорату малакаи илмии фикрӣ, аз қабили маҳорати муайян намудани мақсад, воситаҳои расидан ба мақсад, интихоб кардан, сари вақт ба нақша гирифтан, ки барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст, мунтазам ба фаъолияти мустақилона ҷалб намоем. Дар ҷараёни иҷрои корҳои мустақилона хонанда хусусиятҳои фаъолияти проблемавӣ-ҷустуҷӯиро аз худ менамояд.

Асосгузори методикаи таълими рушди мустақилияти хонандагон Я. А. Коменский мебошад. Ӯ қайд кардааст «Мустақилиятро дар шогирдони худ дар мушоҳида, сухан гуфтан ва дар амал инкишоф медиҳам» [1, с. 207].

Мақсади корҳои мустақилона дар омӯзиши фанни география ташаккули тафаккури географии хонандагон мебошад. Азбаски дар мазмуни географияи мактабӣ маводи маърифати зиёд мавҷуд аст, ин ташкили шаклҳои фаъоли таълим, инкишоф додани кори мустақилонаро талаб мекунад. Аксари омӯзгорони фанни география аз намудҳои зерини корҳои мустақилона истифода мебаранд: мушоҳида; кор бо китоби дарсӣ; ҷавоб ба саволҳо, пайвастани матн бо тасвирҳо, тартиб додани саволҳо; муқаррар намудани муносибат ва сабаби ҳодисаҳоро истифода мебаранд.

Аммо аз сабаби он, ки аксарияти хонандагон дараҷаи миёнаи дониш доранд, барои онҳо усулҳои кори мустақилона ба монанди дар як вақт кор кардан бо матни китоби дарсӣ ва харитаҳои атлас, муайян кардани сабабу муносибат ва ҳалли масъалаҳои географӣ мушкилот ба вуҷуд меоранд.

Кори мустақилонаи хонандагон бо воситаҳои гуногуни таълим ҳам дар раванди дарс ва ҳам дар вақти тайёри дар хона омӯзгорро водор месозад, ки вазифаҳои зеринро ба миён гузошта ҳал кунад:

1. Таълимӣ (ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи географӣ),
2. Тарбиявӣ (ташаккули мустақилият, малакаи кори тарбиявӣ),
3. Инкишофдиҳанда (ташаккули усулҳои муайяни фаъолияти равонӣ).

Яке аз вазифаҳои асосии кори мустақилона истифодаи манбаъҳои гуногуни дониш мебошад. Барои кор бо ҳар як манбаъ супоришҳое истифода мешаванд, ки онҳо усулҳои гуногуни кори хонандагонро инъикос мекунанд, аз ҷумла мушоҳида, кор бо харитаи географӣ ва китоби дарсӣ.

Экскурсияҳои географӣ яке аз намудҳои мушоҳида мебошанд, ки хонандагон дар ин раванд объект ва ҳодисаҳои гуногунро мушоҳида намуда, бо асбобҳои гуногун кор карданро ёд мегиранд.

Масалан, омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки:

- қитъаи муайянро омӯзед;
- бо истифода аз нивелир баландии нисбии онро чен кунед;
- ҷинсҳои кӯҳии ин минтақаро омӯзед, намунаҳои онҳоро гиред;
- набототи маҳалро тавсиф диҳед;

-нақшаи маҳалро омода намоед;

- сабабҳои тағйир ёфтани шаклҳои релефи маҳалро муайян кунед;
- вазъи аз ҷониби инсон чӣ гуна истифода бурдан ё муҳофизат шудани қитъаи мазкурро муайян кунед.

Дар рафти мушоҳидаи мазкур хонандагон усулҳои зерини корро азхуд мекунанд:

- сабт ва коркарди мушоҳидаҳо;
- муайян кардани кардани робитаи ҳодисаҳо;
- бо асбобҳои географӣ кор кардан.

Кори мустақилона бо харитаи географӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагон аҳамияти муҳим дорад. Масалан, ҳангоми омухтани мавзуи «Гидросфера» дар синфи 6 вазифа гузошта мешавад, ки мавқеи географии дарё муайян карда шавад. Супориш ба се сатҳи омӯзиш тақсим мешавад:

Сатҳи якум хонандагон иттилооти тайёрро азхуд ва такрор мекунанд, яъне, ҳамроҳи омӯзгор дарёро тавсиф карда, дар дафтар қайд мекунанд.

Сатҳи дуюм дониш ва малакаҳоро ба таври намунавӣ дар вазъияти таълимии шинос истифода мебаранд. Омӯзгор супориш медиҳад, ки харитаи табииро истифода намуда мавқеи географии дарёи дигарро муайян кунад (истифодаи усули репродуктивӣ).

Сатҳи сеюм дониш ва малакаҳоро дар вазъияти нав эҷодкорона истифода мебаранд, яъне мустақилона мувофиқи нақша, на аз руи харитаи табиии ҷаҳон, балки аз руи харитаи табиии нимкураҳо ин корро иҷро мекунанд. Дар ин ҳолат, усули ҷустуҷӯ ё тадқиқот истифода мешавад. Хонандагон аз кори якҷоя бо омӯзгор ба кори мустақилона мегузаранд.

Кори мустақилонаи хонандагон бо истифода аз воситаҳои таълимӣ (харита, китоби дарсӣ) иҷро карда мешавад. Бинобар ин ба инобат гирифтани талаботҳои тавсиягардида зарур аст

1) Супоришҳо аз рӯи китоби дарсӣ

а) мувофиқи саволҳо нақл кардани матни китоби дарсӣ;

б) тартиб додани нақшаи матнии параграф (аз содда ба мураккаб, азхуд кардани мафҳумҳои асосӣ).

в) пур кардани ҷадвалҳо (минтақаҳои табиӣ: хусусиятҳои иқлим, олами набототу ҳайвонот);

г) аз матн навиштани ҳодисаҳои географӣ;

ғ) муайян кардани нишондиҳандаҳои ададӣ, диаграммаҳо;

е) дарёфти ҷавобҳо ва тавзеҳ додани онҳо. (Чаро дар шимоли Африқои ғарбӣ назар ба шарқӣ боришот зиёдтар аст?).

ё) муқоисаи объектҳои гуногуни географӣ (даштҳои Аврупои Шарқӣ ва Сибири Ғарбӣ);

ж) интихоби объектҳои ба гурӯҳи муайяни ҳодисаҳо ва равандҳо тааллуқдошта.

Однако в школьной практике развитие навыков устно-разговорной речи в основном поставлено в зависимость от чтения и письма. Принципы чередования и соотношения этих видов речевой деятельности не выдерживаются. Наблюдения за процессом обучения русскому языку в начальных классах показали, что большая часть времени урока отводится именно чтению, письму, письменным видам упражнений, а развитию навыков устной речи не уделяется должного внимания. Если процесс чтения связан с рецептивной формой владения языком, при которой от учащихся требуется понимание текста, где элементы логического и грамматического облегчают понимание содержания читаемого, то письмо представляет как бы двусторонний процесс: 1) репродуктивно-продуктивный с целью воспроизведения изученного ранее и самостоятельное изложение своих мыслей; 2) рецептивный (понимание написанного).

Работа учащихся на начальном этапе над письменными упражнениями требует от них больших умственных усилий. С психофизиологической точки зрения процесс письма относится к наиболее сложным, осознанным формам речевой деятельности и в силу этого на начальном этапе обучения письменная речь не может служить основным средством обучения русскому языку. Развитие речи через письмо не дает заметных практических результатов. Поэтому «преобладание письма в обучении вырабатывает отрицательное отношение к устной речи» страх речи нецелесообразно с методической точки зрения.

В этой связи нельзя не вспомнить методических взглядов на место и роль устной речи в учебном процессе Ф. И. Буслаева, В, Г. Белинского, И. И. Срезневского, Л. И. Поливанова, В.И. Чернышева и др., которые можно выразить словами К. Д. Ушинского: «Упражнения дара слова должны быть изустные и письменные, и притом изустные должны предшествовать письменным. В наших школах чрезвычайно мало обращают внимания на упражнения детей в изустной речи. Дети или молчат в школе, или отвечают выученный наизусть урок, или дают отрывочные, бессвязные ответы на вопросы учителях».

Мы уже указывали на ряд отличий книжно-письменной речи от устной, отметили, что для письменной речи описательный фактор протекания той или иной ситуации имеет основное значение для понимания содержания читаемого. Анализ текстов учебников по русскому языку для начальных классов показал, что основными глагольными формами, используемыми в описательных конструкциях, являются формы 3-го лица единственного и множественного числа. Например, в учебнике 3-го класса употреблено всего 1509 разных глаголов, из них 1086 употреблено в 3-ем лице всех времен и только 423 глагола употребляются в формах I и II лица. Когда учащиеся усваивают только формы 3-го лица, то они в описаниях пассивно воспринимают действия других лиц, а сами непосредственно в речи не участвуют. Учащиеся не получают стимула, побуждений к акту коммуникации, не видят в изучаемом языке языка как средства общения. Поэтому надо с первых дней обучения русскому языку приучать учеников оперировать глагольными формами 1 и 2 лица, чтобы они сами могли быть действующими лицами и принимать участие в речи, диалоге как собеседники. Ведь невозможно же выучить язык, не говоря на нем, «без активного участия в диалоге», в речи.

Таким образом, включение в учебники, в лексический минимум, особенно для 2-3 классов, глаголов в формах 1-2 лица расширяет возможности речевой практики на русском языке. Выработка элементарных речевых навыков невозможна без рационального решения вопроса о системе упражнений в учебниках. В настоящее время недостатки обучения русскому языку в начальных классах таджикских школ в значительной мере объясняются отсутствием речевых упражнений в учебниках, а также нужных пособий по развитию речи.

Исходя из конечной цели обучения в начальных классах, основным критерием отбора языкового материала должна быть возможность его использования в реальных актах коммуникации.

Первоначальное обучение русскому языку в начальной таджикской школе предполагает усвоение речевых образцов, речевых клише. Система упражнений должна обеспечить усвоение речевых образцов прежде всего в диалогической речи. Эти упражнения должны имитировать процесс естественного диалогического общения.

При решении проблемы упражнений необходимо определить не только виды речевой деятельности, характер заданий, но и их наиболее приемлемое, рациональное соотношение в процессе обучения.

### *Литература*


1. *Байцова, А. Ф. Роль разговорной речи в обучении русскому языку учащихся начальных классов / А. Ф. Байцова // Русский язык в национальной школе. – 1966. - №1. – С. 10-14.*
2. *Беляев, Б. В. Очерки по психологии обучения иностранным языкам / Б. В. Беляев. - М.: Просвещение, 1965. – 227 с.*
3. *Жинкин, Н. И. Психологические основы развития речи / Н. И. Жинкин // В защиту живого слова. – М.: Просвещение, 1966. – 281 с.*
4. *Шведова, Н. Ю. Очерки по синтаксису русской разговорной речи / Н.Ю. Шведова. - М., 1960. - 260 с.*
5. *Николаев, Т. М. Письменная речь и специфика её изучения / Т. М. Николаев // Вопросы языкознания. - М., 1961. - № 3. – С. 78-86.*
6. *Рахманов, И. В. Рецептивное и репродуктивное усвоение иностранного языка в средней школе / И.В. Рахманов // Иностранные языки в школе. - М., 1952. - № 4. - С. 6-11.*
7. *Методика преподавания русского языка: Хрестоматия / Состовитель М. С. Лапатухин. – М.: Учпедгиз, 1960. – 480 с.*
8. *Федоренко, Л. П. Принципы и методы обучения русскому языку / Л. П. Федоренко. – М.: Просвещение, 1964. - 255 с.*
9. *Цветкова, З. М. Советская методика преподавания иностранных языков / З. М. Цветкова. – М.: Изд-во МГУ, 1964.*
10. *Щебра, Л. В. О служебном и самостоятельном значении грамматики как учебного предмета / Л. В. Щебра // Избранные работы по русскому языку. – М.: Учпедгиз, 1957.*
11. *Успенская, Л. В. Именные части русского и таджикского языков / Л.В. Успенская // Рус. яз. и лит. в тадж. Школе. - Душанбе, 1984. - С. 16-25.*


## СОЧЕТАНИЕ УСТНОЙ И ПИСЬМЕННОЙ РЕЧИ ПРИ ОБУЧЕНИИ РУССКОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ


Статья посвящена актуальной проблеме методики преподавания русского языка как иностранного в начальной школе с таджикским языком обучения. Автор анализирует взаимосвязь устной и письменной речи в процессе языкового обучения, подчеркивая важность баланса между этими двумя формами коммуникации. В исследовании рассматриваются различия между устной и письменной речью, особенности их развития у детей, а также влияние социальных факторов на формирование языковых навыков. Особое внимание уделяется роли диалогических упражнений и необходимости создания условий для активного использования русского языка в речи. Автор критически оценивает существующие учебники и методические пособия, выявляя их недостатки в части развития устной речи. Предлагаются конкретные рекомендации по совершенствованию учебного процесса, направленные на повышение эффективности обучения русскому языку в начальной школе.



**Ключевые слова:** устная речь, письменная речь, обучение русскому языку, начальная школа, Таджикистан, методические рекомендации.


## ПАЙВАНДИ НУТҚИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ИБТИДОИИ ТОҶИКИСТОН


Мақола ба масъалаи муҳими методикаи таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар мактабҳои ибтидоии бо забони тоҷикӣ таълимдиҳанда бахшида шудааст. Муаллиф пайванди байни

нутқи шифоҳӣ ва хаттиро дар раванди омӯзиши забон таҳлил карда, аҳамияти тавозуни байни ин ду шакли муоширатро таъкид менамояд. Дар тадқиқот фарқиятҳои байни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, хусусиятҳои рушди онҳо дар кӯдакон ва инчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба ташаккули малакаҳои забонӣ баррасӣ мегардад. Аҳамияти машқҳои гуфтугӯӣ ва зарурати фароҳам овардани шароит барои истифодаи фаъолонаи забони русӣ дар суханронӣ ба таври махсус қайд карда мешавад. Муаллиф китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии мавҷударо ба таври интиқодӣ арзёбӣ карда, камбудиҳои онҳоро дар заминаи ташаккули нутқи шифоҳӣ ошкор менамояд. Тавсияҳои мушаххас оид ба беҳбуди раванди таълим пешниҳод карда мешаванд, ки ҳадафи он баланд бардоштани самаранокии омӯзиши забони русӣ дар мактабҳои ибтидоӣ аст.

**Калидвожаҳо:** нутқи шифоҳӣ, нутқи хаттӣ, таълими забони русӣ, мактаби ибтидоӣ, Тоҷикистон, тавсияҳои методӣ.

## COMBINATION OF ORAL AND WRITTEN SPEECH IN TEACHING RUSSIAN IN PRIMARY SCHOOLS IN TAJIKISTAN

The article addresses the pressing issue of teaching Russian as a foreign language in primary schools with Tajik as the language of instruction. The author analyzes the relationship between oral and written speech in the language learning process, emphasizing the importance of balance between these two forms of communication. The study examines the differences between oral and written speech, the features of their development in children, and the influence of social factors on the formation of language skills. Particular attention is paid to the role of dialogic exercises and the need to create conditions for the active use of the Russian language in speech. The author critically evaluates existing textbooks and teaching aids, identifying their shortcomings in terms of developing oral speech. Specific recommendations are offered to improve the teaching process aimed at increasing the effectiveness of teaching Russian in primary school.

**Keywords:** oral speech, written speech, teaching Russian, primary school, Tajikistan, methodological recommendations.

***Об авторе***
*Ниятбекова Абреза Юсуфбековна*
*Кандидат педагогических наук, зав. кафедрой методики преподавания русского языка и литературы*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: aniyatbekova@inbox.ru*

***About the author***
*Niyatbekova Abreza Yusufbekovna*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Methods of Teaching Russian Language and Literature*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: aniyatbekova@inbox.ru*

***Дар бораи муаллиф***
*Ниятбекова Абреза Юсуфбековна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: aniyatbekova@inbox.ru*

ТДУ 811.111'276:378.147.6

# МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОК ДАР ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН – ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Мавлонова И. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар шароити имрӯза, ки ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо бо мамлакатҳои зиёди хориҷӣ робитаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва иқтисодӣ барқарор намудааст ва ин равобит рӯз то рӯз вусъат меёбад, омӯзиши амиқ ва мукаммали забонҳои хориҷӣ, хусусан забонҳои русӣ, англисӣ дорои аҳамияти зиёд аст. Вобаста ба тақозои замони муосир, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ дар тамоми қишрҳои ҳаёти ҷомеа мавриди ниёзи ҳар як шахс қарор гирифтааст.

Шароити муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста ба он воқеияти амалӣ, ки дар минтақа дар сатҳи геополитикӣ ва сиёсати минтақавӣ ба амал омадааст, зарурати ҷустуҷӯи равишҳои нави таълими омӯзгоронро дар раванди таълими касбӣ муайян мекунад. Муҳимтарин хусусияти инкишофи раванди таълим дар зери таъсири дигаргуниҳои васеътари иҷтимоию фарҳангӣ, ки на танҳо зарурати иҷтимоии ташкили кори мақсаднок оид ба ташаккули тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сатхи фархангии онҳо тамоюли нави тараққиёт мебошад, балки дар баробари донишу малакаи ҳалли вазифаҳои стандартии касбӣ, афзалият бо рақобатпазирӣ, дарки зуди мушкилот, ҳисси масъулият ва эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқ шудан дар муҳити гуногунфарҳангӣ, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ, хоҳиши пайваста такмил додани касбу кори худ тақозо мекунад ва ҳамаи ин ба вазифаҳои аввалиндараҷаи педагог табдил меёбанд.

Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси омӯзиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил меёбад. Ба ибораи дигар низоми тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бояд бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳое амалӣ гардад, ки онҳо бо истилоҳи «салоҳияти касбии омӯзгори муосир» хос бошанд ва аз шароити воқеии замона бар меоянд, ки донишҷӯёну кадрҳои ояндаи баландихтисоси донандаи забони англисӣ аз ҳамин минвол ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин дар шароити дигаргуниҳои ба амаломадаи иҷтимоиву иктисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, махсусан таҳлили равандҳои инкишофи алоқаҳо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иктисодӣ ба миён омада, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Ҷорӣ намудани муносибати салоҳиятнокро бо мақсади таъмини сифати таълими донишҷӯёни бархурдор буда аз қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ ва тавассути ташаккули салоҳиятҳои ин қабил донишҷӯён талаб менамояд, ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ гашта, мустақилона дар фаъолияти касбии худ дар оянда онро татбиқ намояд. Ҳамин аст, ки гузаштан ба рушди равишҳои нави соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуну мундаричаи таълим, махсусан таҳлили инкишофи забономӯзӣ дар марҳилаҳои гуногун дар шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯза ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Зарурияти иҷрои ин вазифаро Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд [20].

Аввалан, салоҳияти коммуникативӣ-нутқӣ ҳамчун таълими бисёрҷониба муайян карда мешавад, ки ташаккули навъҳои гуногуни чунин салоҳиятҳои нутқ ва системаи малакаҳои коммуникативӣ барои бомуваффақияти таълим ва фаъолияти нутқ заруранд ва ин мувофиқи

нуқтаҳои таълимии Стандарти давлатии таҳсилот мебошад. Аз ин рӯ барои инкишофи маҳорати коммуникативӣ ва нутқӣ дар шароити муосир ва ҳаёти ҳаррӯза дар баҳодиҳии объективии вазъияти педагогӣ ба ғояи ташаккули тарбияи кадрҳои педагогии нави дорои тафаккури эҷодии навоварона, мутахассисони дорои тахассуси баланди касбӣ бо ҷаҳонбинии васеи фарҳангӣ, ахлоқи ҳамида ва муносибати бомасъулият дар ҷаҳоншиносӣ диққати махсус дода мешавад, ки омӯзиши он ҳамчун як раванди актуалӣ барои чандин солҳои дигар мемонад;

Сониян, худи омӯзгори оянда низ нисбат ба дигар мутахассисон бояд нисбат ба қобилиятҳои комуникативии хеш ва нутқи худ сахтгиртар ва танқидтару интиқодпазир бошад, зеро рафтори қобиляту маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ барои тарбиягирандагон ва толибилмон намунаи муътабар буда, ба ташаккули шахсияти кӯдакону наврасон ва характери аксуламалҳои онҳо дар ҳолатхои гуногун таъсир мерасонад. Бо дар назардошти нуқоти муҳими Паёми ҳаминсолаи Пешвои миллат ба сатҳи қобилиятҳои инноватсионии шахс рақобатпазирии онҳо диққат дода, барои ҷомеаи мо мутахассисони ҳама гуна соҳа ва дар маҷмуъ давлату миллатро бо он муайян кардан мумкин аст ки барои омӯзишашон сари вақтӣ даст задан зарур аст [20].

Сеюм, омӯзиши ташаккули маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ имкон медихад, ки масъалахои педагогиро дар таълиму тарбия босифат ва бомуваффакият ҳал намоем ва ҷузъи иҷтимоӣ-шахсӣ (ки сифатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок, умумии фарҳангӣ, маънавию ахлоқӣ), ки тамоми низоми муносибатҳои омӯзгорро бо ҷомеаи педагогии ҷаҳони муосир ва кишварҳои дигари ҷаҳон дошта бошад илман асоснок кардан мубрамияти худро дучанд зиёд мекунад.

Чорум, бинобар қобилияту маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ мувофиқи меъёрҳои забонӣ ва лафзӣ, рафъи камбудиҳои муоширатӣ ва ғайра мувофиқ ба салоҳияти омӯзгори оянда будан, бояд восита ва усулҳои пурраи (самаранок, созанда) фаъолияти коммуникативӣро дар низоми муосири таълими макотиби олӣ инъикос ёбанд. Татбиқи чунин имкониятҳо дар ташаккули фарҳанги муошироти донишҷӯён бо дарки равишҳои истеҳсолӣ ва ақидаҳои дар илми ватанӣ ва хориҷӣ ҷамъшуда, таҷассуми амалияи воқеии таҳсилоти касбӣ нисбат ба шахс вобаста аст, ки муҳимтарин арзиш ба ҳисоб мераванд

Дар марҳилаи кунунӣ, махсусан, аз ин лиҳоз назаррас мегардад, ки робитаҳои байналмилалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва бозаргонӣ миёни давлатҳо густариш меёбанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти соҳаи фалсафа, педагогика, психология, забоншиносии коммуникативӣ, методикаи таълими забони хориҷӣ, аз чумла: ташаккули маданияти умумии шахсият ва педагоги оянда дар корҳои фундаменталии В.С. Давидович, Н.Ф. Тализина, Ю.К. Бабанский, Н.М. Боритко ва ғ. дида мешавад, ки барои кори мо аҳамияти амалӣ доранд. Ба ғайри онҳо шаклҳои инкишофу ташаккули қобилияти комуникативӣ-нутқии шахсият, ки дар тадқиқотҳои Л.И. Божович ва Т.С. Панин, ки ба методҳои замонавии фаъолсозии таълим ва Е.Н. Пассов, ки диққати махсус ба методи коммуникативии таълими забонҳои хориҷӣ ва С.В. Росляков, ки мисли Б.Г. Ананиев ба рушди фаъолияти маърифатии маданияти забон ва нақши муошират ва ҳамкории педагогӣ дар ташаккули маҳорати касбии мутахассиси оянда диққат додаанд. Ба гайри онҳо, Т.В. Рябов хусусиятҳои забонӣ ва психолингвистии ҷараёни муошират дар асосҳои назарияи муошират, ки бештар ба фаъолияти махсус ташкилшудаи шахсият ва инкишофи он дар раванди фаъолият, мувофиқи назарияҳои педагоги бузург Л.С. Выготский кор карда баромаданд. Дар қатори ин корҳо боз тадқиқотҳои И.Н. Горелов, Е.И. Пасов, ва ғ. ном бурдан мумкин аст [13].

Баъзе аз ҷанбаҳои масъалаи мазкурро дар таҳқиқотҳои илмии як идда олимони соҳаи педагогика М. Лутфуллоев «Дидактикаи муосир», Шарифзода Ф. «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ», дар заминаи таҳлили афкор ва таҷрибаи таълиму тарбия дар педагогикаи халқи тоҷик таҳқиқ шудааст, ки онҳо низ хеле арзишманд буда, барои коркарди мавзуъи мо аҳамияти хеле бузурги методӣ ва амалӣ доштанд [18].

Барои амалӣ намудан ва татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети методикаи забонҳои хориҷии ДДОТ дар мавзуи “Роҳҳу усулҳои ташаккули қобилияту малакаҳои коммуникативӣ ва нутқии дар робита бо самаранок истифода бурдан аз корҳои мустақилонаву амалии донишҷӯён дар макотиби олӣ” ва талаботи асосии нақшаҳои стратегӣ аз қабили Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) ва барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 иҷро шудааст.

Коркарди номукаммали масоили ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён, масоил ва мушкилоти таълим оиди ташаккули маҳорати коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар асоси маводи таълимии омӯзиши забони англисӣ ва тайёр намудани кадрҳои баладихтисоси педагогӣ дар ин ҷанба дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақсади асосӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар таҷриба санҷидани роҳҳу усулҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардан мебошад. Вобаста ба ҳадафи гузошташуда ва бо дарназардошти объект иҷрои вазифаҳои зерин матраҳ гардиданд:

-дар асоси таҳлили назариявию методологии масъала таҳлили илмии адабиёти ватанию хориҷӣ оид ба проблемаҳои услубҳо, салоҳиятҳо ва қобилиятҳои коммуникативию нутқӣ, ташкили услубии ташаккули шахсияти педагоги оянда;

- бозёфту коркарди модели консептуалии маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар ташкили услубии таълим дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар макотиби олӣ ва ҳамкории байнишахсии донишҷӯёну омӯзгорон;

- дарки моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

- сатҳи эмпирикӣ-диагностикии таҳқиқи зуҳуроти хусусиятҳои инфиродию психологии маҳорати коммуникативӣ- нутқии донишҷӯёни бахши омӯзиши забони англисӣ;

- омӯзиши намудхои маҳорати коммуникативии нутқро аз рӯи маводи дискурси забони англисӣ, баҳс ва муносибат бо намудҳои гуногуни алоқаҳои байнишахсии донишҷӯён, ҳолат ва хусусиятҳои шахсии онҳо.

Омӯзиши шароити педагогӣ ва технологияи таълим, аз он ҷумла забони англисӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ.

Барои иҷрои вазифаҳои матраҳгардида бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ҳадафро усулу методҳо зерин татбиқ мекунанд:

а) лоиҳакашӣ – таҳияи низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳо, инчунин муайян намудани шартҳои педагогии тайёрии касбии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи нутқи коммуникативии хонандагон, муқоисаи равишҳои ҳалли масъалаҳо ва зиддиятҳо дар рисола; ба низом даровардани адабиёти илмӣ оид ба проблемаи тадқиқот; умумикунонии маълумотҳои назариявӣ ва тачрибавӣ барои тартиб додани хулосаҳо;

б) таҷрибавӣ - саволномаҳо, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсишҳо, санҷишҳо барои таҳлили ҳолати омодагии омӯзгорони оянда ба рушди нутқи коммуникативӣ; озмоиши педагогие, ки барои муайян кардани самараи шароитҳои педагогии тайёр кардани муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи нутқи коммуникативии хонандагон нигаронида шудааст;

в) омори риёзӣ – таҳлили омилҳо барои тарҳрезии системаи шароитҳои педагогӣ барои омода намудани омӯзгорони ояндаи барои инкишофи маҳорати коммуникативӣ нутқи хонандагон, барои арзёбии фарқияти фоизи маълумотҳои эмпирикии гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз мероси маънавии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик.

Интихоби маҳдудияти поёнии хронологӣ бо ворид намудану иловаҳо ба консепсияи давлатии таҳсилот ва аз сари нав қабули намудани Қонуни ҶТ оиди маориф, ки дар он оид ба таълим ва сертификатсияи ташаккули қобилиятҳои комуникативӣ-нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва ба баъзе аз санадҳои меъёрии Конвенсияи байналмиллалӣ Болона шомил гардидани соҳаи маорифи Тоҷикистон, ки зарурати такмили дониши забони англисиро, барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ, муошираи касбӣ ва пешгирии нофаҳмиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муайян мекунад.

Бори аввал консепсияи ташаккули маҳорату қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян ва асоснок карда шуда, модели консептуалии салоҳият, қобилият ва маҳорати услубии коммуникативию нутқии донишҷӯён ва мутахасиссони соҳаи педагогикаи касбӣ ташкил ва сохта шудааст. Сохтори омилии маҳорату қобилияти коммуникативии нутқ муайян карда шуда, робитаи услубҳои коммуникативии нутқ бо намудҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва хосиятҳои шахсӣ педагогика дар ташаккули донишҷӯён ва кадрҳои ояндаи педагогӣ муқаррар карда мешаванд.

Аломатҳои психолингвистии маҳорату қобилиятҳо муайян карда шуда, минтақаҳои инкишофи потенсиалии онҳо дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян карда мешаванд. Принсипҳои методологии парадигмаи дискурсивӣ оид ба ташаккули маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар донишҷӯён бо таъсири омилҳои умумии омӯзиши забони англисӣ равшан карда мешаванд.

Андешаҳои илмӣ дар бораи таъсири нутқ ба рафтори коммуникативии шахс ва робита бо ташкили услубии шахсият такмил дода мешаванд; муайян карда мешаванд. Тартиби тахлили психолингвистии далелхои гайрирасмӣ ва тахлили психолингвистии нутқи диалогии донишомӯзон бо ташаккули афкор оиди ғояҳо дар беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён бо назардошти услубҳои коммуникативӣ ва гуфтори онҳо минбаъд инкишоф ёфтанд.

Ҳамчунин дар нуқтаҳои илмӣ ва амалии технологияи педагогӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди технологияи педагогӣ, инчунин, мафҳуми «қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён» асоснок ва муайян карда шудааст; донишҳои мукаммал, низоми мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва воситаҳои коркарди ҷузъиёти технологияи педагогӣ таҳия гардида, консепсияи амсилаи (модели) ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва корбурди онҳо дар раванди таълим пешниҳод шудааст. Роҳҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд, моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд.

Инчунин низоми мукаммали донишҳо, мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва ҷузъиёти технологияҳои педагогӣ барои истифода дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро мусоидат менамоянд. Шароити педагогии ташаккул ва такмили қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён барои татбиқи самаранокии мазмун ва технологияи муосири ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда мешаванд. Аҳамияти маҷмуи донишҳои фалсафӣ, психологию педагогӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти олии касбӣ таҳлилу баррасӣ карда шуд, ки он назария ва амалияи илмиро оид ба падидаи қобилияти коммуникативию нутқӣ васеъ мегардонад. Таъсири маҷмуи имконоти муайяншуда ва самарабахшии раванди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда мешаванд.

Технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгори оянда, бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок карда шуд, ки он минбаъд ба болоравии

ташаккули падидаи мазкур мусоидат менамояд ва баланд бардоштани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони ояндаро таъмин месозад.

Асосҳои назариявӣ, хулосаҳо ва маводи илмию методиро дар амалияи мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, хусусан забони русӣ ва англисӣ дар мақолаҳои илмӣ-методии забони тоҷикии муосир, маданияти забон ва услуби амалии он, асосҳои маданият ва техникаи нутқ ва гуфтор аз аҳамияте мебошанд, ки дар амалӣ намудани пешниҳодоти ташхису таҳлили мавзуъ дар адабиёти илмии муосири тоҷик метавонанд ба кор оянд.

Шунидану гуфтан, фаҳмидану иваз кардани иттилоот ҳама вақт ба риоя кардани қоидаҳои забонӣ асос меёбад, ки сарфи назар кардани онҳо дар таълими забонҳои хориҷӣ сабаби ба вуҷуд омадани мушкилот дар забономӯзӣ мегардад. Бо истифода аз нутқ ва риояи хусусиятҳои овозӣ, луғавӣ, грамматикӣ (синтаксисӣ), тарзу амалҳои фикрӣ, машқу тамринҳо ва ғайраҳо азхудкунии забони хориҷиро дар заминаи забони модарӣ таъмин мегардонад. Бояд қайд кард, ки таҳқиқу такмилёбии фаъолияти нутқронии инсон ба яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои физика, информатика ва ғайраҳо гардида соҳаи нави илми психология – психолингвистикаро ба миён овард, ки он имрӯз мубодилаи иттилоотро бо аломатҳо, амалҳои махсус, расмҳо, маводҳои оморӣ, нақшаву ҷадвал, овозу нишонаҳои махсус, тасвирҳо, бо воситаи радио, телевизион, телефонҳои мобилӣ, компютеру дигар технологияҳои иттилоотиро фаро гирифтааст. Ҳамаи ин аломату рамзҳо дар технологияи иттилоотӣ-муоширатӣ самтгирии умумӣинсонӣ дошта ифодагари фарҳанги иттилоотӣ-шахсиятии хурду бузурги ҷомеа гардиданд. Бо истифода аз онҳо одамони синнусол ва касбу кори гуногун дар сомонаҳои иҷтимоӣ ба муошират нутқию шифоҳӣ ва хаттӣ ворид гардида талаботҳои худро ба муошират маърифат кардани оламу одам қонеъ мегардонанд.

Аз мутахассисони муосири дорои маълумоти олӣ вуҷуд доштани донишҳои амиқи касбӣ, сатҳи зарурии забондонӣ, салоҳиятмандии коммуникативӣ ва сатҳи муайяни фарҳанги муошират нутқӣ талаб карда мешавад. Омӯхтани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайраҳо) дар раванди таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи стандартҳои давлатӣ, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимии ёрирасон, дар ҷараёни махсус ташкил кардашудаи таълимӣ самаранокии омӯзиши забони хориҷӣ арзишмандии таълими тамоюли касбӣ ва ба шахсият нигаронидашударо таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, то имрӯз воситаҳои гуногуни рушди мақсадноки қобилиятҳои муоширатии донишҷӯён вуҷуд доранд, аз ҷумлаи инҳо тренингҳо мебошанд, ки истифодаи технологияҳои ташаккули шахсият, инчунин омӯзиши фаъоли иҷтимоии коллективӣ ва барномаҳои махсусро дар бар мегиранд. Таҳлили барномаҳои гуногуни салоҳияти коммуникативӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаи умуӣ аз рушди қобилиятҳои коммуникативӣ- нутқии оянда раванди динамикии табдили мақсаднок, прогрессивӣ ва сифатии ин падида дар раванди фаъолияти махсуси ташкилшудаи таълимии донишгоҳ ба вуҷуд меояд.

### *Адабиёт*


1. *Авганов С.С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе применения компьютерных технологий для общеобразовательных школ (на материале английского языка) [Текст] / С.С.Авганов // : Дис. ... д-ра пед.наук. - Душанбе, 2010. - 356 с.*
2. *Авдеев А.П. Самообразование студентов в условиях дифференциального подхода в процессе обучения [Текст]/А.П.Авдеев // Автореф.дис. канд.пед.наук. – М., 1978. - 13 с.*
3. *Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания иностранных языков [Текст]/Э.Г.Азимов, А.Н.Щукин. - СПб, 1999. - 472 с.*
4. *Алиев С.Н. Научно-педагогические основы формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка) [Текст]/ С.Н.Алиев // : Дис....д-ра пед. наук. Душанбе, 2009.- 370 с.*
5. *Алиев С.Н. Общая методика обучения иностранным языкам (на тадж.яз.) / Учебное пособие для студентов факультетов иностранных языков педагогических университетов. [Текст] / С.Н.Алиев. - Душанбе: ТГПУ, 2013. - 336 с.*

6. *Алиев С.А. Программа по курсу методики обучения иностранным языкам. По специальности №033200 «Иностранные языки» (для английского отделения) [Текст]/ С.А.Алиев // ТГПУ, 2006 – 46 с (на тадж.яз)*
7. *Алиева Г.А. Педагогические условия формирования учебно – позновательной деятельности студентов – будущих учителей английского языка. [Текст]/ Г.А.Алиева// Автореф.дисс канд. пед. наук.Душанбе, 015- 22 с*
8. *Беляев Б.В. Очерки по психологии обучения иностранным языкам [Текст] / Пособие для преподавателей и студентов. Б.В.Беляев //- М.: 1965. - 227 с.*
9. *Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения [Текст ] / В.И.Беспалько // - М.:1995.-412 с.*
10. *Бодалев А.А., Ковалев Г.Л. Психологические трудности общения и их преодоление [Текст] / А.А. Бодалев, Г.Л. Ковалев // Педагогика. -М.: 1992. - № 5-6. - С. 65-70.*
11. *Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. – М., 1968 – 464 с*
12. *Выготский Л.С. Мышления и речь – Собр.соч. в 6 томах. Том.2. [Текст ]/ Л.С. Выготский // - М; Педагогика – 1982. – 361 с*
13. *Выготский Л.С. Педагогическая психология [Текст]/ Л.С.Выготский // - М.: Педагогика, 1991. - 480 с.*
14. *Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: [Текст] / Н.Д.Гальскова // Пособие для учителя. -М.: АРКТИ, 2003. -192 с.*
15. *Гез Н.И. Формирование коммуникативной компетенции как объект зарубежных методических исследований [Текст] / Иностранные языки в школе. Н.И.Гез //- М.: 1985. - № 2. – С. 18-22.*
16. *Джамшедов П.Д. и др. Очерки о сопоставительном изучении английского и таджикского языков [Текст] \ П.Д.Джамшедов // Учебное пособие. -Душанбе, 1988. -150 с.*
17. *Кочерян Г.И. Комплексный подход в исследовании проблем формирования личности (пед. аспект) [Текст] / Г.И. Кочерян // Автореф.дис...д-ра пед.наук. - Тбилиси, 1989.-28 с.*
18. *Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир: маълумот, таълим, инкишоф, тарбия[ Матн] / М.Лутфуллоев //Воситаи таълим.- Душанбе, 2001.- 338 с.*
19. *Пассов Е.И. Коммуникативное иноязычное образование: Готовим к диалогу культур [Текст] \ Е.И.Пассов // Пособие для учителей. — М., 2003. — 184 с.*
20. *Рахмонов Э. Таджикистан на пороге XXI века. [ Текст]/ Э.Рахмонов// Душанбе, 2011 – 62 с.*
21. *Мавлонова И.Т. Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ /И.Т.Мавлонова [Матн]// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 2022. - №2 (13) –с. 61-65.*

## МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОК ДАР ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН – ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳои амалӣ, салоҳияти касбии омӯзгорони оянда сухан меравад. Инчунин мақола ҷорӣ намудани муносибати салоҳиятнокро бо мақсади таъмини сифати таълими донишҷӯён, ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ, ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ мегарданд, баррасӣ менамояд. Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси омӯзиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил ёфтааст. Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур ин тариқи таҳлили адабиётҳои соҳавӣ муайян намудани мавқеи муносибати салоҳиятнок дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мебошад. Натиҷаи тадқиқоти мақолаи мазкур ин ба роҳ мондани раванди таълими забони англисӣ тариқи истифодаи муносибати салоҳиятнок аст.

**Калидвожаҳо:** қобилият, муносибати салоҳиятнок, нутқи коммуникативӣ, забони англисӣ, таҳсилоти ҷаҳонӣ, робитаҳои байналмилалӣ, методҳои муосир, омӯзгорони оянда.

## КОМПЕТЕНТНОСНЫЙ ПОДХОД В РАЗВИТИИ КОММУНИКАТИВНО-РЕЧЕВЫХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ-БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье речь идет о подготовке современных педагогических кадров с учетом всего спектра практических качеств, профессиональной компетентности будущих учителей. Также в статье

рассматривается внедрение компетентностного подхода в целях обеспечения качества обучения студентов, формирования коммуникативно-речевых способностей на основе учебных материалов английского языка, которые вооружают такими способностями будущих выпускников. При этом формирование коммуникативно-речевых способностей студентов вузов в процессе высшего профессионального образования, особенно на основе изучения языка, стало одним из важных процессов образования. Целью написания данной статьи является определение позиции компетентностного подхода в формировании коммуникативных способностей студентов посредством анализа отраслевой литературы. Результатом исследования данной статьи является организация процесса обучения английскому языку посредством использования компетентного подхода.

**Ключевые слова:** способности, компетентностный поход, коммуникативно-речевые навыки, английский язык, глобальное образование, международные отношения, современные методы, будущие учителя.

## COMPETENCE-BASED APPROACH IN THE DEVELOPMENT OF COMMUNICATIVE SPEECH SKILLS OF STUDENTS-FUTURE ENGLISH LANGUAGE TEACHERS

This article is expressed the preparation of modern teaching staff, taking into account the full range of practical qualities and professional competence of future teachers. The article also discusses the introduction of a competency-based approach in order to ensure the quality of student education, the formation of communicative and speech abilities based on English language educational materials, which equip future graduates with such abilities. At the same time, the formation of communicative and speech abilities of university students in the process of higher professional education, especially based on language learning, has become one of the important processes of education. The purpose of writing this article is to determine the position of the competency-based approach in the formation of students' communicative abilities through the analysis of industry literature. The result of the research in this article is the organization of the process of teaching English through the use of a competent approach.

**Keywords:** abilities, competence-based approach, communication and speech skills, English language, global education, international relations, modern methods, future teachers.

***Дар бораи муаллиф***
*Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: declane@mail.ru*

***About the author***
*Mavlonova Intizor Tojiddinovna*
*Candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the English teaching methodology chair*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: declane@mail.ru*

***Об авторе***
*Мавлонова Интизор Тоджиддиновна*
*Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания английского языка*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: declane@mail.ru*

ТДУ 37.021:811.111

# ТАРБИЯИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АНГЛИСӢ

***Табаров Н. С., Насурдинзода А. Н.***
*Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми аъзам-Абуҳанифа*
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар шароити имрӯзаи зудтағйирёбандаи соҳаҳои мухталиф ва фаъолият шахс барои бо низом ва мақсаднок ба роҳ мондани фаъолиятҳою амалҳои корӣ бояд худро мутобиқ гардонад. Яъне, аз як фаъолияти корӣ ба дигар гузаштан доимо омода ва тайёр бошад.

Инсони муосир дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунад, ки тағйирот бо суръати бениҳоят калон ба амал омода истодааст ва ин тағйирот ба тамоми соҳаҳои ҳаётӣ таъсирҳои худро мерасонад. Ҳаҷми иттилоот ба таври пуршиддат меафзояд ва то рафт сарҳадҳои он васеъ мешаванд, технологияҳои нави истеҳсолӣ ба ҷойи дастгоҳҳои кӯҳна меоянд, ақида ва тарзи муошırату фаъолият дар соҳаҳои тиҷорат, бароҳмонии муносибатҳо ва ҷӣ тавр бароҳ мондани амалиёти корӣ пайдо шуда истодаанд. Ба андешаи дигар, чизи нав ҷойи ашёи гузаштаро танг карда истодааст.

Дар чунин шароит соҳиб будани миқдори муайяни дониш кифоя нест. Замони муосир нисбат ба чунин хислатҳои шахсӣ ба мисли, аз ҳақиқат наранҷидан, ҳақро баён кардан, қобилиятҳои ғайристандартӣ доштан, аз вазъияти ногувор бо сарбаланди баромадан, эҷодкорона муносибаҳоро бароҳ мондан, воқеиятро тавре ки ҳаст қабул кардан ва амсоли инҳоро талаб дорад. Дар ҳақиқат эҷодкорӣ сифати шахсие ба шумор меравад, ки фаъолиятҳои инсонро ба таври дигаргуна ба дигарон нишон медиҳад.

Педагог С. Виготский гуфта буд: «...дар ҳаёти ҳаррӯзаи гирду атрофамон эҷодкорӣ шарти зарурии мавҷудияти инсон мебошад» [11].

Ба андешаи муҳаққиқ С. Виготский мо ҳам ҳамфикр ҳастем ва танҳо илова кардан мехоҳем, ки бе доштани тафаккури образӣ ва эҷодкорона муносибат кардан фаъолият натиҷаи назаррас ва дилхоҳ намедиҳад. Масалан, агар чандсоли пешро таҳлил кунем дар он замонҳо воситаҳои муосири техникӣ ба мисли, компютери 4 ядроя, планшети ғунҷоишаш калон ва гаджету смартфонҳои бисерфунксионалӣ вуҷуд надоштанд, аммо шахсон бо истифода аз тафаккури эҷодӣ фаъолияти худро бароҳ мемонданд. Ва чизҳою ашёе ихтироъ ва эҷод мекарданд, ки то ҳол арзиши онҳо кам нагаштааст.

Машғулиятҳои англисӣ, ки яке аз фанҳои таълимии мактабҳои миёнаи умумӣ ба шумор меравад, дар баланд бардоштани маҳорати эҷодӣ, тафаккури образӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тарзи муошират ва маҳорати эҷодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Бештари хонандагони синфҳои болоӣ иқтидори бузурги эҷодӣ доранд. Ва машғулиятҳои англисӣ барои рушди эҷодкорӣ, вусъат бахшидани фаъолият, мустақилона иҷро кардани вазифаҳо ва муттаҳиду сарҷамъ кардани хонандагон шароити мувофиқу муносиб муҳайё месозад.

Дар раванди омӯзиши забони англисӣ баъзе хонандагон ба мушкилиҳо дучор мегарданд ва баъзе бо майлу хоҳиши беандоза машғул ба омӯзиши он мегарданд. Дар аввал хонандагон фикр мекунанд, ки омӯзиши забони англисӣ шавқовар ва осон аст. Бо гузашти вақти муайян онҳо дилсард шуда, майл ва шавқ ба дарсҳои англисӣ пайдо намекунанд. Оҳиста – оҳиста дарк мекунанд, ки омӯзиши забони англисӣ осон нест ва машғулиятҳои ин фанро дӯст намедоранд. Барои бартараф кардани ҳолати баамаломада маҳорати касбии педагогии ҳар як омӯзгор муҳим дониста мешавад. Бояд омӯзгор машғулиятҳои англисиро тавре бароҳ монад, ки шавқу рағбати хонандагон барои солҳои минбаъда низ хомӯш нагардад. Яъне, омӯзгорро мебояд машғулиятҳои англисиро эҷодкорона ва бо истифода аз воситаҳои муосири педагогӣ (дар машғулиятҳо истифодаи ҳаргуна бозиҳои дидактикӣ, ба

таври видеоӣ намоиш додани лаҳзаҳои таълимию тарбиявӣ, воситаҳои аудиоӣ ва ғайра) бароҳ монад.

Ба андешаи муҳаққиқ Х. Э. Штейнбах: «Эҷодкорӣ ҳамчун шакли муайяни фаъолият ҳисобида мешавад, ки маҳсули он чизи нав мебошад. Фарқи байни эҷодиёти бадеӣ ва илмӣ метавонад, ба қобилиятҳои гуногуни мушаххас алоқаманд карда шавад. Нигоҳҳои бадеии ҷаҳон ба тафаккури образӣ дар сатҳи физиологӣ асос ёфта, ки нимкураи рост бартарият пайдо мекунад. Ва аксар эҳсосотро ба вуҷуд меорад. Вале эҷодкории илмӣ бошад, бештар ба кашфиёт ва ихтирооти ҷадид такя мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳоло касе ба ҳақиқати ғояҳои Исаак Нютон, Ҷордоно Бруно ва Коперник шубҳа надорад, аммо назарияи нисбият дар байни баъзе олимон ихтилофотро ба вуҷуд меорад» [15, с. 5].

Эҷодкорӣ, ки дар заминаи зеҳн ва ҷаҳонбинӣ сурат мегирад, ба хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми бароҳмонии муносибатҳо ва омӯзиши дарсҳои англисӣ ёрии беандоза мерасонад. Эҷодкорӣ ин қобилияти дидани чизҳои наву ғайриоддӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли мушкилоти пешомада дониста мешавад. Эҷодкорӣ фаъолияти хонандагони синфҳои болоиро шавқовар карда, тафаккурро бедор ва роҳҳои раҳоӣ аз мушкилотро муҳайё мекунад.

Тафаккури эҷодӣ, ки маҳсули зеҳн мебошад, падидаҳои оламро эҷодкорона таҳлил карда, барои баровардани хулосаҳо ва қарорҳои дуруст оварда мерасонад. Қобилиятҳои хонандагон ва тафаккури эҷодӣ бештар аз рӯйи самаранокии кӯшишҳои ӯ баҳо дода мешавад. Муваффақияти ҳар як хонанда танҳо аз тарзи ҷаҳонбинӣ, зеҳн ва то кадом андоза маҳорати эҷодкорӣ доштанаш вобастагӣ дорад.

Мувофиқи андешаи педагог Л.Б. Шнейдер: «Эҷодкорӣ, аз як тараф, бо майл ба натиҷаи ниҳоӣ, аз тарафи дигар, бо ҷалби раванди эҷодӣ тавсиф мешавад. Эҷодкорӣ бо ангезаҳои беруна ҳавасманд карда мешавад. Яъне, дар шахс ҳамон вақт эҷодкорӣ ва муносибатҳои эҷодкорона пайдо мешаванд, ки мақсад фаҳмо ва натиҷаҳо равшан бошанд. Ҳар як шахс метавонад эҷодкор ва созанда бошад. Эҷодиёти ҳаётӣ дар ҳар лаҳзаи ҳаёт арзи ҳастӣ дорад ва он равандҳои иҷтимоиро қабо ва ҷилои тоза мебахшад. Фаъолияти эҷодии инфиродӣ барои рушд ва худшиносии ҳар як шахс муҳим арзёбӣ мегардад.

Эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ низ вуҷуд дорад. Эҷодкории педагогиро дар ҳар гуна чорабиниҳо, озмунҳо ва барномаҳо дидан мумкин аст. Дар раванди эҷодкории педагогӣ омӯзгор бо истифода аз маҳорати касбии худ ҷараёни таълиму тарбияро бароҳ мемонад» [14, с. 41].

Дар дунё шахсони босавод, боистеъдод ва донишманд кам нестанд, вале аз сабабӣ надоштани таҷрибаю муносибати эҷодкорона ба муваффақият ноил гардида наметавонанд. Аммо баръакс инсонҳое низ ҳастанд, ки саводи хубу маънавиёт ва маърифати баланд надоранд, вале аз сабаби кордонию корчалонӣ ва зеҳни тез доштанашон дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, ошкор мегардад, ки маҳорату малакаҳои эҷодкорона муносибат кардан ва зеҳни босуръат доштан яке аз роҳҳои ноил гардидан ба комёбиҳост.

Тавре дар боло зикр кардем равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, ки дар шароити имрӯза дида мешаванд, соҳаҳои гуногуни фаъолиятро водор месозанд, то мутахассисони соҳа барои фаъолиятро босамар роҳандозӣ кардан роҳҳои ҷадиди корро ҷустуҷӯ намоянд.

Ба андешаи педагог О.В. Данилова: «Давраи ҷаҳонишавӣ ва афзоиши босуръати иттилоот ташаккул додани фарҳанги баланди инсондӯстии хонандагони мактабҳои миёнаи умумиро тақозо дорад. Зеро, насли наврас ва ҷавонон захираҳои инсонӣ барои фардо ба шумор рафта,ояндаи Ватан ба онҳо вогузор карда мешавад. Аз ин рӯ, зарурати ташаккули шахсияти хонандагон барои мутобиқ шудан ба фазои муосири ҷаҳонишавандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ пеш омадааст. Дар ин замина, вазифаи соҳаи маориф ҳамчун раванди дигаргункунандаи арзишҳо ва муносибатҳои таълимӣ, мусоидат ба ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ, ташаккули ҳамкории самаранок бо ҷаҳони беруна дар асоси арзишҳои ахлоқӣ, аҳамияти хоса дорад» [3, с. 4].

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба соҳаи маориф ҳам таъсирҳои худро гузошта истодаанд. Ва ин соҳа низ аз ҷараёни пешомада (ҷаҳонишавӣ) дар канор нест. Шароити имрӯза омӯзгоронро маҷбур месозад, то фаъолияти худро тавре бароҳ монанд, ки ҳам шогирдон ва ҳам худи онҳо осеби маънавӣ ва равонӣ набинанд. Омӯзгор дар раванди фаъолият шояд ва ҳатто ба як намуди комилан нави фаъолияте гузарад, ки пештар онро надида ва наозмуда буд. Аз ин рӯ, омӯзгор на танҳо худаш ба тарзи нав фикр карданро ёд гирад, балки инро низ ба шогирдон омӯзонад. Агар ба таври дигар ин андешаро тасниф намоем, дар шароити имрӯза шахс бояд таҷрибаҳои худро ҳамаҷониба инкишоф ва ҳар лаҳза такмилу идома диҳад.

Дар марҳилаи имрӯза дастрасӣ ба иттилоот ба таври озод сурат мегирад. Аз ҳад зиёти иттилоот дар баъзан ҳолатҳо ба манфиати кор нахоҳад буд. Яке аз вазифаҳои омӯзгорон аз он иборат аст, ки хонандагонро ба ҳаёти мустақилонаи дар пешистода омода созанд, ба онҳо донишҳо ҷадид омӯзонанд ва аз манбаъҳои иттилоотӣ дуруст истифода бarандро нишон диҳанд.

Тавре қайд кардем шахс барои фаъолияти самаранок кардан ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо намудан бояд ҳаматарафа рушд ва инкишоф ёбад, дониши худро сайқал дода, дар амал дуруст истифода бурда тавонад. Дар ҳамин радиф, бо одамони гирду атроф муоширати дурусту пурмазмун барпо карданро омӯзад ва нуқтаи назари худро асоснок карда тавонад. Аз ин лиҳоз, барои муассир бароҳ мондани муошират хонандагонро мебояд ҷанбаҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро инкишоф диҳанд.

«Зеҳният» ва «эҷодкорӣ» дар сатҳи таъриф гуногунанд ва ҳар яке ин вожаҳо ба таври худ маънидод карда мешаванд. Аммо дар раванди таълим ва фаъолият дар байни онҳо робитаи муайяне дида мешавад, ки ин ҷараёнро тақвияти дучанд медиҳанд. Муҳаққиқ ва психолог Э.Торренс қайд кард буд, ки барои дуруст бароҳ мондани фаъолияти эҷодӣ омилҳо, типи мизоҷ, қобилиятҳои зуд азхуд кардан ва тавлид кардани ғояҳо накши муҳим доранд. Зери мафҳумҳои «зеҳният» ва «эҷодкорӣ» Э.Торренс, қобилияти баланди фаҳмиш, дарки олами атроф ва ҷаҳонбиниро дар назар дошт [2, с. 20].

Қобилиятҳои зеҳнии шахс яке аз захираҳои муҳимми равоние мебошанд, ки асоси муносибатҳои фаъоли мақсаднок ва оқилона ба воқеият мебошанд. Қобилиятҳои зеҳнии одамон манбаи тавонои табиии тамаддуни башарӣ ба ҳисоб мераванд. Инсон ба воситаи зеҳни худ ҷаҳонро бо ҳама ҳастияш дуруст аз худ мекунад, фаъолияти худро самаранок ва дар қолаби муайян бароҳ мемонад.

Тавре мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, кишварҳое, ки ба пешрафт ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба низоми маориф эътибор ва таваҷҷуҳи бештар додаанд. Ва дар баланд бардоштани эҷод, маҳорат, малака, ҷаҳонбинӣ ва зеҳни насли наврасу ҷавонон шароитҳои муассири педагогӣ муаҳайё намудаанд, ки дар натиҷа дар рақобатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ истодагарӣ карда метавонанд. Аз ин рӯ, тарбияи зеҳнӣ ва дар ин баробар баланд бардоштани ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои болоӣ талаботи ояндаи ҳастӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқ О.С. Чаликова дар ин бора чунин гуфтааст: «Инкишофи зеҳн ин тафриқаи пайвастаи сохторҳои маърифатӣ бо ҳамгироии минбаъдаи онҳо мебошад. Таҷдиди сохтории зеҳнӣ асоси ташаккули низоми худшиносӣ ва худтанзимкунӣ буда, ба рушди ахлоқии наврасону ҷавонон таъсирҳои назаррас расонида, ба раванди барканорсозии бухронҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатию иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад» [13, с. 3].

Маънои вожаи «зеҳн» ин раванди мутавозини тафаккури инсон бо ҷаҳон ва муҳити атроф аст. Меъёрҳои инкишофи зеҳнро ҳаракати ба даст овардани муваффақият, дар ҳолатҳои лозимӣ муносибати чандирӣ кардан ва тарзи муоширати дурустро бароҳ мондан бахри ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ муайян месозанд.

Мафҳуми зеҳн (интелект) аз калимаи лотинии intellectus буда, ба маънои ақл дониста мешавад ва шарҳи якхела надорад. Ҳеҷ яке аз падидаҳои равонӣ чун падидаи зеҳнӣ пурасрор нест. Олимон ва донишмандон ҳамеша ба ин раванд диққати беандоза медоданд [6, с. 5].

Олимон ва муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ин мафҳумро ба таври худ маънидод мекунанд. Ба андешаи баъзан олимон зеҳн механизми психофизиологиест, ки ба ҳар як шахс хос аст ва доимо дар амал буда, ҳамчун шарти ҳатмии ба даст овардан, коркарду татбиқ намудани ахбороти воридшаванда ва дар ин замина, рафторҳои созгор намудан хизмат мекунад.

Файласуфи Юнони қадим Афлотун дар бораи зеҳн чунин гуфта буд: «Зеҳн - қобилияти тафаккур ва тафаккури оқилона дар баробари гувоҳи дилу ҷанбаҳои равонӣ ба мисли, эҳсосот, ҳиссиёт ва тасаввурот мебошад».

Ба андешаи психологи амрикоӣ Давид Векслер: «Зеҳн ин қобилияти амал кардани шахс дар ҷомеа ба таври мувофиқ, бо тафаккури солим ва барқарор кардани муошироти муассир бо воқеияти атроф дониста мешавад».

Файласуф ва психологи Олмонӣ Вилям Штерн дар ин бора чунин андеша дорад: «Зеҳн - қобилиятҳои умумии шахс барои огоҳона роҳандозӣ кардани ангезаҳои равонии худ дар асоси тафаккур ба талаботи пайдошудаи ҳаётӣ мебошад. Зеҳн ин мутобиқшавии ақлӣ ба вазифаҳо ва шароити нави воқеият аст» [5].

Тавре аз суханҳои олимон ва донишмандони дар боло оварда шуда аён мегардад, фаҳмиши мафҳуми «зеҳн»-ро ҳар яки онҳо ба таври худ маънидод кардаанд. Баъзе донишмандон онро (зеҳнро) вазифаи муайяни биологӣ, омили умумии ҳаракат ва амалҳои расмӣ, хусусияти шуур ва қобилияти умумии тафаккур шуморидаанд.

Ба андешаи дигар, зеҳн ин хислат ва сифати шахсие ба шумор меравад, ки ба майлҳо ва хоҳишҳо асос ёфта, дар ҳама намуди фаъолият муваффақияту дастовардҳоро таъмин мекунад. Инкишофи зеҳн аз ҳуҷайраҳои майнаи сар ва анализаторҳо вобаста мебошад.

***Сохтори зеҳни хонандагони синфҳои болоӣ***




Инкишофи зеҳн дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти инсон ба вуҷуд меояд, ки ҳар як сатҳи синну сол ба ташаккули ҷанбаҳои муайяни зеҳнӣ таъсирҳои худро мегузоранд. Ташаккули зеҳн аз заминаҳои муайяни ҷисмонӣ ва психологии ҳар як шахс вобаста буда, дар робита бо шароитҳои мусоиди педагогӣ натиҷаҳои назаррас медиҳад.

Тарбияи зеҳнӣ ин кори мунтазами педагог баҳри инкишоф додани фаъолияти ақлӣ ва тафаккури хонандагон мебошад. Ин як раванди мураккаби педагогие мебошад, ки барои дар хонандагон ташаккул додани низоми донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва тафаккур пешбинӣ шудааст. Дар ин радиф бояд қайд кард, ки машғулиятҳои англисӣ низ дар баланд

бардоштани зеҳнияти хонандагони синфҳои болоӣ заминаи боэътимод гузошта метавонанд. Ба ин раванд истифодаи технологияҳои нави таълимӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон ва ба беҳтару муносибтар ва ҷолибтар гардидани дарсҳои англисӣ мусоидат мекунад.

Усулҳои анъанавии таълимро бо усулҳои муосир мукаммал ва пайваст кардан раванди машғулиятҳои англисиро шавқовару гуворо мегардонад. Инчунин, корҳо ва вазифаҳои дарсӣ ва беруназсинфӣ муносибатҳои инфиродии хонандагони синфҳои болоиро таҳким бахшида, қобилиятҳои зеҳнӣ, ақлӣ ва эҷодию забонии онҳоро инкишоф медиҳам.

Ёдовор бояд шуд, ки олимони соҳаи педагогика дар бештари ҳолат дар радифи тарбияи ақлӣ тарбияи зеҳинро низ дар назар доштанд. Масалан, педагоги машҳури рус В.А.Сухомлинский тарбияи ақлиро (зеҳниро) яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои таълими мактабӣ медонист. Ба андешаи ӯ маълумот ва донишҳое, ки хонандагон дар мактаб дастрас мекунанд, дар як радиф бо андозаи ақлӣ ва дараҷаи инкишофи зеҳнӣ гузоштан лозим нест. Маҳаки асосии тарбияи ақлӣ ҷаҳонбинии хонандагон ба шумор меравад. В.А. Сухомлинский муҳиммият доштани вазифаи тарбияи зеҳнии хонандагонро таъкид намуда, гуфта буд: «Шахси камсавод барои ҷомеа хавфнок аст... Нодон худаш хушбахт шуда наметавонад ва ба дигарон зарар мерасонад. Шахсе, ки мактабро хатм мекунад, шояд чизеро надонад, аммо бояд ақли солим дошта бошад».

Д. Дюи дар бораи зеҳн чунин гуфта буд: «Озодии ҳақиқии шахс дар зеҳнияти ӯст ва он ба неруи тарбиятшудаи фикр асос ёфтааст...» [4].

Тарбияи зеҳнӣ асоси ташаккули андешаҳои хонандагон дар бораи ҷаҳон буда, заминаи рушди худшиносии онҳо маҳсуб меёбад. Дар илми педагогика тарбияи зеҳнӣ ҳамчун шакли ташкили раванди таълим ба ҳисоб меравад, ки дар ин раванд ба ҳар як хонанда расонидани ёрии инфиродии педагогиро барои рушди қобилиятҳои зеҳнии ӯ таъмин менамояд.

Натиҷаи тарбияи зеҳнӣ ин иқтидори баланди зеҳнияти шахс, яъне захираи таҷрибаҳо барои асос гузоштани низоми зеҳнӣ ва ба сатҳи нави фаъолият баровардани амалҳо мебошад.

Мақсади тарбияи зеҳнии хонандагон чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

- ташаккул ва такомул додани қобилиятҳои зеҳнӣ;
- ташаккул додани маҳорат, эҷод ва малакаҳои меҳнати фикрӣ;
- бедор кардани шавқу завқ ба фаъолияти омӯзишӣ-тадқиқотӣ.

Хулоса, рушди зеҳнии хонандагон дар ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти ҳалкунанда ва муассир дорад. Ин калиди муваффақияти ҳар як хонанда дар раванди таълим ва ҳаёти минбаъда ба ҳисоб меравад. Ба он на фақат дараҷаи тафаккур, балки муваффақияти иҷтимоӣ, худмуайянкунии касбӣ ва некуаҳволии моддию маънавӣ низ вобаста аст. Барои он ки хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ ба натиҷаҳои баланди маърифатӣ ноил шавад, пеш аз ҳама, ба рушд ва инкишофи зеҳн таваҷҷуҳ додан лозим аст.

Дар илмҳои ҷамъиятӣ 3 ҷанбаи хусусиятҳои зеҳн вуҷуд дорад, ки ҳар кадоми онҳо таърифи худро чунин пешниҳод мекунанд:

- қобилияти омӯзишӣ, нишондиҳандаҳои инфиродии азхудкунии дониш, малака ва маҳорат;
- тамоюли тафаккури абстрактӣ;
- қобилияти шахс барои мутобиқ шудан ба муҳити мураккаб.

Инчунин, олимон ва муҳаққиқон якчанд намуди ҷанбаҳои зеҳнро муайян кардаанд:

- табиӣ. Зеҳни табиӣ аз якчанд қисматҳо иборат мебошад. Ба мисли:
- лаёқати фаҳмидан ва дарки ритми мусиқӣ. Дарки ритми мусиқӣ дар тафаккури шахс образҳои эмотсионалиро ба вуҷуд оварда, зери таъсири он майнаи сар ба ҳолатҳои муҳити атроф вокунишҳои гуногун нишон медиҳад.
- фаҳмиши мантиқӣ-математикӣ. Шахсони дорои зеҳни мантиқӣ-математикӣ масъалаҳоро бо истифода аз мантиқ ҳал карда, мушкилоти риёзиро ба зудӣ ҳисоб мекунанд ва чизҳоеро, ки ба таври радабандӣ тасниф карда мешаванд, дӯст медоранд.

- дарки фазо ва муҳит. Ин гуна шахсон тахайюл ва ғарқи образҳои маҷозӣ мебошанд. Ба онҳо тафаккури образӣ ва фазоӣ, хотираи хуб ва диққати фаврӣ хос аст. Чунин шахсон дар корҳои тарҳрезӣ, муҳандисӣ, лоиҳасозии 3D муваффақият ба даст меоранд.

- шифоҳӣ-лингвистӣ. Чунин шахсон қобилияти азхудкунии калимаҳо ва санъати сухани хуб доранд. Дар шахсоне, ки зеҳни шифоҳӣ-лингвистӣ дида мешавад, суханварони боистеъдод, нависандагон, шоирон, забоншиносон, муаллимон ва рӯзноманигорони варзида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ғайр аз ҷанбаҳои зеҳние, ки дар боло онҳоро эзоҳ ва шарҳ додем, инчунин, дар инсон зеҳни эҳсосӣ-эмотсионалӣ низ мавҷуд аст. Ин пешниҳод аз ҷониби психологи амрикоӣ Ҳовард Гарднер гардидааст. Зеҳни эҳсосӣ ба шахс имконият медиҳад, ки муоширатро бо дигарон дуруст бароҳ монанд ва аз тарзи амалҳои онҳо андеша ва рафтори минбаъдаро муайян созанд. Дар шахсоне, ки чунин зеҳн дида мешавад, қобилияти махсуси муошират ва фаҳмидани дигаронро доранд. Онҳо дар вақтҳои лозимӣ қарорҳои оқилона қабул карда, амалҳои худро бо дигарон муқоиса ва таҳлил мекунанд. Чунин тарзи зеҳн ба онҳо кумак мекунад, ки дар ҳама гуна касб муваффақ шаванд.

Дар ҷамъбаст изҳор карданӣ ҳастем, ки тарбияи зеҳнӣ асоси муваффақияти хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои англисӣ буда, ба равандҳои ҷаҳонбинӣ, тавлиди ғояҳои нав, муносибаҳои созгорро роҳандозӣ кардан ва эҷодкорона амал кардан мусоидат мекунад.

### ***Адабиёт***


1. *Акбарова М. Н. Методикаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагон зимни таълими математика: дис. ... номз. илмҳои пед.– Кӯлоб, 2019.–172 с.*
2. *Воронин А. Н. Интеллект и креативность в совместной деятельности: автореф. дис. ... д-ра. псих. наук. – М., 2004. – 52 с.*
3. *Данилова О. В. Педагогические условия формирования гуманитарной культуры старшеклассников в эпоху современных глобальных перемен: автореф. дис. ... канд. пед. наук. - Йошкар-Ола, 2007. - 24 с.*
4. *Интеллектуальное воспитание учащихся в процессе обучения. – [Манбаи электронӣ]: https://studme.org/320989/pedagogika/intellektualnoe_vospitanie_uchaschihsya_protsesse_obucheniya (Санаи муроҷиат 17.05.2024)*
5. *Категория интелекта в психологии. – [Манбаи электронӣ]: https://elib.bspu.by/bitstream/doc/35987/1/Перуанский%20-%2028_презентация_2018.pdf?ysclid=m0orx045wd371730552 (Санаи муроҷиат 13.05.2024)*
6. *Кромская Н. Ф. Понятие об интеллекте. - Похвистнево, 2019. – 24 с.*
7. *Крючкова Н. Н. Изучение оптических явлений в основной школе в условиях социально-психологической поддержки: дис. ... канд. пед. наук. – М., 2002. – 135 с.*
8. *Муртузалиева М. К. Влияние отношения младшего школьника к учителю на развитие интеллекта: дис. ... канд. псих. наук. – М., 1997. – 167 с.*
9. *Программа курса “Английский для одаренных детей” / Сост. О.Г. Смирнова. – Брянск, 2020 – 10 с.*
10. *Самарская Т. А. Интеллект как объект социального нормирования: дис. ... канд. псих. наук. –М., 2001. – 252 с.*
11. *Соколова Е. Е. Никогда не поздно заняться творчеством! – [Манбаи электронӣ]: https://multiurok.ru/blog/nikoghda-nie-pozdno-zaniat-sia-tvorchiestvom.html?ysclid=m0nibajcql729095964 (Санаи муроҷиат 17.06.2024).*
12. *Ушаков Д. В. Психология интеллекта и одаренности. – М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2011. – 464 с.*
13. *Чаликова О. С. Динамика интеллекта учащихся подросткового возраста: автореф. дис. ... канд. псих. наук. – М., 2005. – 28 с.*
14. *Шнейдер Л. Б. Педагогическое творчество и его проявления в гражданском воспитании // Сборник статей Всероссийской научно-практической конференции с международным*

*участием, 15-17 ноября 2021 года, г. Москва: в 3-х частях / Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Ассоциация технических университетов, 2021. – 301 с.*
15. *Штейнбах Х. Э. Ш. Психология творчества: учебное пособие / Х. Э Штейнбах. – СПб.: Петербургский государственный университет путей сообщения, 2011. – 211 с.*

## ТАРБИЯИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АНГЛИСӢ

Дар мақола ташаккули зеҳният ва эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди машғулиятҳои англисӣ инъикос гардидааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки машғулиятҳои англисӣ, ки яке аз фанҳои таълимии мактабҳои миёнаи умумӣ ба шумор меравад, дар баланд бардоштани маҳорати эҷодӣ, тафаккури образӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тарзи муошират ва маҳорати эҷодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Бештари хонандагони синфҳои болоӣ иқтидори бузурги эҷодӣ доранд. Машғулиятҳои англисӣ барои рушди эҷодкорӣ, вусъат бахшидани фаъолият, мустақилона иҷро кардани вазифаҳо ва муттаҳиду сарҷамъ кардани хонандагон шароити мувофиқу муносиб муҳайё месозад. Эҷодкорӣ, ки дар заминаи зеҳн ва ҷаҳонбинӣ сурат мегирад, ба хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми бароҳмонии муносибатҳо ва омӯзиши дарсҳои англисӣ ёрии беандоза мерасонад. Эҷодкорӣ ин қобилияти дидани чизҳои наву ғайриодӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли мушкилоти пешомада дониста мешавад. Эҷодкорӣ фаъолияти хонандагони синфҳои болоиро шавқовар карда, тафаккурро бедор ва роҳҳои раҳоӣ аз мушкилотро муҳайё мекунад. Тафаккури эҷодӣ, ки маҳсули зеҳн мебошад, падидаҳои оламро эҷодкорона таҳлил карда, барои баровардани хулосаҳо ва қарорҳои дуруст оварда мерасонад. Қобилиятҳои хонандагон ва тафаккури эҷодӣ бештар аз рӯйи самаранокии кӯшишҳои ӯ баҳо дода мешавад. Муваффақияти ҳар як хонанда танҳо аз тарзи ҷаҳонбинӣ, зеҳн ва то кадом андоза маҳорати эҷодкорӣ доштанаш вобастагӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** таълим, машғулиятҳои англисӣ, маҳорат, эҷод, зеҳн, қобилият, ҷаҳонбинӣ, муошират, хонандагони синфҳои болоӣ, тафаккур, таҳлил, рушд, муваффақият.

## ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЕ И ТВОРЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ СТАРШЕКЛАССНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ЗАНЯТИЙ АНГЛИЙСКИМ ЯЗЫКОМ

В статье отражено формирование интеллекта и творческих способностей старшеклассников в процессе уроков английского языка. Авторы отмечают, что занятия английским языком, являющиеся одним из учебных предметов общеобразовательной средней школы, создают благоприятную основу для повышения творческих способностей, образного мышления, формирования мировоззрения, коммуникативных и творческих способностей. Большинство старшеклассников обладают большим творческим потенциалом. А занятия английским создают соответствующие условия для развития творческих способностей, расширения деятельности, самостоятельного выполнения заданий и интеграции учащихся. Креативность, основанная на интеллекте и мировоззрении, оказывает большую влиянию старшеклассникам в вопросах взаимоотношений и изучения английского языка. Креативность – это способность видеть новое и необычное и находить решения проблем. Творчество делает деятельность старшеклассников интересной, пробуждает мышление и дает способы решит проблем. Творческое мышление, являющееся продуктом разума, творчески анализирует явления окружающего мира и приводит к правильным выводам и решениям. Успех каждого ученика зависит только от его мировоззрения, интеллекта и творческих способностей. В мире много образованных, талантливых и знающих людей, но они не могут добиться успеха из-за отсутствия опыта и творческого настроя. Выявлено, что способность проявлять творческий подход и обладать быстрым умом является одним из способов достижения успеха.

**Ключевые слова:** образование, урок английского языка, умение, креативность, интеллект, способности, кругозор, общение, старшеклассники, мышление, анализ, развитие, успех.

## INTELLECTUAL AND CREATIVE EDUCATION OF HIGH SCHOOL STUDENTS IN THE PROCESS OF ENGLISH LESSONS

The article reflects the development of intelligence and creative abilities of high school students in the process of English lessons. The authors notes that English classes, which are one of the subjects of a comprehensive secondary school, create a favorable basis for improving creativity, imaginative thinking, forming a worldview, communicative and creative abilities. Most high school students have great creative potential. And English classes create appropriate conditions for the development of creative abilities, expansion of activities, independent completion of tasks and integration of students. Creativity, based on

intelligence and worldview, has a great influence on high school students in matters of relationships and learning English. Creativity is the ability to see something new and unusual and find solutions to problems. Creativity makes the activities of high school students interesting, awakens thinking and provides ways to solve problems. Creative thinking, which is a product of the mind, creatively analyzes the phenomena of the surrounding world and leads to correct conclusions and decisions. The success of each student depends only on his worldview, intelligence and creativity. There are many educated, talented and knowledgeable people in the world, but they cannot achieve success due to the lack of experience and creative attitude. It has been revealed that the ability to show creativity and have a quick mind is one of the ways to achieve success.

**Keywords:** education, English lesson, skill, creativity, intelligence, abilities, outlook, communication, high school students, thinking, analysis, development, success.

***Дар бораи муаллифон***

*Табаров Нурулло Сафаралиевич*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгон*
*Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми аъзам-Абуҳанифа*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шодмонӣ, 58/1*

*Насурдинзода Аслиддин Насурдин*
*Унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33*
*E-mail: sadulojev1993@mail.ru*

***Об авторах***

*Табаров Нурулло Сафаралиевич*
*Кандидат педагогических наук, доцент, зав.кафедрой педагогики и наследия предков*
*Таджикский исламский институт имени Имама Азама-Абуханифы*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шодмони, 58/1*

*Насурдинзода Аслиддин Насурдин*
*Соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33*
*E-mail: sadulojev1993@mail.ru*

***About the authors***

*Tabarov Nurullo Safaralievich*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Pedagogy and Heritage of Ancestors*
*Tajik Islamic Institute named after Imam Azam-Abuhanifa*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shodmoni St., 58/1*

*Nasurdinzoda Asliddin Nasurdin*
*Applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir st., 33*
*E-mail: sadulojev1993@mail.ru*

ТДУ 378.147.6:004.427

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАЪЛИМИ ОМЕХТА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***Набиев Н. М.***
*Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи*
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Барои ба мушкилоти таълими омехта дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгории ибтидоӣ назар кардан, пеш аз ҳама, дида баромадани таърифҳои асосии мавзуи баррасишаванда муҳим аст.

Дар луғати педагогӣ омӯзиш ҳамчун «муошırати мақсаднок, пешакӣ тарҳрезишуда, ки дар рафти он таълим, тарбия ва инкишофи донишҷӯ амалӣ гардида, ҷанбаъҳои алоҳидаи таҷрибаи инсоният, таҷрибаи фаъолият ва маърифат аз худ карда мешаванд» маънидод карда мешавад [1].

Дар забони англисӣ истилоҳи *Blended learning* калимаи l*earning* – бомаърифатро дар бар мегирад, ки аз феъли *learn* – омӯхтан, ёд гирифтан гирифта шудааст ва бори дигар нақши фаъоли донишҷӯро дар раванди таълим таъкид мекунад. Ба гуфтаи мутахассисони соҳа, омӯзиши омехта "ба намудҳои фаъолияти таълимӣ дар синф ва муҳити электронӣ аз нав тақсимот карданро имкон медиҳад" [4] ва ба самараноктар истифода бурдани "бартариҳои ҳам омӯзиши рӯ ба рӯ ва ҳам омӯзиши электронӣ ва безарар сохтан ё ҷуброн кардани нуқсонҳои ҳар яки онҳоро" қодир аст [4], аз омӯзиши электронӣ ва фосилавӣ, ки камбудиҳо бо кам будани вақт барои таҳияи захираҳои таълимии электронӣ, номувофиқатии курсҳо бо стандартҳои сифат, нокифоя будани таҷҳизоти техникӣ ва нармафзор барои донишҷӯён ва нарасидани мутахассисҳое, ки қобилияти гузаронидани корҳои босифатро дар омӯзиши соҳаи онлайн доранд, ба таври назаррас фоида меорад [4].

Дар тули панҷсолаи охир омӯзиши омехта дар системаи маорифи Тоҷикистон мавқеи алоҳидаро ишғол карда, ба фаъолияти муассисаҳои касбии миёна ва олӣ фаъолона ворид карда мешавад. Скоробогатов Я.О. дар мақолаи худ таҷрибаи татбиқи технологияи таълими омехтаро ҳамчун як қисми курси барномасозӣ барои хонандагони синфҳои 7-11 тавсиф намуда, самаранокии технологияро дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии дарсӣ ва фосилавӣ тасдиқ мекунад. Ба гуфтаи муаллиф, шакли омехта ба донишҷӯён имкон дод, ки маводи таълимиро беҳтар аз худ кунанд, аксари супоришҳоро иҷро кунанд, инчунин ба рушди малакаҳои муошират, худташкилкунӣ ва салоҳияти иттилоотӣ мусоидат кунанд [5]. Таҷрибаи тадқиқоти методӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ташкили раванди таълим, аз сабаби номувофиқ будани усулҳои анъанавӣ ва технологияи нави таълим ҳанӯз ҳам ихтилофҳо вуҷуд доранд. Ба андешаи як зумра муҳаққиқон, яке аз роҳҳои ҳалли ин зиддиятҳо метавонад омӯзиши омехта бошад [5].

Дар адабиёти илмӣ барои таърифи мафҳуми «таълими омехта» равишҳои гуногун пешниҳод шудаанд, вале то ҳол тафсири умумии қабулшудаи ин истилоҳ вуҷуд надорад [8]. Тадқиқоти М. Б. Хорн ва Ҳ. Стейкер омӯзиши омехтаро ҳамчун як барномаи расмии таълимӣ муайян мекунад, ки дар он ба хонанда ҳадди ақал қисман ба таври интерактивӣ бо унсури назорати хонанда аз рӯи вақт, макон, шеваҳо ва ё суръат таълим дода мешавад, дар ин сурат донишҷӯ камаш як кисми вақт дар ҷои воқеии берун аз хона назорат карда мешавад. Ин усулҳо дар баробари курс ё барномаи таълимии барои ҳар як донишҷӯ тартибдодашуда бо ҳам алоқаманданд, то омӯзиши ҳамаҷонибаро таъмин намоянд» [8]. Ҳамзамон, муаллифон қайд мекунанд, ки дар таълими омехта ҳамаи ҷузъҳо бо ҳам алоқаманданд ва якпорчагии раванди таълимро таъмин мекунанд. Дар ин тадқиқот мо ба нуктаи назари М. Б. Хорн ва Ҳ. Стейкер риоя мекунем.

Норавшании таърифҳои мавҷудаи омӯзиши омехта боиси зарурати системасозӣ,

мушаххас ва сохтори дастгоҳи консептуалӣ ва таҳияи моделҳои омӯзиши омехтаи математика бо назардошти мавқеи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мегардад.

Гумон меравад, ки омӯзиши омехта имкон медиҳад, ки бартариҳои омӯзиши фосилавӣ ва қавии омӯзиши анъанавии рӯ ба рӯ муттаҳид карда шавад. Омӯзиши омехта метавонад дар ҳама сатҳҳои омӯзиши математика истифода шавад.

Илова бар ин, шароити ба таври динамикӣ тағйирёбандаи бозори меҳнат ва тағйироти назаррас дар сохтори шуғл ҷорӣ намудани таълими омехтаро дар донишгоҳҳо низ муайян мекунанд. Айни замон эҳтиёҷ ба мутахассисони рақобатпазир, ки на танҳо фанни математика медонанд, балки мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ҳастанд, зиёд мешавад. Ба андешаи мо, донишҷӯёне, ки математикаро меомӯзанд, бояд малакаҳои касбиро такмил диҳанд, малака ва маҳорати чандирро мутобиқ ба талаботи имрӯзаи ҷомеа инкишоф диҳанд. Дар натиҷа, ҳангоми ташкили омӯзиш таҳиягарон бояд хусусиятҳои ин ё он фанни таълимӣ, омодагии зеҳнӣ, хусусиятҳои шахсӣ, манфиатҳо ва ниёзҳои донишҷӯёнро пурра ба назар гиранд. Бо ёрии омӯзиши омехтаи математика, донишҷӯён метавонанд траекторияи таълимии худро дар асоси талабот барои омодагии касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкардаашон созанд.

Ҷузъҳои асосии таълими омехта дар расми 1 оварда шудаанд.




***Расми 1. Ҷузъҳои асосии таълими омехта***

Агар донишҷӯён ба кор бо тайёрӣ ва бодиққат омода шуда бошанд, он гоҳ омӯзиши таълими омехта ба рушди мустақилият ва худсанҷишии донишҷӯён мусоидат мекунад ва онҳо мефаҳманд, ки иштироки онҳо дар ташкили дарс, низом ва тартибот ба муносибии дар омӯзиши фанҳои таълимии коллеҷҳои омӯзгории миёна мусоидат мекунад.

Раванди таълим бояд на танҳо ба рушди тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ, тасаввурот, балки мустақилият низ нигаронида шавад. Бартариҳои таълими омехта аз инҳо иборатанд: дастрасӣ; чандирӣ (қобилияти мустақилона ба нақша гирифтани вақт, ҷой ва давомнокии дарсҳо аз ҷониби донишҷӯён ва омӯзгорон), иштироки фаъолонаи донишҷӯён ва омӯзгорон дар раванди таълим, суръати омӯзиши инфиродӣ; технология; баробарии иҷтимоӣ, ки дар ин ҳолат новобаста аз ҷои истиқомат, аҳволи саломатӣ ва ғайра имкони гирифтани таҳсилоти босифат муайян мегардад).

Дар заминаи мубоҳисаҳо дар бораи хатари саломатии аз ҳад зиёди кори компютерӣ, махсусан, мехоҳам қайд намоям, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои таълими омехта бояд танаффусҳои гуногуну истироҳат ва усулҳои махсус барои истироҳат ва рафъи стресс эҷод карда шавад.

Дар шароити таълими омехта робитаи мутақобилаи омӯзгору донишҷӯ босамар мегардад, ки ин дар навбати худ асоси муваффақияти раванди таълим мебошад. Илова бар ин, шароити мусоид барои ифодаи эҷодии худшиносӣ, ки таълими омехта фароҳам меорад, ба донишҷӯёни Коллеҷҳои омӯзгорӣ, бахусус барои донишҷӯёни дорои маъюбӣ ниҳоят муҳим аст.

Ҷорӣ намудани таълими омехта асабонии донишҷӯёнро ҳангоми назорати азхудкунии маводи омӯхташаванда кам мекунад. Ба ҳама маълум аст, ки изтироби аз ҳад зиёд ба баъзе донишҷӯён барои пурра нишон додани дониши худ халал мерасонад. Дар натиҷа, омили баҳодиҳии субъективӣ аз байн меравад. Таъсири психологие, ки аз таъсири гурӯҳ ба вуҷуд омадааст, низ бартараф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши омехта бешубҳа бартариҳои худро нисбат ба шаклҳои анъанавии таълим дорад. Он мушкилоти равонии донишҷӯёнро ҳал мекунад, маҳдудиятҳои вақт ва макон, дурӣ аз муассисаҳои таълимии тахассусиро бартараф мекунад, ба шахсони дорои маълулияти ҷисмонӣ, ки дорои хислатҳои инфиродӣ ва хусусиятҳои ғайриоддӣ мебошанд, кӯмак мерасонад, доираи муошірати донишҷӯён ва омӯзгоронро васеъ мекунад.

Дар Тоҷикистон системаи таълими омехта аз соли 2020 инҷониб таҳия шуда истодааст. Дар ибтидо, ҳамчун системаи таълими шакли фосилавӣ буд. Ҳоло сухан дар бораи имкони гирифтани таҳсил дар шакли омехта меравад. Аз ҷумла, дар таълими муассисаҳои касбии миёнаи коллеҷҳои омӯзгорӣ. Дар марҳилаи ҳозираи ислоҳот ва инкишофи системаи маълумоти миёнаи касбӣ омӯзиш, коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои ғайрианъанавӣ дар муассисаҳои миёнаи касбӣ бо мақсади мувофиқ намудани раванди таълим ҷорӣ карданӣ мешавад. Аз ин рӯ, оияндаи инкишоф ва такмили таълими фосилавӣ хеле васеъ мебошанд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон яке аз ташаббускори барномаи мазкур мебошад, ки дар лоиҳаҳои соҳаи таҳсилот баррасӣ карда мешавад. Дар заминаи консепсияи давлатии таълимии Тоҷикистон ба рушди технологияҳои таълимӣ аҳамияти бениҳоят муҳим дода мешавад.

Бисёр таърифҳои мафҳуми «технология» мавҷуданд. П. И. Пидкасистӣ ин мафҳумро «маҷмуи донишҳо дар бораи воситаҳо ва усулҳои пешбурди раванди таълим» муайян мекунад [6]. И. П. Подласи чунин мешуморад, ки технологияи таълим бояд ҳамчун маҷмуи ҷудонашавандаи расмиёти гуногунсифат (педагогикаи умумӣ, дидактикӣ, психологӣ ва ғ.), ки бо ҳадафҳо ва мундариҷаи таълим мувофиқ карда шудаанд ва барои анҷом додани тағйироти зарурӣ дар шаклҳои таълими фаъолияти хонандагон пешбинӣ шудаанд, фаҳмида шавад [7].

В. В. Гузеев ба мафҳумҳои «Технологияҳои таълимии омехта» ва «таълими омехта» аксар вақт ҳамчун синоним истифода мешаванд, аммо онҳо мафҳумҳои гуногунанд, диққати махсус медиҳад. Аз ин рӯ, технологияҳои таълимии омехта метавонанд ба раванди таълими рӯзона мувофиқат кунанд (на ҳатман ба таълими фосилавӣ) [9].

Дар баробари ин, баъзе мутахассисон, масалан, Р. Агапова, Р. Бабенко Е.С. Бусин ва дигарон бар ин назаранд, ки дар ҳоле ки таҳсили омехта аз технологияҳои таълимии омӯзиши анъанавӣ истифода мешавад, дар технологияҳои таълимӣ баъзе фарқиятҳо доранд.

Навъҳои асосии технологияҳои таълимии омехта одатан аз инҳо иборатанд: донишҷӯ - марказ - интернет, донишҷӯ – интернет - омӯзгор, муассисаи таълимӣ - интернет - муассисаи таълимӣ, муассисаи таълимӣ -интернет, ки барои татбиқи онҳо бо назардошти самтҳои инкишофи ҷараёни таълим омӯхтани хусусиятҳои муассисаи таълимии мушаххас, хусусиятҳои фанни таълимӣ талаб карда мешавад.

Мазмуни асосии технологияҳои иттилоотӣ ба таври схематикӣ дар расми 2 оварда шудааст.




***Расми 2. Мазмуни асосии технологияҳои иттилоотӣ***

Ба гуфтаи коршиносон, аз ҷумла М. И. Башмакова, С. Н. Позднякова, Н. Резник ва дигарон, аксари технологияҳои иттилоотии таълими омехта ба ақидаҳои маъруфи педагогӣ асос ёфтаанд [11].

Бояд махсус қайд намуд, ки дар таълими омехта чизи асосӣ компютери дорои таҷҳизот ва нармафзори мувофиқ мебошад. Инро таърифи технологияи иттилоотии таълимӣ ҳамчун раванди омода кардан ва интиқоли иттилоот ба донишҷӯй тавассути компютер тасдиқ мекунад. Ин равиш фаҳмиши технологияи педагогиро ҳамчун истифодаи воситаҳои техникӣ дар таълим инъикос мекунад. Яъне раванди таълим дар мадди аввал гузошта шуда, компютер ҳамчун воситаи имкон ҳалли вазифаҳои дидактикии сатҳи нав бо хусусиятҳои таълими омехта алоқаманд, муайян карда мешавад.

Дар мавриди мушкилоте, ки бо ташкили барномаҳои таълимӣ, технологияҳо, усулҳо ва шаклҳои таълими омехта алоқаманданд, маҳсулоти нармафзор дар заминаи воситаҳои муосири таълим ва муҳити инструменталӣ эҷод карда мешаванд. Аммо дар назарияи педагоги муносибат ба онҳо ягона нест.

Ҳамин тариқ, ба гуфтаи И. В. Гребенев маводҳои нави нармафзори омӯзиши фосилавии «...ба рушди назарияи омӯзиш чизи нав намеоварад» [12]. Аз ин рӯ, ба ақидаи ӯ, танҳо дар бораи автоматикунонии ҷанбаъҳои муайяни раванди таълим, яъне дар бораи аз коғаз ба рақамӣ интиқол додани информатсия ва ғайра гуфта мешавад [12].

Ҳамзамон, технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки воситаҳои мултимедиявӣ барои омӯзиш маълумоти компютерии матниро бо иттилооти аудио ва видео якҷоя истифода бурда шаванд. Ва азбаски воситаҳои мултимедиявӣ табиатан фаъоланд, донишҷӯ ҳамчун истифодабарандаи он ғайрифаъол намемонад. ки аз нуктаи назари сарчашмаҳои педагогика, дидактика ва методикаи таълим ниҳоят муҳим аст. Технологияҳои таълимии омехта раванди таълимро кушода, технологӣ намуда ва ба ташаккули салоҳияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии донишҷӯён равона карда шудааст.

Ҷанбаи хеле муҳими зерини ин намуди омӯзиш ба назар мерасад: таълими омехта самараи мустақилиро бо кор ба манбаъҳои ғайрианъанавии иттилоотро зиёд мекунад ва комилан имкониятҳои нав барои эҷодкорӣ медиҳад, ба хеле зуд азхуд кардан ва мустаҳкам намудани малакаҳои гуногун мусоидат карда, ба омӯзгорон имконият медихад, ки шаклу усулҳои принсипан нави таълимро ҷорӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷорӣ намудани технологияҳои таълимии омехта дар раванди таълим вазъи таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ба куллӣ тағйир медиҳад. Донишҷӯён воқеан субъекти раванди таълим мешаванд, ки дар тарҳрезии раванди таълими худ фаъолона иштирок мекунанд.




*Расми 3. Технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти таълимӣ*

Дар айни замон дар рушди раванди иттилоотикунонии маориф тамоюлҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

1) татбиқи фаъолонаи воситаҳо ва усулҳои нави таълим, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудаанд;

2) ташкили фазои ягонаи таълимии иттилоотӣ;

3) синтези воситаҳо ва усулҳои таълими анъанавӣ ва компютерӣ;

4) таъсиси системаи таълими пешрафта;

5) ташаккули системаи таълими муттасил ҳамчун шакли универсалии фаъолият, ки ба доимӣ нигаронида шудааст.

Одат аст, ки се намуди барномаҳои таълимиро ҷудо кунед, ки бо ёрии онҳо раванди таълими барномарезишуда дар коллеҷҳои омӯзгории муосир сохта мешавад: хаттӣ, шохадор ва мутобиқшавӣ.

Барномаи таълимии хаттӣ ин барномаест, ки дар он тамоми маводи таълимӣ бо пайдарпаии қатъӣ ба воҳидҳои семантикӣ тақсим шуда, мантиқан тамоми фанро фаро мегирад. Илова бар ин, мониторинги муассир вазифаҳои назоратро дар охири ҳар як блок дар бар мегирад.

Барномаи таълимии шохадор аз барномаи хаттӣ бо он фарқ мекунад, ки дар сурати хатогиҳо ҳангоми иҷрои супоришҳои тестӣ ба донишҷӯ маълумоти иловагӣ дода мешавад, ки барои иҷрои супориши тестӣ мусоидат мекунад.

Сохти барномаи таълимии мутобиқшавӣ ба фарзияе асос ёфтааст, ки омӯзиши бомуваффақият миқдори муайяни хатогиҳоро талаб мекунад, яъне. самараи таълим камтар мешавад, агар донишҷӯ ҳама супоришҳоро бехато анҷом диҳад.

Иттилооткунонии маориф эҷоди барномаҳои таълимӣ ва барномасозии маводи таълимиро дар бар мегирад.

Маводи таълимии барномарезишуда силсилаи қисмҳои нисбатан хурди иттилооти таълимӣ (чаҳорчӯба, файлҳо, қадамҳо) мебошад, ки бо пайдарпаии муайяни мантиқӣ пешниҳод карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии иттилоотонии маориф инҳоянд:

1) рушди технологияҳои иттилоотӣ барои таълими омехта;

2) мутобиқсозии технологияҳои иттилоотии таълимӣ ба хусусиятҳои фардии донишҷӯ;

3) баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи донишҷӯён дар асоси истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим;

4) истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ки ба баланд бардоштани ҷузъҳои эҷодӣ ва зеҳнии фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунанд;

5) ҳамгироии намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ (таълимӣ, тадқиқотӣ ва ғ.);

6) такмили таъминоти барномавию методии раванди таълим;

7) таҳияи технологияҳои нави иттилоотӣ барои таълим, ки ба фаъол шудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва баланд бардоштани ҳавасмандии омӯзиш мусоидат мекунанд ва ғ.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини иттилоотонии маориф ташаккули фарҳанги иттилоотӣ мебошад. Махсусан, бояд гуфт, ки марҳалаи имрӯзаи ислоҳот ва рушди системаи таҳсилоти миёна касбӣ омӯзиш, таҳия ва татбиқи технологияҳои ғайрианъанавии колеҷҳои омӯзгориҳои таҳсилоти миёна касбӣ бо мақсади муносибгардонии раванди таълимро дар назар дорад. Аз ин ру, инкишоф додан ва такмил додани таълими омехта на танҳо басо саривақтӣ, балки ниҳоят умедбахш ҳам мебошад.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки таълими омехта, бешубҳа, нисбат ба шаклҳои анъанавии таълим бартариҳои худро дорад, зеро таълими омехта доираи васеи мушкилоти равонии донишҷӯёнро ҳал мекунад. Хусусан, таълими омехта маҳдудиятҳои вақту макон, мушкилоти дурӣ аз муассисаҳои таълимии тахассусиро аз байн бурда, ба маъюбони ҷисмонӣ, ки дорои хислатҳои инфиродӣ ва хосиятҳои ғайриоддӣ доранд, барои таҳсил мусоидат намуда, доираи муошırати донишҷӯён ва омӯзгоронро васеъ менамояд.

***Адабиёт***

1. *Андреев А.В., Андреева С.В, Доценко И.Б. Практика электронного обучения с использованием Moodle. – Таганрог: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2008. – 146 с.*
2. *Агапова Р. О трех поколениях компьютерных технологий обучения в школе / Р. О Агапова // Информатика и образование. - 2004. - №2. - С. 14-16.*
3. *Гребенев И.В. Методические проблемы компьютеризации обучения в школе / И.В. Гребенев // Педагогика - 2014. - №5. - С. 17-19.*
4. *Курбанов С.Р. Методические основы эффективности системы переподготовки повышения квалификации учителя математики (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. пед. наук / Курбанов С.Р. – Душанбе, 2019. – 168 с.*
5. *Курбанов С.Р., Камолова Н. Переход на компетентностный подход в средних общеобразовательных учебных заведений - потребность времени // Вестник института развития образования. – Душанбе, 2019. - №1 (25). – С. 56-60 (на тадж. языке).*
6. *Курбанов С.Р. Вохидова К. Роль преподавателя в формировании ключевых компетенции учащихся начальных классов // Вестник института развития образования. – Душанбе, 2019. - №2 (26). – С. 53-59 (на тадж. языке).*
7. *Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки: Монография (переработанное и дополненное). – Душанбе: АОТ; ТГПУ им. С.Айни, 2011. – 278 с.*
8. *Нугмонов М. Урок математики в школе. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 103 с.*
9. *Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. 2-е изд., испр. и доп. - М.: Азъ, 1995. - 907 с.*
10. *Педагогический энциклопедический словарь / гл. ред. Б. М. Бим-Бад; Редкол.: М. М. Безруких, В. А. Болотов, Л. С. Глебова и др. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 528 с.*
11. *Повышение эффективности обучения математике в школе: Кн. для учителя / Сост. Г.Д.Глейзер. - М.: Просвещение, 1989. – 240 с.*
12. *Преемственность в обучении математике : сб.статей / Составитель А.М.Пышкало. - М.: Просвещение, 1978. – 237 с.*
13. *Пути повышения эффективности обучения / Под. ред. Н. С. Сунцова. - М.: Просвещение, 1973. - 175 с.*


## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАЪЛИМИ ОМЕХТА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ


Дар мақола аз ҷониби муаллиф ҷузъҳои асосии таълими омехта дар рушди раванди иттилоотикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми ташкили таълими омехта дар дарсҳои математика бо назардошти мушкилоти таълим ва тарбияи муҳассилин ҷудо карда шуда, инчунин масъалаҳои такмил додани сифати азхудкунии маводи таълимӣ баррасӣ шудаанд. Асосҳои ташкили раванди самарабахши кори системаи ҳисоббарорӣ бо таъминоти дастгоҳӣ ва барномавии мувофиқ барои татбиқи амалии он пешниҳод карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки талабот ба омӯзгор дар асоси таҷриба дар ҷараёни рушди пайвастаи системаи баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи донишҷӯён дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди таълим ташаккул меёбад. Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкили таълими омехта дар таълими математика технологияҳои иттилоотии таълими омехтаро истифода бурдан мумкин аст.



**Калидвожаҳо**: технологияҳои таълими омехта, фазои ягонаи таълимии иттилоотӣ, омӯзиши омехта, мутобиқсозии технологияҳои иттилоотии таълимӣ, рушди муттасили система, нармафзор, дониш, малака, усул ва шакл, манбаъҳои ғайрианъанавӣ, мониторинги муассир.


## ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В СМЕШАННОМ ОБУЧЕНИИ В СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ


В статье автором выделены основные компоненты смешанного обучения в развитии процесса информатизации средних профессиональных учебных заведений при организации смешанного обучения на уроках математики с учетом проблемы обучения и воспитания учащихся, а также рассмотрены вопросы совершенствования качество усвоения учебных материалов. Представлены основы организации более эффективного процесса работы вычислительной системы с

соответствующим аппаратным и программным обеспечением для ее практической реализации. Показано, что требования к педагогу формируются на основе опыта в процессе непрерывного развития системы повышения качества образования и обучения студентов на основе использования современных информационных технологий в образовательном процессе. Для создания благоприятных условий для организации смешанного обучения в математическом образовании можно использовать информационные технологии смешанного обучения.

**Ключевые слова**: технологии смешанного обучения, единое образовательное информационное пространство, смешанное обучение, адаптация образовательных информационных технологий, непрерывное развитие системы, программное обеспечение, знания, умения, навыки, методы и формы, нетрадиционные источники, эффективный мониторинг.

## INFORMATION TECHNOLOGIES IN BlENDED LEARNING IN SECONDARY VOCATIONAL INSTITUTIONS

In the article, the author identified the main components of blended learning on the development of the process of informatization of secondary vocational educational institutions in organizing blended learning of mathematics lessons, taking into account the problem of teaching and training students, and also considered improving the quality of mastering curriculum materials. The basics of more effective organization of the process of a computer system with appropriate equipment and software, the process of its practical implementation are presented. The teacher's requirements are shown, in the process of continuous development of the system, improving the quality of education and training of students based on the use of modern information technologies in the educational process, it is necessary to rely on experience. To create favorable conditions for organizing blended learning in mathematics education, we can use information technologies for blended learning.

**Keywords:** blended learning technologies, unified information educational space, blended learning, adaptation of educational information technologies, continuous development of the system, software, knowledge, skills, methods and forms, non-traditional sources, effective monitoring.

***Дар бораи муаллиф***
*Набиев Некрӯз Маҳмадиевич*
*Мудири шуъбаи ғоибона*
*Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
*734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С.Айнӣ, 73*

***About the author***
*Nabiev Nekruz Mahmadievich*
*Head of the correspondence department*
*Pedagogical college named after Khosiyat Makhsumova of TSPU named after S. Ainy*
*734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni str. 73*

***Об авторе***
*Набиев Некруз Махмадиевич*
*Заведующий заочным отделением*
*Педагогический колледж имени Хосият Махсумовой ТГПУ имени С. Айни*
*734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 73*

ТДУ 159.9. 018 (575.3)

# БАСТАНДАРТДАРОРИИ ВОСИТАҲОИ (МЕТОДҲОИ) ТАШХИСИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ОН

*Латифзода С. З., Солиҳов Н. С.*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Сарсухан.** Имрӯзҳо мардуми тоҷик бо бунёди ҷомеаи навине машғул аст, ки он бо хусусияти демократӣ, ҳуқуқасос, дунёвӣ ва ягона буданаш тавсиф дода мешавад. Чунин ҷомеаро афроде бунёд карда метавонад, ки дорои тафаккури созанда, эҷодӣ ва фаъол бошад, зеро замони нав тафаккури навро меҳоҳад. Барои расидан ба ин ҳадафи наҷиб бояд рушди тафаккур дар оила, муассисаҳои томактабӣ, мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Дар шаҳру ноҳияҳо мактабҳои типи нав (гимназия ва литсей) кушода шуда истодаанд ва дар ин муассисаҳои навташкил роҳу усулҳои нави таълиму тарбия ба роҳ монда мешаванд. Дар баробари ин, дар муассисаҳои номбаршуда кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки ҷараёни таълим ва тарбияи бачаҳои болаёқатро ташкил намоянд. Барои ташкили таълим ва тарбияи бачаҳои болаёқат зарур аст, ки пеш аз ҳама худи ин бачаҳои болаёқатро ошкор кард ва динамикаи инкишофи қобилияти ақлии онҳоро дуруст ба роҳ монд, яъне сармояи инсонӣ ба маҷрои дуруст равона карда шавад. Чунончи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бобат таъкиди саривақтии илмӣ намуданд: «Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад» [14].

Дар ин аснод умуман, дар рафти таълим ва тарбияи насли наврас зарурати истифодабарии методҳои ташхискунандаи зинаҳои инкишофи тафаккур – тестҳои психологӣ пеш меояд, ки тавассути онҳо метавон ин масъаларо ҳал намуд.

**Қисми асосӣ.** Дар илми психология тест гуфта методи бастандартдаровардашудаи ташхисиеро меноманд, ки ба воситаи он оиди дараҷаи инкишофи хусусиятҳои ташхисшаванда нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба даст оварда мешаванд.

Мавқеи хосса дар масъалаи коркард ва ба стандартдарории тестҳои психологӣ ба қалами муҳаққиқони хориҷӣ Ҷ. Кеттел, А. Бине, Т. Симон, Г. Айзенк, В.А. Крутетский, Ле Кхи Тхан Тхо, В.С.Гончаров, Ф.Т.Носатов, А. Анастази, Е. Гизелли, Д.Ж. Гилфорд, Л. Кромбах, Р. Торндайк, Е. Хаген, Д. Тифи, Е. Макормик, А.З. Зак ва дигарон рост меоянд [11, с. 12].

Олимони илми психология барои ташхиси қобилиятҳои ақлӣ одатан маҳорати фикронӣ, яъне тафаккури одамонро мавриди ташхис қарор медоданд. Масалан, олими машҳури амрикоӣ Равен тести худро барои ташхиси қобилияти ақлӣ тартиб дода, супоришҳоеро пешниҳод намуд, ки амалҳои фикрии таҳлил, таркиб, муқоиса, абстраксия, ҷамъбастнамоӣ ва таснифотро дар бар мегиранд. Психологи машҳури рус В.А. Крутетский низ масъалаи қобилиятҳои ақлиро омӯхта истода, аз супоришҳое истифода мекард, ки зуҳуроти амалҳои фикриро (алалхусус ҷамъбастнамоиро) ташхис мекард [12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ истиқлолияти илмӣ низ мушоҳида гардида, аллакай илми психология рӯ ба инкишоф овард. Олимони тоҷики соҳаи психология масъалаи ташхиси психологиро ва моҳияти онро дар кишвари соҳибистиқлоламон ба зудӣ дарк намуда, аз пайи коркард ва ба стандартдарории методикаҳои илмӣ гардиданд. Масалан, олимони тоҷик Атохонов Р., Амонов Н. Қ. ва Латифзода С.З. бо дарки масъулияти илмии баланд бо назардошти урфу одатҳо ва анъанаҳои

миллии тоҷикӣ тестҳо барои ташхиси тафаккур ва муайян намудани типи шахсият рӯйи майдони илми тоҷик оварданд.

Коркард ва ё бо ибораи дигар, бастандартдарории ин гуна методикаҳо далолат аз истиқлолияти илмии Тоҷикистон намуда, боиси пешрафти илми психология хоҳад гардид.

Дар хориҷи кишвар мавқеи хоссаро дар ташаккули тестгузаронӣ психологи амрикоӣ Ҷеймс Кеттел ишғол менамояд. Дар солҳои 90-уми асри XIX ӯ лабораторияи психологияи озмоиширо таъсис дод ва бо коркарди тестҳои муайянкунандаи дараҷаи зеҳнии донишҷӯён ҳусни оғоз бахшид. Соли 1905 аввалин тест барои ченкунии ақл - шкалаи Бине-Симон рӯйи майдони илм омад ва соли 1916 шкалаи такмилдодашудаи он коркард гардид, ки дар он бори нахуст коэффисенти ақл-IQ, яъне таносуби синни ақлии инсон ба синни хронологӣ дарҷ гардид.

Тибқи фармоиши вазорати маорифи Фаронса психологи фаронсавӣ А. Бине тести психологиро барои ошкорсозии бачаҳои ақлан нокомил ва қобилияти таҳсилро надошта дар мактабҳои таҳсилоти миёна кор карда баромад. Соли 1907 тести мазкур аз ҷониби ҳамватани А. Бине Т. Симон мукаммал гардонида мешавад ва ба худ номи шкалаи инкишофи ақлии Бине-Симонро мегирад. Шкалаи Бине-Симон дар нашрҳои баъдии худ (солхои 1908 ва 1911) ба забонҳои англисӣ ва олмонӣ тарҷума мегардад [10, с. 76].

Соли 1912 аз тарафи психологи олмони В. Штерн мафҳуми коэффитсиенти ақл бо нишон додани муносибати синни ақлӣ бо синни хронологӣ тариқи фоизнокӣ нишон дода шуд.

Дар як қатор тадқиқотҳое, ки кӯшиши омӯхтани хусусиятҳои ташаккули ин ё он типи тафаккур карда мешуд, методикаҳои муайян намудани мавҷудияти ду типи тафаккур: эмпирикӣ ва назариявӣ вомехӯранд. Баъдтар барои аниқтар омӯхтани дараҷаҳои инкишофи тафаккур методикаҳое сохта мешуданд, ки ташаккули амалҳои фикрии тафаккури назариявиро (таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия) зоҳир намоянд. Зеро дар ҳолати баръакс, агар амалҳои фикрии тафаккури назариявӣ ташаккул наёфта бошанд, пас шахс дорои тафаккури эмпирикӣ мебошад.

Таҳлили назариявӣ амали фикрие мебошад, ки бо баён намудани хусусиятҳои муҳими предмету ҳодисаҳо равона буда, моҳияти онро ошкор менамояд. Амали фикрии банақшадарорӣ дар муайян намудани чунин системаи амалҳо ифода меёбад, ки он дар шароити додашуда беҳтарин мебошад. Амали фикрии рефлексия дар он ифода меёбад, ки одам чӣ тавр ба дурустии амалҳои фикрии худ боварӣ ҳосил мекунад.

Барои тадқиқи амали таҳлили назариявӣ методикаҳоеро истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо аз рӯйи ду навъ мулоҳиза сохта шудаанд. Дар асоси мулоҳизаи якум танҳо як масъала пешниҳод мешавад, ки он якчанд роҳи ҳал дошта, ёфта тавонистани роҳи ҳалли оптималӣ дар бораи мавҷудияти таҳлили назариявӣ шаҳодат медиҳад. Дар асоси мулоҳизаи дуюм, системаи масъалаҳое пайдо мешаванд, ки онҳо аз рӯйи як қоида сохта шудаанд ва ёфта тавонистани он нишонаи мавҷудияти амали фикрии таҳлили назариявӣ мебошад.

Ҳамин тавр, аз сабаби он ки хусусиятҳои инкишофи тафаккури назариявӣ дар асоси инкишофи амалҳои фикрии таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия муайян карда мешавад, ҳангоми тартиб додани методикаҳои ташхиси амалҳои фикрии тафаккури назариявӣ бояд чунин талаботҳо риоя карда шаванд:

1. Ҳар як методика бояд барои муайян кардани амалҳои фикрии таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия ба вазифаҳои тадқиқотӣ равона шуда бошад.

2. Методикаҳои ташхисӣ бояд ба озмудашавандаҳои синну соли мувофиқ пешниҳод карда шаванд.

3. Методикаҳои истифодашаванда бояд аз озмудашавандагон мавҷудияти ин ё он зинаи инкишофи тафаккурро нишон диҳанд.

4. Методикаҳои нав тартибдодашуда бояд бо методикаҳои мақбул муқоиса карда, ба мақсаду вазифаҳои тадқиқот мутобиқ карда шавад.

Тести “Шакли варақавии методикаи mmpi-и Сомон Латифзода». Тести мазкур бори аввал соли 2015 ҳамчун тести озмоишӣ дар раванди машварати психологӣ аз ҷониби эксперт-психологи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Латифзода Сомон Зариф истифода бурда

шуда, дар заминаи методикаи “MMPI” ва тести “Аксентуатсияи Эйделмигер” коркард гардидааст.

Тавре маълум аст, дар ташхиси психологӣ одатан ду вазъиятро ҷудо мекунанд-вазъияти “эксперт” ва вазъияти “мизоҷ” ва вобаста аз вазъиятҳои мазкур тест ва методикаҳои психологиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Психолог дар вазъияти якум бояд дар амалия тест ва методикаҳоеро мавриди истифода қарор диҳад, ки дар онҳо шкалаи назоратӣ (дурӯғ) мавҷуд бошанд (масалан, ҳама вариантҳои тести MMPI).

Ҳамин тариқ, вазъияти экспертӣ вазъияте шуморида мешавад, ки дар он озмудашаванда ва ё шахсе, ки бо ӯ ташхиси психологӣ гузаронида мешавад, кӯшиши пинҳон намудани баъзе хислатҳои манфии характери худ ва аз ҷиҳати мусбат худро зоҳир намуда, маромҳои ботинии худро пинҳон мекунанд. Ба вазъияти экспертӣ мисол шуда метавонад ташхиси судӣ-психологӣ ва ташхиси мувофиқати касбӣ-психологӣ ҳангоми қабули довталабон (номзадҳо) ба кор дар сохторҳои қудратӣ.

Дар вазъияти дуюм, озмудашаванда бо хоҳиши худ ба психолог муроҷиат мекунад, яъне ӯ ба ҳамкорӣ омода буда, тамоми мушкилоти худро ба психолог ифроз медорад. Мақсади ташрифи ӯ (мизоҷ) ба назди психолог бартараф ва ҳал кардани мушкилоти худ мебошад. Психолог дар ин марвид барои муайян намудани типи шахсият ва ё хусусиятҳои характеру типи мизоҷ аз методикаҳое истифода мекунад, ки шкалаи назоратӣ надоранд. Психолог барои муайян кардани типи шахсият ва ё дигар ҷанбаҳои шахсияти мизоҷ бояд аз тестҳои на он қадар мураккаб истифода кунад, то ин ки ба мизоҷ мушкилиро эҷод накунад. Тести “Шакли варақавии методикаи MMPI-и Сомон Латифзода» дар вазъияти мазкур натиҷаҳои баланди касбиро дода метавонад.

***Эътимоднокӣ ва валиднокии тести мазкур.*** Дараҷаи эътимоднокӣ ва валиднокии тести коркарднамудаи С. Латифзода дар муқоисаи натиҷаҳои тести “MMPI” мавриди санҷиш қарор дода шуд. Таҳқиқи эътимоднокии тести мазкур бо 200 нафар озмудашавандагон чунин сурат гирифт: дар аввал бо озмудашавандагон тести “MMPI” гузаронида шуда, пас аз вақти муайян, бори дуюм тести “Шакли варақавии методикаи MMPI-и Сомон Латифзода» гузаронида ва санҷида шуд. Натиҷаҳои аз тестҳо ҳосилгардида мавриди таҳлили тафриқавӣ қарор дода шуда, дар интиҳо, дараҷаи мувофиқии натиҷаи тестҳо якхела бaромаданд, ки шаҳодаткунандаи дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва валиднокии тестро нишон медиҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқот, озмудашавандагон намедонистанд, ки ин тестҳо маҳз ба як ҷанбаи психологии шахс равона гардидаанд. Масалан, натиҷаҳои тести “MMPI”-и озмудашаванда А.Ю. нишонаҳои ригиднокии характерро нишон дода, аз рӯйи натиҷаҳои тести “Шакли варақавии методикаи MMPI-и Сомон Латифзода» бошад, варақаеро интихоб намуд, ки ба нишонаҳои ригиднокии характер мансуб аст.

***Тарзи истифодабарии тест.*** Дар назди озмудашаванда 8-то варақа гузошта мешавад, ки дар ҳар як варақа хусусиятҳои характер ва нишонаҳои шахс дарҷ ёфтаанд. Озмудашаванда бо ин варақаҳо шинос шуда, варақаеро, ки ба ӯ наздикӣ дорад ва ё нисбати худ ҳамон нишонаи характерро мансуб медонад, интихоб мекунад. Барои гузаронидани тести мазкур вақт дода намешавад ва озмудашаванда метавонад то 2 варақаро интихоб кунад. Мақсад аз интихоби то 2 варақа дар он аст, ки мувофиқати шкалаҳои методикаи “MMPI”-ро низ дар тести мазкур тавонем коркард намоем. Масалан, дар профили озмудашаванда Б.Ж. аз рӯйи натиҷаҳои тести “MMPI” ду шкала дар як зина қарор доштанд, яъне мувофиқати шкалаи дуюм ва чорум мушоҳида мешуд, ки мувофиқи дастурамали методикаи “MMPI” мувофиқати шкалаи 2-юм бо 4-ум “нишонаҳои гипостеникии характер”-ро инъикос менамояд. Пас аз гузаронидани тести “Шакли варақавии методикаи MMPI-и Сомон Латифзода” озмудашаванда Б.Ж. ду варақаро интихоб кард, ки бо натиҷаҳои тести аввалина мувофиқ омаданд.

***Нишондод:*** “Дар назди Шумо 8 варақа гузошта шудааст. Ҳар як варақаро хонда, бояд он варақаеро, ки ба андешаатон ба характер ва шахсияти Шумо мувофиқ аст, интихоб намоед. Шумо метавонед то 2 варақаро интихоб кунед”.

***Методикаи «Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳов.*** Методикаи мазкур барои зинаи аналитикии инкишофи тафаккури назариявӣ соли 2017 коркард гардидааст. Методикаи

«Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳов барои ташхиси зинаи аналитикии тафаккури назариявӣ дар маводи математикӣ, барои синну соли аз 14 сола боло пешниҳод мегардад ва он аз 4 сатр ва 4 сутун иборат буда, дар ҳар 1 сатр ва сутун 4 катаки холӣ мавҷуд аст. Ин методика имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ҷустуҷӯи тарзи ҳал вобаста ба ташаккули зиннаи аналитикии тафаккури назариявӣ муайян карда шавад. Методикаи «Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳов аз системаи мисолҳои математикӣ иборат мебошад. Методика ҳам ба таври гурӯҳӣ ва ҳам ба таври инфиродӣ гузаронида мешавад. Барои ҳалли методикаи мазкур 15 дақиқа вақт пешбинӣ гардидааст.

Дар ин росто, агар озмудашаванда супоришро бо роҳи кӯшишу хато бо истифода аз рақамҳои тасодуфӣ ҳал намояд ва қоидаи умумии сохти онро муайян карда натавонаду вақти бисёр сарф кунад ё аз уҳдаи иҷрои супориш набарояд, он гоҳ ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ба хусусиятҳои беруна ва номуҳими супориш аҳаммият додааст, ки ин хоси зинаи эмпирикии тафаккур мебошад ва мутаассифона, зинаи аналитикии тафаккури назариявӣ дар ӯ ташаккул наёфтааст.

Барои санҷидани дараҷаи эътимоднокию валиднокии методикаи мазкур аз методикаҳои дар поёновардашуда истифода намудем, ки ҳар яки онҳоро мухтасаран шарҳ хоҳем дод.

***Методикаи «Дараҷаҳои 2».*** Бо мақсади ташхиси ташаккули зинаи аналитикии тафаккури назариявӣ дар маводи математикӣ дар хонандагони синну соли аз 14 сола боло методикаи мазкур истифода бурда мешавад. Ин методика имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ҷустҷӯйи тарзи ҳал вобаста ба ташаккули зинаҳои инкишофи тафаккури назариявӣ муайян карда шавад [1, с.12].

***Методикаи «АРП».*** Методикаи мазкур аз ҷониби олими тоҷик Р. Атахонов дар асоси методикаи А.З. Зак коркард шудааст. Методикаи мазкур ба 4 гурӯҳ ҷудо мегардад: 3-тои аввалашро дуруст ҳал намоянд дорои тафаккури назариявӣ мебошанд. Шахсоне, ки то 8 масъаларо дуруст ҳал намояд, дорои тафаккури таҳлилӣ, ҳалли масъалаҳои 9-11 бошад, ба зинаи банақшадарорӣ ва танҳо шахсоне, ки масъалаи 12-ум ро дуруст ҳал мекунанд дар бобати тафаккури рефлексивӣ шаҳодат медиҳад [15, с.34].

***Тавсифи озмудашавандаҳо.*** Барои санҷидани валиднокӣ ва эътимоднокии методикаи коркардшуда, озмудашавандаҳоро аз 3 мактаб (1 мактаби миёна ва ду литсей) интихоб гардида, дар маҷмуъ дар таҳқиқот 115 нафар иштирок карданд.

Бо мақсади исбот намудани методикаи коркардшуда зарур аст, ки бо истифода аз усулҳои оморӣ математикӣ дараҷаи валиднокӣ ва эътимоднокии он санҷида шавад. Мувофиқи талаботҳо ба методикаҳои ташхисии психологӣ танҳо дар сурати исбот намудани дараҷаи баланди валиднокӣ ва эътимоднокии тест метавонем онҳоро дар амалия истифода барем.

Барои нишон додани дараҷаи валиднокии методикаи коркарднамуда натиҷаҳои онро бо методикаҳои психологони тоҷик Н.Қ. Амонов «Дараҷаҳои 2» ва методикаи «АРП»- Р. Атахонов мавриди тафриқаи илмӣ қарор додем. Натиҷаи методикаи «Дараҷаҳои 2» бо методикаи «Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳов ва «АРП» бо «Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳов бо истифода аз формулаи Пирсон ҳисоб карда шуд.

Натиҷаҳои иҷрои методикаҳои «Дараҷаҳои 2» ва «Катакчаҳои холӣ»-и Наҳтулло Солиҳовро дар матритсаи психометрикӣ мегузорем, ки дар он сутунҳо мувофиқ ба тартиби ному насаби озмудашавандаҳо ҷудо карда шудаанду сатрҳо мавҷудият ва ё набудани зинаи аналитикии инкишофи тафаккурро инъикос менамоянд. Сатре, ки натиҷаи истифодаи методикаи «Дараҷаҳои 2» -ро нишон медиҳад, бо X ва сатре, ки натиҷаи истифодаи методикаи «Катакчаҳои холӣ» - ро нишон медиҳад, бо Y ишора карда мешавад. Дар ҳар як сатр аломатҳои ифодакунандаи мавҷудият ва ё набудани зинаи аналитикии тафаккур гузошта мешаванд. Масалан, бо «0» - мавҷуд набудани зинаи аналитикии тафаккур ва бо «1» - мавҷудияти зинаи аналитикии тафаккур қайд карда мешавад. Натиҷаи бадастовардашуда бо истифода аз коэффитсиенти коррелятсионии Пирсон ҳисоб карда шуд, ки дар маҷмуъ эътимоднокӣ ва валиднокии он 0,86 нишон дод. Дар амалияи ташхиси психологӣ нишондиҳандаи 0,86 нишондаҳандаи баланд маҳсуб меравад.

**Хулоса.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ истиқлолияти илмӣ низ мушоҳида гардида, аллакай илми психология рӯ ба инкишоф овард. Олимони тоҷики соҳаи психология масъалаи ташхиси психологиро ва моҳияти онро дар кишвари соҳибистиқлоламон ба зудӣ дарк намуда, аз пайи коркард ва ба стандартдарории методикаҳои илмӣ гардиданд.

Дар ин аснод методҳои коркарднамудаи муаллифон Латифзода С.З. (Тести "Шакли варақавии методикаи mmpi-и Сомон Латифзода») ва Солиҳов Наҳтулло (Тести «Катакчаҳои холӣ») бо дарки масъулияти илмии баланд бо назардошти урфу одатҳо ва анъанаҳои миллии тоҷикӣ рӯйи майдони илми тоҷик овард анд ва тамоми мутахассисони соҳаи психологияи амалӣ метавонанд онро истифода кунанд.

### *Адабиёт*


1. *Амонов Н.Қ. Тафаккур: ташхис ва инкишофи он. - Душанбе, 2016. - 168 с.*
2. *Амонов Н.Қ. Психологические особенности развития математического мышления у учащихся 5-9 классов: дисс. ... канд. психол. наук. – М., 1993. - 176 с.*
3. *Анастази А. Психологическое тестирование. В 2-х т. - М., 1982. - 346 с.*
4. *Атаханов Р.А. Методика дифференцирования типа мышления. – 15 с. – Деп. в Таджик НИИНТИ от 24.04.90, №26 (710). Та-90.*
5. *Бурлачук Л.Ф. Валидность теста [Электронный ресурс]:* https://psyera.ru/validnost-testa_15164.htm *(дата обращения: 09.11.2023)*
6. *Выготский Л.С. Мышление и речь// Собрание сочинений: в 6-ти т.Т.2 / Под ред. В.В. Давыдова. – М.: Педагогика, 1982. – 504с.*
7. *Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения. – М.: Педагогика, 1986.-265 с.*
8. *Добреньков В.И. Методология тестирования [Электронный ресурс]:* https://psyera.ru/5270/metodologiya-testirovaniya *(дата обращения: 10.10.2023)*
9. *Латифзода С.З., Баротова Г. Асосҳои ташхиси психологӣ /С.З. Латифзода, Г. Баротова. - Душанбе-2023. – 185 с.*
10. *Ле Тхи Кхань Тхо. Динамика умственного развития младших школьников в различных условиях обучения: автореф. дис. ... канд. психол. наук. – М., 1985. – 16 с.*
11. *Лейтес Н.С. Способности и одаренность в детские годы. - М., 1984.*
12. *Мельников В.М. Введение в экспериментальную психологию личности /В.М. Мельников, Л.Т. Ямпольский [Текст]. - М.: "Просвещение", 1985. – 319 с.*
13. *Надежность и валидность психодиагностических [Электронный ресурс]:* www.psyworld.ru/for-students/cards/general-psychology/256-2008-09-04-12-46-24.html *(дата обращения: 10.10.2023)*
14. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023 [Электронный ресурс]:* http://prezident.tj/node/32191 *(дата обращения: 01.01.2024)*
15. *Пиаже Ж. Избранные психологические произведения. – М: Просвещение, 1969. – 659 с.*


## БАСТАНДАРТДАРОРИИ ВОСИТАҲОИ (МЕТОДҲОИ) ТАШХИСИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ОН


Имрӯзҳо мардуми тоҷик бо бунёди ҷомеаи навине машғул аст, ки он бо хусусияти демократӣ, ҳуқуқасос, дунёвӣ ва ягона буданаш тавсиф дода мешавад. Чунин ҷомеаро афроде бунёд карда метавонад, ки дорои тафаккури созанда, эҷодӣ ва фаъол бошад, зеро замони нав тафаккури навро мехоҳад. Мақсади мақола дар муайян намудани усулҳои оптималии коркарди математикӣ дар психометрика дар раванди ҳисоб кардани эътимоднокӣ ва валиднокии метод ва тестҳои навкоркардашуда ба шумор меравад. Дар ин аснод дар мақолаи мазкур дар баробари метод ва тетҳои нав коркардашуда инчунин усулҳои махсуси бастандартдарории метод ва тестҳои нави психологӣ рӯйи кор омадаанд. Ҳамзамон, мақсади дигари мақола дар муайян ва интихоб намудани усулҳои махсуси психометрикӣ ҷиҳати коркарди методҳо ва тестҳои нави психологӣ дар шароити кунунӣ бо назардошти урфу одатҳо ва фарҳанги миллӣ-тоҷикиамон мебошад.



**Калидвожаҳо:** тест ва методикаҳои психологӣ, эътимоднокӣ, валиднокӣ, мутобиқкунии тестҳои психологӣ, бастандартдарории тестҳо, тафаккур, дараҷаи инкишофи ақлӣ, типи шахсият, стандартизатсия, коркарди тестҳои психологӣ.

## СТАНДАРТИЗАЦИЯ ПСИХОДИАГНОСТИЧЕСКИХ МЕТОДИК В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Сегодня таджикский народ занимается созданием нового общества, которое характеризуется своими демократическими, светскими и едиными. Новую эпоху могут построить люди, обладающие конструктивным, творческим и активным умом, новая время требует нового образа мышления. Цель статьи – определить оптимальные способи математические обработки в психометрике в процессе расчета надежность и валидность новых психологических методик и тестов. В данной статье, наряду с новым разработанными методом и тестов, приведены также специальные способи стандартизация новые психологические методы и тесты. При этом, другой целью статьи является определение и выбор специальных психометрических способов разработки новых психологических методов и тестов в современных условиях с учетом национальных традиций и культуры.

**Ключевые слова:** психологический тест и методика, этимология, валидность, психологическая адаптация, стандартизация теста, мышление, уровен психического развития, тип личности, стандартизация, обработка теста.

## STANDARDIZATION OF PSYCHODIAGNOSTIC APPARATUS IN TAJIKISTAN: PROBLEMS AND PROSPECTS

Today the Tajik people are engaged in the creation of a new society, which is characterized by its democratic, secular and united. A new era can be built by people with a constructive, creative and active mind; a new era requires a new way of thinking. Purpose of the article. The purpose of the article is to determine the optimal methods of mathematical processing in psychometrics in the process of calculating the reliability and validity of new psychological methods and tests. This article, along with the new developed method and tests, also provides special ways to standardize new psychological methods and tests. At the same time, another goal of the article is to identify and select special psychometric methods for developing new psychological methods and tests in modern conditions, taking into account national traditions and culture.

**Keywords:** psychological test and methodology, etymology, validity, psychological adaptation, test standardization, thinking, level of mental development, personality type, standardization, test processing.

***Дар бораи муаллифон***

*Латифзода Сомон Зариф*
*Номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психология*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17*
*E-mail: latifzoda_01@mail.ru*

*Солиҳов Наҳтулло Собирович*
*Докторант (PhD)-и кафедраи психология*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17,*
*E-mail: solihovnahtullo@gmail.com*

***Об авторах***

*Латифзода Сомон Зариф*
*Кандидат психологических наук, доцент кафедры психологии*
*Таджикский национальный университет*
*734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17*
*E-mail: latifzoda_01@mail.ru*

*Солиҳов Нахтулло Собирович*
*Докторант PhD кафедры психологии*
*Таджикский национальный университет*
*734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17*
*E-mail: solihovnahtullo@gmail.com*

***About the authors***

*Latifzoda Somon Zarif*
*Candidate of Psychological Sciences, Docent of the department of psychology*
*Tajik National University*
*734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17*
*E-mail: latifzoda_01@mail.ru*

*Solikhov Nakhtullo Sobirovich*
*PhD at the Department of Psychology*
*Tajik National University*
*734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17*
*E-mail: solihovnahtullo@gmail.com*

ТДУ 37.018.1:159.922.7

# САМТҲОИ АСОСИИ РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ИҶТИМОИШАВИИ КӮДАКОН ДАР ОИЛА

***Асозода Б. Ҷ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Оила ҳамчун ниҳоди ичтимоӣ барои рушд, ташаккули инсони муосир ва тарбияи гуногунҷабҳаи инкишофи ҷисмонӣ, ки баҳри азхудкунии таҷрибаи ичтимоӣ хидмат мекунад, нақши бузург дорад. Якҷоя бо аҳли хонавода ва кулли ҷомеа фард беҳамтоии худро ҳамчун шахс аз лиҳози неру ва сифатҳои ҷисмонӣ барои азхуд кардани намунаи қоидаҳои рафтор, кирдор, меъёрҳо ва арзишҳои ичтимоӣ омода месозад.

Дар оила тарбияи ҷисмонӣ тамоми равандҳои муоширатро бо фарҳангу маданият, таълиму тарбия ва ҳаётгузаронии инсон фаро мегирад. Ҳамчунин бояд эътироф намуд, ки тарбияи ҷисмонӣ ба иҷтимоишавии кӯдакон таъсири муҳим мерасонад. Малакаҳои тарбиявии оила ва вазифаи он дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимошавии кӯдакон инҳоро дар бар мегиранд:

- дастгирӣ кардан ва баланд бардоштани сатҳи маданияти умумӣ, аз ҷумла, тарбияи ҷисмонии ҷомеа ва оила;
- қонеъ гардонидани талаботи равонӣ ва ҷисмонии кӯдакон ба ҳаракаткунӣ ва донишандӯзӣ оид ба олами атроф;
- инкишоф ва такмили фаъолияти моторӣ (ҳаракаткунӣ);
- кафолати муносибати бошуурона ба имконияти таъсиррасонии ичтимоӣ ба ҳар як кӯдак;
- фаҳмиши оқилона, эҳсосот, комёбӣ, андешаи шахсӣ ва эътиқод ба имкониятҳои ичтимошавии кӯдакон дар раванди тарбияи ҷисмонӣ;
- амалҳои намунавии худи волидон дар риояи меъёр ва қоидаҳои рафтор дар ҷомеа ва оила;
- таҳкими тарзи ҳаёти солим.

Тарбияи ҷисмонии фарзандон дар оила хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аввалан, ин раванди мақсаднок аст, ки самаранокии он аз ҳамкории иштирокчиён дар раванди таълиму тарбияи кӯдак, волидон ва бобою бибиҳо вобаста аст, ки ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахсият мебошад. Дувум, раванди ташаккули шахсият идорашаванда, вале дар баробари ин хеле мураккаб аст. Бинобар ин иштироккунандагони ҷараёни мазкур аз руи нақшаи қаблан муайян карда шуда ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бошуурона амал мекунанд.

Тарбияи ҷисмонӣ дар оила-ин амали махсус ташкил карда шуда, идорашаванда ва назоратшаванда аз тарафи падару модар ва кӯдакони тарбиятгиранда аст, ки мақсади асосии он ташаккули шахсият бо назардошти синну сол ва вазифаҳои он мебошад.

Муайян намудани вазифаҳои мушаххас ва мундариҷаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҳар як давраҳои синнусолӣ бо назардошти хусусиятҳои анатомӣ-физиологии ҷисми кӯдакон ва шароитҳои педагогӣ- психологии оила муайян карда мешавад.

Дар давраи пеш аз таваллуд (давраи инкишофи дохилибатнӣ) инкишофи кӯдак аз ҷиҳати психофизиологӣ фарзанд- ҳамчун намояндаи насли инсон ва кӯдаки ботадриҷ инкишофёбанда ташаккул меёбад. Шароитҳои қаблан мавҷудбудаи (модарзодӣ) инкишофи психикӣ, малакаҳои ҳаракаткунӣ ва инкишофи ҷисмонӣ вазифаҳои раванди тарбияро дар соли аввали ҳаёти кӯдак муайян мекунанд.

Дар соли дуввум ва саввуми ҳаёти кӯдак мустақилиятнокӣ ва ҳаракатҳои фаъолона зиёд шуда, як қатор ҳаракатҳои мустақилона азхуд карда мешаванд. Волидон ба муносибатҳои фардӣ, рушд ва боздории фаъолиятҳои кӯдак диққати махсус медиҳанд.

Давраи томактабӣ (аз 3 то 6-7-сола) бо тағйиротҳои бузурги синнусолӣ хусусиятнок карда мешавад. То синни ҳафтсолагӣ дар силсилаҳои ҷисми кӯдак тағйиротҳои ҷиддии морфологӣ- функсионалӣ ба вуҷуд меояд. Гарчанде баъзе қисматҳои сутунмӯҳра дар ин давра нарму мулоим аст, вале тарзи муоширaт мусбатан тағйир меёбад, қисмҳои гуногуни мағзи сар инкишоф ёфта, минбаъд пурқувватшавии узвҳои бадан ва ғайраҳо ба амал меояд.

Ҳама вазифаҳои тарбия, инкишофи ҷисмонӣ ва таъминоти иҷтимоӣ дар раванди тарбия бояд дар муҳлати муайян бомуваффақият иҷро карда шаванд. Истифодаи маҷмуи воситаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва инкишоф ба ташаккули силсилаи такягоҳу ҳаракаткунӣ (скелет, буғумҳо, мушакҳо) ва асаб, ҳамчунин барои сари вақт пурқувват шудани хусусиятҳои морфофизиологии силсилаҳои дилу рагҳои хунгард ва нафаскашӣ мусоидат мекунад.

Ҳуҷҷати асосие, ки вазифаҳо ва мундариҷаи тарбияи ҷисмониро дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (боғча) муайян мекунад, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Стандарти давлатӣ оварда мешавад: «Оила ҳамчун як ниҳоди иҷтимоии ҷомеа кӯдаконро таълиму тарбия намуда, ба мактаб омода месозад. Волидон барои солимӣ ва шахсияти кӯдак замина мегузоранд ва талаботҳои ба миёновардаи фарзандони худро бомуваффақият қонеъ мекунанд» [10, с. 39].

Мувофиқи талаботи Стандарти давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ иҷро кардани вазифаҳои зерин ба нақша гирифта мешавад: муҳайё кардани шароитҳои санитарӣ-гигиенӣ, реҷаи ҳаррӯза, ғизогирии оқилона, обутобдиҳии бадан, сайругашт дар ҳавои тоза ва ғайра. Бинобар ин тамоми чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонии кӯдакон бояд баҳри таҳким бахшидани саломатӣ ва некӯаҳволӣ, пешгирии бемориҳо, кӯдакии хушбахтона ва ишғол кардани мавқеи онҳо дар ҷомеаи имрӯза нигаронида шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар замони муосир муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ инкишофи ҷисмонии кӯдаконро мунтазам ба қайд мегиранд. Таъсири тарбияи ҷисмонӣ, машғулиятҳои фароғатии тобистона ва дигар воситаҳо ба инкишофи ҷисмонии кӯдакони ҳар як марҳилаҳои синнусолӣ аз рӯи ҷинс (писарону духтарон), қад, вазни бадан, атрофи қафаси сина, ченакҳои антропометрӣ, ки барои муайян кардани динамикаи инкишофи ҷисмонӣ мусоидат мекунанд, инкишоф ёфта истодааст.

Пеш аз ворид шудан ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (мактаб) вазифаи волидон аз назорат кардан ва роҳнамоӣ намудани ҳаракатҳои фаъолонаи кӯдак, бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва синнусолӣ, ки ҳолатҳои гиперактивӣ ва фаъолнокии кӯдакро танзим мекунад, дар бар мегирад. Маълумотҳои муоинаи антропометриро ба назар гирифта, динамикаи инкишофи ҷисмонии кӯдакро ошкор кардан ва мувофиқатнокии онро ба талаботи мактаб муқаррар кардан лозим аст.

Инкишофи ҷисмонии кӯдаконро бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти антропометрӣ, ба монанди мувофиқат кардани қад, вазн, атрофии қафаси сина ва сар ба синнусоли кӯдак; физиометрӣ - ба синнусоли кӯдак бо баҳисобгирии хусусиятҳои морфологӣ: муайянкунии ғунҷоиши шуш ва экскурсияи қафаси сина бо спирометр амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин истифодаи динамометр барои ҳолати рагҳои хунгард ва қувваи мушакҳои даст; хусусиятҳои функсионалии ҳолати силсилаи такягоҳу ҳаракаткунӣ: шакли қафаси сина, сутунмӯҳра, пой, кафи пой, инкишофи мушакҳо; муоинаи дараҷаи ҷамъшавии чарб дар зери пӯст; хусусиятҳои соматоскопӣ барои андоза ва таносуби тан ва ғайра истифода карда мешавад [1, с. 293].

Маълум карда шудааст, ки бештари оилаҳо дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоишавии кӯдакон робитаи дифферентсиалӣ ва интихобиро ба назар мегиранд, ки он ба омилҳои зерин вобаста аст:

- муносибати инфиродӣ бо дарназардошти вазъи саломатии кӯдак, махсусан ба онҳое, ки аксар вақт бемор, заиф, суст инкишоф меёбанд, ё қобилияти инкишофи психофизиологии маҳдуд доранд;

- муносибатҳои анъанавии оилавӣ, ки ба эътимоднокӣ ва қонеъ кардани ниёзҳои кӯдак асос ёфтааст;

- муносибати махсус бо назардошти фарқияти гендерӣ, ки дар он ба инкишофи ҷисмонии писарон ва тарбияи ахлоқии духтарон бештар таваҷҷӯҳ дода мешавад;

- мавқеи синну соли кӯдакон ва мактаббачагоне, ки хусусиятҳои хоси инкишофи худро доранд ва усулу воситаҳои махсуси таъсиррасониро ба инкишофи ҷисмонӣ талаб мекунанд.

Дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои функсионалӣ ва вазъияти муайяни иҷтимоӣ шахс мақоми иҷтимоии худро ба даст меорад, нақши иҷтимоиро иҷро намуда, дар ҷомеа мавқеи худро ишғол мекунад. Ҳамаи мақомҳо, нақшҳо ва мавқеъҳои иҷтимоиро ба ду шакл ҷудо кардан мумкин аст: а) аз ҷониби ҷомеа, гурӯҳ, оила, новобаста аз хоҳиш ва қобилияти шахс муқаррар карда мешавад; б) мақоми иҷтимоӣ, нақш ва мавқеъҳое, ки шахс бо саъю кӯшиши худ, меҳнат ва имкониятҳои зеҳнии худ ба даст меорад.

Мақоми иҷтимоӣ, чун қоида, дар шакли ишғоли мавқеи кӯдак дар оила, муносибат бо падару модар, бобою бибӣ, бародарону хоҳарони калонсол ва хурдӣ ба назар гирифта мешавад. Дар муносибатҳои оилавӣ кӯдак, бидуни дарки худ, нақши иҷтимоӣ мебозад: ҳамчун фарзанди падар ва модар, набераи бобою бибӣ, бародари калонӣ/хурдӣ/ хоҳар, нисбат ба дигар фарзандони ҳамсоя ва хешу табор кӯшиш мекунад, ки муносибат ва рафтори хешро мустаҳкам намояд. Дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ, «Ман» - шахсият тавассути азхуд намудани таҷрибаи муайян тағйир меёбад ва тадриҷан рафтори фард вобаста ба ҷинс, синну сол, мансубият, миллат ва дин ташаккул меёбад.

Дар илми психологияи муосири кӯдакона ва педагогикаи томактабӣ муқаррар шудааст, ки бозиҳои нақшофарӣ дар ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла бартараф намудани камбудии муносибатҳои иҷтимоӣ ва тасаввурот оиди меъёрҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Тағйир додани намудҳо ва мундариҷа, шаклу усулҳои ташаккул додани ташаббускорӣ дар кӯдакон тавассути бозӣ, меҳнат, фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, инчунин дигаргуниҳо дар сохтори оила, ки бо таваллуди кӯдаки нав, оғози таҳсил, хизмати ҳарбӣ, таъсиси оилаи нав, ба шавҳар додани духтарон ва ғайра ба тағйирёбии муносибатҳои шахсӣ, мақом ва нақши фарзандон дар оила асоснок карда мешавад.

Д.Б. Элконин қайд мекунад, ки маҳз дар раванди бозиҳои нақшофарӣ кадамҳои аввалин марбут бо ахлоқи материалистӣ ва ростқавлӣ тавассути азхуд намудани қоидаҳои иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Кӯдакон худро дар нақши дигаре тасаввур карда, мекӯшанд то ки шабоҳати ҳадди баландро нишон диҳанд («чун дар воқеият») [12, с. 314].

Мақом ва нақш дар оила-ин падидаи муносибатҳои оилавӣ мебошад. Онҳо маҷмуи ҳуқуқҳо, созишҳо ва масъулиятҳоро дар муносибатҳои оилавӣ инъикос мекунанд. Иҷрои нақш ин маҷмуи амалҳо дар доираи тобеияти ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо дар оила мебошад.

Мавқеи пешниҳодкардаи Маҷидова Б.-ро оид ба тағйироти вазъи иҷтимоии кӯдакон тасдиқ намудан хеле муҳим аст, ки «бо гузаштан аз як давраи инкишофи синнусолӣ ба давраи дигар (аз кӯдакии барвақт, ки то 3-солагӣ муқаррар шудааст, ба муассисаи таҳсилоти томактабӣ - аз 3 то 6-7 сол; аз кӯдаки синни томактабӣ то мактаббачаи синфи хурди мактабӣ ва синнусоли калонтар) ба кӯдак боназардошти сифатҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ талаботҳои боз ҳам баландтар гузошта мешавад» [2, с. 212].

Дар асоси таҳлили натиҷаи маводҳои назариявӣ ва корҳои чандинсолаи амалӣ, мушоҳидаҳои мақсаднок, суҳбат бо падару модарон, маълумотҳои таърихии инкишофи асабӣ-равонии кӯдакони синни томактабӣ, мониторинги антропометрӣ ва баҳисобгирии рушди робитаи инкишофи ҷисмонӣ ва иҷтимоии бачагони синни томактабӣ ошкор карда шуд, ва он дар ҷадвали 1 инъикос ёфтааст.

Тавре аз ҷадвал бармеояд, малакаҳои моторӣ (усули ба тарзи автоматӣ идоракунии ҳаракатҳо, ки ба пайдоиши малакаи нав, дараҷаи олӣ ва барои беҳтар иҷро кардани амал заруранд) ва инкишофи силсилаи такягоҳӣ-ҳаракаткунӣ ба инкишофи иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ бо ҳам алоқаманданд.

Таҳлили ҷадвал вобастагии ҳалли масъалаҳои мураккабтари раванди азхудкунии воқеият ва зуҳуроти сифатҳои ахлоқӣ дар шахсияти кӯдак, ки меъёри иҷтимоишавӣ мебошанд, аз тағйиротҳои вобаста ба синну сол ва вазъи иҷтимоии онҳоро нишон медиҳад.

*Ҷадвали 1. Робитаи инкишофи ҷисмонӣ (майл ба боло) ва иҷтимоии (майл ба тарафи рост) кӯдакони синни томактабӣ*




Дар асоси мушоҳидаҳои чандинсола, суҳбатҳо бо модарон ва кӯдакони калонсол маълум карда шуд, ки муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакон, махсусан барои кӯдакони хурдсол барои ташаккули ҳаракати мушакҳои бадан, ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо ҳангоми роҳгардӣ, азхуд намудани мустақилиятнокӣ бо риояи қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва малакаҳои худхизматрасонӣ, малакаҳои меҳнатӣ ва ғайра муфид аст. Дар баробари ин ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо дар кӯдакон ба рушди: 1) малакаҳои ҳаракаткунӣ, ки инкишофи силсилаи ҳаракаткуниро таъмин мекунанд; 2) рушди иҷтимоии кӯдак, мусоидат ба мутобиқсозии рафтори иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи асосии ҷомеасозӣ мусоидат мекунад.

Муайян намудани хусусиятҳои хоси тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони синни томактабӣ омӯхтани тадқиқотҳои таърихӣ-педагогӣ, этнопедагогӣ ва таҷрибаи чандинасраи халқро талаб мекард. То солҳои 20-30-юми асри гузашта заминаи услубии педагогикаи томактабӣ мероси классикони адабиёти тоҷику форс ва таҷрибаи педагогии халқи тоҷикро ташкил медод, ки дар афсонаҳо, анъанаҳо, расму оин, зарбулмасалу мақолҳо инъикос ёфтаанд ва дар этнопедагогикаи халқи тоҷик сарчашмаи эътирофшуда мебошанд.

Далелҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки оилаи тоҷикон дар ҳар як давраи муайяни таърихӣ дар табиати душвори минтақаи кӯҳистон, дар ҳолати набудани роҳҳо, таҳдиди доимӣ ва ҳуҷуми душманон, тарзи зиндагии архаистӣ ва патриархалиро аз сар гузаронид. Фаъолияти ҳаётгузаронӣ дар чунин шароит ба талаботи қувваи ҷисмонӣ, устувории равонӣ ва омодагии доимӣ барои бартараф кардани душвориҳо ифода карда мешуд. Ин зарурат ба шахсони тавоно, далер, устувор, донишманд, дорои сифатҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ мебошад. Дар навбати худ ин ба ташаккули арзишҳои маънавӣ - анъанаҳо, расму оинҳо, ки ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон нигаронида шудаанд, муносибати махсус ба писарон ҳамчун манбаи қувваи ҷисмонӣ ва аҳамияти иҷтимоидошта (ҷанговар, ҳимоятгар, қувваи корӣ, роҳбари корхона) мусоидат намуд.

Мо боварӣ дорем, ки аз нуқтаи назари рушди ҷисмонӣ дар синну соли муайян пайдоиши эҳсоси "Ман худам" ин ҷустуҷӯи роҳҳои ноил шудан ба фаъолияти объективӣ, таҳсину офаринҳо ва дастгирии калонсолон мебошад. Масалан, ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои дасту пой, иҷрои машқҳои ҷисмонӣ бо дастурҳои шифоҳӣ (бидуни тасвирҳо), иҷрои машқҳо, супоришҳо ва муқоисаи амалиёти худ бо баҳодиҳии дигарон ва ғайра.

***Адабиёт***


1. *Асозода Б. Ҷ. Хусусиятҳои инкишофи ҷисмонии кӯдакон. - Душанбе, 2019. - 302 с.*
2. *Маджидова Б. Традиции и обычаи таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. Монография / Б. Маджидова. - Душанбе: Ирфон, 2004. - 298 с.*
3. *Медик В. А., Юрьев В. К. Общественное здоровье и здравоохранение. - М.: ГЭОТАР-Медиа, 2012. - 608 с.*
4. *Мельникова Н. А., Лукьянова В. Н. Основы медицинских знаний и здорового образа жизни. - Саранск: Мордов. гос. пед. институт, 2005. - 105 с.*
5. *Методика исследования физического развития детей и подростков / А. Б. Ставицкая, Д. И. Арон. – М.: Медгиз, 1959. - 75 с.*
6. *Никитюк Б. А., Гладышева А. А., Судзиловский Ф. В. Анатомия человека. - М.: Олимпия, 2008. - 624 с.*
7. *Петров В. А. Методы определения и оценки состояния здоровья и физического развития детей и подростков. - Владивосток: Медицина ДВ, 2014. - 168 с.*
8. *Растатурина Л. Н., Идиятуллина Ф. К. Методы оценки физического развития детей и подростков. - Казань: КГМУ, 2010. - 44 с.*
9. *Сафронова Е. Б. Валеология: методические указания к выполнению практических работ по дисциплине «Валеология». - Екатеринбург: УрГУПС, 2017. - 48 с.*
10. *Стандарт раннего развития и обучения ребёнка (от рождения до 7(6) лет. – Душанбе, 2012. -88 с.*
11. *Семенович А. А. Физиология человека. - Минск: Выш. Шк., 2012. - 544 с.*
12. *Эльконин Д.Б. Природа детства и его периодизация / Д.Б. Эльконин // Избр. психол. Труды. - М.: Педагогика, 1989. – 560 с.*


## САМТҲОИ АСОСИИ РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ИҶТИМОИШАВИИ КӮДАКОН ДАР ОИЛА


Дар мақола муаллиф қайд мекунад, ки тарбияи ҷисмонӣ дар оила хусусиятҳои ба худ хос дорад. Самаранокии он аз ҳамкории иштирокчиён (волидон, бобою бибиҳо ва дигарон) дар раванди таълиму тарбияи кӯдак вобаста аст ва ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахсият мебошад. Ҳамзамон гуфта мешавад, ки малакаҳои ҳаракаткунӣ ва инкишофи силсилаи такягоҳӣ-ҳаракаткунӣ ба инкишофи иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ бо ҳам алоқаманд буда, ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо ба рушди малакаҳои ҳаракаткунӣ ва рушди иҷтимоии кӯдак ҳамчун ҷузъи асосии ҷомеасозӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин вазифаи волидон аз назорат кардани ҳаракатҳои фаъолонаи кӯдак (бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва синнусолӣ), бо истифода аз муоинаи антропометрӣ, ки динамикаи инкишофи ҷисмонии кӯдакро муқаррар мекунад, ташкил намудани шароитҳои санитарӣ-гигиенӣ, реҷаи ҳаррӯза, ғизогирии оқилона, обутобдиҳии бадан, сайругашт дар ҳавои тоза ва ғайра мебошад.



**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, оила, кӯдак, волидон, таълим, ҳаракати фаъолона, иҷтимоишавӣ, антропометрия, хусусиятҳои фардӣ, ғизогирӣ, обутобдиҳӣ.


## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОЦЕССА ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И СОЦИАЛИЗАЦИЯ ДЕТЕЙ В СЕМЬЕ


В статье автор отмечает, что физическое воспитание в семье имеет свои особенности. Ее эффективность зависит от сотрудничества участников (родителей, бабушек, дедушек и других) в процессе обучения и воспитания ребенка, а ее конечной целью является формирование личности. При этом говорится, что двигательные навыки и развитие опорно-двигательной системы взаимосвязаны с социальным развитием детей дошкольного возраста, а координация движений способствует развитию моторики и социального развития ребенка как основного компонента социализации. Поэтому обязанностью родителей является контроль активных движений ребенка (с учетом индивидуальных и возрастных особенностей), с помощью антропометрического обследования определяющего динамику физического развития ребенка, организации санитарно-гигиенических условий, распорядка дня, рационального питание, закаливание, прогулки на свежем воздухе и т.д.



**Ключевые слова:** физическое воспитание, семья, ребенок, родители, воспитание, активное движение, социализация, антропометрия, индивидуальные особенности, питание, закаливание.

## MAIN DIRECTIONS OF THE PHYSICAL PROCESS EDUCATION AND SOCIALIZATION OF CHILDREN IN THE FAMILY

In the article, the author notes that physical education in the family has its own characteristics. Its effectiveness depends on the cooperation of the participants (parents, grandparents and others) in the process of teaching and raising the child, and its ultimate goal is the formation of personality. It is said that motor skills and the development of the musculoskeletal system are interconnected with the social development of preschool children, and coordination of movements contributes to the development of motor skills and social development of the child as the main component of socialization. Therefore, the responsibility of parents is to control the active movements of the child (taking into account individual and age characteristics), using an anthropometric examination that determines the dynamics of the child's physical development, organizing sanitary and hygienic conditions, daily routine, balanced nutrition, hardening, walks in the fresh air, etc.

**Keywords:** physical education, family, child, parents, education, active movement, socialization, anthropometry, individual characteristics, nutrition, mowing.

***Дар бораи муаллиф***
*Асозода Баргигул Ҷурақуловна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти*
*кафедраи анатомия ва физиология*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*х. Рӯдакӣ, 121*

***Об авторе***
*Асозода Баргигул Джуракуловна*
*Кандидат педагогических наук, доцент*
*кафедры анатомии и физиологии*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан,*
*г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***About the author***
*Asozoda Barqigul Jurakulovna*
*Candidate of Pedagogical Sciences, Associate*
*the Department of Anatomy and Physiology*
*Tajik State Pedagogical University named*
*after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,*
*Rudaki Ave., 121*

ТДУ 159.9

# АРТ-ТЕРАПИЯ ҲАМЧУН ИСЛОҲНАМОИИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕССИИ ДОНИШҶӮЁН

***Зайтметов Х. А., Хоҷибоева Р. М.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

Масъалаи омӯзиши стресс барои илми психология мавзуи нав нест, аммо новобаста аз ин муҳиммияти он аз байн намеравад. Илова бар ин, бо афзоиши мушкилоти ҳаётӣ, зиёд шудани талабот ба донишҷӯён, зиёдшавии миқдори иттилоот, назорату ҳисобот ва монанди ин, одами муосир бештар ба шароити стресс дучор мешавад, ки ин дар навбати худ ба ҳолати умумии организм, самаранокии таълим, сифат ва натиҷаҳои он таъсир мерасонад. Албатта, ҳаёти одами муосирро комилан бидуни стресс ва сарбории стрессӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, аммо коҳиш додани стресс имконпазир ва ҳатто зарур аст. Яке аз чунин технологияҳои ҳамоҳангсозии таълим ва фаъолияти касбии донишҷӯён-психологҳо арт-терапия мебошад.

Дар психология мафҳуми стресс аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мешавад. Стресс – ин аксуламали ғайримуқаррари (умумӣ)-и организм ба таъсирот (ҷисмонӣ ё психологӣ) мебошад, ки худтанзимнамоии он ҳолати мувофиқи системаи асаб (ё умуман организм)-ро вайрон мекунад. Аксуламали ғайримуқаррарӣ ҳамеша як маҷмуи тағйироти физиологии организми зинда дар ҷавоб ба ҳама гуна талаботи ба он пешниҳодшуда мебошад ё худ синдроми умумии мутобиқшавӣ (ҳамин тавр, то вақте организм зинда аст, стресс вуҷуд дорад, стресс нест – ҳаёт нест).

Муҳаққиқи ватанӣ Р.Атохонов дар тафсири мафҳуми “стресс” ҳолати ҳиссиёти пуршиддатро пешниҳод намудааст, яъне “Ҳолати пуршиддати асабию психикӣ, ки дар вазъияти фавқулода душвор, яъне ҳангоми мавҷуд будани хатар, мондашавии ҷисмонӣ ва ақлии аз ҳад зиёд, зарурати фавран қабул кардани қарори масъулиятнок пайдо мешавад” [3, с. 112]. Олими ватанӣ С.Х. Расулов бар он назар аст, ки “Стрессро метавон ҳамчун аксуламали организм ва психика, ки дар ӯ тағйирот ва таҳдиди муҳит аст, метавон баҳо дод. Стресс ҷузъи таркибии ҳаёти инсон аст ва бе он зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Стресс − ин аксуламали организм ба ҳама гуна таъсирот ба он аст” [12, с. 125].

Муҳаққиқи ватанӣ Ҳ.А. Зайтметов чунин мешуморад: “Стресс - фишори руҳӣ буда, дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали айни замон хавфнок ифода меёбад, ки ин ҳолат дар мавриди қабули қарори тезу масъулиятнок ва сарбории ҷисмонию ақлии шахс рух медиҳад” [6, с.159-160]. Хосатан муҳаққиқ вазъиятҳоеро аз ҷумла, фаъолияти амалӣ, назариявӣ, таълимӣ, бозӣ, варзишӣ, муносибат бо одамон ва ғайраро номбар менамояд, ки ба пайдошавии стресс сабаб мешаванд.

Муҳаққиқони ватанӣ З.Д. Қодирова ва Қ.М. Каримиён оид ба тавсифи стресс бар он назаранд: “Стресс ҳолати пуршиддат ва ҳаяҷоннок аст, ки ҳамчун аксуламали организм ва психика ба вазъиятҳои ногаҳониву масъулиятнок фаҳмида мешавад” [14, с. 56].

Олимони ватанӣ - С.Х. Расулов, А.Р. Саидзода, М.Қ. Каримиён мафҳуми стрессро мавриди омӯзиш қарор дода, таъкид мекунанд, ки “Стресс ё ҳолати бошиддати психологиест, ки дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар ичрои амали дар айни замон хавфнок ифода меёбад. Ин ҳолат ҳангоми зарурати қабули қарори тезу масъулиятнок дар вазъиятҳои мураккабу хавфнок ва сарбории ҷисмонию ақлии шахс руй медиҳад” [13, с. 229].

С.Х. Расулов мафҳуми стрессро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд мекунад, ки “Стресс ва пайдоиши он ба як қатор меъёрҳо вобаста аст ва яке аз онҳо муҳит ва вазъиятҳо ба шумор меравaнд, ки ҳамчун стрессорҳо баромад мекунанд. Ҳамин тавр, бавуҷудоварандаи ин омилро стрессор меноманд. Макони воқеа, ки дар он ҷой стресс ба амал омада буд, стрессор аст. Стрессорҳо ин омилҳои бавуҷудоварандаи стресс мебошанд. Масалан: омодагӣ дидан ба имтиҳон аксуламали баландтарини стрессиро нисбат ба тайёрӣ дидан ба ягон ҷашн ба вуҷуд меоварад. Стрессро метавонад ҳам ҳодисаҳои хуш ва ҳам зухуроти нохуш ба вуҷуд оварад” [12, с. 124].

Аломатҳои стрессиро олимони ватанӣ М.Т. Давлатов ва С.Х. Расулов ба таври мушаххас чунин гурӯҳбандӣ кардаанд:

1. Эмотсионалӣ, яъне изтироб, воҳима, нобоварӣ, эҳсоси нохушӣ, саргарангӣ, саросемагӣ, дилтангӣ, маъюсӣ, талхкомӣ;

2. Физиологӣ, яъне нафаскашии чуқур, тарангшавии мушакҳо, набзи тез, дилбеҷошавӣ, тағйирёбии фишори хун;

3. Когнитивӣ, яъне бадшавии хотир, парешонхотирӣ, хоббинии даҳшатнок, бахотироварии нокомиҳо, бетаваҷҷуҳӣ, ноустуворӣ ва парешонии диққат, идроки нопурраи мазмуни мавзуъҳо;

4. Рафторӣ, яъне бадшавии иштиҳо ва хоб, хоҳиши бо дигар кор машғул шудан, вале на бо имтиҳон, дода шудан ба суҳбатҳои изтиробовар доир ба супоридани имтиҳони мушаххас, зуҳуроти майл ба истифодаи машруботи спиртӣ [5, с. 232].

Ҳамин тариқ, мафҳуми стрессро олимони ватанӣ низ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, ҳамчун ҳолати пуршиддат, фишори руҳӣ ва ҳолати пуршиддати асабию психикӣ маънидод намудаанд.

Дар ҷаҳони муосир, зери таъсири ҷараёни иттилоот, шахс аксар вақт ба сарбории зиёди асабӣ дучор мешавад. Таҷрибаҳои манфие, ки ифода карданашон дар шакли аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок ғайриимкон аст, боиси ташаннуҷи системаи асаб, стресс ва бемориҳои психосоматикӣ мегарданд. Имрӯз барои ҳар як шахс муфид аст, ки тавони ба худаш кӯмак расониданро дошта бошад ва усулҳои пешгирнамоии сарбории изофии эмотсионалиро донад. Ҳама гуна шиддати дохилӣ ба эҷоди худифоданамоӣ монеа мешавад. Фаъолиятҳои марбут ба санъат барои озод кардани нерӯи эҷодӣ кӯмак мекунанд. Имкониятҳои дармонбахшии санъат ҳанӯз аз замонҳои қадим маълуманд. Арт-терапия як шакли қадимтарини ба таври табиӣ тағйир додани ҳолати эмотсионалӣ мебошад, ки бисёриҳо (бошуурона ё ғайр) онро барои бартараф намудани фишори психикӣ, осудашавӣ ва тамаркуз истифода мебаранд. Барои ин рассом будан лозим нест, танҳо қалам ё ранг гиред ва дар рӯи коғаз чанд хат кашед. Арт-терапия, ки усул ва амалкардҳои он таваҷҷӯҳро ба ҳиссиёт афзоиш медиҳанд, барои худифоданамоӣ ва худшиноси имконият фароҳам меорад, барои ба даст овардани мувозинати эмотсионалӣ кӯмак мекунад, метавонад ба донишҷӯён барои ҳалли мушкилот ва барои ба эътидол овардани ҳолати худ ёрӣ расонад. Машғулиятҳои арт-терапевтӣ метавонанд барои нигоҳдорӣ ва таҳкими устувории эмотсионалӣ мусоидат кунанд. Асоси ин машғулиятҳоро амалияи бадеӣ ташкил медиҳад, ки дар рафти он шахс ба фаъолияти бадеӣ (эҷодӣ) ҷалб карда мешавад. Машғулиятҳои арт-терапия гуногун буда, намудҳо ва шаклҳои гуногуни корро дар бар мегиранд. Психологҳо ва психотерапевтҳои амалӣ дар фаъолияти амалии худ аз чунин намудҳо ба монанди изотерапия, терапия бо қум, гаҷкорӣ аз пластилин, афсонатерапия, сураттерапия, мандалотерапия ва ғ. истифода мебаранд. Ба омӯзиши таъсири арт-терапия ба ҳолати эмотсионалии инсон муҳаққиқони хориҷӣ ва рус, ба монанди Адамсон Е., Грановская Р.М., Добряков И., Квитковская Я., Копитин А.И., Крамер Е., Камерон Ҷ., Найн Ҷ., Наумбург М., Никитин В.Н., Николская И.М., Франк Ҷ. , Хилл А., Эйдемиллер Е. ва диг. машғул шудаанд.

Арт-терапия тавассути эҷоди маҳсули бадеӣ ба шахс кӯмак мекунад, ки худро эҷодкор ҳис кунад, ба баланд шудани худбаҳодиҳии шахсӣ мусоидат намуда, ба ӯ раҳоӣ ёфтанро аз қолабҳои шахшуда, эмотсия ва фикрҳои манфӣ меомӯзонад, барои ошкор кардани қувваи ботинӣ ва фаъолсозии неруи захиравии инсон имкон медиҳад. Дар рафти тахайюлот ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакон метавонанд аз худи раванди эҷодкорӣ лаззат баранд, бо истифода аз малакаҳои нави иҷтимоӣ тарҳрезии роҳҳои ҳалли вазъиятҳои душвори ҳаётӣ ва интиқоли онҳоро ба воқеият омӯзанд. Рафти рамкашӣ, гаҷкорӣ, сохтани мусаввараҳо дар қум оромӣ мебахшад ва аксар вақт ба дарки амиқи сабабҳои психологии он вайрониҳое мебарад, ки одамро барои аз сар гузаронидани норохатӣ, стресс ва дигар ҳолатҳои нохушоянд маҷбур месозанд. Нуқтаи муҳимми дигар ин аст, ки феълан арт-терапия ҳам ташхис, ҳам ислоҳнамоӣ ва ҳам психотерапия буда, дар шакли кори инфиродӣ, оилавӣ ва гурӯҳии психолог, психотерапевт ва педагоги иҷтимоӣ истифода мешавад [2, с. 23].

Дар психология ва педагогикаи муосир таваҷҷуҳ ба арт-терапия торафт бештар меафзояд, ин раванд ҳам дар хориҷа ва ҳам дар кишвари мо фаъолона инкишоф меёбад.

Аксар вақт усулҳои арт-терапия дар ташхис, ислоҳнамоӣ, психотерапия ва айни замон дар раванди таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот истифода мешаванд.

Солҳои охир дар соҳаи таълим усули психотерапия тавассути санъат бештар истифода мешаванд. Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ғояҳои арт-терапевтҳо, намояндагони равияи гуманистии арт-терапия М.Бетенский, Р.Силвер, Эдит Крамер, Э.Виршоп, психологҳо Э.Р. Кузмина, А.И. Копитин ва пеагогҳо Л. Лебедев, Ю.Красний ва диг. ташкил медиҳанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон асоси истифодаи бомуваффақияти арт-терапия ҳангоми кори тарбиявӣ бо мактаббачагону донишҷӯён ҳолатҳои зерин мебошанд: фаъолии худи донишҷӯён; иштироки бевоситаи ҳар як донишомӯз дар фаъолияти эҷодӣ; ташкили шароит барои озодии баён ва фароҳам овардани фазои солими психологӣ барои тарбиятгирандагон. Арт-терапия ба инкишофи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як донишомӯз дар фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла дар таълиму тарбияи кӯдакон ва ҳангоми кор бо мактаббачагон мусоидат мекунад. Ин метод ба инкишофи нимкураи рости мағзи сар, ки фаъолияти он асоси тафаккури эҷодӣ мебошад, мусоидат мекунад (Э. Виршоп, 1978). Арт-терапия аҳаммияти таълимӣ дорад, зеро он барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодии иштирокчиён шароит фароҳам меоварад (Р.Силвер, 1978). Ба андешаи Н.Д.Галсков, И.Л. Бима, Е.А. Глухарев, В.Н. Шатский, Л.В. Куликова, З.Н. Никитенко ва диг. дохил намудани супоришҳои эҷодии дар идроки биноӣ асосёфта ба инкишофи қобилиятҳои маърифатию эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Истифодаи усулҳои бадеӣ дар синфҳои ибтидоӣ алоқаманд аст бо: инкишофи шахсият ва вазифаҳои психологии он: тафаккури визуалӣ, соҳаи эмотсионалӣ ва ғ.; системаи маромнокӣ; ташаккулёбиии малака ва қобилиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок (малакаҳои муошират, қобилияти баён кардани фикр, малакаи дарки ҳиссиёт ва таассуроти одамони дигар) [1]. Ҷанбаъҳои алоҳидаи таъсири арт-педагогиро ба шахсияти хонандаи хурдсол дида мебароем.

Санъат ба соҳаи эмотсионалӣ таъсир расонида, айни замон вазифаҳои коммуникатсионӣ, танзимкунанда ва катартикӣ (поксозанда)-ро иҷро мекунад. Иштироки якҷояи кӯдак, ҳамсолон ва омӯзгор дар раванди эҷоди асари бадеӣ таҷрибаи иҷтимоии ӯро васеъ намуда, ҳамкории мутақобила ва муошırати мувофиқро дар фаъолияти муштарак меомӯзонад, ислоҳнамоии ихтилолҳои соҳаи коммуникативиро таъмин мекунад. Таъсири ислоҳнамоии санъат ба кӯдак, инчунин, дар «поксозӣ» аз таасуроти манфии ҷамъшуда ифода меёбад ва ба шумо имкон медиҳад, ки ба равиши муносибатҳои нав бо олами беруна ворид шавед.

Дар мавриди кор бо донишҷӯён бошад, айни замон дар тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ аз воситаҳои арт-терапия ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар кор бо донишҷӯён истифода бурдани шаклхои чандири кори психотерапевтӣ хеле муҳим аст. Арт-терапия ба донишҷӯён имконяти нақшбозӣ, азсаргузаронӣ ва дарк кардани вазъияти муайянеро медиҳад, ки ба пайдошавии изтироб дар онҳо мусоидат кардааст. Мутахассисе, ки бо донишҷӯи мушаххас кор мекунад, бояд шахсияти ӯро ба назар гирад.Ҳама донишҷӯён гуногунанд, бинобар ин, сабабҳои изтироби онҳо низ гуногун хоҳанд буд. Воситаҳои арт-терапия ба донишҷӯ имкон медиҳанд то ба мушкилоти изтироб то андозае ғарқ шавад, ки барои азсаргузаронии он омода аст.

Барои кор бо донишҷӯён аз шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии фаъолият истифода бурдан мумкин аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии кори гурӯҳи бештар аст. Масалан, омӯзгор метавонад дар як гурӯҳ кори инфиродӣ ташкил карда, дар оянда онро муттаҳид намуда, кори гурӯҳиро амалӣ намояд. Ҳар як донишҷӯ бояд дар ин кор чизеро пешниҳод намояд, ки аз худи ӯ буда, барояш муҳим аст. Чизҳоеро, ки шахс аз коғаз, маводи табиӣ ва дигар воситаҳои арт-терапия месозад, ба хона бурдан мумкин аст, зеро дар хона онҳо кори иҷронамударо доимо ба хотир меоваранд. Аксар вақт ҳангоми кор бо донишҷӯён усулҳои гурӯҳии арт-терапевтӣ нисбат ба кори инфиродӣ дорои бартариҳои муайян мебошад. Машғулият ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки дараҷаи ба дигарон бовар карданашонро худашон назорат кунанд. Донишҷӯён метавонанд таасурот ва фикрҳои худро дар бораи машғулияти навбатӣ мубодила кунанд ва ин амнияти бештари психологиро барои онҳо фароҳам меорад. Сабаб он аст, ки донишҷӯён мушкили умумӣ доранд ва самараи ҳалли

дастаҷамъонаи он аз натиҷаи ҳалли инфиродиаш баландтар аст. Илова бар ин, дар фарқият аз кори инфиродӣ, терапия дар муҳити гурӯҳи арт-терапевтӣ метавонад дар донишҷӯён эҳсоси бештари мустақилиро ба вуҷуд оварад. Ин талаботи онҳоро ба мустақилият ва ҳифзи фазои шахсӣ қонеъ хоҳад кард.

Инчунин, аксар муаллифон аҳаммияти арт-методҳоро дар ташаккулёбии шахсияти мутахассиси оянда, аз ҷумла, мақсадгузориҳои касбӣ ва рӯовариҳои арзишӣ қайд мекунанд. Лебедева Л.Д., дар таҳқиқоти лонгитюдии худ қайд мекунад, ки "сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми омӯзгори оянда дар шаклҳои гуногуни арт-терапия объективизатсия карда мешаванд, инчунин, зарфияти гуманистии арт-терапияро дар ташаккулёбии шахсияти донишҷӯи ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ таъкид мекунад" [8, с. 45].

Горев В.В. фаъолияти бадеиро ҳамчун омили рушди шахсият мавриди таҳлил қарор додааст [4]. Ӯ дар таҳқиқоти худ қайд мекунад: «меъёрҳое, ки ҷараёни худшиносӣ ва рушди муаллимони ояндаро дар асоси фаъолияти бадеӣ тавсиф медиҳанд, тағйироти соҳаи шахсӣ-маъноӣ мебошанд». Тағйироти мусбӣ дар самтҳои зерини шахсият қайд карда шуданд: маром ба комёбӣ, соҳаи ҳиссӣ-эмотсионалӣ, креативнкӣ, раванди худшиносӣ, муносибат ба одамони дигар, соҳаи маънавиёт [8].

Имкониятҳои эҷодии инсон, ки дар раванди арт-терапия ошкор ва амалӣ мешаванд, ба рушди зеҳнӣ ва эмотсионалии ӯ такон бахшида, фардияташро ошкор месозанд, барои бартараф намудани маҳдудиятҳои аз тарафи ҷомеа гузошташуда имкон дода, дар умум барои эҳсос кардани арзишу аҳаммиятнокӣ ва асолати худ мусоидат менамоянд [1].

Ҳамин тавр, дар ин ҷо мо бояд хусусиятҳои хоси арт-педагогикаро ба эътибор гирифта, ба он таваҷҷуҳ кунем, ки ин метод дар воситаҳои санъат ва фаъолияти бадеӣ-эҷодии дорои неруи рушдиҳанда ва тарбиякунанда асос ёфтааст. Ба андешаи мо ин нерӯ ҳангоми кор дар самти пешгиринамоии зуҳуроти манфӣ дар муҳити иҷтимоӣ таъсири созгор дорад, махсусан дар пешгирии нашъамандӣ, майзадагӣ, каҷрафторӣ, афсурдагӣ, стресс ва рафтори суисидӣ.

Дар мавриди истифодаи арт-терапия дар раванди таълим метавон арт-терапияи гуманистиро, ки ҳадафи он ташаккулдиҳии шахсияти мутавозин мебошад таъкид намуд, зеро он метавонад мувозинати байни канорҳоро нигоҳ дорад (масалан, ишқ - нафрат, заифӣ - қувва, якдилӣ – рақобат, ҳамкорӣ - рақобат, мутеият - истиқлолият, ҳукмронӣ - итоаткорӣ, умед - ноумедӣ ва ғ.).

Аз ин лиҳоз, чунин вазифаҳои арт-терапияи гуманистӣ дар раванди таълим қобили қабул дониста мешаванд: васеъ намудани уфуқҳои шахсият: дастгирии (инкишоф додани) яклухтии ҳаёт, ноил шудан ба фардияти ҳақиқӣ, гузаштан аз мухторият ба наздикӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ, таҳияи ҳадафҳои асосии ҳаёт, коркарди дурнамои воқеӣ дар доираи ҳаёт, қабули муносиби бӯҳронҳои дохилии ҳаётӣ (масалан, мафҳуми «танҳоии созанда»), истифодаи эмпатия ва хирад дар рушди дараҷаи нисбатан амиқтари коммуникатсияи рамзӣ.

Бояд эътироф кард, ки арт-терапия як раванди рамзии дарки худ ва ҷаҳон аст, арт-методҳо бошанд, роҳнамои хоси шахс ба олами созандагӣ тавассути сатҳи бошуурӣ ва бешуурии фард. Умуман, ҳиссиёт, "умеду тарс, интизориву шубҳа, ихтилофу созиш дар эҷодиёт таҷассум ёфтаанд" [10, с.38].

Дар арт-терапия маҷмуи машқҳои ислоҳинамоӣ истифода бурда мешаванд, ки ба рушди умумии ҷисмонӣ, рушди эмотсионалӣ, инкишофи нутқ (шифоҳӣ) ва умуман, ба рушди иҷтимоӣ таъсири мусбат расонида, ба малакаҳои коммуникативии шахс, қобилияти ӯ дар ҳалли ихтилофҳо ва ҳамкорӣ дар коллектив ба таври созгор мусоидат мекунанд.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии пешниҳодшуда ва маводи сомонаҳои интернетӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Арт-терапия низоми махсуси таъсиррасонии дармонбахшро, ки дар санъати тасвирӣ асос ёфтааст, пешниҳод мекунад.

2. Мақсад аз истифодаи арт-терапия дар таълим ҳифз ё барқарор кардани саломатии донишҷӯён мебошад. Усулҳои арт-терапевтӣ метавонанд дар таълим ҳамчун воситаи инкишофдиҳии сифатҳои муайяни психологӣ ва шахсии донишҷӯён истифода шаванд.

3. Истифодаи воситаҳои гуногуни худифоданамоии эҷодии донишҷӯён ба сифати воситаи инкишофдиҳии баъзе хислатҳои шахсӣ имконпазир аст. Дар ин маврид воситаҳои

худифоданамоии эҷодӣ бояд ба категорияи арт-методҳо ё усулҳои эҷодиёти бадеӣ дар раванди таълим мутаалиқ дониста шаванд.

4. Аксари усулҳо ва техникаҳои арт-терапевтӣ, ки аз ҷониби психотерапевтҳо васеъ истифода мешаванд, аллакай дар таҳқиқоти алоҳидаи педагогии солҳои охир барои кор бо кӯдакону донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо мақсади пешгиринамоӣ ва ислоҳкунии ҳолати манфии эмотсионалӣ, инчунин, барои ба эътидол овардани соҳаи эмотсионалӣ-иродавии онҳо мутобиқ карда шуда, ҳам барои таъмини некуаҳволии ахлоқию маънавӣ ва ҳам барои беҳдошти солимии ҷисмӣ мусоидат мекунанд.

Маҳз санъат ҳамчун омили пуриқтидори таъсиррасонӣ ба шахс метавонад барои ташаккул додани фарҳанги арт-терапевтӣ дар донишҷӯён мусоидат кунад. Фарҳанги арт-терапевтӣ ин фарҳанги истифода аз дониш, маҳорат ва малакаҳои мавҷудаи арт-терапевтӣ барои пешгирӣ ва ислоҳнамоии ҳолатҳои манфии психоэмотсионалии худ, бартараф намудани стресс, афсурдагӣ ва дигар ноҷуриҳо ба воситаи санъати тасвирӣ мебошад.

***Адабиёт***


1. *Айтбаева А.Б., Қасен Г.А. Арт-методы в образовании. - Алматы: Қазақ университеті, 2016 - 100 с.*
2. *Арт-терапия – новые горизонты / под ред. А. И. Копытиной. – М.: Когито-Центр, 2006. – 336 с.*
3. *Атохонов Р. Луғати мухтасари истилоҳоти психологӣ ва тафсири баъзе мафҳумҳо. - Душанбе: ДДОТ, 2017. - 160 с.*
4. *Горев В. В. Художественная деятельность как способ самопознания и развития личности: автореф. дисс. ... канд. психол. наук. - Астрахань, 2003. - 17 с.*
5. *Давлатов М.Т, Расулов С.Х. Психологияи мактаби олӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-Граф. 2019. - 288 с.*
6. *Зайтметов Ҳ.А. Психологияи умумӣ. Дастури таълимӣ-методӣ. - Хуҷанд, Ношир, 2017 – 240 с.*
7. *Лебедева Л. Д. Педагогические основы арт-терапии в образовании. - СПб.: ЛОИРО, 2001. - 320 с.*
8. *Лебедева Л. Д. Практика арт-терапии: подходы, диагностика, система занятий / Л. Д. Лебедева. – СПб.: Речь, 2007. – 256 с.*
9. *Лебедева, Л. Д. Арт-терапия в педагогике // Педагогика. -2000. - № 9. - С. 27-34.*
10. *Ляшенко В.В. Арт-терапия как практика самопознания: присутственная арт-терапия. Учебное пособие. - М.: "Психотерапия", 2014. - 142 с.*
11. *Мартинсоне К. Искусствотерапия. - СПб.: Речь, 2014. – 352 с.*
12. *Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2022 – 336 с.*
13. *Расулов С.Х. Саидзода А.Р. Каримиён С.М. Психология: шарҳи нақшавӣ ва тафсири кӯтоҳ. Воситаи таълимӣ. - Душанбе: 2020. - 276 с.*
14. *Тартиби амалиёти стандартӣ ҳангоми кор бо қурбониёни савдои одамон. Қодирова З.Д., Каримиён Қ.М. - Душанбе, 2020. - 49 с.*
15. *Татаринцева А. Ю. Арт-терапия, как метод психологической реабилитации / А. Ю. Татаринцева, А. А. Носова // Актуальные направления научных исследований XXI века: теория и практика. – 2014. – Т. 2. – №1 (6). – С. 80-84.*


## АРТ-ТЕРАПИЯ ҲАМЧУН ИСЛОҲНАМОИИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕССИИ ДОНИШҶӮЁН


Ин мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин яъне таҳқиқи стресси таълимии донишҷӯен ва ислоҳнамои он тавассути арттерапия бахшида шудааст. Ҳаёти донишҷӯӣ пур аз ҳолатҳои фавқулодда ва стрессовар аст, бинобар ин, донишҷӯён аксар вақт стресс ва шиддати асабӣ-психикиро аз сар мегузаронанд. Имкониятҳои эҷодии донишҷӯён, ки дар раванди арт-терапия ошкор ва амалӣ мешаванд ба рушди зеҳнӣ ва эмотсионалии ӯ такон бахшида, фардияташро ошкор месозанд, барои баратараф намудани маҳдудиятҳои аз тарафи ҷомеа гузошташуда имкон дода, дар умум барои эҳсос кардани арзишу аҳаммиятнокӣ ва асолати худ мусоидат менамоянд. Маҳз санъат ҳамчун омили пуриқтидори таъсиррасонӣ ба шахс метавонад барои ташаккул додани фарҳанги арт-терапевтӣ дар донишҷӯён мусоидат кунад. Мақсад аз истифодаи арт-терапия дар таълим ҳифз ё барқарор кардани саломатии донишҷӯён мебошад.



**Калидвожаҳо:** педагогика, психология, ҳолати эмотсионалӣ, ҳолати стресс, донишҷӯ, таълим, санҷиш, имтиҳон.

## АРТ-ТЕРАПИЯ КАК КОРРЕКЦИЯ СТРЕССОВЫХ СОСТОЯНИЯ СТУДЕНТОВ

Эта статья посвящена одному из наиболее важных вопросов, а именно исследованию академического стресса студентов и его коррекции с помощью арт-терапии. Студенческая жизнь полна чрезвычайных и стрессовых ситуаций, поэтому студенты часто испытывают стресс и нервно-психическое напряжение. Творческие возможности студентов, раскрываемые и реализуемые в процессе арт-терапии, стимулируют его интеллектуальное и эмоциональное развитие, раскрывают его индивидуальность, дают возможность преодолеть ограничения, налагаемые обществом, способствуют в целом ощущению собственной ценности, значимости и оригинальности. Именно искусство как мощный фактор воздействия на человека может способствовать формированию культуры арт-терапии у студентов. Целью использования арт-терапии в образовании является сохранение или восстановление здоровья учащихся.

**Ключевые слова:** педагогика, психология, эмоциональное состояние, состояние стресса, студент, обучение, тестирование, экзамен.

## ART THERAPY AS A CORRECTION OF STUDENTS' STRESS STATES

This article is devoted to one of the most important issues, namely the study of students' academic stress and its correction with the help of art therapy. Student life is full of emergencies and stressful situations, so students often experience stress and neuropsychiatric stress. The creative possibilities of students, revealed and realized in the process of art therapy, stimulate their intellectual and emotional development, reveal their individuality, make it possible to overcome the limitations imposed by society, contribute to a general sense of their own value, significance and originality. It is art as a powerful human impact factor that can contribute to the formation of a culture of art therapy among students. The purpose of using art therapy in education is to preserve or restore the health of students.

**Keywords:** pedagogy, psychology, emotional state, stress state, student, training, testing, exam.

***Дар бораи муаллифон***

*Зайтметов Хусан Авасхонович*
*Номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*
*735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. Мавлонбеков, 1*
*E-mail: husein20@inbox.ru*

*Хоҷибоева Раъно Муҳсиновна*
*Унвонҷӯ, сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*
*735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. Мавлонбеков, 1*
*E-mail: rkhochiboeva@mail.ru*

***Об авторах***

*Зайтметов Хусан Авасхонович*
*Кандидат психологических наук, доцент кафедры социальной и профессиональной психологии*
*Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова*
*735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1*
*E-mail: husein20@inbox.ru*

*Ходжибоева Раъно Мухсиновна*
*Соискатель, ст. преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии*
*Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова*
*735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1*
*E-mail: rkhochiboeva@mail.ru*

***About the authors***

*Zaytmetov Huseyn Avashonovich*
*Candidate of psychological sciences, associate professor of the Department of social and professional psychology*
*Khujand State University named after academician B. Gafurov*
*735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1*
*E-mail: husein20@inbox.ru*

*Khodjiboeva Rana Mukhsinovna*
*Applicant, Senior lecturer of the Department of Social and Professional Psychology*
*Khujand State University named after academician B. Gafurov*
*735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1*
*E-mail: rkhochiboeva@mail.ru*

ТДУ 159.9 +159.94

# ХУСУСИЯТҲОИ СИННИ НАВРАСӢ ВА ТАЪСИРИ МУҲИТ БА ТАШАККУЛИ ОН

***Ҳакимов С. Ғ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Синну соли наврасиро ба 3 марҳилаи асосӣ: марҳилаи синни барвақти наврасӣ (10-14-солагӣ), марҳилаи синни миёнаи наврасӣ (15-16-солагӣ) ва марҳилаи синни дери наврасӣ (17-18-солагӣ) ҷудо намудан имконпазир аст. Ҳудуди синну соли наврасӣ дар бачагон ба синфҳои 5-8, яъне 11-16-солагӣ рост меояд. Сарҳадҳои давраи наврасии таълими бачаҳо дар синфҳои 5-6 ва синну соли 11-12-сола то 14-15-сола рост меояд.

Дар раванди ташаккулёбии муносибат ба худ ҳамчун шахсият, тадқиқотчиён ду давраи синни наврасиро ҷудо мекунанд: давраи хурди наврасӣ ва калони наврасӣ. Давраи хурди наврасӣ бо худшиносӣ ва фарқ гузоштани худ аз кӯдакон ифода меёбад, тадриҷан ба олами калонсолон ворид шудани наврас ба амал меояд. Дар давраи дуюм бошад, наврас дигар ба кӯдак набудани худ шубҳа надорад ва ба худхизматрасонӣ, мустақилияти гуногуни шахсияти худ мекӯшад. Дар ин давра диққат додан ба олами дохилии дигарон, худтаҳлилкунӣ, пайдо шудани қобилияти худтарбиякунӣ ва амсоли инҳо зиёд мешаванд [10, с. 108].

Наврас шахсе аст, ки ба мустақилият қадам мегузорад ва консепсияи "Ман"-и худашро ба ҳамсолону калонсолон нишон додан мехоҳад. Дар ин айём наврас мехоҳад, ки касе ба кору фаъолияти ӯ дахолат накунад ва ӯ ҳамеша ба ҳимояи хусусиятҳо ва консепсияи "Ман"–и худ мегузарад.

Давраи наврасиро дар адабиётҳои психологӣ бо мафҳумҳои "давраи пойдоргардии ҳаёти инсон", "давраи гузариш", "давраи дигаргуншавии қатъӣ", "давраи ҳассос ва душвор" ифода намудан мумкин аст [6, с. 188].

Синну соли наврасӣ, даврае ба ҳисоб меравад, ки барои ҳар як инсон муҳим буда, бо як қатор навовариҳо, тағйиротҳо ва мушкилотҳо тавсиф дода мешавад. Давраи наврасӣ марҳилаи ҳассоси гузариш аз кӯдакӣ ба ҷавонӣ ба шумор меравад. Мафҳуми ҳассосият дар инкишоф ба чунин давраҳои зиндагии инсон ишора мекунад, ки дар онҳо барои ташаккул ва пешравии хусусиятҳои муайяни равонӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар ин давра, пеш аз ҳама, рушди анатомӣ ва физиологии организм, аз ҷумла рушди системаи асаб, устухонҳо, ҳаракатҳо, ва малакаҳои ҷисмонӣ ба амал меояд. Ин тағйирот на танҳо асоси физиологии функсияҳои равониро мустаҳкам мекунад, балки низоми муносибатҳои шахсро бо атрофиён васеъ менамояд.

Солимии равонии инсон ба доираи масъалаҳое дохил мешавад, ки дар солҳои охир диққати мутахассисон ва аҳли ҷомеъаро бештар ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, давраи наврасӣ, яке аз марҳилаҳои муҳимтарине ба шумор меравад, ки дар он якбора инкишофи ҳам биологӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам психологӣ амалӣ мегардад. Ин тағйиротҳои куллӣ дар шакли «инкишофи ҷинсӣ», «бӯҳрони синнусолӣ», «ҳисси калонсолӣ», «худшиносӣ», «худмуайянкунӣ», «худтарбиякунӣ» ва ғайра зоҳир мегардаду бевосита таъсири худро ба ҳаёти минбаъдаи шахс мерасонад [2, с. 160].

Дар ин синну сол организми наврасон бо суръати тез ва номутаносиб инкишоф меёбад. Аз як тараф ҳаҷми бадан, қадкашӣ, аппаратҳои мушакӣ такмил меёбанд ва рафти ба устухон мубаддалшавии скелет давом мекунад, ҳаҷми дил ва дигар узвҳои дохилӣ бо суръати тез инкишоф меёбанд. Вале инкишфои сандуқи қафаси сина, устухони кос нисбат ба дигар узвҳо қафо мемонад. Бинобар ин инкишофи номутаносиби узвҳо бо ҳуҷайраҳои асаб бетаъсир намемонад [7, с. 194].

Бояд қайд кард, ки давраи наврасӣ бо буҳронҳои гуногун хос аст. Ба фикру мулоҳизаҳои И.В. Дубровин сарчашмаи бӯҳрон аз 3 – қисмат иборат аст, ки дар онҳо мушкилоти гузариш аз синни кӯдакӣ ба синни камолот зери омӯзиш қарор доранд: биологӣ; иҷтимоӣ; психологӣ.

Бисёр мушкилоти давраи наврасӣ бо рушди нобаробари се ҷанбаи асосӣ вобастаанд. Ин нобаробариҳо метавонанд аз он бархезанд, ки расидан ба балоғат аз нигоҳи иҷтимоӣ дар шароити имрӯза вақти зиёдеро талаб мекунад. Дар баробари ин, ҳолатҳои дигар низ дида мешаванд, ки дар онҳо шароити зиндагӣ шахсро водор месозад, ки барвақт ба ҳаёти калонсолон ворид шавад, дар ҳоле, ки наврас ҳанӯз аз ҷиҳати психологӣ аз давраи кӯдакӣ ҷудо нашудааст.

Рушди нобаробар дар давраи наврасӣ дар сатҳи шахсият ба таври равшан зоҳир мегардад. Масалан, дар як синф мумкин аст духтаре ва писаре ҳамсол бошанд, вале қади духтар нисбат ба писар як сар баландтар бошад. Дар баробари ин, фарқиятҳои равшани равонӣ ва иҷтимоӣ низ мушоҳида мешаванд. Ғайр аз ин, наврасе, ки аз ҷиҳати физиологӣ пешрафта аст, метавонад дар рушди ақлонӣ аз ҳамсолонаш пешсаф бошад ё ҳамчун шахсияти равонӣ ташаккулёфта баромад кунад. Аз ҳамин сабаб, ҳеҷ як давраи дигари синнусолӣ монанди наврасӣ гуногунрангии инкишофро дар бар намегирад [8, с. 153].

Тибқи гуфтаҳои И. С. Кон, тағйироти муҳими равонӣ дар давраи наврасӣ бо кашфи ҷаҳони ботинӣ, мушкилот ва арзишҳои вобаста ба он иртибот доранд. Ташаккули образи "Ман" ҳамчун раванд ва дастоварди калидии ин давра эътироф мешавад. Таҳқиқоти равоншиносон нишон медиҳанд, ки дар оғози наврасӣ, ҷавонон метавонанд хусусиятҳои манфии муайян дошта бошанд, аз ҷумла худбаҳодиҳии паст, норозигӣ аз хусусиятҳои шахсӣ, ва шармгинӣ. Ҳамзамон, онҳо метавонанд эҳсос кунанд, ки атрофиён, аз ҷумла волидайн, муаллимон ва дӯстонашон, нисбат ба онҳо муносибати ноодилона доранд [3, с. 190].

В.Н. Кунитсина таъкид мекунад, ки мушкилоти зиндагӣ дар давраи наврасӣ метавонад ҳисси нобоварӣ ва эҳсоси бегонагӣ ё нодаркориро дар шахс ба вуҷуд орад. Бо гузашти вақт, ин эҳсосот метавонанд ба хусусиятҳои доимии шахсият табдил ёбанд. Барои наврас муҳим аст, ки таҷрибаҳои манфиро паси сар кунад, зеро чунин ҳолатҳо метавонанд монеаи рушди фаъолиятҳои гуногун гарданд ё ба хислатҳои устувори шахсият таъсири доимӣ расонанд [5, с. 115].

Дар давраи аввали наврасӣ, ҷавонон на ҳамеша тавони баҳодиҳӣ ба рафтори худ ва назорат кардани онро доранд. Бо расидан ба марҳилаи наврасии дертар, онҳо қодир мешаванд рафтори худро ба тартиб оранд ва онро идора кунанд. Аксари наврасон мекӯшанд, ки ҳолати равонӣ, кайфият, нуқтаи назар ва ақидаҳои худро аз атрофиён, бахусус калонсолон, пинҳон доранд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои 7-8 ба худтарбиякунӣ машғул мешаванд, ҳарчанд танҳо як қисми онҳо аз рӯи нақшаи муайян пайваста амал мекунад. Хусусияти хосе, ки наврасонро фарқ мекунад, дар он аст, ки худи онҳо ҳамчун объекти фаъолият амал мекунанд: дар баъзе мавридҳо онҳо фаъолияти худро назорат мекунанд, дар дигар ҳолатҳо онро тағйир медиҳанд ва дар ҳолатҳои дигар, фаъолияташонро аз нав сохторбандӣ мекунанд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки ҳисси калонсолӣ ҳамчун як хислати ба худ хоси нав дар наврасон ва хусусияти худфмаҳмӣ ва худшиносиро пайдо намуда, мавқеи нави наврасро дар ҷамъият, миёни ҳамсолони худ ва нисбат ба одамони дигар ба вуҷуд меоварад. Ҳисси калонсолӣ дар наврас ба таассуротҳо, ман-манӣ, фаъолию боғайратӣ, далерию шуҷоӣ ва саодатмандӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон наврас дар баробари пайдо шудани ҳисси калонсолӣ феълу рафтор, симои зоҳириву ботинии худро куллан ба калонсол мубаддал гардонида, дар як қатор чорабиниҳои онҳо фаъолона ширкат варзида, кӯшишу маҳорат ва қобилиятҳои худашро нишон медиҳад.

Дар ин марҳила, наврасон бештар ба шахсони воқеие таваҷҷуҳ мекунанд, ки онҳоро ҳамчун намунаи тақлид интихоб менамоянд. Дар ҷараёни муошират бо ҳамсолон ва дӯстон, онҳо на танҳо дигаронро меомӯзанд, балки тасаввуроти худро дар бораи сифатҳо, камбудиҳо ва хусусиятҳои шахсии худ низ ғанӣ мегардонанд. Наврасон бо дӯстонашон худро муқоиса мекунанд ва дар баробари ин, фикру мулоҳизаҳои ҳамсолонашонро дар бораи худ мешунаванд ва ба ҳисоб мегиранд. Инчунин, андешаи калонсолон низ барои онҳо нақши муҳим дорад, зеро он барои ташаккули худбаҳодиҳии дуруст мусоидат мекунад.

Давраи наврасӣ давраи душвор ва тез дигаргуншаванда ба шумор меравад. Ин гуна баҳодиҳиҳо аз рӯи ба вуҷуд омадани тағйироти сифатӣ вобаста мебошад ва аз рӯи тағйироти ба вуҷуд омада дар худи наврас ҳам як қатор душвориҳоро пайдо мекунад, аз тарафи дигар

душворӣ дар тарбияи наврас мебошад: наврас ба таъсири калонсолон итоат намекунад, тан намедиҳад, дар ӯ шаклҳои саркашӣ, муқобил баромадан ва норозигӣ, эътироз кардан ба вуҷуд меояд. Пешгирӣ кардани хислатҳои манфӣ, ин бунёд кардани муносибатҳои дӯстона ва бовариноки калонсолон бо наврасон мебошад [6, с. 189].

Яке аз хусусиятҳои асосӣ ва муҳими дигари синну соли наврасӣ дар сатҳи баланд тараққӣ намудани равандҳои маърифатӣ: идрок, диққат, хотира, нутқ, хаёлот ва тафаккур мебошад. Инчунин дар наврасон соҳаи эҳсосотиву иродавӣ: ҳиссиёт, хусусиятҳои равонии шахс, мизоҷ, характер, қобилият ба дараҷаи бениҳоят баланд тараққӣ менамояд. Дар ин айём хотира ва диққат дар наврасон нисбат ба синни хурди мактабӣ дида, боз ҳам беҳтару хубтар тараққӣ намуда, ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтавояш аз синни хурди мактабӣ ба куллӣ фарқ менамояд.

Ба андешаи мо, дар наврасон азхудкунии донишҳо низ осонтар мегардад. Маводҳои таълимие, ки аз тарафи омӯзгорон дар синни хурди мактабӣ супориш дода мешуд, аксар вақт ба таври механикӣ ба хотир гирифта мешуданд, наврасон дар синну соли болоӣ бошад, он супоришҳое, ки аз тарафи омӯзгорон ба онҳо дода мешавад, сари вақт ва бо мазмуни муҳтавои баланд аз худ намуда, ба омӯзгорон мазмуну моҳияти онро фаҳмову равшантар баён менамоянд. Онҳо бодиққат китобро хонда дар хотираи анбори худ солҳои тӯлонӣ нигоҳ медоранд, чунки дар рафти хондани маводҳои илмиву таълимӣ дар наврасон хотираи мантиқиву калимагӣ бештар тараққӣ намудааст.

Мо муайян кардем, ки аз худ кардани донишҳо ба таври мустақил яке аз воситаҳои асосии худтакмилдиҳии наврасон ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ки фаъолияти мустақили онҳо ҳанӯз ба сатҳи эҷодкорӣ нарасида бошад, ин раванд барои тавсеа додани донишу маърифат ва ғанӣ гардондани қобилиятҳои зеҳнии онҳо аҳамияти калон дорад. Илова бар ин, он заминаи муҳиме барои рушди фаъолияти эҷодии онҳо дар оянда фароҳам меорад. Тавре ки К.К.Платонов иброз менамояд “барои ташаккули шавқу ҳавас ва рағбати наврасон ба ягон соҳаи фаъолият саҳми чорабиниҳои тарбиявии мактаб: вохӯрӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун, шабҳои саволу ҷавоб, конференсияҳои хонандагон, ба мафҳилҳои фаннӣ иштирок кардани хонандагон, ба музей, кино, намоишгоҳҳо рафтан ва омӯхтани адабиёти зарурӣ аҳамияти калон дорад” [9, с. 44].

Мо муайян намудем, ки тафаккур дар наврасон мустақил, эҷодкор ва бештар фаъол шуда, ҳамаи хислату рафторҳои наве, ки дар онҳо ба вуҷуд меоянд, хуб фаъолият менамоянд. Инчунин, ҷаҳонбинии наврасон аз дигар зинаҳои синну солие, ки паси сар карда буданд васеъ шуда, дар онҳо хусусиятҳои кунҷкобӣ, хоҳиши сахт аз худнамоии ягон чиз, зиёдшавии шавқу ҳавас ва инчунин сифатҳои нави ақлии онҳо бештар ба назар мерасад.

Дар ин айём фаъолияти пешбаранда ин муошират бо ҳамсолону калонсолон ба шумор меравад. Муҳимтарин навовариҳои ин зинаи синну солӣ дар он аст, ки наврасон дараҷаи нави худшиносӣ - «Ман консепсия»-ро рушд медиҳанд, ки ифодакунандаи хусусиятҳои нави худ-муҳофизатӣ ва мустақилии онҳо мебошад.

Таҳқиқоти Н. Шарипова нишон медиҳад, ки ҳисси калонсолӣ масъулият, дараҷаи иддао, талабро нисбат ба худ баланд менамояд. Ҳисси калонсолӣ сабаби ба мустақилӣ ва новобастагии муайяни саъю кушиш намудани наврасон мегардад. Бинобар ин онҳо нисбат ба баҳои калонсолон ҳассос мебошанд, ба кушишҳои калонсолон, ки ба паст кардани эътибор ва калонсолии онҳо нигаронида шудааст, бошиддат ҷавоб мегардонанд. Наврасон барои он талош доранд, ки калонсолон фикру ақидаҳои онҳоро ба инобат гиранд ва онҳоро ҳурмат кунанд. Агар назорати педагогӣ аз болои саъю кӯшишҳои мустақилии наврас набошад, он гоҳ ин хусусият боиси оқибатҳои бад шуданаш мумкин аст. Ҳамин тавр, “дар ҳамин асос байни наврасону калонсолон низоъҳо сар мезананд ва якравию гарданшахии онҳо як навъ ифодаи бешуӯронаи эътироз ба калонсолон аст, ки дахолат ба мустақилиятҳо кардаанд” [11, с. 56].

Ба фикри мо, омили аз ҳама муҳиме, ки дар инкишофи шахсияти наврасон таъсири бевоситаи худро мерасонад, ин фаъол будани ӯ дар ҷамъият мебошад. Ҷамъият дар наврасон донишу маҳорат, ҷаҳонбинӣ, шавқу ҳавас, шуурнокӣ, идея ва тарзи суханрониву фикрронииро дучанд васеъ намуда, онҳоро водор месозад, ки ҳангоми ба ягон намуди фаъолият, ба

монанди фаъолияти ҷисмонӣ, фикрронӣ ва меҳнатӣ рӯ ба рӯ шудан, мушкилоту душвориҳоро бе ягон душвориву монеагӣ бартараф намоянд.

Давраи наврасӣ бо ноустувории эҳсосот, тағйироти зуд-зуди ҳолати равонӣ ва гузаришҳои ғайричашмдошт аз як ҳолат ба ҳолати дигар маъруф аст. Эҳсосоти шадиди наврасон торафт бештар номувофиқ ба назар мерасанд. Дар ин синну сол, пай дар пай зуҳур кардани хусусиятҳои зиддиятноки равонӣ, ба монанди ҳамзамон пайдо шудани мақсаднокӣ ва устуворӣ бо ноустуворӣ ва ҳардамхаёлӣ, ҳамчунин талош ба муошират бо майл ба дурӣ ҷустан аз дигарон, мушоҳида мешавад [4, с. 16].

Омили дигари муҳим ин раванди муошират бо ҳамсолон, рафиқон ва ҳамсинфон мебошад. Муносибат кардан бо рафиқон дар маркази ҳаёти наврас карор дошта, билкулл ҳамаи тарафҳои дигари рафтору фаъолияти ӯро муайян мекунад. Агар фаъолияти якҷоя дар синни хурди мактабӣ асоси муттаҳдшавии кӯдакон бошад, он гоҳ дар наврасон, баръакс, шавқоварии машғулиятҳо ва шавқу ҳавасҳо асосан бо имкониятҳои васеи муошират намудан бо ҳамсолон муайян карда мешавад [1, с. 176].

Мо чунин андеша дорем, ки волидон, калонсолон ва омӯзгорон бояд, ки ҳангоми муошират намудан бо наврасон чунин ҳолатҳоро ба эътибор гиранд:

1. Наврас – ин шахсест, ки мехоҳад волидон, калонсолон ва омӯзгорон фикру ақида ва пешниҳодҳои ӯро ба эътибор гиранд. Волидон, калонсолон ва омӯзгоронро зарур аст, ки ҳангоми муошират бо наврасон паҳлӯҳое, ки ба наврасон манфиатовар аст ба назар гиранд.

2. Муошировати диалогӣ, яъне гуфтугуӣ ду нафар таъсироти баланди тарбиявиро ба наврас мерасонад, зеро ки дар он наврас бо калонсолон дар алоҳидагӣ суҳбат менамояд. Ҳангоми муошират бо наврасон бояд, ки гуфтугузор мушаххас бошад ва моҳияти онро ифода намояд.

3. Ҳангоми муошират бо наврасон бояд, ки бештар ҳиссиётҳо зоҳир карда шавад. Наврас бояд, ки шуморо ба пуррагӣ фаҳмад ва хуб қабул намояд. Ӯ метавонад, ки бо шумо ҳамфикру ҳамақида бошад ва ба шумо кӯмак намояд.

4. Ба наврасон душвориву монеаҳое, ки онҳо дар ягон амал бо он рӯ ба рӯ меоянд, бояд ки тарзи бартараф намудани онҳо омӯзонда шавад. Агар наврас мақсади аниқу дақиқ дошта бошад, он гоҳ мо метавонем, ки ба ӯ машварату маслиҳат дода, ба вай мустақилона тарзи пай дар пай расидан ба мақсадро фаҳмонда диҳем.

5. Ба эътибор гирифтани мустақилии наврас, яъне ба дараҷае, ки на ба ҳамаи чиз иҷозат дода шудааст. Наврас ҳис накунад, ки ман мустақил шудаам чизе, ки хоҳам анҷом медиҳам, на чунин напиндорад, ки ҳама чиз ба ӯ иҷозат аст. Наврас бояд ҳамарӯза меъёри супоршҳое, ки иҷро менамояд донад ва аз ӯ низ зиёд ба худ фишор наоварад.

6. Ба наврас гуед, ки ту шахси ояндадор, пешқадам ва мақсаддор ҳастӣ ба ӯ нақша ва андешаҳои росту ғалати худро ба ӯ бор накунед, зеро ки ӯ андеша ва нақшаҳои худро дорад.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, метавон чунин хулоса баровард:

Раванди инкишофи наврас пурпечутоб, мушкил ва гуногун аст. Дар ин давра дар наврас танҳо ҷанбаҳои аввали рушди шахсияти инсон ба амал меояд. Шахсият дар инсон асосан баъди 21-30 солагӣ пурра инкишоф меёбад. Барои ҳамин барои равоншиносон ва дигар ашхосе, ки бо наврасон сару кор доранд, зарур аст фаҳманд, ки наврас ин шахсияти нопурра инкишофёфта мебошад.

Азбаски давраи наврасӣ ба ду марҳила тақсим карда шудааст, давраи аввали он бо давраи кӯдакӣ зич алоқаманд аст. Дигаргуниҳо ба назар мерасанд, лекин ба ҳар ҳол наврас ба дастгирӣ ва роҳнамоӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳоло ӯ аз кӯдакӣ набаромадааст ва талаботҳои зиёди омӯзгорону волидайнро ба пуррагӣ иҷро карда наметавонад. Мо бошем аз онҳо хафа мешавем ва норозигӣ баён мекунем. Ба андешаи равоншиносон дар ин давра барои наврас аз ҳама муҳим ворид шудан ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, мутобиқ шудан ба он мебошад. Муҳим инчунин он аст, ки маҳз аз ин давра (10-12 солагӣ) ба наврас фаҳмондан лозим аст, ки касби ояндаи худро интихоб кунад ва донишҳои худро мустаҳкам созад.

Равонасозӣ ва ё сафарбар намудани наврас ба ҳаёти ояндаи мустақил, интихоби касби оянда, мустаҳкам намудани донишҳо ва ё ба варзиш машғул шудан маҳз аз ҳамин ҷо оғоз меёбад. Тадқиқотҳо исбот намуданд, ки кӯдакони аз синни 10-12 солагӣ, ки ба сексияҳои махсуси варзишӣ дода шуда буданд, дар 16-17 солагӣ аллакай унвони чемпионҳои ҷаҳонӣ

гардидаанд. Дар ба даст овардани чунин дастовардҳои калон нақши равоншинос, волидайн ва омӯзгору тарбиятдиҳандаҳо басо муҳим аст.

Дар давраи дуюми наврасӣ шахсияти наврас ба дигаргуниҳои куллӣ дучор мегардад. Аз наврас талаботҳои калон, ҷиддӣ будан, ҳушёрӣ, зиракӣ, ҷасурӣ ва ғайра талаб карда мешаванд. Лекин боз ҳам бояд таъкид кард, ки ин талаботҳо ва ӯҳдадориҳо бояд нисбӣ ва пайдарҳам пешниҳод карда шаванд. Илова бар ин, инкишофи наврас дар ин давра бояд дар якҷоягӣ зери сарпарсатии калонсолон сурат гирад. Наврас ҳар лаҳзае метавонад аз роҳи интихобкардашудаи худ берун равад ва таълиму тарбияи вай коста хоҳад гашт.

Агар наврас зери назорати доимӣ қарор гирад ва нақшаи тартибдодашуда барои рушди ӯ пай дар пай сурат гирад, метавон дар таълиму тарбияи наврас ва рушди психикаи ӯ дастовардҳои калонро ба даст овард. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар давраи аз синфи 9-ум боло то синни 17-18-солагӣ дар наврас тамоми он чизе ки шумо мехоҳед ба ӯ таҳвил (ҷой) диҳед. Ӯ метавонад донишманд шавад, варзишгари машҳур шавад, шеър эҷод кунад, автомобил ва робот бисозад, шаҳрванди ҳақиқӣ гардад. Ин давра барои азхудкунии донишҳо, арзишҳо, қоидаҳо, анъанаҳо, рушди инсони комил ва солимии психикӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Барои ҳамин дар ин давра бояд дар таълиму тарбияи наврас ба хатогӣ роҳ надод.

***Адабиёт***


1. *Дастури психологияи амалӣ / Зери таҳрири Н.Юнусова. – Душанбе: Собириён, 2004. – 334 с.*
2. *Дубровин, И.В. Проблемы возрастной и педагогической психологии / под. ред И.В. Дубровина. – М., 1995. – 160 с.*
3. *Кон, И.С. Психология старшеклассника / И.С. Кон. – М.: Просвещение, 1980. – 190 с.*
4. *Кон, И. С. Психология ранней юности / И.С. Кон. – М.: Просвещение, 1989. – 256 с.*
5. *Куницына, В.Н. Восприятие подростками других людей и себя / В.Н. Куницына. – М.: Педагогика, 1987. – 272 с.*
6. *Маҳмудова, Ш. Психологияи синнусолӣ / Ш. Маҳмудова, Ф. Юсупова, Ҳ. Юсупова. – Душанбе: Авесто, 2022. – 324 с.*
7. *Мустафоқуллов, Т. Асосҳои психологияи синну солӣ ва педагогӣ / Т.Мустафоқуллов, М.Нарзулоева. – Кӯлоб, 1993. - 360 с.*
8. *Окчарова, Р.В. Справочная книга школьного психолога / Р.В. Окчарова. – М.: Просвещение, 1996. – 352 с.*
9. *Платонов, К.К. Краткий словарь системы психологических понятий: учебное пособие / К.К. Платонов. – М.: Высшая школа, 1981. – 175 с.*
10. *Пудинаев, А. Машғулиятҳои амалӣ аз равоншиносии синну сол ва омӯзгорӣ / А. Пудинаев. – Душанбе.: Империал – груп, 2007. – 120 с.*
11. *Шарипова, Н. Психологияи умумӣ, синнусолӣ ва тиббӣ / Н. Шарипова. – Душанбе: ДДТТ ба номи А.Сино, 2012. – 230 с.*


## ХУСУСИЯТҲОИ СИННИ НАВРАСӢ ВА ТАЪСИРИ МУҲИТ БА ТАШАККУЛИ ОН


Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои рӯзмарра - хусусиятҳои психологии шахсияти наврас таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Дар мақола паҳлуҳои гуногуни мушкилоти мазкур бо такя ба сарчашмаҳои илмии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ зери омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф тамоми вазифаҳои дар мақола гузоштаашударо иҷро намуда, ошкор намудааст, ки инкишофи равонии наврас басо пурпечутоб, мушкил ва гуногунранг сурат мегирад. Дар мақола муаллиф давраи наврасиро ба ду давра ҷудо намуда, ҳар яки онҳоро равшанӣ меандозад. Давраи наврасӣ айёми ба балоғат расидан, инкишофи устағон ва скелет, тағйирёбӣ дар шакли зоҳирӣ, гормоналӣ, қаду қомат ва албатта тағйирёбиҳои калон дар психикаи наврас ифода меёбад. Ба андешаи муаллиф, тафаккур дар наврасон мустақил, эҷодкор ва бештар фаъол шуда, ҳамаи хислату рафторҳои наве, ки дар онҳо ба вуҷуд меояд хуб фаъолият намуда, ҷаҳонбинии наврасон аз дигар зинаҳои синну солие, ки паси сар карда буданд васеъ шуда, дар онҳо хусусиятҳои кунҷкобӣ, хоҳиши сахт аз худнамоии ягон чиз, зиёдшавии шавқу ҳавас ва инчунин сифатҳои нави ақлии онҳо бештар ба назар мерасад. Маҳз дар ҳамин давра ба андешаи муаллиф, метавон дар наврас шахси комил, психологӣ солим, донишманд ва соҳибкасбро тарбия намуд. Агар ба таълиму тарбияи наврас дар ин давра аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, метавон натиҷаҳои назаррасро ба даст овард.



**Калидвожаҳо:** тарбия, равоншиносӣ, наврас, давра, синну сол, психологияи наврас, рушд, рушди наврас, шахс, шахсият, шахсияти наврас, характер, хислат, волидайн, омӯзгор.

## ОСОБЕННОСТИ ПОДРОСТКОВОГО ВОЗРАСТА И ВЛИЯНИЕ СРЕДЫ НА ЕГО ФОРМИРОВАНИЕ

В данной статье анализируется и рассматривается один из повседневных вопросов особенности личности подростков. Опираясь как на отечественные, так и на зарубежные научные источники, в статье рассматриваются различные аспекты данной проблемы. Автор выполнил все задачи, поставленные в статье, и выявил, что психологическое развитие подростка очень сложное, трудное и многообразное. В статье автор разделяет период подросткового возраста на два периода и освещает каждый из них. Подростковый возраст – это период полового созревания, развития костей и скелета, изменений внешности, гормонов, роста и, конечно же, больших изменений в психике подростка. По мнению автора, мышление подростков становится самостоятельным, творческим и более активным, все новые характеристики и модели поведения, возникающие у подростков, хорошо прорабатываются, кругозор подростков расширяется по сравнению с другими пройденными ими возрастных ступеней, развивается любопытство, сильное желание чем-то похвастаться, рост энтузиазма, а также более заметными становятся их новые умственные качества. Именно в этот период, по мнению автора, можно воспитать из подростка целостную, психологически здоровую, образованную и профессиональную личность. Если в этот период уделять серьезное внимание образованию и воспитанию подростка, можно добиться значительных результатов.

**Ключевые слова:** воспитание, психология, подросток, период, возраст, психология подростка, развитие, развитие подростка, личность, личность подростка, характер, черта, родитель, педагог.

## FEATURES OF ADOLESCENCE AND THE INFLUENCE OF THE ENVIRONMENT ON ITS FORMATION

This article analyzes and discusses one of the everyday issues of the adolescent personality. Based on both domestic and foreign scientific sources, the article examines various aspects of this problem. The author completed all the tasks set in the article and found that the psychological development of a teenager is very complex, difficult and diverse. In the article, the author divides the period of adolescence into two periods and covers each of them. Adolescence is a period of puberty, bone and skeletal development, changes in appearance, hormones, growth and, of course, major changes in the psyche of a teenager. According to the author, teenagers' thinking becomes independent, creative and more active, all new characteristics and behavior patterns that arise in teenagers are well developed, teenagers' horizons expand in comparison with other age stages they have passed, curiosity develops, a strong desire to brag about something, enthusiasm grows, and their new mental qualities become more noticeable. It is during this period, according to the author, that it is possible to raise a teenager as a holistic, psychologically healthy, educated and professional personality. If during this period serious attention is paid to the education and upbringing of a teenager, significant results can be achieved.

**Keywords:** education, psychology, adolescent, period, age, adolescent psychology, development, adolescent development, personality, adolescent personality, character, trait, parent, teacher.

***Дар бораи муаллиф***
*Ҳакимов Силоҳиддин Ғуломович*
*Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

***Об авторе***
*Хакимов Силохиддин Гуломович*
*Докторант по специальности (PhD) кафедры общей психологии и педагогики*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

***About the author***
*Hakimov Silokhiddin Gulomovich*
*Doctoral student (PhD) of the Department of General Psychology and Pedagogy*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

# ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи мухтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи иборaҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва иборaҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истисноӣ таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва мухтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

# ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.
2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.
3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.
4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.
5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.
6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.
7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.
8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.
9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].
10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.
11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.
12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.
13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.
14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).
15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.
16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.
17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).
18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия педагогических и психологических наук**

**2024, № 3 (21)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского государственного педагогического**
**университета им. С. Айни**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 30.10.2024 г. Заказ № 234
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни